ISSN 2790 – 3567

**МАРКАЗИ ТАДҚИҚОТИ СТРАТЕГИИ
НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА АМНИЯТ

**ЦЕНТР СТРАТЕГИЧЕСКИХ ИССЛЕДОВАНИЙ
ПРИ ПРЕЗИДЕНТЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

# МЕЖДУНАРОДНЫЕ ОТНОШЕНИЯ И БЕЗОПАСНОСТЬ

**CENTER FOR STRATEGIC RESEARCH UNDER THE
PRESIDENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

# INTERNATIONAL RELATIONS AND SECURITY

**№2 (18) 2026**

**Душанбе – 2026**

**Муассис:** Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷалла соли 2022 таъсис ёфтааст. Дар як сол чор шумора нашр мешавад.

## САРМУҲАРРИР:

**Усмонзода Хайриддин Усмон–**доктори илмҳои фалсафа, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

## МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

**Шарифзода Лоҳутӣ Шариф–**доктори илмҳои сиёсӣ

## ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

**Муҳаммад Абдураҳмон Наврӯз –** доктори илмҳои сиёсӣ, профессор
**Раҳимзода Шариф Махсум –** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
**Зиёӣ Хуршед Махшул –** доктори илмҳои фалсафа, профессор
**Хидирзода Махфират Умар –** доктори илмҳои фалсафа, профессор
**Майтдинова Гузел Майтдиновна –** доктори илмҳои таърих, профессор
**Саидов Абдулманон Саторович –** доктори илмҳои фалсафа, профессор
**Одинаев Ҳаёт Абдулҳақович –** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
**Саидмуродов Лутфулло Ҳабибуллоевич–**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
**Муҳаммадзода Парвиз Абдураҳмон –** доктори илмҳои сиёсӣ, профессор
**Сафарализода Хуҷамурод Қуддусӣ –** номзади илмҳои сиёсӣ
**Давлатов Рамазонӣ –** номзади илмҳои фалсафа

## КОТИБИ МАСЪУЛ:

**Ҳамдамов Бахтиёр -** сардори Раёсати таъмини иттилоотии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ТАРҶУМА ВА ТАҲРИРИ МАТНҲОИ ТОҶИКӢ, РУСӢ ВА АНГЛИСӢ:

**Қиёмиддин Сатторӣ**
**Мансур Суруш**
**Абдуллозода Абдулло**
**Содатқадамова Мадина**

*Маҷаллаи “Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният” ба феҳристи маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06 августи соли 2024 таҳти №283/м ворид гардидааст. Инчунин, маҷалла дар Индекси маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Русия (РИНЦ) пайваста ворид карда мешавад. Маҷаллаи мазкур дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №222/МҶ–97 аз 10 декабри соли 2021 ба қайд гирифта шудааст.*

## ТАМОС:

**Нишонӣ:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шоҳтемур 27; тел: (992 37) 221–11–00, 221–32–36; e–mail: vestnik@mts.tj

**Учредитель:** Центр стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан. Журнал основан в 2022 году. Периодичность издания – 4 раза в год.

## ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР:
**Усмонзода Хайриддин Усмон**–доктор философских наук, профессор, член–корреспондент Национальной академии наук Таджикистана

## ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:
**Шарифзода Лохути Шариф** – доктор политических наук

## РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:
**Мухаммад Абдурахмон Навруз** – доктор политических наук, профессор
**Рахимзода Шариф Махсум –** доктор экономических наук, профессор
**Зиёи Хуршед Махшул** – доктор философских наук, профессор
**Хидирзода Махфират Умар** – доктор философских наук, профессор
**Майтдинова Гузель Майтдиновна**–доктор исторических наук, профессор
**Саидов Абдулманон Саторович** – доктор философских наук, профессор
**Одинаев Хаёт Абдулхакович**–доктор экономических наук, профессор
**Саидмуродов Лутфилло Хабибуллоевич**–доктор экономических наук, профессор, член–корреспондент Национальной академии наук Таджикистана
**Мухаммадзода Парвиз Абдурахмон** –доктор политических наук, профессор
**Сафарализода Худжамурод Куддуси** –кандидат политических наук
**Давлатов Рамазони** – кандидат философских наук

## ОТВЕТСТВЕННЫЙ СЕКРЕТАРЬ:
**Хамдамов Бахтиёр -** начальник Управления информационного обеспечения Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан

## ПЕРЕВОД И РЕДАКТИРОВАНИЕ ТАДЖИКСКИХ, РУССКИХ И АНГЛИЙСКИХ ТЕКСТОВ:
**Киёмиддин Саттори**
**Мансур Суруш**
**Абдуллозода Абдулло**
**Содаткадамова Мадина**

*Журнал «Международные отношения и безопасность» включен в перечень ведущих рецензируемых журналов и изданий Высшей Аттестационной Комиссии при Президенте Республики Таджикистан от 06 августа 2024 года №283/м. А также журнал входит в Индекс рецензируемых научных журналов России (РИНЦ). Зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Свидетельство о регистрации №222/МҶ – 97 от 10 декабря 2021 года.*

## КОНТАКТЫ:
**Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Шотемура 27;
тел: (992 37) 221–11–00, 221–32–36; e–mail: vestnik@mts.tj

**Founder:** Center for Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan. The journal was founded in 2022. The journal is published four times per year.

**CHIEF EDITOR:**

**Usmonzoda Khayriddin Usmon –** Doctor of Philosophy Sciences, Professor, Corresponding Member of the National Academy of Sciences of Tajikistan

**DEPUTY CHIEF EDITOR:**

**Sharifzoda Lohuti Sharif –** Doctor of Political Sciences

**EDITORIAL BOARD:**

**Muhammad Abdurahmon Navruz –** Doctor of Political Sciences, Professor
**Rahimzoda Sharif Makhsum –** Doctor of Economic Sciences, Professor
**Ziyoi Khurshed Makhshul** – Doctor of Philosophy Sciences, Professor
**Khidirzoda Makhfirat Umar –** Doctor of Philosophy Sciences, Professor
**Maytdinova Guzel Maytdinovna –** Doctor of Historical Sciences, Professor
**Saidov Abdulmanon Satorovich –** Doctor of Philosophy Sciences**,** Professor
**Odinaev Hayot Abdulhaqovich –** Doctor of Economic Sciences**,** Professor
**Saidmurodov Lutfullo Habibulloevich** – Doctor of Economic Sciences, Professor, Corresponding Member of the National Academy of Sciences of Tajikistan
**Muhammadzoda Parviz Abdurahmon –** Doctor of Political Sciences, Professor,
**Safaralizoda Khujamurod Quddusi –** Candidate of Political Sciences
**Davlatov Ramazoni –** Candidate of Philosophical Sciences

**EXECUTIVE SECRETARY:**

**Hamdamov Bakhtiyor -** Head of the Department of Information Support of the Center for Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan

**TRANSLATION AND EDITING OF TAJIK, RUSSIAN AND ENGLISH TEXTS:**

**Qiyomiddin Sattori**
**Mansur Surush**
**Abdullozoda Abdullo**
**Sodatqadamova Madina**

*The journal "International relations and security" has been included in the list of leading peer–reviewed journals and publications by the Higher Attestation Commission under the President of the Republic of Tajikistan as of August 06, 2024, No.283/м. Additionally, the journal is indexed in the Russian Science Citation Index (RSCI). It is registered with the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan. The registration certificate No.222/MJ–97 was issued on December 10, 2021.*

**CONTACTS:**

**Address** of the founder: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Shotemur street 27.
Tel: (992 37) 221–11–00, 221–32–36; e–mail: vestnik@mts.tj

# МУНДАРИҶА

## СИЁСАТШИНОСӢ

*ФУРӮПОШИИ ИТТИҲОДИ ШУРАВӢ ВА ТАҲАВВУЛОТИ СИЁСИВУ ҲУҚУҚӢ ДАР ТОҶИКИСТОН*
**ШАРИФЗОДА ЛОҲУТӢ ШАРИФ,**
**МУМИНОВ ФИРДАВС.........................................................................14**

*НАҚШИ ҶАВОНЗАНОН ВА ДУХТАРОН ДАР ТАТБИҚИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН ДАР ТОҶИКИСТОН*
**ХИДИРЗОДА МАХФИРАТ УМАР,**
**АБДУСАЛОМЗОДА МУНАВВАР АЛИАКБАР.......................................28**

*БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ ТАНЗИМИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ НИЗОЪҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА ҶАНГҲОИ ГИБРИДӢ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР*
**АБИЛОВ СОБИРҶОН АБДУРАҲИМОВИЧ............................................47**

*СИСТЕМАИ МУОСИРИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ҲАМЧУН КАТАЛИЗАТОРИ ҶАНГИ ҶАҲОНӢ*
**САНГИНОВ КОМИЛҶОН ҲАЙДАРОВИЧ.............................................63**

*ҲАМГИРОИИ ДАВЛАТ ВА ТАШКИЛОТҲОИ ДИНӢ ДАР МАМЛАКАТҲОИ МУОСИРИ ПЕШРАФТАИ ҶАҲОН*
**САИДОВ АБДУСАТТОР АБДУЛМАНОНОВИЧ....................................79**

*“НЕРУИ НАРМ” ВА ДИПЛОМАТИЯИ ФАРҲАНГИИ ҲИНДУСТОН: ТЕХНОЛОГИЯИ ТАТБИҚИ СИЁСАТИ ФАРҲАНГӢ*
**НАЗРИЕВ КАРИМ..........................................................................89**

*ДИПЛОМАТИЯИ РАҚАМИИ ШТАТҲОИ МУТТАҲИДАИ АМЕРИКА ВА РАВАНДИ ПЕШБУРДИ ОН ДАР ТОҶИКИСТОН*
**МАДИМАРОВА ГУЛҲАЁ МАДИМАРОВНА........................................100**

*МУБОРИЗАҲОИ ГЕОПОЛИТИКӢ ВА ДАХОЛАТИ БЕРУНА ҲАМЧУН ОМИЛИ ПАЙДОИШИ ИНҚИЛОБҲОИ РАНГА*
**АЛИЗОДА НУРАЛӢ АЛӢ..................................................................110**

*C5+1 ВА АМАЛИЯИ МУВОЗИНАТИ МИНТАҚАВӢ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ*
**ВОҲИДЗОДА ОЗАРӢ МУНИРПУР,**
**АБДУЛЛОЕВ ҶАМШЕД ТЕМУРОВИЧ..................................................129**

## ИҚТИСОДӢ

*ИНТИҚОЛИ ФАРОМИЛЛИИ ПУЛӢ ВА ТАЪСИРИ ОНҲО БА ИҚТИСОДИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ: ТАҲЛИЛИ ИНТИҚОДӢ ВА ДУРНАМО*
**РАҲМОН УЛЬМАСОВ.......................................................................151**

*НАҚШИ АМНИЯТИ КИБЕРӢ ДАР НИЗОМИ СУБОТИ ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН*
**БОБОШОҲЗОДА ШОҲИН МУҲАММАДШАРИФ...............................168**

*ТАШАККУЛИ РОБИТАҲОИ ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН*
**ИБРОҲИМЗОДА ИБРОҲИМ ШОҲ......................................................182**

*ШАРИКИИ ИҶТИМОӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ УСТУВОР*
**ШОҲИЁН АБДУРАҲИМ МАҲМАДУЛЛО............................................192**

*ПРИНСИПҲОИ АСОСИИ ТАТБИҚИ ЛОИҲАИ САРМОЯГУЗОРӢ*
**ҲАЙДАРОВ АЛИШЕР ҲАМДАМАЛИЕВИЧ........................................205**

## ФАЛСАФА

*ПЕШГИРИИ ЭКСТРЕМИЗМ ДАР СИЁСАТИ АМНИЯТӢ: БАРРАСИИ САТҲҲОИ ҶАҲОНӢ, МИНТАҚАВӢ ВА МИЛЛӢ*
**АЗИЗӢ РУСТАМ АНВАРЗОДА,**
**РИЗОЁН ШЕРАЛӢ ШУКРУЛЛОЗОДА..................................................218**

*МАСЪАЛАИ ФАЛСАФИИ ХОТИРАИ ИҶТИМОӢ ДАР АФКОРИ МУТАФАККИРОНИ ФОРСУ ТОҶИК*
**РАҲМАТОВ УБАЙДУЛЛО НЕМАТОВИЧ,**
**ЗУВАЙДУЛЛОЗОДА МУҲИБУЛЛО ҲАБИБУЛЛО............................232**

*ЭҲЁИ АРЗИШҲОИ МИЛЛӢ ҲАМЧУН ВАСИЛАИ ТАШАККУЛИ ХУДОГОҲИИ МИЛЛӢ: ТАҲЛИЛИ ФАЛСАФӢ*
**САФАРОВА БОНУ ҚУРБОНОВНА........................................................242**

*ИҚТИДОРИ ИЛМӢ ВА АҲАММИЯТИ ОН ДАР ТАЪМИНИ АМНИЯТИ МИЛЛИИ КИШВАР*
**АБИЛОВА ФИРӮЗА САРДОРОВНА.......................................................257**

# СОДЕРЖАНИЕ

## ПОЛИТОЛОГИЯ

*СУЩНОСТЬ И ХАРАКТЕРИСТИКИ ФОРМИРОВАНИЯ И РАЗВИТИЯ ПОЛИТИКО-ПРАВОВЫХ ИЗМЕНЕНИЙ В ПОЛИТИЧЕСКОЙ ЖИЗНИ ОБЩЕСТВА*
**ШАРИФЗОДА ЛОХУТИ ШАРИФ,
МУМИНОВ Ф ФИРДАВС.......................................................................14**

*РОЛЬ ЖЕНЩИН В РЕАЛИЗАЦИИ ГОСУДАРСТВЕННОЙ МОЛОДЁЖНОЙ ПОЛИТИКИ В ТАДЖИКИСТАНЕ*
**ХИДИРЗОДА МАХФИРАТ УМАР,
АБДУСАЛОМЗОДА МУНАВВАР АЛИАКБАРОВНА...........................28**

*НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ ИНСТИТУЦИОНАЛЬНОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ МЕЖДУНАРОДНЫХ КОНФЛИКТОВ И ГИБРИДНЫХ ВОЙН В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ*
**АБИЛОВ СОБИРДЖОН АБДУРАХИМОВИЧ.......................................47**

*СОВРЕМЕННАЯ СИСТЕМА МЕЖДУНАРОДНЫХ ОТНОШЕНИЙ, КАК КАТАЛИЗАТОР МИРОВОЙ ВОЙНЫ*
**САНГИНОВ КОМИЛДЖОН ХАЙДАРОВИЧ..........................................63**

*ВЗАИМОДЕЙСТВИЕ ГОСУДАРСТВА И РЕЛИГИОЗНЫХ ОРГАНИЗАЦИЙ В СОВРЕМЕННЫХ РАЗВИТЫХ СТРАНАХ МИРА*
**САИДОВ АБДУСАТТОР АБДУЛМАНОНОВИЧ....................................79**

*«МЯГКАЯ СИЛА» И ИНДИЙСКАЯ КУЛЬТУРНАЯ ДИПЛОМАТИЯ: ТЕХНОЛОГИИ РЕАЛИЗАЦИИ КУЛЬТУРНОЙ ПОЛИТИКИ*
**НАЗРИЕВ КАРИМ..............................................................................89**

*ЦИФРОВАЯ ДИПЛОМАТИЯ СОЕДИНЁННЫХ ШТАТОВ И ПРОЦЕСС ЕЁ РЕАЛИЗАЦИИ В ТАДЖИКИСТАНЕ*
**МАДИМАРОВА ГУЛХАЁ МАДИМАРОВНА.......................................100**

*ГЕОПОЛИТИЧЕСКАЯ БОРЬБА И ВНЕШНЕЕ ВМЕШАТЕЛЬСТВО КАК ФАКТОРЫ ВОЗНИКНОВЕНИЯ ЦВЕТНЫХ РЕВОЛЮЦИЙ*
**АЛИЗОДА НУРАЛИ АЛИ....................................................................110**

"C5+1" И ПРАКТИКА БАЛАНСИРОВАНИЯ РЕГИОНАЛИЗМА В ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ
**ВОХИДЗОДА ОЗАРИ МУНИРПУР,**
**АБДУЛЛОЕВ ДЖАМШЕД ТЕМУРОВИЧ............................................129**

**ЭКОНОМИКА**

*ТРАНСНАЦИОНАЛЬНЫЕ ДЕНЕЖНЫЕ ПЕРЕВОДЫ И ИХ ВЛИЯНИЕ НА ЭКОНОМИКУ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ: КРИТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ И ПЕРСПЕКТИВЫ*
**РАХМОН**
**УЛЬМАСОВ.......................................................................................151**

*РОЛЬ КИБЕРБЕЗОПАСНОСТИ В СИСТЕМЕ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН*
**БОБОШОХЗОДА ШОХИН МУХАММАДШАРИФ...............................168**

*ФОРМИРОВАНИЕ ЭКОНОМИЧЕСКИХ ОТНОШЕНИЙ МЕЖДУ РЕСПУБЛИКОЙ ТАДЖИКИСТАН И ИСЛАМСКОЙ РЕСПУБЛИКОЙ ИРАН*
**ИБРОХИМЗОДА ИБРОХИМ ШОХ........................................................182**

*СОЦИАЛЬНОЕ ПАРТНЕРСТВО КАК ФАКТОР УСТОЙЧИВОГО ЭКОНОМИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ*
**ШОХИЁН АБДУРАХИМ МАХМАДУЛЛО............................................192**

*ОСНОВНЫЕ ПРИНЦИПЫ РЕАЛИЗАЦИИ ИНВЕСТИЦИОННОГО ПРОЕКТА*
**ХАЙДАРОВ АЛИШЕР ХАМДАМАЛИЕВИЧ........................................205**

**ФИЛОСОФИЯ**

*ПРОФИЛАКТИКА ЭКСТРЕМИЗМА В ПОЛИТИКЕ БЕЗОПАСНОСТИ: ОБЗОР ГЛОБАЛЬНОГО, РЕГИОНАЛЬНОГО И НАЦИОНАЛЬНОГО УРОВНЕЙ*
**АЗИЗИ РУСТАМ АНВАРЗОДА,**
**РИЗОЁН ШЕРАЛИ ШУКРУЛЛОЗОДА.................................................218**

*ФИЛОСОФСКИЙ АНАЛИЗ СОЦИАЛЬНОЙ ПАМЯТИ В ВОЗЗРЕНИЯХ ПЕРСО-ТАДЖИКСКИХ МЫСЛИТЕЛЕЙ*
**РАХМАТОВ УБАЙДУЛЛО НЕМАТОВИЧ,**
**ЗУВАЙДУЛЛОЗОДА МУХИБУЛЛО ХАБИБУЛЛО.............................232**

*ВОЗРОЖДЕНИЕ НАЦИОНАЛЬНЫХ ЦЕННОСТЕЙ КАК СРЕДСТВО ФОРМИРОВАНИЯ НАЦИОНАЛЬНОГО САМОСОЗНАНИЯ: ФИЛОСОФСКИЙ АНАЛИЗ*
**САФАРОВА БОНУ КУРБОНОВНА.........................................................242**

*НАУЧНЫЙ ПОТЕНЦИАЛ И ЕГО ЗНАЧЕНИЕ В ОБЕСПЕЧЕНИИ НАЦИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ СТРАНЫ*
**АБИЛОВА ФИРУЗА САРДОРОВНА.......................................................257**

# CONTENT

## POLITICAL SCIENCE

*THE ESSENCE AND FEATURES OF THE FORMATION AND DEVELOPMENT OF POLITICAL AND LEGAL REFORMS IN THE POLITICAL LIFE OF SOCIETY*
**SHARIFZODA LOHUTI SHARIF,**
**MUMINOV FIRDAVS..........................................................................14**

*THE ROLE OF YOUNG WOMEN AND GIRLS IN THE IMPLEMENTATION OF STATE YOUTH POLICY IN TAJIKISTAN*
**KHIDIRZODA MAKHFIRAT UMAR,**
**ABDUSALOMZODA MUNAVVAR ALIAKBAR........................................28**

*SOME FEATURES OF INSTITUTIONAL REGULATION OF INTERNATIONAL CONFLICTS AND HYBRID WARS IN MODERN CONDITIONS*
**ABILOV SOBIRJON ABDURAHIMOVICH................................................47**

*THE MODERN SYSTEM OF INTERNATIONAL RELATIONS AS A CATALYST OF WORLD WAR*
**SANGINOV KOMILJON HAYDAROVICH.................................................63**

*THE INTERACTIO OF THE STATE FND RELIGIOUS ORGANIZATION IN MODERN DEVELOPED COUNTRIES OF THE WORLD*
**SAIDOV ABDUSATTOR ABDULMANONOVICH.....................................79**

*“SOFT POWER” AND INDIAN CULTURAL DIPLOMACY: TECHNOLOGY OF CULTURAL POLICY IMPLEMENTATION*
**NAZRIEV KARIM...........................................................................................89**

*DIGITAL DIPLOMACY OF THE UNITED STATES AND THE PROCESS OF ITS IMPLEMENTATION IN TAJIKISTAN*
**MADIMAROVA GULHAYO MADIMAROVNA......................................100**

*GEOPOLITICAL STRUGGLE AND EXTERNAL INTERVENTION AS FACTORS IN THE EMERGENCE OF COLOR REVOLUTIONS*
**ALIZODA NURALI ALI..................................................................................110**

*C5+1 AND THE PRACTICE OF BALANCING REGIONALISM IN CENTRAL ASIA*
**VOHIDZODA OZARI MUNIRPUR,**
**ABDULLOEV JAMSHED TEVUROVICH...............................................129**

## ECONOMY

*TRANSNATIONAL REMITTANCES AND THEIR IMPACT ON THE ECONOMY OF CENTRAL ASIA: CRITICAL ANALYSIS AND PROSPECTS*
**RAHMON ULMASOV.........................................................................151**

*THE ROLE OF CYBERSECURITY IN THE SYSTEM OF ECONOMIC STABILITY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN*
**BOBOSHOKHZODA SHOKHIN MUKHAMMADSHARIF.....................168**

*FORMATION OF ECONOMIC RELATIONS BETWEEN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE ISLAMIC REPUBLIC OF IRAN*
**IBROHIMZODA IBROHIM SHOH...........................................................182**

*SOCIAL PARTNERSHIP AS A FACTOR IN SUSTAINABLE ECONOMIC DEVELOPMENT*
**SHOHIYON ABDURAHIM MAHMADULLO..........................................192**

*BASIC PRINCIPLES FOR IMPLEMENTING AN INVESTMENT PROJECT*
**KHAIDAROV ALISHER KHAMDAMALIEVICH...................................205**

## PHILOSOPHY

*PREVENTING EXTREMISM IN SECURITY POLICY: A REVIEW OF GLOBAL, REGIONAL, AND NATIONAL LEVELS*
**AZIZI RUSTAM ANVARZODA,**
**RIZOYON SHERALI SHUKRULLOZODA...............................................218**

*A PHILOSOPHICAL ANALYSIS OF SOCIAL MEMORY IN THE PERSPEKTIVES OF PERSIAN-TAJIK THINKERS*
**RAKHMATOV UBAIDULLO NEMATOVICH,**
**ZUVAIDULLOZODA MUHIBULLO HABIBULLO.................................232**

*REVIVAL OF NATIONAL VALUES AS A MEANS OF FORMING NATIONAL SELF-CONSCIOUSNESS: A PHILOSOPHICAL ANALYSIS*
**SAFAROVA BONU KURBONOVNA.........................................................242**

*SCIENTIFIC POTENTIAL AND ITS IMPORTANCE IN ENSURING THE COUNTRY'S NATIONAL SECURITY*
**ABILOVA FIRUZA SARDOROVNA.........................................................257**

**УДК: 94(575.3)"1991/321**

# ФУРӮПОШИИ ИТТИҲОДИ ШУРАВӢ ВА ТАҲАВВУЛОТИ СИЁСИВУ ҲУҚУҚӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

**ШАРИФЗОДА ЛОҲУТӢ ШАРИФ,**
доктори илмҳои сиёсӣ дотсент, муовини директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шоҳтемур 27;
тел: (+992) 987-49-10-69; e-mail: Slohuti@mail.ru

**МУМИНОВ ФИРДАВС,**
унвонҷӯйи кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
735360, Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, маҳаллаи Якуми май;
тел. (+992) 919-89-65-69

*Дар мақолаи мазкур моҳият ва хусусиятҳои ташаккул ва рушди дигаргуниҳои сиёсиву ҳуқуқӣ дар ҳаёти сиёсии ҷомеа, мавриди омӯзиш ва арзёбӣ қарор гирифтааст. Дар ин давра, дар аксари ҷумҳуриҳои пасошуравӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон, ислоҳоти сиёсиву ҳуқуқӣ ба миён омад, ки дар шаклгирии низоми давлатдорӣ мусоидат кард. Чунин тадбирҳои муҳим барои беҳтар кардани равандҳои идоракунии давлатӣ, баланд бардоштани сатҳи фарҳанги сиёсии ҷомеа, демократикунонии ҷомеа заминаи мусоидро фароҳам овард.*

***Калидвожаҳо:*** *ИҶШС, ИШ, Истиқлол, Ҷумҳурии Тоҷикистон, соҳибистиқлолӣ, ислоҳоти сиёсиву ҳуқуқӣ, модернизатсия, суботи сиёсӣ, Конститутсия, демократия.*

Ба ҳамагон маълум аст, ки баъди фурӯпошии ИҶШС ва ба даст овардани истиқлоли комили сиёсӣ, таҳаввулоти назаррас дар ҳаёти сиёсии ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ба миён омад, ки ба ташаккул ва рушди ниҳодҳои демократӣ заминаи мустаҳкам гузошта шуд. Дар ин раванд Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона эълон гардид. Дар ин давра, дар аксари ҷумҳуриҳои пасошуравӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, ислоҳоти сиёсию ҳуқуқӣ ба миён омад, ки дар шаклгирии низоми давлатдорӣ мусоидат кард. Чунин тадбирҳои муҳим барои беҳтар кардани равандҳои идоракунии давлатӣ, баланд бардоштани сатҳи фарҳанги сиёсии ҷомеа ва демократикунонии ҷомеа заминаи мусоидро фароҳам овард.

Дигаргуниҳо зери таъсири модернизатсия ва таҳаввулоте қарор доштанд, ки дар охири солҳои 80-ум ва аввали солҳои 90-уми асри гузашта ба амал омаданд. Дар бобати масъалаи мазкур назари муҳаққиқ Т. Ипполитова чунин аст: «Равандҳои модернизатсияи либералии иқтисодӣ ва фарҳангӣ, аз равандҳои иҷтимоиву сиёсӣ ҷудонашаванда буданд. Тағйироти модернизатсионӣ дар таърихи ҳамаи давлатҳои сотсиалистӣ дар даҳсолаи охир дигаргуниҳои амиқеро ба вуҷуд овард, ки онро метавон ҳамчун марҳалаи муҳимми гузариш ба ташаккули низоми нави иҷтимоиву сиёсӣ маънидод кард, ки заминаи бунёдиро дар сохтори идоракунии сиёсӣ ба вуҷуд овард» [1,12].

Лозим ба таъкид аст, ки баъди фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ дар фазои сиёсии кишварҳои Осиёи Марказӣ равандҳои сиёсӣ мураккаб гардиданд, ки ба ноустувории роҳи рушди иҷтимоиву сиёсӣ, дурнамои роҳи минбаъдаи рушдро ба таври возеҳ мураккаб гардонид. Дар натиҷаи доир гардидани ислоҳоти сиёсӣ имкон ба амал омад, ки ҳар як давлат дар асоси талаботи муайяншудаи конститутсионӣ, асосҳои сохтори конститутсионии низоми давлатдории худро бунёд сохта, мавқеъ ва нуфузи худро дар раванди ҷомеа устувор созад. Дар натиҷаи устувор гардидани сохти демократӣ, конститутсионӣ, низоми идоракунӣ, дар раванди сиёсии ин кишварҳо тағйироти назаррасӣ сиёсию иҷтимоӣ ба миён омаданд, ки дар шаклгирии низоми давлатдорӣ мусоидат карданд [2, 6].

Тавре муҳаққиқон иброз доштаанд: «Дар охири асри бист дар натиҷаи барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ кишварҳои сотсиалистӣ мустақил гардида, соҳибистиқлолии худро эълон намуданд. Шикасти ин иперияи бузург, пеш аз ҳама, ба сиёсати барғалати Михаил Горбачёв ва хиёнаташ ба Ҳизби Коммунистӣ вобастагии бештар дошт. Дар Русия аз заъфи сохтори мавҷуда истифода карда, ҳизбу ҳаракатҳои нав таъсис ёфтанд ва барои ба даст овардани ҳокимият ва дигар кардани низоми давлатдорӣ талош намуданд. Ин гузариш дар баъзе кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ хеле осон, бидуни ягон низоъ, бо роҳи мусолеҳатомез амалӣ гардид. Аммо Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи муколамаи сиёсиро пайдо карда натавониста, бо бурхӯрдҳои сахти сиёсӣ мувоҷеҳ гардид. Ин низоъ боиси сар задани ҷанги шаҳрвандӣ дар мамлакат шуда, харобиҳои зиёде ба бор овард» [3, 6].

Пажуҳишгари тоҷик Ҷ. Маҷидзода дар робита ба масъалаи мазкур чунин овардааст: «Роҳбарият ва масъулони давлат дар даврони эълони истиқлолият аз имкониятҳои мавҷуда дуруст истифода накарда, неъмати истиқлолият ва давлатдории миллати пуррешаи таърихиро ҳифз карда

натавонистанд, инчунин, вазифаҳо ва мундариҷаи фаъолияти давлатро дар ин марҳалаи сарнавиштсоз дуруст муайян накарда, тавассути таъмини тавозуни манфиатҳои гурӯҳҳои мухталифи ҷомеа, натавонистанд онро барои ба даст овардани ҳадафҳои созандаи умумимиллӣ сафарбар созанд» [4, 120].

Аз нигоҳи муҳаққиқ Ф. Раҳимзода: «Фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ як қатор давлатҳои нави соҳибихтиёрро ба вуҷуд овард. Ин давлатҳо бо риояи принсипҳои демократияи либералӣ ба навсозии низомҳои сиёсии худ заминаи стратегӣ гузоштанд. Дар баробари ин, баъзе кишварҳои навтаъсис унсурҳои идеологияи коммунистӣ ва сотсиалистиро нигоҳ дошта, онҳоро ба воқеиятҳои ҷомеаи пасошуравӣ мутобиқ карданд. Чунин муносибат ба онҳо имкон дод, ки арзишҳои консервативиро ба тарҳи нави идоракунии давлатӣ ворид кунанд. Шарҳи ин масъала дар шароити рушди сиёсии пас аз низоъ, ки самаранокии идоракунӣ бевосита аз қобилияти мутобиқ шудан ба воқеияти нав, ташаккули ниҳодҳои устувор ва таъмини қонунияти ҳокимияти давлатӣ вобастагии мустақим дорад, аҳаммияти хосса дорад» [5, 56].

Бояд тазаккур дод, ки дар солҳои аввали баъди эълони Истиқлоли давлатӣ, Тоҷикистон ба буҳрони мураккаби сиёсию конститутсионӣ гирифтор шуд, ки боиси нооором шудани тамоми низоми идораи давлатӣ гардид. Дар оғози солҳои 90-уми асри гузашта шиддат гирифтани зиддиятҳо миёни қувваҳои гуногуни сиёсӣ ва ҳизбу ҳаракатҳои минтақавӣ, ки барои ҳокимият ва назорати захираҳо мубориза мебурданд, вазъ мураккаб гардида буд. Набудани ғояи дақиқи миллӣ ва нотавонии элитаи сиёсии он давра боиси шиддат гирифтани хушунат ва ҷанги шаҳрвандӣ гардид» [5, 56].

Дар солҳои аввали соҳибистиқлолии мамлакат сар задани ҷанги шаҳрвандӣ дар самти рушду инкишофи кишвар монеаи ҷиддӣ эҷод намуд. Мунокишаҳои мазкур гарчанд хусусияти дохилӣ доштанд, аммо бо фаъолияти гурӯҳҳои манфиатхоҳи бегона низ алоқаманд буданд. Сабабҳои дохилии таъсиррасон ба истиқлолро дар раванди ҷанги шаҳрвандӣ ба таври зайл нишон додан мумкин аст:

– низоми сиёсӣ ва ҳуқуқии ниҳодҳои идоракунанда қобилияти ба танзим даровардани муносибатҳои ҷамъиятиро аз даст дода буданд;

– ҳаракатҳои гуногуне, ки аз надоштани маърифати сиёсӣ тавассути нооором гардонидани вазъ манфиатталабӣ менамуданд;

– дур будан аз малакаи сиёсию идоракунӣ ва хостори ҳокимият гардидани ашхоси манфиатҷӯй;

– муборизаҳои канора ва аз ҷониби нафарони манфиатхоҳ, бо фиребҳои ғаразноки худ истифода намудани мардум;

– мавҷуд набудани истиқлоли фикрии ҷомеа ва ба сиёсати давлатӣ даст задани гурӯҳи ҷинояткор аз мавқеи гурӯҳӣ то таъсиси ҳизб ва ғайра [6, 287].

Ба андешаи муҳаққиқ А. Комилбек: «Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол дар солҳои 90-уми асри XX ба бунёди роҳи мустақили давлатдории миллӣ шуруъ намуд, ки сароғози он як давраи номуайян буд ва кишвар ба буҳрони сахти сиёсию иқтисодӣ дучор гардид. Мавҷуд набудани низоми сиёсии мушаххас на танҳо хосси кишвари мо, балки ҳамаи кишварҳои пасошуравӣ буд. Бояд қайд кард, ки яке аз мушкилоти асоси оғози давлатдории муосири мо дар қиёс аз дигар кишварҳои пасошуравӣ аз он иборат аст, ки дар баробари бунёд намудани низоми давлатдории муосир, масъалаи аз ҳама муҳим хотима додан ба ҷанги шаҳрвандӣ дар кишвар буд» [7, 90]. Дар натиҷаи чунин таҳаввулоти муҳимми баамаломада, дар ҳаёти сиёсии кишвар дигаргуниҳое ба миён омаданд, ки дар ташаккул ва рушди низоми давлатдорӣ, нақши муҳимро гузоштанд, хусусан, дар натиҷаи ин тағйироти сиёсию ҳуқуқӣ, заминаҳои бунёди конститутсионии низоми сиёсии ҷомеа устувор гардиданд, ки дар шаклгирии низоми сиёсии ҷомеа мусоидат намуд. Дар ҳамин асос як қатор тағйироти назарраси сиёсию ҳуқуқӣ ба миён омаданд, ки заминаи устуворро дар таҳкими низоми идоракунӣ, ҳуқуқи интихобот, низоми интихобот, плюрализми сиёсӣ заминаи муҳимро ба миён гузоштанд.

Дар ин замина ҷиҳати фароҳам овардани заминаҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаҳои дахлдори ҳаёти сиёсии ҷомеа, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз қабили қонун, фармон қарорҳо, барномаҳои давлатӣ ва созишномаҳои байнидавлатию ҳукуматӣ бо кишварҳои хориҷӣ таҳия ва қабул гардиданд, ки заминаи муҳимро дар ташаккул ва рушди низоми сиёсӣ, хусусан ниҳодҳои сиёсии ҷомеа, тағйироти назаррас ба миён омаданд. Ислоҳот ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷумҳуриро фаро гирифта, муҳимтарин заминаҳои рушди устувори ҷомеаро фаро гирифт, бахусус дар самти мустаҳкам намудани рукнҳои давлатдорӣ, қабули рамзҳои давлатӣ, таъсиси артиши миллии боэътимод, ташаккули низоми ҳуқуқии миллӣ, таъмину ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, рушди соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодию

иҷтимоӣ, фарҳангӣ, саноату энергетика, роҳу нақлиёт, кишоварзӣ ва бахшҳои дигар ба дастоварду муваффақияти назаррас ноил гарданд [8].

Аз гуфтаҳои баррасигардида метавон раванди дигаргуниҳои баамаломадаро дар ҳаёти сиёсии ҷомеа чунин маънидод кард:

*–Марҳалаи соҳибистиқлолӣ*–раванди истиқлоли давлатӣ дар Тоҷикистон мисли дигар кишварҳои Иттиҳоди Шуравӣ оғоз гардид, вале бо сабабҳои гуногун вазъи сиёсӣ дар кишвар мураккаб гардида, оқибат ба бархӯрди мусаллаҳонаи дохилӣ рӯ ба рӯ гардид;

*–Марҳалаи ҷанги шаҳрвандӣ*–низои сиёсии Тоҷикистон дар қаламрави собиқ кишварҳои шуравӣ яке аз ҷангҳои бесобиқа арзёбӣ мегардад. Талафоти зиёди шарҳрвандон дар муддати кӯтоҳ ва хисороти бузурги иқтисодӣ ба давлати тозаистиқлоли мо натиҷаи он буду халос. Ин иқтисодиёти мамлакатро даҳсолаҳо дур намуд, ки ба раванди бунёди давлатдории миллӣ таъсири калон расонид;

*– Марҳалаи оштии миллӣ ва барқароркунии сулҳу ваҳдат дар кишвар* яке аз марҳалаҳои ҳассос ва нозуки таърихӣ барои мардуми азизи Тоҷикистон маҳсуб меёфт. Ба имзо расонидани “Созишномаи умумии истиқрори  сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон” таҷрибаи нодирдар ҷаҳон буда, барои ҳифзи Истиқлоли давлатии Тоҷикистон аҳаммияти бунёдӣ дорад;

*–Бунёди давлатдории миллӣ*. Конститутсияи соли 1994 низоми сиёсӣ ва идоракунии давлатиро муайян намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона шинохта шуд. Маҳз бо интихоби чунин тарҳи идоракунии давлатӣ мо тавонистем бо ҷомеаи ҷаҳонӣ робитаҳои хуби дипломатӣ барқарор намуда, дар муддати кӯтоҳ мавқеи кишварро дар сатҳи байналмилалӣ баланд бардорем;

*–Дарёфт ва коркарду банақшагирии рушди стратегӣ* марҳалаи навбатии рушди кишвар ба ҳисоб меравад. Дар ин росто, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чор масъала ба сифати самт ва ҳадафҳои стратегии рушди устувори иқтисодӣ арзёбӣ гардид. Инҳо, пеш аз ҳама, баромадани ҷумҳурӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва табдил додани он ба кишвари транзитӣ, расидан ба истиқлоли энергетикӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар мебошанд;

*–рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон* бо амалӣ гардидани нақшаву стратегияҳои миёнамуҳлат марҳала ба марҳала таъмин шуда истодааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар самти аз бунбасти коммуникатсионӣ

баровардани кишвар аллакай бунёди чандин иншооти муҳимми стратегӣ ба анҷом расид [9].

Лозим ба таъкид аст, ки баъди ба амал омадани чунин тағйироти назарраси сиёсӣ дар ҳаёти сиёсии ҷомеа, хусусан, устувор гардидани раванди конститутсионӣ заминаи устуворро дар ташаккул ва рушди низоми сиёсии ҷомеа ба миён овард. Дар маҷмуъ, ниҳодҳои сиёсӣ, пеш аз ҳама, субъектҳои муҳимми сиёсат ба ҳисоб рафта, дар доираи салоҳиятҳои муайянгардидаашон баҳри рушду пешрафти ҷомеа ба фаъолият оғоз намуданд. Ба фаъолият оғоз кардани ниҳоди бисёрҳизбӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дигар ниҳодҳои сиёсии ҷомеа таҳаввулоти назаррасро дар ҳаёти сиёсии ҷомеа замина гузошт.

Бояд хотирнишон сохт, ки равандҳои навсозӣ, ки гузариш аз ҷомеаҳои пасошуравӣ ба ҷомеаҳои муосирро ифода мекунанд, дигаргуниҳои муҳимро дар тамоми бахшҳои ҳаёти ҷомеа ба миён оварданд. Чунин навсозии дар ҳамаи ҷанбаҳои ҳаёт ҷомеа тағйироти назарраси сиёсиро дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа ба вуҷуд овард, ки боиси дигаргуниҳои назаррас дар ҳаёти сиёсии ҷомеа гардидаанд.

Дар алоқамандӣ ба масъалаи мазкур назари муҳаққиқи тоҷик Р. Шоҳмурод чунин аст: «Новобаста аз мушкилоти мавҷуда ва номусоидии вазъи сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар солҳои аввали соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, субъектҳои масъул тавонистанд самти фаъолияти худро баҳри пойдории кишвар, волоияти қонун, ҳифзи хуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таҳкими ҳокимияти давлатӣ, рушди тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва арзишҳои давлатӣ демокративу ҳуқуқбунёд равона намоянд. Яке аз комёбиҳои арзишноктарини даврони истиқлол амалӣ гардидани ислоҳоти хуқуқӣ ба ҳисоб меравад» [10, 15].

Дар робита ба ин масъала назари муҳаққиқ Б. Жумакаева чунин аст: «Дар натиҷаи ба амал омадани як қатор навовариҳои сиёсӣ, дар ҳаёти сиёсии ин кишварҳо ба ташаккул ва рушди низоми сиёсӣ, ниҳодҳои сиёсӣ заминаи муҳимро фароҳам овард. Дар натиҷа, дар ҳаёти сиёсии ҷомеа тағйироти назарраси сиёсию ҳуқуқӣ ба миён омаданд, дар ташаккул ва рушди ниҳодҳои сиёсӣ, махсусан, ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва дар шаклгирии низоми сиёсии ҷомеа таҳаввулоти назаррасро ба миён омад» [11, 4].

Муҳаққиқ Б. Аширбекова, дар таҳқиқоти хеш чунин нигоштааст: «Яке аз падидаҳои муҳимтарини охири асри бисти милодӣ–роҳандозӣ гардидани низоми устувори идоракунӣ, рушду инкишофи муносибатҳои

сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ дар ҷомеа аҳаммияти муҳимми стратегиро касб намуданд. Дар натиҷаи ин дигаргуниҳо ба рушди дигар соҳаҳои ҳаёти ҷомеа тағйироти назаррас ба миён омаданд, ки ба шаклгирии сиёсати иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, ҳуқуқӣ, мусоидат намуданд» [12, 5].

Қобили тазаккур аст, ки пас аз фурӯпошии ИҶШС кишварҳои Осиёи Марказӣ, бахусус Тоҷикистон, раванди дигаргуниҳоро аз сар гузаронида, ба низоми комилан нави сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ворид гашт ва заминаи муҳимро дар рушди муносибатҳои сиёсию ҳуқуқӣ ҷомеа гузошт. Раванди ташаккул ва рушди ин тағйироти муҳимми сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, дигаргуниҳои куллиро дар ҳаёти сиёсии ин кишварҳо ба вуҷуд овард. Дар робита ба масъалаи мазкур, назари муҳаққиқ Б. Аширбекова чунин аст: «Ин равандҳои тағйирёбӣ дар тамоми фазои пасошуравӣ ба миён омаданд ва мавзуи таҳқиқоти бисёр олимон гардиданд. Ин равандҳо ба ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷомеа таъсир расониданд, онҳо хусусияти ҳамаҷониба доштанд, ба табақаҳои амиқи ҷомеа ворид гардиданд, тафаккури мардумро тағйир доданд. Дар натиҷа, дар ҳаёти сиёсию ҳуқуқии ҷомеа тағйироти назаррас ба миён омаданд, ки дар таҳаввули муносибатҳои демократӣ ва сиёсӣ  асоси воқеӣ гузоштанд» [12, 5].

Тавре муйян гардид, дар натиҷаи ба амал омадани чунин дигаргуниҳо дар фазои кишварҳои пасошуравӣ, махсусан Тоҷикистон, тағйироти назаррасӣ сиёсию ҳуқуқӣ ба миён омаданд. «Эълони Истиқлоли давлатӣ дар кишвар ба давраи ниҳоят мураккаби сиёсӣ ва бухрони шадиди конститутсионӣ рост омада буд. Ҳамин тариқ, танҳо қабули Конститутсия метавонист барои ҳифзи Истиқлоли давлатӣ, аз оташи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ берун овардани ҷомеа, барқарор кардани фаъолияти сохторҳои фалаҷшудаи давлатӣ, таъмин намудани амнияти миллӣ, мустаҳкам кардани заминаҳои сиёсиву ҳуқуқӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангии давлат шароити мусоиди ҳуқуқиро фароҳам оварад» [13].

Дар ин хусус муҳаққиқ В.Кротков дуруст қайд менамояд, ки «гузариш аз ҷомеаҳои пасошуравӣ ба ҷомеаҳои муосир, бахусус, дар давраи муосири асри  XXI, ба таври назаррас дигаргуниҳои муҳимми сиёсиро таҳким бахшид. Хусусан, навсозӣ ҳама ҷанбаҳои ҳаёти ҷомеаро фаро гирифта, дигаргуниҳоеро ба миён овард, ки дар маҷмуъ, ба ҳамаи кишварҳои пасошуравӣ мусоидат карда, тағйироти бузург ва амиқро дар рушди сиёсати, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ба амал овард, ки дар шаклгирии низоми давлатдорӣ ва тағйироти куллиро ба вуҷуд овард» [14, 7].

Мавриди зикр аст, ки дар натиҷаи барҳам хӯрдани Итиҳоди Шуравӣ дар ҳаёти сиёсии ҷомеаи Тоҷикистон чунин тағйироти назарраси сиёсию ҳуқуқӣ ба миён омаданд, аз ҷумла:

–тавре зикр гардид, баъди барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки гирифтори мушкилоти зиёди сиёсӣ гардида буд, тавонист аз ин бурҳони сиёсӣ, конститутсионӣ худро наҷот дода, роҳро ба сӯйи бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягонаро пеш гирифт;

–Дар натиҷаи муътадил гардидани раванди конститутсионӣ, дар раванди сиёсии ҷомеа, заминаи устуворро дар ташаккул ва рушди асосҳои сохтори конститутсионӣ, хусусан, ҳокимияти конститутсионӣ, заминаи арзишманд гузошта шуд;

– дар натиҷаи ба амал омадани чунин тағйиротҳи назарраси сиёсию ҳуқуқӣ дар ҳаёти сиёсии ҷомеа, таҳаввулоти муҳим дар ташаккул ва рушди низоми сиёсии ҷомеа, ниҳодҳои сиёсии ҷомеа ба миён омад;

– дар тамоми соҳаҳо, бахусус, дар самти мустаҳкам намудани рукнҳои давлатдорӣ, қабули рамзҳои давлатӣ, таъсиси Артиши миллии боэътимод, ташаккули низоми ҳуқуқии миллӣ, таъмину ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, рушди соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва дигар бахшҳо тағйироти назаррас ба миён омаданд;

– дар ин давра, дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа тағйироти назаррас ба миён омаданд, аз ҷумла, барқарор намудани сулҳу суботи комил, ваҳдати миллӣ, таъмини рушди устувори иқтисодиву иҷтимоӣ, таҳкими худшиносиву худогоҳӣ ва болоравии ҳисси ватандӯстиву меҳанпарварӣ ташаккул ва рушд ёфт.

Коршиноси тоҷик П.Муллоҷонов, ин андешаро тасдиқ карда, чунин қайд менамояд: «Дар ибтидо, дар раванди марҳалаи аввали баъдиҷангӣ, Ҳукумати Ҷумҳури Тоҷикистон сиёсати худро дар ҷомеа давра ба давра тақвият дод. Дар ин раванд суботи сиёсиро таҳким бахшид ва ба муваффақиятҳои назарраси сиёсӣ ноил гардидем. Дар самти сиёсати дохилӣ, хусусан тағйиру иловаҳо ба Конститутсия солҳои 1999, 2003 ва 2016 дар раванди давлатдории муосири Тоҷикистон аҳаммияти муҳимро пайдо кард. Баъди раъйпурсии соли 1999 муҳлати салоҳияти Президент аз 5 ба 7 сол дароз карда шуд ва палатаи болоии Парлумон таъсис ёфт. Раъйпурсии умумихалқии сеюм дар соли 2016-ум ба шаҳрвандони аз 30-сола боло имкон дод, ки дар интихобот вобаста ба талаботи муайяншудаи қонун иштирок намоянд. Дар натиҷаи ин ислоҳоти сиёсию ҳуқуқӣ ба ин

қонуни конститутсионӣ мафҳуми «Пешвои миллат» ворид карда шуд ва ҳамчунин, таъсиси ҳизби диниро дар қаламрави кишвар манъ намуд» [15].

Бояд зикр кард, ки солҳои аввали соҳибистиқлолии Тоҷикистон давраи пурфоҷеа, солҳои ҳалли масъалаи будан ё набудани давлати Тоҷикистон, таъмини сулҳу субот, ризоят ва ваҳдати миллӣ, марҳалаи омодасозии заминаҳои гузариш аз як низоми сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ ба низоми комилан нав ва гузоштани таҳкурсии давлати соҳибистиқлол буданд. Бо вуҷуди ин ҳама мушкилоти сахту сангини ин давра, роҳбарияти олии Тоҷикистон тавонист пайванди ҷомеаи худро бо ҷаҳони мутамаддини муосир, ки ҷавҳар ва асли онро низоми демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ ташкил медиҳад, таъмин намояд [16].

Дар робита ба масъалаи мазкур бояд хотирнишон сохт, ки баҳри ба эътидол овардани масъалаҳои муҳимми зикршуда дар ҳамон давра аввалин ва асоситарин вазифа тарҳрезии низоми идораи давлат ва бунёди механизми идоракунии кишвар буд, ки қадамҳои нахустин дар ин самт дуруст ба роҳ монда шуданд. Тавре муайян гардид, роҳ ба сӯйи давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ аз ҳадафҳои муҳимми низоми сисёсии ҷомеаро ташкил медод. Яъне, роҳи дурусти давлатдорӣ, тарҳрезии шакли идоракунӣ, низоми сиёсӣ ва сохтори давлат масъалаҳои калидӣ ба ҳисоб мерафтанд.

Аз нигоҳи муҳаққиқи тоҷик Л.Шарифзода: «Дар натиҷаи ба амал омадани ислоҳоти конститутсионӣ ва сиёсӣ, чунин масъалаҳои муҳим роҳи ҳалли худро ёфтанд, ки онҳоро метавон ба таври зайл тасниф намуд:

– дар натиҷаи ислоҳоти конститутсионии соли 1994-уми бори аввал дар сатҳи Конститутсия асосҳои сохтори конститутсионӣ дар сатҳи Конститутсия муайян ва муқаррар гардиданд, ки заминаи муҳимро дар ташаккули давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона гузоштанд;

–дар натиҷаи доир гардидани ислоҳоти муҳимми сиёсӣ, тағйироти муҳим ба миён омаданд, ки дар рушди ҳокимияти давлатӣ ва таъсиси ниҳодҳои нави идоракунии давлатӣ нақши муҳим гузошта шуд;

– ислоҳоти муҳимми бамиёномада заминаи муҳимро дар ташаккул ва рушди низоми давлатдорӣ ва шаклгирии низоми сиёсии ҷомеа гузоштанд;

– дар ин раванд сиёсати давлатӣ, ҳамчун яке аз муҳимтарин бахшҳои пешбарандаи ҳаёти ҷомеа, мақоми сазоворро пайдо карда, ба рушди муносибатҳои сиёсӣ ва демократӣ заминаи мусоидро ба миён гузошт» [17, 323].

Тавре муҳаққиқ Н.Зафарзода қайд менамояд: «Ҳар як марҳалаи рушди ҷомеа хусусиятҳои хосси худро дошта, дар доираи талаботу эҳтиёҷоти мавҷуда шакли муайяни муносибатҳои ҷамъиятӣ ва фаъолнокии сиёсии шаҳрвандон ташаккул меёбад. Соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун марҳалаи мазмунан ва сифатан нави рушди давлатдорӣ дар тафаккур ва зеҳни ҷомеа бахри шаклгирии муносибатҳои комилан нави сиёсӣ заминаҳои муайян гузошт. Ин амри таърихӣ буд, зеро дар шароити нав, ки идораи давлат ва ҷомеа муносибати ҷадидро тақозо менамуд, фаъолияти субъекти сиёсат ва идоракунӣ бояд ба талаботи замона мувофиқат мекард» [18, 74].

Қобили тазаккур аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба даст овардани истиқлоли комили сиёсӣ роҳи бебозгашти эъмори давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи адолатпарварро интихоб намуд ва дар ин роҳ пайваста қадамҳои ҷиддӣ ва устувор гузошта истодааст. Барои ноил гардидан ба ин мақсад дар фазои ҳуқуқии кишвар аз рӯзҳои аввал тағйироти ҷиддӣ ба амал омад, хусусан, қабули Конститутсия гувоҳи ин гуфтаҳост. Дар он заминаҳои ҳуқуқӣ доир ба ташкил намудану фаъолияти ҳокимияти давлатӣ, аз қабили ниҳоди президентӣ, ниҳоди таҷзияи ҳокимияти давлатӣ, тағйироти назарраи сиёсию ҳуқуқӣ, ба миён омаданд, ки дар шаклгирии низоми сиёсии ҷомеа мусоидат кард. Маҳз дар натиҷаи ин дигаргуниҳои сиёсию ҳуқуқӣ дар рушд ва инкишофи низоми сиёсии ҷомеа таҳаввулоти ҷиддӣ ба амал омад.

Бояд хотирнишон сохт, ки асоси ба амал омадани чунин дигаргуниҳоро дар ҳаёти сиёсии ҷомеа чунин омилҳо ташкил медиҳанд:

– дар он давра ягона роҳ ба эътидол даровардани вазъи мураккаби сиёсӣ ба ҳисоб мерафт, ки ҳарчи зудтар барқарор намудани ҳокимияти конститутсионӣ, аз омилҳои муҳимми шакл гирифтани низоми давлатдорӣ, ба ҳисоб мерафт;

– тавре муайян гардид, ягона роҳ дар он давра барои бунёд кардани асосҳои сохтори конститутсионӣ ва низоми давлатдорӣ ин пеш аз ҳама хотима бахшидан ба ҷанги шаҳрвандӣ ба ҳисоб мерафт, ки монеаҳои зиёдро дар бунёди низоми сиёсии ҷомеа ба миён оварда буд:

–яке аз масъалаҳои марказӣ дар ташаккул ва рушди низоми сиёсии ҷомеа дар ҳамон давра ин аз роҳандозӣ гардидани сиёсатҳои соҳавии ҳаёти сиёсии ҷомеа, хусусан, сиёсати иҷтимоиву иқтисодӣ, фарҳангӣ ва дохиливу хориҷӣ вобастагии амиқ дошт;

–дар натиҷаи ба амал омадани чунин дигаргуниҳои муҳимми сиёсӣ-ҳуқуқӣ, таҳаввулоти назаррасро дар низоми идоракунии ҷомеа ва низоми сиёсии ҷомеа ба миён овард, ки заминаи устуворро дар шаклгирии низоми давлатдорӣ ба миён овард;

– баъди ба эътидол омадани вазъи сиёсӣ ва рушду такомули сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ тағйироти назаррас ба миён омаданд, ки таҳаввулоти назаррасро дар шаклгирии раванди демократикунонии ҷомеа замина гузошт.

**Адабиёт**


1.Ипполитова Т. Трансформация казахстанского общества, проблемы социально-политического реформирования: социологический анализ [Текст]: автореф. дис… канд. соц. наук / Т.В. Ипполитова. – М., 2002. – С. 12.

2.Жумакаева Б. Исторический опыт политической модернизации России и Казахстана в 90-е годы XX века [Текст]: автореф. дис… канд. ист. наук / Б.Д. Жумакаева. – М., 2003. – С. 6.

3.Иҷлосияи 16-ми Шурои Олӣ ва таҳаввулоти сиёсиву иҷимоӣ дар Тоҷикистони навин [Захираи электронӣ] https:// khovar.tj/2022/11/i-losiyai-hvi-sh-roi-ol-va-ta-avvuloti-siyosivu-i-timo-dar-to-ikistoni-navin-andesha-oi-safiri-t-dar-u-akademik-abdu-abbor-ra-monzoda (Санаи муроҷиат: 2.01.2026).

4.Маҷидзода Ҷ. Пешвои ваҳдати миллӣ [Матн] / Ҷ.З. Маҷидзода / Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон: масъалаҳои ташаккул ва рушд. – Ҷ.3. – Душанбе, 2021.–С. 120.

5.Раҳимзода Ф. Хусиятҳои фаъолияти акторҳои асосии идоракунии сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: автореф. дис... ном. илм. сиёсӣ / Ф.М. Раҳимзода. –Душанбе, 2025. –С. 56.

6.Суфиев Ҷ. Моҳият ва хусусиятҳои хосси Истиқлолияти сиёсӣ дар шароити соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ҷ.Н. Суфиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – №3. – С. 287. ISSN 2074-1847.

7.Комилбек А. Низоми идоракунии сиёсӣ: ҷанбаҳои назариявию методологӣ ва амалии он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: дисс... барои дарёфти дараҷаи доктори илмҳои сиёсӣ / А.Ё. Комилбек. – Душанбе, 2022. –.С. 90.

8.Истиқлоли давлатӣ ба мо чӣ дод? [Захираи электронӣ] https://khovar.tj/2022/09/isti-loliyati-davlat-ba-mo-ch-dod-habarnigoroni-amit-

hovar-bo-in-savol-ba-namoyandagoni-kasbu-kori-gunogun-muro-iat-namudand (санаи муроҷиат:21.01.2026).

9.Тоҷикистон дар масири Истиқлол [Захираи электронӣ] https://khovar.tj/2021/08/to-ikiston-dar-masiri-isti-lol-shar-i-aft-mar-ilai-ravandi-so-ibisti-lolii-to-ikiston-az-onibi-korshinos (Санаи муроҷиат: 2.01.2026).

10.Шоҳмурод Р. Адлияи тоҷик: аз инқилоб то истиқлоли комил [Матн] // Р. Шоҳмурод // Мероси ниёгон. – №20 – 2018. – С. 15.

11.Жумакаева Б. Исторический опыт политической модернизации России и Казахстана в 90-е годы XX века [Текст]: автореф. дис. … канд. ист. наук / Б.Д. Жумакаева. – М., 2003. – С. 4.

12.Аширбекова Б. Социальная трансформация казахстанского общества: стратегия и реальность [Текст]: автореф. дис. … канд. соц. наук / Б.С. Аширбекова. – М., 2003. – С. 5.

13.Конститутсия ва озодии баён [Захираи электронӣ] https://radiotoj.tj/?p=37674 (Санаи муроҷиат: 21.01.2026).

14.Кротков В. Особенности режимных изменений в условиях отечественной социально-политической трансформации [Текст]: автореф. дис… д-ра. юрид. наук / Кротков В.О. – М., 2013. – С. 7.

15.Шебу фарози сиёсати дохилии Тоҷикистон дар 28 соли Истиқлолият [Захираи электронӣ] www.ozodi.org. (Санаи муроҷиат 12.03.2026).

16.Истиқлол–заррини Тоҷикистон [Захираи электронӣ] https://khovar.tj/2014/09/isti-1179-loliyat-to-1207-i-zarrini-to-1207-ikiston (Санаи муроҷиат: 21.01.2026).

17.Шарифзода Л.Ислоҳоти сиёсию ҳуқуқӣ заминаи муҳимми ташаккули сиёсати давлатӣ дар Тоҷикистон [Матн] / Л.Ш. Шарифзода, Д. Саидзода //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. - №10. – С. 323. ISSN 2074-1847.

18.Зафарзода Н.З. Иштироки сиёсӣ ҳамчун воситаи муошировати ҳокимият ва ҷомеа (дар мисоли Тоҷикистон) [Матн]: дис. ном. илм. сёсӣ / Н.З. Зафарзода. – Душанбе, 2026. – С. 74.

# СУЩНОСТЬ И ХАРАКТЕРИСТИКИ ФОРМИРОВАНИЯ И РАЗВИТИЯ ПОЛИТИКО-ПРАВОВЫХ ИЗМЕНЕНИЙ В ПОЛИТИЧЕСКОЙ ЖИЗНИ ОБЩЕСТВА

**ШАРИФЗОДА ЛОХУТИ ШАРИФ,**
доктор политических наук, доцент, замиститель директора Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистон
734025, Таджикистан, город Душанбе, улица Шотемур 27;
тел: (+992) 987-49-10-69; e-mail: Slohuti@mail.ru

**МУМИНОВ Ф ФИРДАВС,**
соискатель кафедры политологии Кулабский государственный университет им. Рудаки
735360, Таджикистан, город Куляб, махалля 1-Май;
тел. 919-89-65-69

*В данной статье исследуется и оценивается природа и особенности формирования и развития политико-правовых изменений в политической жизни общества. В этот период в большинстве постсоветских республик, включая Таджикистан, были проведены политико-правовые реформы, которые способствовали формированию государственной системы. Такие важные меры создали благоприятную среду для совершенствования процессов государственного управления, повышения уровня политической культуры в обществе и демократизации общества.*

***Ключевые слова:*** *СССР, независимость, Республика Таджикистан, независимость, политико-правовые реформы, модернизация, политическая стабильность, Конституция, демократия.*

# THE ESSENCE AND FEATURES OF THE FORMATION AND DEVELOPMENT OF POLITICAL AND LEGAL REFORMS IN THE POLITICAL LIFE OF SOCIETY

**SHARIFZODA LOHUTI SHARIF,**
Doctor of Political Sciences, Associate Professor, Deputy Director of the Center for Strategic Research Under the President of the Republic of Tajikistan,
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Shohtemur street 27;
phone.: (+992) 987-49-10-69; e-mail: Slohuti@mail.ru

**MUMINOV FIRDAVS,**
applicant of the Department of Political Science at Kulob State University named after Rudaki
735360, Tajikistan, Kulob city, 1-May mahalla;
phone.: 919-89-65-69

*This article studies and evaluates the nature and characteristics of the formation and development of political and legal reforms in the life of society. During this period, political and legal reforms were carried out in most post-Soviet republics, including Tajikistan, which contributed to the formation of the state system. Such important measures created a favorable environment for improving public administration processes, raising the level of political culture in society and democratizing society.*

***Keyword:*** *USSR, Independence Republic of Tajikistan, independence, political and legal reforms, modernization, political stability, Constitution, Democracy.*

**УДК: 323.21-053.81-055.2(575.3)**

# НАҚШИ БОНУВОН ДАР ТАТБИҚИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН ДАР ТОҶИКИСТОН

**ХИДИРЗОДА МАХФИРАТ УМАР,**

доктори илмҳои фалсафа, профессор, узви Комиссия марказии интихобот ва райъпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 42;
тел.: (+992) 918-63-97-54; e-mail: makfirat@mail.ru

**АБДУСАЛОМЗОДА МУНАВВАР АЛИАКБАР,**

унвонҷӯйи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33;
тел.: (+992) 937-44-55-50, email.: abdusalomzodam80@mail.ru

*Мақолаи мазкур ба таҳқиқи нақш ва ҷойгоҳи занон ва духтарон дар татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар маркази таҳлил масъалаҳои муносибатҳои гендерӣ, иштироки иҷтимоӣ ва сиёсии ҷавонзанон, инчунин механизмҳои давлатии дастгирии онҳо қарор доранд. Муаллиф омилҳои таърихӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангиро, ки ба ташаккул ва таҳаввули мақоми зан дар ҷомеа таъсир мерасонанд, мавриди таҳлили илмӣ қарор медиҳад. Бо такя ба таҳқиқоти назариявӣ ва санадҳои меъёрии миллӣ ва байналмилалӣ нишон дода мешавад, ки сиёсати гендерӣ дар Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи муҳими сиёсати иҷтимоӣ ва сиёсати давлатии ҷавонон тадриҷан такмил ёфта, барои тавсеаи имкониятҳои занон ва духтарон заминаи ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ фароҳам овардааст.*

*Дар мақола масъалаҳои иштироки занон дар равандҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ, инчунин мушкилоти вобаста ба стереотипҳои иҷтимоӣ, маҳдудиятҳои фарҳангӣ ва нобаробарии гендерӣ таҳлил мешаванд. Таъкид мегардад, ки иштироки фаъоли ҷавонзанон дар ҳаёти ҷамъиятӣ омили муҳими рушди устувори ҷомеа, таҳкими арзишҳои демократӣ ва пешбурди сиёсати иҷтимоии давлат мебошад. Хулоса карда мешавад, ки баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ, тавсеаи дастрасӣ ба таҳсил, рушди иқтидори касбӣ ва иштироки фаъолонаи занону духтарон дар идоракунии иҷтимоӣ ва сиёсӣ аз самтҳои муҳими такмили сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.*

***Калидвожаҳо:*** *сиёсати давлатии ҷавонон, занон, духтарон, сиёсати гендерӣ, муносибатҳои гендерӣ, баробарии гендерӣ, ҳуқуқи занон,*

*иштироки сиёсӣ, рушди иҷтимоӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, имкониятҳои баробар, Тоҷикистон.*

Дар шароити рушди ҷомеаи муосир масъалаи иштироки фаъоли ҷавонон дар равандҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ аҳаммияти махсус касб намудааст. Ҷавонон ҳамчун қишри фаъоли ҷомеа на танҳо захираи стратегии рушди давлат, балки неруи муҳими навсозии иҷтимоӣ ва сиёсӣ ба ҳисоб меравaнд. Дар ин замина сиёсати давлатии ҷавонон ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат ба таъмини шароити мусоид барои рушди ҳамаҷонибаи ҷавонон, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои онҳо ва ҷалби фаъолонаи онҳо ба ҳаёти ҷамъиятӣ равона гардидааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус дар даврони соҳибистиқлолӣ, сиёсати давлатии ҷавонон ҳамчун самти муҳими стратегии сиёсати давлатӣ ташаккул ёфта, бо дарназардошти талаботи ҷомеаи муосир пайваста такмил меёбад. Дар доираи ин сиёсат масъалаи таъмини иштироки баробар ва муассири ҳамаи гурӯҳҳои иҷтимоии ҷавонон, аз ҷумла ҷавонзанон ва духтарон, аҳаммияти махсус пайдо кардааст. Зеро ҷавонзанон ва духтарон қисми муҳимми неруи демографӣ, иҷтимоӣ ва зеҳнии кишварро ташкил намуда, иштироки фаъолонаи онҳо дар ҳаёти ҷомеа яке аз омилҳои муҳими рушди устувори миллӣ маҳсуб мешавад.

Бо вуҷуди дастовардҳои назаррас дар самти таҳкими мақоми иҷтимоӣ ва сиёсии занон, масъалаҳои вобаста ба нобаробарии гендерӣ, стереотипҳои иҷтимоӣ, маҳдудиятҳои фарҳангӣ ва монеаҳои институтсионалӣ то ҳол ба таври комил бартараф нашудаанд. Ин омилҳо метавонанд ба сатҳи иштироки ҷавонзанон дар идоракунии давлатӣ, фаъолияти ҷамъиятӣ, рушди касбӣ ва худтатбиқсозии иҷтимоӣ таъсири манфӣ расонанд. Аз ин рӯ, омӯзиши илмии нақши ҷавонзанон ва духтарон дар татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Мубрамияти мавзӯъ дар он ифода меёбад, ки таҳаввули ҷомеаи демократӣ, рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таҳкими давлатдории миллӣ бидуни иштироки фаъоли ҳамаи қишрҳои иҷтимоӣ, бахусус ҷавонзанон ва духтарон, ғайриимкон мебошад. Дар чунин шароит таҳқиқи ҷанбаҳои гендерии сиёсати давлатии ҷавонон, муайян намудани мушкилоти мавҷуда ва ҷустуҷӯи роҳҳои такмили механизмҳои дастгирии давлатии ин гурӯҳи иҷтимоӣ аҳаммияти махсус касб менамояд.

Аз ин лиҳоз, мақолаи мазкур ба таҳлили нақш ва ҷойгоҳи ҷавонзанон ва духтарон дар татбиқи сиёсати давлатии ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, масъалаҳои иштироки иҷтимоӣ ва сиёсии онҳо, омилҳои таъсиргузор ба фаъолнокии шаҳрвандӣ ва механизмҳои такмили

сиёсати давлатии ҷавонон дар заминаи муносибати гендерӣ мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Объекти таҳқиқот сиёсати давлатии ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун низоми чораҳои ҳуқуқӣ, институтсионалӣ, иҷтимоӣ ва ташкиливу идоракунӣ мебошад, ки ба таъмини иштироки ҷавонон дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеа равона гардидааст.

Предмети таҳқиқот ҷанбаҳои гендерии татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла нақш, ҷойгоҳ, шаклҳои иштирок ва механизмҳои ҷалби ҷавонзанон ва духтарон ба равандҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеа, инчунин омилҳои таъсиргузор ба рушди иҷтимоӣ ва фаъолнокии шаҳрвандии онҳо ба ҳисоб меравад.

Ҳадафи таҳқиқот таҳлили илмии нақш ва ҷойгоҳи ҷавонзанон ва духтарон дар татбиқи сиёсати давлатии ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян намудани хусусиятҳои ҷанбаҳои гендерии сиёсати ҷавонон, ошкор сохтани мушкилот ва имкониятҳои институтсионалии баланд бардоштани фаъолнокии иҷтимоӣ ва сиёсии ин гурӯҳи иҷтимоӣ мебошад.

Барои расидан ба ҳадафи гузошташуда вазифаҳои зерин муайян карда шуданд:

- таҳқиқи асосҳои назариявӣ ва методологии муносибати гендерӣ дар таҳлили сиёсати давлатии ҷавонон;
- таҳлили омилҳои таърихӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ташаккули мақом ва нақши ҷавонзанон дар ҷомеа;
- баррасии мазмун ва самтҳои асосии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҷавонон ва баробарии гендерӣ;
- муайян намудани омилҳои асосии таъсиргузор ба иштироки иҷтимоӣ ва сиёсии ҷавонзанон ва духтарон;
- ошкор намудани монеаҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва институтсионалӣ дар роҳи рушди иқтидори онҳо;
- пешниҳод намудани роҳҳои такмили сиёсати давлатии ҷавонон бо дарназардошти муносибати гендерӣ.

Асоси методологии таҳқиқотро маҷмӯи усулҳои умумии илмӣ ва махсуси таҳқиқоти иҷтимоӣ ва сиёсӣ ташкил медиҳад. Дар ҷараёни таҳқиқот аз равишҳои системавӣ, институтсионалӣ, гендерӣ, таърихӣ-муқоисавӣ ва сохторӣ-функсионалӣ истифода шудааст.

Равиши системавӣ имкон фароҳам овард, ки сиёсати давлатии ҷавонон ҳамчун низоми ягонаи ҳамкории ниҳодҳои давлатӣ, меъёрҳои иҷтимоӣ ва муносибатҳои ҷамъиятӣ мавриди таҳлил қарор гирад. Равиши институтсионалӣ барои омӯзиши заминаҳои ҳуқуқӣ, механизмҳои ташкиливу идоракунӣ ва сиёсати давлатии дастгирии ҷавонон ва занон

истифода гардид. Муносибати гендерӣ имконият дод, ки хусусиятҳои мақоми иҷтимоии ҷавонзанон ва духтарон, инчунин омилҳои нобаробарии гендерӣ муайян карда шаванд. Усули таърихӣ-муқоисавӣ барои таҳлили таҳаввули назарияҳо ва муносибатҳо нисбат ба мақоми зан дар марҳилаҳои гуногуни рушди ҷомеа истифода шуд. Усули сохторӣ-функсионалӣ бошад, барои муайян намудани нақш ва вазифаҳои ҷавонзанон ҳамчун субъекти фаъоли рушди иҷтимоӣ ва сиёсӣ мусоидат намуд.

Пойгоҳи эмпирикии таҳқиқотро санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи занон ва ҷавонон, инчунин осори илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ дар самти сиёсати ҷавонон ва муносибатҳои гендерӣ ташкил медиҳанд.

Масъалаи муносибатҳои гендерӣ, ки ҳастии иҷтимоии занону духтаронро дар ҷомеа, озодиҳои онҳо ва имкониятҳои ба онҳо дастраси иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, илмӣ-маърифатӣ ва сиёсиву фарҳангиро дарбар мегирад ва дар татбиқи сиёсати ҷавонон ва баррасии вазъи ҷавонон дар Тоҷикистони муосир хеле мубрам ба назар мерасад. Зеро масоили муносибатҳои гендерӣ дар Тоҷикистон, бо вуҷуди кушишу дастгириҳо ва мусоидатҳои бемайлони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, ҳоло ҳам дорои ҷанбаҳои мавриди тафаккур ва татбиқи чораҳои таҳририву мусоир мебошад. Масъалаи мазкур то ҳол таваҷҷуҳи олимон-мутахассисони соҳаҳои гуногуни самтҳои ҷомеашиносиро ҷалб намуда аз онҳо таҳлилҳои амиқи мудаллал ва ислоҳотиро мехоҳад.

Шахсияти инсон ва омодагии ӯ ба ҳаёт бо талаботи мураккабшаванда нисбати шахсият ва ҳаёти ӯ рӯ ба рӯ мешавад, ки фаъолияти шахсро дар ҳолоти наву муосир муайян менамоянд. Майлонҳои ахлоқӣ ва оилавӣ, таъсиру фишорҳои нави фарҳангиву иттилоотӣ, ҷаҳоншумулии бемайлон ва руз то руз дастрас гардидани ҳамагуна иттилоот раванди омодагии шахсро боз ҳам мураккабтар намуда аз ӯ огоҳии бештари илмӣ, фарҳангӣ, сиёсиро металабад. Модоме, ки ҷавонон қисми зиёди аҳолии Тоҷикистонанд ва аз ҷиҳати оморӣ шумораи занон дар кишвар дар ҳудуди то як фоиз аз шумораи занон бештар аст, метавон хулоса кард, ки шумораи ҷавонон низ тахминан дар ҳамин зовия қарор дорад. Бинобар ин баррасии вазъи ҷавондухтарон перомуни сиёсати ҷавонон ва иштироки ҷавондухтарон дар равандҳои сиёсӣ, татбиқи сиёсати ҷавонон низ аз масоили мубрам ва боиси таҳқиқи махсус ба ҳисоб меравад.

Татбиқи дурусти сиёсати ҷавонон нисбати ҷавондухтарон, тарбияи дуруст ва самараноки онҳо дар оила, муассисаҳои таҳсилотӣ ва умуман дар ҷомеа метавонад натиҷаҳои мусбати устуворро дар соҳаи расидан дар

ҳадафҳои гендериро кафолат диҳад. Дар ин робита нақши тамоми ниҳодхое вобаста ба ин мавзуъ ва таъсирвар ба масъалаи вазъи ҷавондухтарон дар ҷомеа, маҳорату малакаҳои иҷтимоии онҳо, қобилияти касбӣ ва рушди вазифавии онҳо ба маротиб меафзояд. Тавре муҳаққиқи бобарори соҳа Н.М.Юнусова [30, с.34] таъкид менамояд, сурати умумии тарбияи ҷавондухтарон дар оила ва ҷомеа, тамоми ҳаёти онон аз бисёр тараф аз зарурати дарки нақш ва мақоми зан бармеояд ва вобастагӣ дорад. Нақш ва мақому мартабаи зан дар ҷомеа вобаста бо он дигаргуниҳои бунёдии иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии Тоҷикистон, бартараф кардани вазъияти буҳронӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа, ки дар роҳи татбиқи ислоҳоти демократикунонӣ ба вуҷуд омада буданд, мебошад. Гарчанде таҳқиқоти ахир дар соҳаи гендер оид ба куллан тағйир пазируфтан ва мусбат арзёбӣ гардидани вазъи зан дар ҷомеа хабар медиҳанд [26].

Муносибатҳои гендерӣ, ки дар шаклҳои гуногуни равобити одамон дар ҷомеа зуҳур менамоянд, ифодагари рафтору кирдори одамон мутобиқи ҷинси муайян мебошад, ки дар раванди фаъолияти муштараки одамон ба вуҷуд меояд. Муносибатҳои гендерӣ ба таври васеъ дар ҷомеа мавҷуд буда дар сатҳҳои гуногуни ҷомеа, бинобар бисёрсатҳа- микро, -мезо ва –макросатҳҳои воқеияти иҷтимоӣ зоҳир мешаванд. Ба ибораи дигар муносибатҳои гендерӣ худ муносибатҳои ташаккулёфтаи иҷтимоии ҷомеа мебошад, ки байни давлат ва гуруҳҳои гендерӣ, инчунин муносибатҳои байни гуруҳҳои гендерӣ ва муносиабти байни субъектҳои гуногунгендер, аз чумла муносибати худи шахс нисбат ба ҷинси биологиаш сурат гирифтаанд.

Тағйироти гендерӣ дар вазъи иҷтимоии одамон дар фазои мухталифи иҷтимоиву фарҳангӣ ва тамаддунӣ доимо шартгузор буда, заминаро барои мустақар намудани фарқияти байни ҷинсҳои биологии башар фароҳам меоварад. Ин фарқиятҳо аз руи аҳамияти онҳо, нақши иҷронамудаи иҷтимоӣ дар ҷомеа ва оила, тақсимоти иҷтимоию иқтисодии меҳнат ва аҳамияти он дар ташаккули робиатва алоқамандиҳои ҷомеа зоҳир мешаванд. Аз ин рӯ мавҷудияти анвоъи омилҳои мазкур боиси ташаккулёбии муносибатҳои нави иҷтимоию фарҳангӣ гардиданд, ки мавқеи ҷинсҳои гендерии ҷомеа ва сохтори иҷтимоии онро дар асоси имкониятҳои ҷисмонӣ, вазифаҳои иқтисодӣ ва хусусиятҳои онҳо муайян сохтанд. Низомҳои мазкури ташаккулёбандаи муносибатҳо ҷавонзанонро дар вазъи нобаробар гузоштанд. Нобаробарии мазкур ба дараҷае интишор ёфт, ки занро ба фазои танги иҷтимоӣ банд карда нагузошт, ки аз он берун шуда дар бораи худ ҳамчун офариниши табиӣ, риоя шудани ҳуқуқу озодиҳои табии худ изҳор намояд. Шиддати вазъ ба ҷое расид, ки низомҳои ҷамъиятӣ ва иҷтимоб дар рушди худ оид ба мавҷудияти нимаи дуюми

инсоният фаромуш намуданд. Аз ёдҳо вобастагии ҷомеа аз зан дар бозтавлид ва нигоҳ доштани захираҳои асосии ҷомеа - захираҳои демографӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фараҳангӣ фаромуш шуд. Он зане, ки фарзанди ҷинси мард, ки минбаъд аз замони ба дунё омаданаш соҳиби доираи васеи ҳуқуқуқҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ мешавадро ба дунё оварда ба воя расонида аст, аз тамоми ҳуқуқҳо маҳрум ва танҳо дорои ҳуқуқи дар муҳити оила ба аҳли оила хизматрасониро дошт. Маҳрумсозии занон аз ҳуқуқи интихоботӣ мисоли равшани ҳамин амр мебошад. Мавҷудияти ҳамин гуна маҳрумиятҳо тадриҷан боиси худшиносии занон гардида онҳо аз худ ҳамчун неруи сиёсӣ-иҷтимоӣ эълом доштанд ва ба фаъолияти сиёсӣ шуруъ карданд. Набудани ҳуқуқ ба моликият занро ба итоати ғуломона ба шавҳар ва аъзоёни дигари оила, меъёрҳои тамоман ғайрибашардустона, ки талаботҳои таҳқиромезонаи худро нисбат ба зан таҳмил мекарданд, даҳҳо меъёр ва стереотипҳои дигари маънавию ахлоқӣ водор карда ӯро ба ҳолати комилан таҳқиромези иҷтимоӣ гузоштанд.

Муносибатҳои нави иҷтимоӣ, ташаккули назариёти нав нисбат ба ҳаёт, бозбинии баъзе меъёрҳои иҷтимоиву фарҳангӣ инкишоф меёбанд, ки натиҷаи он ба вуҷуд омадани ҳамкориҳои мутақобилаи арзишҳо зуҳур карда занонро ба дарки мақом ва мартаба, рисолати худ дар ҷомеа водор намуд. Дар натиҷа дарки вазъи нобаробари худ фаъолнокии занонро афзоиш дода ба худҳифзкунии иҷтимоӣ водор сохт. Вазъияти мазкур бошад мавқеъ ва рафтори иҷтимоии занонро ба куллӣ дигар карда онҳоро ба ҳайси субъекти муносибатҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар ҷоме муаррифӣ намуд.

Хусусияти ҳаракати худҳифзкунии занон аз он иборат аст, ки маҳз занон дар баробари ҳифзу пешгузории манфиатҳои сиёсии худ масъалаи нақши зан дар ҷомеаро алоҳида мегузоранд ва онро ба табақаҳои синнусолӣ ҷудо менамоянд. Дар натиҷа ба таври масъалаи алоҳидаи сиёсати гендерӣ масъалаи ҳаққу ҳуқуқи духтарон, ҷавонзанон ба таври алоҳида гузошта ва ҳамчун масъалаи мубрами сиёсӣ иҷтимоии дорои ҷанбаву самтҳои гуногун ҳал мешавад.

Таҳлили рушди ҳаллу фасли масъалаи гендерӣ дар ақсои олам нишон медиҳад, ки он бо дорои умумият ҳамчун масъалаи ҳаққу ҳуқуқи зан чун ҷинси инсон, боз дорои вижагиҳои худ дар ҳар як фарҳангу тамаддун ва ҳар як кишвари алоҳида мебошад. Умумияти масъала дар он аст, ки кишварҳо дастаҷамъӣ метавонанд ба андозаи муайян масъалаи занро дар муҳити худ гузошта ҳал намоянд, зеро худи равандҳои иҷтимоиву сиёсӣ дар ин ё он марҳалаи рушд шомилшавии ду мабдаъи гендерӣ-занона ва мардонаро талаб менамояд.

Дар гузориш ва ҳалли масъалаҳои гендерии марбут ба ҷавондухтарон ва ҷавонзанон як идда мафҳумҳое хос аст, ки ҳангоми

ташаккули сиёсати иҷтимоии давлат мавриди истифода қарор мегирад. Э.Гиденс собит месозад, ки “Гарчанде нақшҳои дар фарҳангҳои гуногун иҷронамудаи мардону занон ба таври назаррас фарқ мекунанд, ҷомеае вуҷуд надорад, ки дар он занон дорои ҳокимияти бештар нисбат ба мардон дошта бошанд”. Ба ақидаи Гидденс рушди падаршоҳӣ танҳо бо ҳукмронии мардонаи аз ҷиҳати қувва муқтадир ба вуҷуд омада, ба таври васеътар бо вазифаи модариро иҷро кардани занон марбут аст. Ӯ қайд мекунад, ки пайдарҳам вазифаи модариро иҷро кардани зан ва муддати зиёд вақти худро ба парвариши фарзанд сарф намуданаш, занро ҳам аз фаъолияти иҷтимоӣ ва ҳам аз дастрасӣ ба қудратҳои моддӣ дур мепартояд ва мутеъи мард менамояд [17, с.164].

Ҳануз дар Юнони Қадим шарҳи масъалаи ҷинси инсонро мебинем. Аҳди Қадим дуои зану мард фарқ дошта ва мард чунин дуои мехонд: “Табаррук Худои Таолост, ки маро зан наофаридааст”. Зани ӯ суханҳои дигарро тараннум мекард: “Табаррук Худои Таолост, ки маро бо иродаи худаш офаридааст”. Ин қазияро дар назар дошта Афлотун, ки қиссаи қадимтаринро дар бораи андрогин эҳё карда маънои устурaро дар бораи сирри ҷинс шарҳ додааст, Худоёнро барои он сипосгузорӣ кард, ки онҳо ба ӯ озодӣ, ва на ғуломиро ато карда, мард, ва на зан, халқ кардаанд. Яке аз бузургтарин файласуфи Юнони Қадим Арасту (солҳои 384 – 322 п.а.м.) водор кардааст, ки табиати гуногун доштани мард ва занро қайд намояд ва ин фарқро ҳамчун ғулом ва озод шарҳ диҳад. Ба андешаи Арасту мард ва зан табиати гуногун доранд, ки ҳеҷ гоҳ бо ҳамдигар баробар шуда наметавонанд. Ба андешаи Арасту ҳангоми бордоршавӣ мард ба кӯдак “шакл”, яъне рӯҳро, ва зан бошад – танҳо “модда”, яъне танро медиҳад. Зиддияти байни зану марду ирсӣ дониста рӯҳро табиатан назар ба ҷисм беҳтар ва илоҳитар мешиносад ва занонагӣ ва мардонагиро бо ин аз ҳамдигар ҷудо мекунад. аз муҳокимарониҳои мазкур маълум мешавад, ки Арасту фарқияти ҷинсҳоро инчунин дар асоси тасаввуроти иҷтимоӣ ва тибқи нақшҳои иҷтимоӣ асоснок месозад. Ӯ дар мавриди мақоми марду зан дар ҷомеа ба чунин хулоса меояд, ки “якумӣ аз рӯи табиати худ баландтар аст, дуюмӣ – пасттар, ва, бинобар ин, якумӣ ҳукмронӣ мекунад, дуюмӣ дар итоат карор дорад”. Арасту марду занро дорои сифатҳои муайяни ахлоқӣ медонад. Аммо онҳо табиати гуногун доранд ва ба онҳо фазилатҳои гуногун хосанд: агар фазилати зан хомӯшӣ бошад, барои мард он фазилат нест. Вазифаҳои оилавии марду зан низ гуногун буда ҳар яке уҳдадориҳои худро иҷро менамояд ва ба корҳои якдигар дахолат намекунад [1, с.383]. Чунин муайянкунии вазифаҳои гендерӣ ҳокимияти мард ба занро устувору асоснок карда мардро солори оила ва занро тобеъ ва пойбанди хона менамояд.

Ҳокимияти авторитарии мард на танҳо ба дастгоҳи маҷбурсозии ҷисмонӣ ва зӯроварии қотеъона такя мекунад. Он усулҳои таъсирварии нозукро ба шуури афрод истифода бурда, бо дидаю дониста норизоиятии онҳоро пешгирӣ карда, онҳоро маҷбур мекунад, ки бешуурона ба ҳукмҳои муайян пайравӣ карда, нақшҳои муайянро дар тартиби мавҷудаи ашёҳо қабул кунанд. Ин усулҳои таъсироти фарҳангӣ, ташаккули стереотипҳои рафтори лозимаи иҷтимоӣ; равишҳои иҷтимоишавӣ, тарбия; коркарди идеологии шуур бо кумаки забон, симою образҳои фарҳангӣ мебошанд. Чунин методҳо ба таври эътимоднок ҳокимияти дорандагон, дар мавриди мазкур – мардонро – аз исёни итоаткорон – занон муҳофизат мекунанд. Дар устураҳои замони таърихӣ мард ва зан ду мабдаи бо ҳамдигар зид буданд: якумӣ – асосӣ, мусбат, фаъол; дуюмӣ – ҳосила, бефаъолият. Агар мард дар онҳо одамхудо, пурқудрат ва ҳокиму паҳлавон бошад, зан - таҷассуми бесарусомонӣ, шаб аст ва ба сеҳру ҷоду хос аст, ӯ садоҳои бод, дарахтон, алафҳоро мешунавад ва мефаҳмад. Сивилла, Пифия – ғайбдон, миёнрав, фолбин буд.

Файласуфони Юнони Қадим ба ин оташи нифоқи гендерӣ “равған рехтанд”. Масалан, Пифагор принсипи мусбатро, ки тартиб, рӯшноӣ бо мард ва принсипи манфӣ вуҷуд дорад. Бесарусомонӣ, шомгоҳӣ ва занро офаридааст. Арасту худ тавзеҳ медод: “Зан – таҷаммуи сифатҳои модина мебошад – хислати зан аз зарарбинии табиӣ ранҷ мекашад ... зан танҳо мода аст, принсипи ҳаракат бо чизи дигар, мабдаи мардона, беҳтарин, илоҳиёна таъмин шудааст”. [24, с.5].

Барои шарҳи он, ки нақшҳои гендерӣ хусусияти геополитикӣ, фарҳангӣ-тамаддунӣ, эътиқодӣ ва сиёсӣ, ва ғайра доранд, юба ҷаҳонбинии гендерии Мисри Қадим муроҷиат мекунем, ки дар он дин мавқеи махсуси занро нисбати мард муайян мекард. Дар пантеони худоёни Миср гиромидошти махсус ба олиҳа Исида мансуб буд, ки вафодории ҳамсарӣ, модарӣ ва пурбориро таҷассум мекард.

Занони Мисри Қадим дорои ҳуқуқҳои бештар, назар ба, масалан, занҳои юнонӣ буданд. Онҳо метавонистанд мустақилона маҳри худро ихтиёрдорӣ намоянд, зимни меросбарӣ ҳиссаи баробарро бо бародарон доштанд, аз рӯи авлоди модарӣ ба онҳо унвонҳо низ интиқол дода мешуданд. Дар давлати Мисри Қадим занони ашрофзода таҳсилотро дар баробари мардон гирифта метавонистанд.

Дар фарҳанг ва тамаддуни Мисри бостон гиромидошти модарро дар мазмуни навиштаҷот дар болопӯши тобутҳои дохили аҳромҳо пайдо мекунем ва мехонем: “модари худро дар рӯйи дастон гирифта гард, тавре ки ӯ пуртоқатона туро дар батни худ гирифта гашт”. Вале дар Шарқи Қадим мисолҳои дигари муносибатҳои гендерӣ низ мавҷуданд, монанди

шакли падаршоҳии мутлақ дар Бобулистон. Дар Эрони Қадим бисёрзанӣ маъмул буд. Инсест (омезиши хун) ва фурӯши занон амал мекард, ки бо мафҳуми хведодах ва ё хваэтвадата - яке аз шаклҳои ақди никоҳи ҳамхунон, шакли махсуси никоҳи ҳамхунон, ки дар Авасто қайд гардида, тахминан то давраи фатҳи ислом Форсро дар миёнаи асри VII амал мекард [29, с.141]. Дар ин бора аксари осори таърихии чӣ исломӣ ва чӣ насронӣ бо кароҳат таъкид кардаанд. Зимнан, дар баробари муносибати баробар нисбати марду зан дар Форси Бостон, ҳамчун қисми таркибии табиат, як идда анъаноту қоидаҳои динӣ нисбат ба занон татбиқ мешуд, ки ононро бинобар иҷрои вазифаҳои табиии идомаи насл аз ҷомеа ҳамчун махлуқи нопок дур карда, аз онҳо натанҳо чун инсони нопок, балки ҳамчун мавҷуде, ки табиати покро метавонад наҷис намояд, ҳазар менамуданд. Дигар ин ки агар нисбати синну соли балоғати писарон ҳамчун ба ҳаёти мустақилона ворид шудани онҳо муносибат карда шавад, нисбат ба духтароне, ки ба синну соли балоғат- 15 солагӣ мерасиданд, ҳамчун объекти ҳамсарӣ ва шаҳват муносибат карда мешуд ва вазифаи аввалини ӯ иборат аз оиладор шудан ва ба дунё овардани фарзанд дониста мешавад [27].

Боиси таъкид аст, ки Шарқи Қадим, ки бо даврони давлатдории мустабидона тавсиф меёфт, табиист, ки то андозае муносибатҳои гендериро дар чаҳорчӯби анъана, афзалиятҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангшиносии худ татбиқ мекард.

Дар кишварҳои Осиёи Марказӣ дар мавриди татбиқи сиёсати ҷавонон аз вазифаҳои муҳим- аз байн бурдани стереотипҳои тафаккур нисбати накш ва мақоми зан дар ҷомеа ба ҳисоб меравад. Аз ҷумлаи ин гуна стереотипҳо, ё ин ки ақидаҳои шахшудамонда мавқеи тобеи духтарон, самтгирии оила ба серфарзандӣ, ба духтарон зарур набудани маълумотнокӣ ва ҳам гирифтани маълумот олӣ, соҳиб шудан ба касбу кор ва дастрасии рифоҳи иқтисодӣ ва дигар маҳдудиятҳои вобаста ба анъанаву расму оинҳои мо мебошанд. Ин ақидаҳои шахшудамонда натанҳо монеъи рушду нумуи занону духтарон мебошанд, балки ҳаёти рузмарраи ононро тахл карда боиси ба вуҷуд омадани хушунат дар оила, нобасомонии аъзоёни оила ва ҷомеа, худро шахси нодаркор ҳис кардан ва аз худ боварӣ надоштани духтарон мегарданд, ки оқибатҳҳои баду номатлуб дорад. Мубориза барои ноил шудан ба баробарии ҷинсҳо дар ҷомеа ин ҳаракати ноил гардидан ба баробарӣ дар ҳаёти одамон аст. Нобаробарӣ байни занону мардон натанҳо ба ҳастии маишии ҷавонзанон таъсиргузор аст, балки дар тақсимоти меҳнат, шароити гуногуни кору маош низ асар намудааст. Тақсимоти меҳнат ва дигар омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, гузариш ба оилаи инфиродӣ муҷиби ба вуҷуд омадани нобаробарии иҷтимоии байни ҷинсҳо гардид. Тавре Айвазова С.Г. меҳисобад, ба мардон ҳуқуқи фаъолияти берунӣ,

фатҳи ҷаҳон ва ҳокимият дар онро дода, ба занон ҳаққи зодани насли башар ва тарбияи он, ободии оила ва маишатро додааст. Ҳол он ки ҳатто дар хона занон тобеи ҳукми мард буда, аз ин ру мард дар таърих нақши субъекти таърих ва зан - объекти ҳокимияти мардро гирифтааст [11, с.54].

Боиси тазаккур аст, ки дар раванди истиқрори истиқлол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи ҳуқуқу озодиҳои занон, баланд бурдани мақому манзалати зан дар ҷомеа, дастгирии ташаббус ва фаъолиятҳои иҷтимоӣ ва касбии занон сифати қисми таркибии сиёсати иҷтимоии давлатро касб намудааст. Аз ин ру руз то руз вазъи иҷтимоӣ, маишӣ, ҳуқуқиву сиёсӣ ва маърифативу фарҳангии занону духтарон дар кишвар ба куллӣ тағйир ёфта ру ба беҳбудӣ ниҳодааст. Дар ин давра барномаи сеюми татбиқи сиёсати гендерӣ амал карда истодааст, ки ҷиҳати бо барномаҳои квота, дастгирии маърифатнокии духтарон, рушди касбиву вазифавии онон фарогирӣ ва ҷой ва мақоми худро дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон пайдо намудани духтарон, мусаллаҳ шудани онҳо бо донишу илм, фарҳангу маърифат, техникаву технологияҳои муосир равона гардидааст.

Ҳоло дар ҷумҳурӣ масъалаҳои таъмини татбиқи босамари сиёсати гендерӣ аз ҷумлаи масъалаҳои маҳсуб мешавад, ки бевосита бо фаъолноксозии нақши гуруҳҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла ҷавонзанону духтарон дар равандҳои иҷтимоию сиёсии ҷомеа вобаста мебошанд. Марҳалаи муосири инкишоф ҳамчун марҳилаи таҳкими асосҳои ниҳодӣ, иқтисодӣ, сиёсиб фарҳангии истиқлолияти давлатӣ тавсир мешавад, бидуни ҳамроҳ гардидани ҳамаи субъектҳои фарҳангии марбут бо таҳкими истиқлолияти давлат тавсиф мебёбад, бе шомилсозии фаъоли замаи субъектҳои равандҳои сиёсӣ тавсаввурношуданист. Дар ин маҷро таъмини намояндагии баробар ва имкониятҳои баробари ҷавонмардону ҷавонзанону духтарон дорои мубрамияти хос мебошад.

Меъёрҳои гендерии ҳуқуқи инсон ба таври васеъ нишонагари рушди фарҳанги гендерӣ мебошанд, ки моҳияти онро баҳисобгирии манфиатҳои гуруҳи муайяни ҷинсии ҷомеа ташкил менамояд. Он иборат аз фарогирии маҷмуи амалҳо ҷиҳати таҳия, қабул, татбиқ, ҳимоя ва мониторинги барнома, қонунҳо, механизму ниҳодҳои мансуб ба ҳуқуқу озодиҳои инмон дар соҳаи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ мебошад.

Ҷавонзанону духтарон қисми ҷомеаи ҷавони кишвар буда демократия талаб менамояд, ки манфиати онҳо баррасӣ ва мавриди муҳокима қарор гирад. Ҷавонзанону духтарон ниёманди арзишҳои демократӣ мебошанд. Барои ноил шудани онҳо ба ин арзишҳо бояд дар ҷомеа дар маҷмуъ ба баробарӣ ноил шаванд [26, с.88].

Таъмини татбиқи босамари сиёсати гендерь нисбат ба ҷавонзанон ва духтарон, ҳамчун ҷузъи сиёсати ҷавонон ва сиёсати кор бо занон дар

ҷомеаи муосири Тоҷикистон аз масоили мубрам ба ҳисоб рафта бо фаъолноксозии бевоситаи ин гуруҳи иҷтимоӣ вобаста буда, ва бо дар равандҳои иҷтимоию сиёсии ҷомеаи алоқамандии зич дорад. Он чанд марҳаларо аз сар гузаронида марҳалаи муосири он ҳамчун марҳалаи таҳкими асосҳои ниҳодӣ, иқтисодӣ, сиёсиб фарҳангии истиқлолияти давлатӣ тавсиф меёбад. Дар он ба иштироки фаъоли ҳамаи субъектҳои равандҳои сиёсӣ дар назар дошта шуда, таъмини намояндагии баробар ва имкониятҳои баробари ҷавонон-писарон ва духтарон дар равандҳои мазкур ҳадаф гирифта шудааст.

Меъёри гендерии таъмини ҳуқуқи ҷавонзанону духтарон ба таври васеъ-нишонаи рушди фарҳангӣ аз ҷиҳати ҳассоси сиёсиб ҳуқуқӣ мебошад, ки моҳияти онро баҳисобгирии манфиатҳои ҷавонзанону духтарон ташкил медиҳад. Тоҷикистон ҳамчун кишвари пайгири сиёсати “дарҳои кушод” ба аксарияти санаду меъёрҳои байналмилалӣ ҳамроҳ ва ё тарафдор мебошад, ки як иддаи онҳо махсус барои ҳифзи ҳуқуқи ҷавонзанону духтарон дар арсаи байналмилалӣ равона шудааст, қабул кардааст. Аз ҷумла Декларатсия оид ба бартараф намудани табйиз нисбати занон (1967), Конвенсия оид ба бартараф намудани ҳамагуна табйиз (дискриминатсия) нисбат ба занон (1995), Платформаи амал барои бартарф кардани табйиз нисбат ба занон (2014), Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳифзи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзоёни оилаи онҳо (2002), санадҳои байналмилалии ҳуқуқии Муоҳида оид ба ҳуқуқи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, Конвенсия оид ба ҳуқуқи кудак (1989), Протокол оид ба пешгирии фуруши одамон, махсусан занону кудакон (2000), Конвенсияи байналмилалии манъу дидани чораҳои фаврӣ нисбати барҳам додани шаклҳои бадтарини шуғли кудакон (2002), Конвенсия оид ба ҳуқуи кудак (1989), Декларатсия оид ба ҳифзи занон ва кудакон дар шароити фавқулодда ва давраи мухолифати муасаллаҳ (1974), Конвенсия оид ба синну соли ниҳоии қабул ба кор (1973), Санади байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (1966), Конвенсия оид ба ризоят барои никоз, синну соли бастани никоҳ, Конвенсия оид ба таҳсил, ки барои таъмини имкониятҳои баробар дар соҳаи таҳсилоти занону духтарон замина мегузорад (1960) ва ғайра қабул шудаанд, ки ҳуқуқу озодиҳои занонро дар соҳаҳои гуногун дар арсаи байналмилалӣ ҳифз менамоянд [27, с.12].

Дар солҳои истиқлолият Тоҷикистон ба як идда дастовардҳои муҳим дар соҳаи сиёсати гендерӣ ноил гардид, ки яке аз самтҳои он ҳимояи ҳуқуқу озодиҷони ҷавонзанону духтарон ба ҳисоб меравад. Сиёсати гендерии давлат пайгирона таҷдид назар гардида бо дарназардошти ниёзмандӣ ва талаботи муосир, махсусан ба фаъол гардонидани ҷавонзанону духтарон равона гардидааст.

Марҳилаи сеюми татбиқи сиёсати гендерӣ, ки ҳоло дар кишвар давом дорад, ҳамчун яке аз самтҳои аввалини татбиқи сиёсати гендерӣ дар Тоҷикистон, тағийроти қотеонаи иҷтимоиву иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангиро дар масъалаи фаъолнокии ҷавонзанону духтарон дар назар дошта, тағироти қотеаонаи иҷтимоиву сиёсӣ ва фарҳангиро чи дар низоми аксиологӣ ва арзишҳои нав, ва чӣ дар мубрамсозии масъалаҳои мураккаби иҷтимоии марбут ба татбиқи сиёсати гендерӣ фаро мегирад. Каҷравӣ ва вайронкунии ошкори ҳуқуқи ҷавонзанону духтарон, ки хоси давраҳои аввали татбиқи сиёсати гендерӣ дар Тоҷикистон буданд, ба андозае нарм ва бартараф карда шуда, масоили марбут ба никоҳ ва оиладоршавӣ, муносибатҳои мутақобилаи шахсияти писарону духтарон, ҷавонмардону ҷавонзанон моил ба баробаршавӣ гаштанд. Вазъияти нигаронкунанда, ки хоси ҷомеаи анъанавӣ буда пеши роҳи рушди ҷавонзанону духтаронро мегирифт, [25, с.5] бо муқтадиршавии фактори динӣ, таъсири анъанаҳои ифротӣ ва чоҳилона нисбат ба ҷавондухтарону занон ба андозае танзим ва муосир гардиданд. Таҳлили ҳаматарафа ва объективӣ, арзёбии низоми гендерии Тоҷикистон, тақвияти тамоюлоти мусбати мусоидат намудан ба рушди онҳо, роҳ надоданро ба омилҳои манфӣ ба ҳолати афкори иҷтимоию фалсафии ҷомеаи Тоҷикистон таъсир намуда онро ба ҷониби пешрафт самтдиҳӣ намуд. Омӯзиши амиқ ва мунтазами падидаҳои ҷамъиятӣ, дарк ва андарёфти таҷрибаи таърихӣ дар ҳаллу фасли масъалаҳои гендерӣ, фаҳмиши муҳиммияти таҳқиқи масъалаҳои гендерӣ дар ҷомеаи тоҷик густариш пайдо карда боиси ба худ эътимод кардани ҷавонзанону духтарон, бо таҳсилу кор фаро гирифтани онҳо шуд.

Таҳлили вазъият дар Тоҷикистон дар марҳилаи сеюми татбиқи сиёсати гендерӣ дар даврони истиқлолият нишон медиҳад, ки дар маҷмӯъ масъалаҳои назариявӣ ва методологие, ки бо таҳлил ва арзёбиии масъалаҳои гендерӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ба таври ҷудонашаванда алоқаманд буданд, таҳия карда шуданд. Дар робита ба ин, созмонҳои байналмилалӣ, ба мисли, пеш аз ҳама, созмонҳо ва сохторҳои байналмилалии ҳуқуқӣ доир ба рушди демократия, лоиҳаҳои САҲА, ЮНЕСКО, СММ, Занон ва ғайра дар ҳисоботи ҳарсолаи худ динамикаи масъаларо таъкид карда, мавҷудияти асоси пуриқтидори рушди эҷоди гендериро дар мамлакат, рушди таҳқиқотҳои гендерӣ, ташаккул ва рушди сиёсати гендериро мусбат арзёбӣ намудаанд. Зеро беҳбуди вазъи ҷавонзанону духтаронро натанҳо ҳастии иҷтимоии худи онон, балки динамикаи рушди равандҳои ҷаҳонишавӣ, дар айни замон фаъолноксозӣ ва ҳамгиросозии иҷтимоии ҳамаи қишрҳои ҷомеа, новобаста аз вазъи иҷтимоии онҳо, эътиқодоти сиёсӣ, ҷинс ва мансубияти миллӣ талаб мекунад. Маҳз ҳамгирои устувори иҷтимоӣ, мавҷуд будани ғояи аз ҷиҳати

иҷтимоӣ ҳамгирокунанда дар ҷомеа ва идроки умумии масъулияти шаҳрвандӣ ва иҷтимоии ҳамаи иштироккунандагони равандҳои сиёсӣ метавонад ҳамчун омили муҳим дар роҳи таъмини рушди устувори иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангии ҷомеа баромад кунад [28, с.93].

Тағйири вазъи иҷтимоии мардон ва занон дар фазои гуногуни иҷтимоию фарҳангӣ пайваста дар шароити нав талқин мекунанд, ки заминаҳои мусоид барои ҷойгиркунонии фарқиятҳои ҷинсҳо аз рӯи аҳамияти онҳо, нақши иҷрошавандаи иҷтимоӣ дар тақсимоти иҷтимоию иқтисодии меҳнат ва аҳамият дар ташаккули робитаҳо ва иртиботи ҷамъиятии ҷомеаҳо дар байни ҷавонзанону духтарон ба назар гирифта шавад. Маҳз барои ҳамин мавҷуд будани чунин навъи омилҳои мутафовити иҷтимоию фарҳангӣ боис шуданд, ки муносибатҳои нави иҷтимоие ташаккул ёбанд, ки ҷойгоҳеро дар ҷомеа ва сохтори иҷтимоии онро дар асоси имкониятҳои ҷисмонӣ, вазифаҳои иқисодӣ ва хусусиятҳои физиологии занон ва мардон муайян созанд.

Рушди бемайлони муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, ташаккули назарҳои нав ба зиндагӣ, бозбинии баъзе меъёрҳои иҷтимоию фарҳангӣ дар натиҷаи таъсири мутақобилаи арзишҳо боис шуданд, ки ҷавонзанону духтарон ҷойгоҳ ва таъйиноти худ дар ҷомеа дарк кунад. Онзо вазъи табъизии худро дарк карда, фаҳмиданд, ки бояд дар бораи худ ҳамчун қуввае изҳор кунад, ки дар ҷомеа мақому манзалати худро дошта бояд саҳми худро гузорад. Маҳз дарки вазъи нобаробари худ ба фаъолнокшавии ғаризаи худҳифзкунии иҷтимоӣ ба ҷавонзанону духтарон имкон дод, ки ба фаъолнокшавии мавқеи иҷтимоию рафтории худ, ҳамчун субъекти муносибатҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар ҷомеа мусоидат намояд.

Ҷавонзанону духтарон дар бораи худ ҳамчун дар бораи узви баробарҳуқуқи ҷомеаи инсонӣ паём дода, дар назди ҷомеа масъаларо дар бораи эътирофи таъйиноти аслии худ гузоштанд. Раванди ташаккули сиёсати баробарҳуқуқӣ байни мардон ва занон дар тамаддуни инсонӣ бо муваффақиятҳо ва нобарориҳо, мураккабиҳо ва дастовардҳо тавсиф мeёбад. Вале моҳият ва махсусияти он аз он иборат аст, ки то ҳанӯз ин масъала дар сатҳе, ки ҷавонзанону духтарон орзу доранд, ҳаллу фасли худро наёфтааст.

Нақшҳои гендерӣ, муносибатҳои гендерӣ, табъизи гендерӣ, баробарии гендерӣ, адолати гендерӣ, таҳлили гендерӣ, тавозуни гендерӣ, омори гендерӣ, маблағгузории гендерӣ ба истилоҳҳое мубаддал гардиданд, ки дар сиёсати иҷтимоии давлатҳо ба таври васеъ истифода мешаванд. Баландравии тадриҷии таваҷҷуҳ ба ин масъала аз он гувоҳӣ медиҳад, ки масъалаи мазкур на танҳо ҳамчун масъалаи хусусияти иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт, балки инчунин дар бораи таваҷҷуҳи умумӣ ба он, ҳамчун масъалаи хусусияти сиёсӣ, маънавӣ ва фарҳангидошта

гувоҳӣ медод. Бозхост дар ташаккули биниши умумӣ нисбати нақши ҷавонзанону духтарон дар ҷомеа ва оила, арзёбии имкониятҳо ва нерӯи инсонии зеҳнии онон, муносибати ҷомеаҳо дар масъалаҳои тавсеаи имкониятҳои фазогии онҳо барои амалисозии донишҳо ва нерӯи худ манфиатнокии байналмилалиро дар муайянсозии муносибати мушаххас ба ин масъала ба миён овард. Маҳз мубрамияти масъалаи ҷавонзанону духтарон ба он мусоидат намуд, ки кишварҳо новобаста аз низоми иҷтимоию сиёсии худ, хусусиятҳои меъёрҳои иҷтимоию фарҳангӣ ба зоҳир кардани таваҷҷуҳи махсус ба масъалаҳои таъмини ҳуқуқҳои инсонии ҷавонзанону духтарон шурӯъ намуданд.

Ин шаҳодати он аст, ки ҷомеаҳо ба дарки паёмадҳои идомаи нобаробарии ҷинсҳо оғоз карданд, ки дар таъмини рушди муътадили иҷтимоию иқтисодии кишварҳо инъкос меёфт. Маҳз лаҳзаҳои табъизӣ дар низоми қонунгузории кишварҳо мавҷудбуда ба ҷавонзанону духтарон имкон намедод, то фаъолона ба маҷрои умумии қувваҳои истеҳсолотӣ ворид шаванд, ки дар натиҷа масъалаҳои ҷидии хусусияти иҷтимоию иқтисодӣ доштаро ба миён овард [27].

Муҳаққиқони соҳаи гендер ақида доранд, ки бархилофи ақли солим, олам ба ду ҷинс тақсим мешавад. Дихотомияи ахлоқии ҷинс [3, с.141] тавре қабул карда мешавад, ки он асоси ниҳоии тақсимбандии воқеияти иҷтимоь ба занона ва мардона на танҳо дар соҳаи интишори насл, балки дар соҳаи такрористеҳсолкунии иҷтимоб ва фарҳангӣ мебошад. Дар фаҳмиши оддӣ бошад, ҷинс бо қисмати одам вобаста буда, биноан, дар шарҳи фарҳангии ҷинс, синну сол ва миллат моҳияти биологӣ ва ё мақоми муайяне мавҷуд аст, гарчанде феминистон бо ин ақида розӣ нестанд. Феминистон назарияи марксизмро, ки ҷинсиятро аз табиати инсон бароварда нобаробарии ҷинсиро зимнан мустақар менамоянд, танқид карда бошанд ҳам, таъкид кардаанд, ки бо пешниҳоди назарияи синфият, ба ҷанбаи иҷтимоии гендер диққат намуданд. Ин нуктаро Э.Дюркгейм бо тақсимоти иҷтимоии меҳнат ва рушди тамаддунҳо марбут карда, мегуяд, ки яке аз ҷинсҳо султони вазифаҳои отифа ва дигаре вазифаҳои ақлониро соҳиб гардид [21, с.61].

Сиёсати иҷтимоии давлат ва ҳукумати Тоҷикистон, ки ҳамчун фаъолияти давлат/ҷомеа бо мақсади мувофиқаткунии манфиатҳои гурӯҳии мухталифи иҷтимоӣ аз тариқи азнавтақисмкунии захираҳои ҷомеа дарк карда мешавад, шакли универсалии таъсирот ба соҳаи иҷтимоӣ ва/ё муносибатҳои иҷтимоӣ дар ҷомеа буд ва мебошад. Дар ҳамин асос, маҳз таъмини ҳуқуқҳо ва имкониятҳои баробари занон ва мардон ба сифати омили муҳимми муайянсозии муносибатҳои иҷтимоӣ дар ҷомеа хизмат мекунад. Маҳз дар ҳамин асос равандҳои сиёсӣ метавонанд ба таври

такомулӣ ё инқилобӣ рушд ёбанд. Динамикӣ будани равандҳои иҷтимоӣ то дараҷаи зиёд аз хусусияти муносибатҳои мавҷудаи иҷтимоӣ дар ҷомеа вобаста аст. Бинобар ин, дар баробари омилҳои дигар, ба масъалаи баробарии ҷинсҳо, имкониятҳои баробар низ бояд таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шавад.

Ҳамин тавр таҳти ҷанбаҳои гендерии сиёсати иҷтимоӣ аксар вақт муносибатеро мефаҳманд, ки дар амалияҳои зиддитабъизии сиёсӣ нисбати ҷавонзанон, ё ки муносибате фаҳмида мешавад, ки вазъи занону духтаронро дар чаҳорчӯби сиёсати оилавӣ мавриди таҳлил қарор медиҳад. Ин маънои онро дорад, ки таҳти муносибати гендерӣ дар сиёсати иҷтимоӣ асосан таҳлили қарорҳои амалияи сиёсӣ ва паёмадҳои қабули онҳо барои гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоии занон бо фарзандони ноболиғ фаҳмида мешавад. Вале мафҳуми “гендер” ченаки бунёдии муносибатҳои иҷтимоӣ ба мисли синну сол, миллат, мансубияти синфӣ ва ғ. мавҷуд будани ба ҳадди ақал ду гендер – мардона ва занонаро тақозо менамояд. Маҳз ҳамин омил ташаккули истилоҳи сиёсати гендерӣ – меҳвари сиёсати иҷтимоиро муайян сохт.

Баробарии аслии ҳуқуқу озодиҳоро танҳо дар асоси эътирофи арзиши ҳар як шахсият, эҷоди шароити устувор барои худрушддиҳии зеҳнии инсон, татбиқи комилтари нерӯи созанда ва қобилиятҳои эҷодӣ, ошкор кардану истифодабарии ҳамаҷонибаи қувваву истеъдодҳои моҳиятӣ имкон медиҳад, то саҳми пурарзиши ҳар як нафар ба рушди ҷомеа таъмин карда шавад.

**Адабиёт:**

1. Раҳмон Э. Таджики в зеркале истории. Первая книга: от арийцев до Саманидов. [Текст] / Э. Рахмон. – Душанбе - Лондон, 1999.
2. Раҳмон Э. Уфуқҳои Истиқлол. [Матн]/Э. Рахмон. – Душанбе: Эр-граф, 2018.
3. Рахмон Э. О современном мире и основных аспектах внешней политики Республики Таджикистан. [Текст]/Э. Рахмон. – Душанбе: Контраст, 2019. –222 с.
4. Рахмон Э. Молодежь будущее суверенного Таджикистана. [Текст] / Э. Рахмон. – Душанбе: Сарпараст, 1997.
5. Рахмон Э. Молодежь будущее нации. [Текст]/Э.Рахмон. – Душанбе: Ирфон, 1997.
6. Рахмон Э. Тоҷикистон: чаҳор соли истиқлолият ва худшиносӣ/ Э.Раҳмонов. - Душанбе: Ирфон, 1995. - 208 с.
7. [Текст] / Э. Рахмон. - Душанбе: Ирфон, 2006-2010.
8. Раҳмонов Э. Тоҷикистон: чаҳор соли истиқлолият ва худшиносӣ/ Э.Раҳмонов. - Душанбе: Ирфон, 1995. - 208 с.

9. Абдуллозода А.Р. Пешвои миллат бо ҷавонон/А.Р.Абдуллозода, Д.А.Миралиён. -Душанбе, 2018. - 416 с.

10. Абдуллоҳ.Р. Дидгоҳи давлатмеҳвар/Абдуллоҳ Р.-[Матн] Душанбе, Эр-Граф, 2021. -.248 с. –с. 36.

11. Авласович Е.М. Потребительство как основной мотив жизнедеятельности современной молодежи//Электронный научно-методический журнал Омского ГАУ, 2019. Вып. №6.

12. Айвазова С.Г. Русские женщины в лабиринте равноправия. М.,1998.-408с. –с. 54.

13. Аристотель. Политика. -в 4 т. М, 1983. Т. 4. С. 383.

14. Асадуллоев Р.Н. Молодежь в процессе демократизации общественной жизни страны (на материалах Таджикистана). [Текст] /Р.Н. Асадуллоев. - Душанбе: Сарпараст, 2004. - 143 с.

15. Ашуров С. Основной молодежный закон Таджикистана: состояние и перспективы его реализации [Текст] /С. Ашуров. -Душанбе: Статус, 2002. -64 с.

16. Ашуров С. Государственная молодежная политика Таджикистана: состояние и перспективы. [Текст] /С.Ашуров. - Душанбе: Статус, 2002. - 236 с.

17. Гендерная политика в Республике Таджикистан, Март 2023г. -53с. – С.12.

18. Гидденс Э. Социология. – М.: Эдиториал УРСС, 1999. – 704 с.-С. 164.

19. Гриценко Ж.М. Студенческое самоуправление: состояние, проблемы, перспективы [Текст] /Ж.М. Гриценко, Д.Г. Ротман, Л.А. Соглаева. - Минск: Университетское, 1988. - 61 с.

20. Данилин П. Новая молодежная политика [Текст] / П.Данилин. –М., 2006. – 292 с.

21. Дюркгейм Э. О разделении общественного труда//Дюркгейм Э.О. О разделении общественного труда. Метод социологии. М., Наука. 1991. 390с. -С. 61.

22. Лисовский В.Т. Социология молодежи. СПб: Изд-во С.-Петербургского университета, 1996. - С.27 .

23. Маҳмадҷонова М. Ташаббусҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сароғози ташаккули ҳувияти тоҷик// Ваҳдат, Давлат, Президент. Ҷилди XXIX. -Душанбе: Истеъдод. 2018. - С. 167 -177.

24. Миралиев К.А. Государственная молодежная политика. [Текст] / К.Миралиев. - Душанбе: Хадамот, 2003. -27с.

25. Касымова С. Гендерная система в контексте изменений таджикистанского общества. Автореф. к.н., Душанбе, 2004. С. 5.

26. Миралиев К.А. Развитие молодёжной политики в Таджикистане па рубеже XXI века. [Текст] /К.Миралиев. - Душанбе: Шуджоиен, 2010,- 225 с.

27. Саҳми занон дар рушди илм. 2022. Душанбе, 2023. -232 с.

28. Содикзода Х. Современное состояние гендерной политики в Таджикистане: достижения и перспективы.//Вопросы политологии. Вып.1(25). 2017. –с.88.

29. Содиқова Н. Таҷрибаи сулҳофарии Пешвои миллат ифтихори миллати тоҷик// Ваҳдат, Давлат, Президент.Ҷилди XXIX. -Душанбе: Истеъдод. 2018.- С. 178 -182.

30. Усмонова З. Антропология гендера в Таджикистане:взгляд изнутри. Душанбе, 2024. - 247 с. –с. 141.

31. Юнусова Н. Женщина. Семья. Воспитание. Душанбе,М.-Реал. 2013. – 344 с. – с.34.

## РОЛЬ ЖЕНЩИН В РЕАЛИЗАЦИИ ГОСУДАРСТВЕННОЙ МОЛОДЁЖНОЙ ПОЛИТИКИ В ТАДЖИКИСТАНЕ

**ХИДИРЗОДА МАХФИРАТ УМАР**,
доктор философских наук, профессор, член Центральной избирательно-референдумной комиссии Республики Таджикистан
734025, Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 42;
тел.: (+992) 918-63-97-54; e-mail: makfirat@mail.ru

**АБДУСАЛОМЗОДА МУНАВВАР АЛИАКБАР,**
соискатель Института философии, политологии имени А. Баховаддинова НАНТ
734025, Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 33;
тел.: (+992) 937-44-55-50, email: abdusalomzodam80@mail.ru

*Настоящая статья посвящена исследованию роли и места женщин и девушек в реализации государственной молодежной политики в Республике Таджикистан. В центре анализа находятся вопросы гендерных отношений, социального и политического участия женщин, а также государственные механизмы поддержки данной социальной группы. Автор рассматривает исторические, социальные, политические и культурные факторы, влияющие на формирование и эволюцию положения женщин в обществе. На основе теоретических исследований, национальных нормативно-правовых актов и международных документов показано, что гендерная политика в Таджикистане, являясь важной составной частью социальной и молодежной государственной политики, последовательно*

*совершенствуется, формируя правовые и институциональные условия для расширения возможностей молодых женщин и девушек.*

*В статье анализируются участие женщин в политической, социальной, экономической и культурной жизни, а также проблемы, связанные с устойчивыми социальными стереотипами, культурными ограничениями и гендерным неравенством. Подчеркивается, что активное участие женщин в общественной жизни выступает важным фактором устойчивого развития общества, укрепления демократических ценностей и повышения эффективности социальной политики государства. Автор приходит к выводу, что повышение правовой культуры, расширение доступа к образованию, развитие профессионального потенциала и активное вовлечение женщин в социальное и политическое управление являются важнейшими направлениями совершенствования государственной молодежной политики Республики Таджикистан.*

***Ключевые слова:*** *государственная молодежная политика, женщины, девушки, гендерная политика, гендерные отношения, гендерное равенство, права женщин, политическое участие, социальное развитие, гражданское общество, равные возможности, Таджикистан.*

## THE ROLE OF WOMEN IN THE IMPLEMENTATION OF STATE YOUTH POLICY IN TAJIKISTAN

**KHIDIRZODA MAKHFIRAT UMAR,**
Professor, Member of the Central Electoral and Referendum Commission of the Republic of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue 42.
phone.: (+992) 918-63-97-54; e-mail: makfirat@mail.ru

**ABDUSALOMZODA MUNAVVAR ALIAKBAR**
Research Degree Applicant of the A. Bahovaddinov Institute of philosophy, political science and law of the NAST
734025, Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 33
phone.: (+992) 937-44-55-50, email: abdusalomzodam80@mail.ru

*This article examines the role and position of young women and girls in the implementation of state youth policy in the Republic of Tajikistan. The study focuses on gender relations, social and political participation of young women, as well as state mechanisms aimed at supporting this social group. The author analyzes historical, social, political, and cultural factors influencing the formation and transformation of women's status in society. Based on theoretical*

*studies, national legal frameworks, and international normative documents, the article demonstrates that gender policy in Tajikistan, as an important component of social and state youth policy, has been consistently improving, creating legal and institutional conditions for expanding opportunities for young women and girls.*

*The article examines the participation of young women in political, social, economic, and cultural life, along with challenges related to persistent social stereotypes, cultural constraints, and gender inequality. It is emphasized that active participation of young women in public life serves as an important factor for sustainable social development, strengthening democratic values, and enhancing the effectiveness of state social policy. The study concludes that improving legal awareness, expanding access to education, developing professional capacities, and increasing the involvement of young women in social and political governance are among the key directions for improving state youth policy in the Republic of Tajikistan.*

**Keywords:** *state youth policy, young women, girls, gender policy, gender relations, gender equality, women's rights, political participation, social development, civil society, equal opportunities, Tajikistan.*

**УДК: 327.56**

# БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ ТАНЗИМИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ НИЗОЪҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА ҶАНГҲОИ ГИБРИДӢ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

**АБИЛОВ СОБИРҶОН АБДУРАҲИМОВИЧ,**
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони факултаи фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17;
тел.: (+992) 55-55-11-418; e-mail: sobir_abilov@bk.ru

*Дар мақола низоъҳои байналмилалӣ ва шаклҳои зоҳиршавии онҳо дар шароити муосир ҳамаҷониба таҳлил гардидааст. Нишон додани хусусиятҳои трансформатсионии муқовиматҳои глобалӣ ва муайян кардани омилҳои асосии ташаккули шаклҳои нави низоъҳои байналмилалӣ мақсади таҳқиқотро ташкил медиҳад. Дар таҳқиқот нишон дода мешавад, ки низоъҳои муосир аз модели анъанавии ҷангҳои байнидавлатӣ ба шаклҳои мураккаби гибридӣ табдил ёфта, омезиши воситаҳои низомӣ, киберӣ, иқтисодӣ ва иттилоотиро дар бар мегиранд. Таъкид мегардад, ки чунин таҳаввулот сарҳади байни ҷангу сулҳро норавшан намуда, хусусияти асимметрӣ ва бисёрсатҳаи муқовиматҳоро тақвият медиҳад. Дар асоси таҳлили таърихӣ ва муқоисавӣ эволютсияи низоъҳо, аз ҷангҳои классикии асри XX то низоъҳои гибридии асри XXI, баррасӣ гардида, нақши омилҳои технологӣ, геоиқтисодӣ ва иттилоотӣ дар тағйирёбии табиати муқовиматҳо муайян карда мешавад. Мақола мазкур нишон медиҳад, ки ҷангҳои киберӣ, муқовиматҳои иттилоотӣ ва ҷангҳои тиҷоратӣ ба унсурҳои калидии рақобати геополитикӣ табдил ёфта, имконияти таъсиррасонии ғайримустақим ба рақибонро фароҳам месозанд. Ҳамзамон, нақши субъектҳои ғайридавлатӣ ва механизмҳои асимметрии таъсиррасонӣ ҳамчун унсури муҳимми низоъҳои муосир таъкид мегардад.*

***Калидвожаҳо:*** *низоъҳои байналмилалӣ, ҷангҳои гибридӣ, амнияти байналмилалӣ, ҷангҳои киберӣ, муқовимати иттилоотӣ, ҷангҳои тиҷоратӣ, геополитика, ҳуқуқи байналмилалӣ, таҳдидҳои асимметрӣ, глобализатсия.*

Низоми муносибатҳои байналмилалии замони муосир хусусияти низоъҳои имрӯзаро ба таври куллӣ тағйир додааст. Дар ин раванд мушоҳида намудан мумкин аст, ки ҷангҳои классикии байнидавлатӣ ва эълони расмии амалиёти ҷангӣ ҷойи худро ба муқовиматҳои гибридии бисёрсатҳа медиҳанд. Дар чунин низоъҳо, дар баробари амалиёти низомӣ инчунин, ҳамлаҳои киберӣ ба инфрасохтори муҳим, маъракаҳои

мақсадноки дезинформатсионӣ, фишори иқтисодӣ ва ҷорӣ намудани таҳримҳо амалӣ карда мешаванд. Мисоли равшани ин гуфтаҳо низоъҳои имрӯза аст, ки дар он дар баробари амалиёти анъанавии низомӣ, инчунин, ҳамлаҳои хакерӣ ба системаҳои энергетикӣ ва бахши бонкӣ низ ба назар мерасад. Чунин тағйироти сохторӣ сарҳади байни ҷангу сулҳро норавшан мекунад ва барои амнияти ҷаҳонӣ мушкилоти нав эҷод менамояд. Пайдоиши шаклҳои нави низоъ зери таъсири пешрафти технологӣ, ҷаҳонишавии робитаҳои иқтисодӣ ва тағйирёбии таносуби қувваҳо дар ҷомеаи иттилоотӣ ба амал меояд. Дар ҳоле ки дар асри бист бархӯрди артишҳои баробарвазн (ба монанди ду ҷанги ҷаҳонӣ) ҳукмрон буд, имрӯз давлатҳо ба усулҳои ғайримустақими таъсиррасонӣ афзалияти бештар медиҳанд. Чунин стратегия ба онҳо имкон медиҳад, ки аз масъулияти мустақим канорагирӣ кунанд. Ҷангҳои тиҷоратии байни ИМА ва Чин дар шакли ҷорӣ кардани монеаҳои тарифӣ ва маҳдуд намудани интиқоли технология нишон медиҳанд, ки чи гуна воситаҳои иқтисодӣ ба силоҳи рақобати геополитикӣ табдил меёбанд. Чунин тамоюлҳо тақозо мекунанд, ки моделҳои назариявии анъанавӣ дар омӯзиши муносибатҳои байналмилалӣ аз нав дида баромада шаванд.

Дар ҳуқуқи байналмилалии муосир «низои мусаллаҳона ҳамчун ҳолати ҷанг ё низое фаҳмида мешавад, ки аз рӯйи хусусият ё миқёси худ метавонад ба амали шартномаҳои байни давлатҳои иштирокчии низои мусаллаҳона ё байни давлатҳои иштирокчии ин низоъ ва давлатҳои сеюм, новобаста аз эълони расмии ҷанг ё дигар эълон аз ҷониби ягон тараф ё ҳамаи тарафҳои низои мусаллаҳона, таъсир расонад» [6, 57]. Аз нигоҳи таърихӣ, чунин расмикунонӣ ба муқаррар кардани қоидаҳои ягонаи ҳамкорӣ байни ҷонибҳои низоъ ва ҷонибҳои бетараф мусоидат кардааст. Ҳамин тариқ, низои байнидавлатӣ мавҷудияти ду ё зиёда субъектҳои соҳибихтиёри ҳуқуқи байналмилалиро ҳамчун иштирокчиёни асосии низоъ пешбинӣ мекунад. Ин таъриф ҷангҳои классикиро аз низоъҳои дохилӣ ё амалкардҳои мустамликавӣ, ки дар онҳо мақоми тарафҳо метавонад нобаробар бошад, фарқ мекунад. Дар шароити ба амал омадани ҷангҳои классикӣ эълони расмии ҷанг заминаҳои ҳуқуқиро барои истифодаи қувваи низомӣ фароҳам оварда, меъёрҳои дахлдори ҳуқуқи байналмилалии башардӯстонаро фаъол месозад. Ин равиш принсипи мақоми баробари ҳуқуқиро барои давлатҳои иштироккунандаи низоъ, новобаста аз сохтори сиёсӣ ё иқтидори низомии онҳо, муқаррар мекунад.

Дар раванди ба амал омадани низоъҳои анъанавии байнидавлатӣ сарҳади муқовиматҳо ба таври возеҳ муайян шудаанд ва истифодаи қувваҳои мусаллаҳи муқаррарӣ ба таври ошкоро роҳандозӣ мешавад. Амалиёти ҷангӣ асосан дар минтақаҳои марзӣ ё минтақаҳои муҳимми

стратегӣ рӯй медиҳанд ва маҳалли ҷойгиршавии низоъҳо муайян буданд. Тавре дар қарори Додгоҳи байналмилалии ҷиноӣ барои собиқ Югославия дар парвандаи Тадич қайд шудааст, низои мусаллаҳона «истифодаи қувваҳои мусаллаҳ байни давлатҳо ё амалҳои мусаллаҳонаи зӯроварӣ дар муддати тулонӣ байни мақомоти давлатӣ ва гурӯҳҳои мусаллаҳи муташаккилро дар бар мегирад» [17, 12-16]. Чунин ҳолат хусусияти институтсионалии ҷанги классикиро нишон медиҳад. Дар рафти ба амал омадани низоъҳои байнидавлатӣ ба ҳудуди амалиёти низомӣ диққати бештар дода мешуд. Зеро таслим кардан, ё зери итоати худ нигоҳ доштани минтақаҳои ҷуғрофӣ, ҳамчун воситаи асосии ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсӣ, маҳсуб меёфтанд. Артиши ҷонибҳои низоъ мувофиқи доктринаҳои муқарраршуда амал мекарданд ва доктринаи онҳо, чун анъана, нобуд кардани неруҳои мусаллаҳи душман ва назорати инфрасохтори онҳоро пешбинӣ мекарданд. Чунин модели ҷанг пешгӯйишавандагии рушди низоъ ва имконияти ҳалли дипломатии мунокишаҳоро таъмин мекард.

Танзими ҳуқуқии ҷангҳои классикӣ тавассути системаи шартномаҳои бисёрҷониба амалӣ карда мешуд, ки дар байни онҳо Конвенсияҳои Гаага (солҳои 1899-1907) ва Конвенсияҳои Женева (соли 1949) аҳаммияти хосса доштанд. Ҳуҷҷатҳои мазкур қоидаҳои умумии анҷом додани амалиёти ҷангӣ, ҳифзи шаҳрвандон ва муносибат бо асиронро муқаррар кардаанд. Дар қатъномаи дуюм тахти унвони «Дар бораи оқибатҳои низоъҳои мусаллаҳона барои шартномаҳои байналмилалӣ», ки соли 1985 аз ҷониби Институти ҳуқуқи байналмилалӣ қабул шуда буд, принсипи таъсири амалиёти низомӣ ба муносибатҳои шартномавии байни давлатҳо муқаррар карда шуд [9, 133]. Ин равиш барои пешгӯйишаванда гардонидани оқибатҳои ҳуқуқии низоъҳои мусаллаҳона заминаи мусоид фароҳам овард. Меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалии давраи классикӣ тафовути ҷанг ва сулҳро ба таври возеҳ муқаррар карда, муайян кардани тарафҳои низоъ ва уҳдадориҳои онҳоро хеле осон намуда буданд. Конвенсияҳои Гаага усулҳои ҷангро танзим карда, истифодаи баъзе силоҳ ва тактикаҳоро манъ менамуданд. Конвенсияҳои Женева ба ҳифзи қурбониёни низоъҳои мусаллаҳона ва муқаррар кардани меъёрҳои умумии башардӯстона нигаронида шуда буданд. Чунин равиш заминаи ҳуқуқиеро эҷод карда буд, ки афзоиши зӯровариро маҳдуд мекард ва ба ҳалли масъалаҳои баъдиҷангӣ мусоидат менамуд.

Таҳлили заминаҳои таърихии низоъҳои байнидавлатии асри бисти милодӣ тамоюли доимии афзоиши иқтидори харобиовар ва миқёси ҷалби захираҳоро нишон медиҳад. Дар ҳар як низои баъдӣ усулҳои мураккабтари сафарбаркунӣ ва фарогирии васеътари соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ ба мушоҳида мерасад. Дар асоси мушоҳидаҳои мазкур зарурати мутобиқсозии

доимии механизмҳои пешгирии ҷангро асоснок кардан мумкин аст. Ба андешаи олимони соҳа, «дар шароити муосир, ки равандҳои ҷаҳонишавӣ авҷ гирифта истодаанд, сарфи назар аз буҳрон ва низоъҳои байналмилалӣ, давлатҳо ба таври афзоянда ба ҳам алоқаманд ва вобаста мегарданд. Дигаргуншавии сиёсати муосири ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар байни ҳуқуқи байналмилалӣ ва ниёзҳои танзими ҳуқуқии низоъҳои байналмилалӣ фосилаи зиёд ба вуҷуд омдааст» [9,133]. Чунин ҳолат зарурати таҳияи механизмҳои нави ҳуқуқӣ ва институтсионалиро тақозо мекунад, то ки идоракунии низоъҳои муосири байналмилалӣ имконпазир гардад.

Яке аз шаклҳои хеле мураккаби низоъҳои байналмилалӣ ҷангҳои гибридӣ (омехта) мебошанд. Ҷангҳои гибридӣ дар натиҷаи омезиши амалиёти анъанавии низомӣ бо усулҳои ғайримуқаррарии таъсиррасонӣ ташаккул ёфтааст. Аз ин рӯ, онҳоро ҷангҳои омехта номидан мумкин аст. Ҷангҳои гибридӣ истифодаи мустақими қувваҳои ҳарбӣ дар якҷоягӣ бо маъракаҳои иттилоотӣ, фишори иқтисодӣ ва дастгирии неруҳои номунтазам амалкунандаро тақозо менамоянд [18]. Ин падида омезиши воситаҳои таъсиррасонии давлатӣ ва ғайридавлатиро дар бар мегирад. Чунин равиш ба ҷониби таҷовузгар имкон медиҳад, ки иштироки худро дар низоъ рад намояд. Стратегияҳои муосири гибридӣ марзҳои байни ҷангу сулҳро норавшан намуда, муайян кардану ба онҳо муқовимат намуданро душвор мегардонанд. Бо ҳам омезиш додану алоқаманд намудани ҳамлаҳои киберӣ, маъракаҳои таблиғотӣ ва таҳримҳои иқтисодӣ сабабгори пайдоиши таҳдидҳои мураккаб гардида, амнияти миллиро халалдор месозад. Чунин таъсиррасонии чандқабата барои коҳиш додани устувории ниҳодҳои давлатии рақиб равона шудааст. Тавре коршиносони соҳа қайд мекунанд, усулҳои гибридӣ имкон медиҳанд, ки ба ҳадафҳои стратегӣ бидуни эълони расмии ҷанг ноил шаванд [1].

Сиёсатшиносони ватанӣ М.Хидирзода ва А.Комилбек дар таҳқиқоти худ ишора менамоянд, ки ҳамзамон бо ин, мафҳумҳои «киберфазо», «муҳити киберӣ», «хавфҳои киберӣ», «амнияти киберӣ», «ҷиноятҳои киберӣ», «ҳуҷумҳои киберӣ» ва ғайра низ дар робита ба равандҳои гуногуни ҷаҳони муосир мавриди истифода қарор гирифта истодаанд [21, с.64]. Ин беҳуда нест. Масалан, таҳдидҳои муосири киберӣ аз рӯйи ҳадафҳои худ, аз ҷумла системаҳои энергетикӣ, шабакаҳои нақлиётӣ ва муассисаҳои молиявӣ гурӯҳбандӣ карда мешаванд. Ин бахшҳо барои ҳамлагарон аз сабаби нақши калидии онҳо дар фаъолияти давлатҳо аҳаммияти стратегӣ доранд. Ҳамлаҳо ба инфрасохтори энергетикӣ метавонанд таъмини барқи тамоми минтақаро фалаҷ кунанд, ки ин ҳолатро ҳодисаҳои даҳсолаи охир тасдиқ менамояд. Осебпазирии системаҳои мазкур аз сатҳи баланди автоматикунонӣ ва ҳамгироии онҳо ба шабакаҳои

ҷаҳонӣ бармеояд. Марказҳои нақлиётӣ ва системаҳои логистикӣ бо мақсади халалдор кардани ҷараёни боркашонӣ ва мусофиркашонӣ мавриди ҳамлаҳои киберӣ қарор дода мешаванд. Бахши молиявӣ мавриди ҳамлаҳое қарор мегирад, ки ба дуздӣ, манипулятсияи бозор ва коҳиш додани эътимод ба муассисаҳои бонкӣ нигаронида шудаанд. Амалиёти ҳамоҳангшуда бар зидди якчанд ҳадаф ҳамзамон хатари махсусро ба вуҷуд меорад ва таъсири маҷмуиро (гибридиро) афзоиш медиҳад. Чунин таснифот имкон медиҳад, ки ба ҳифзу ҳимояи объектҳои муҳим афзалияти бештар дода шавад.

Яке аз унсурҳои дигари низоъҳои гибридӣ ҷангҳои тиҷоратӣ мебошанд. Низоъҳои тиҷоратии муосир тавассути омезиш додани як қатор чораҳо, аз ҷумла, монеаҳои тарифӣ, квотаҳои воридотӣ ва монеаҳои ғайритарифӣ амалӣ карда мешаванд. Воситаҳои тарифӣ, ба монанди зиёд кардани боҷҳо барои гурӯҳҳои муайяни маҳсулот, усули маъмултарини ҳифзи бозорҳои дохилӣ боқӣ мемонанд. Монеаҳои ғайритарифӣ, аз ҷумла стандартҳои техникӣ ва қоидаҳои санитарӣ, монеаҳои пинҳониро барои тиҷорати озод эҷод мекунанд. Чунин тадбирҳо аксар вақт бо принсипҳои Созмони ҷаҳонии савдо, ки либерализатсияи тадриҷии тиҷорати ҷаҳониро пешбинӣ мекунанд, мухолифат дорад. Заминаҳои ҳуқуқии Созмони ҷаҳонии савдо тартиботи ҳалли баҳсҳоро муқаррар мекунад, аммо самаранокии онҳо дар шароити афзоиши низоъҳои тиҷоратӣ маҳдуд аст. Масалан, таҳримҳои иқтисодие, ки аз доираи созишномаҳои бисёрҷониба берун мераванд, ба воситаи фишори яктарафа табдил меёбанд. Истифодаи боҷҳои ҷубронӣ ва чораҳои зиддидемпингӣ аксар вақт ҳамчун баҳонаи сиёсати протексионистӣ истифода мешавад. Ин боиси вайрон гардидани принсипи моддаи якуми «Созишномаи генералӣ доир ба тарифҳо ва тиҷорат» мегардад [2].

Ҳадафҳои иқтисодии ҷангҳои тиҷоратӣ ҳифзи соҳаҳои стратегӣ ва аз нав тақсим кардани занҷираҳои тиҷорати ҷаҳонӣ мебошанд. Давлатҳо кӯшиш мекунанд, ки истеҳсоли молҳои муҳимро маҳаллӣ гардонанд ва вобастагиро аз таъминкунандагони хориҷӣ коҳиш диҳанд. Сиёсати ивазкунии воридот бо тадбирҳое алоқаманд карда мешавад, ки барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар бахшҳои афзалиятноки иқтисодӣ нигаронида шудааст. Амалҳои мазкур барои тақвияти мавқеи рақобатпазири ширкатҳои миллӣ дар бозорҳои ҷаҳонӣ равона карда шудаанд. «Ҳадафҳои иқтисодӣ ва сиёсии ҷангҳои тиҷоратӣ аз инҳо иборат мебошанд: ҳифзи бозорҳои дохилӣ, аз нав тақсим кардани занҷираҳои тиҷорати ҷаҳонӣ ва маҷбуран тағйир додани самти сиёсӣ» [14, 39]. Истифодаи маҳдудиятҳои тиҷоратӣ барои тағйир додани рафтори кишварҳои шарик зоҳир мешавад. Фишори иқтисодӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсати хориҷӣ бидуни муроҷиат ба қувваи низомӣ истифода бурда мешавад. Чунин таҷриба

сарҳади байни рақобати иқтисодӣ ва муқовимати геополитикиро норавшан мекунад. Яъне, рақобати иқтисодӣ бештар ба муқовимати геополитикӣ шабоҳат пайдо менамояд.

Муқовимати тиҷоратии ИМА ва Чин нишон медиҳад, ки онҳо чи гуна тарифҳоро барои тағйир додани шароити дастрасӣ ба бозор ва ҳифзи соҳибихтиёрии технологии худ истифода мебаранд. Ҷорӣ кардани боҷҳои иловагӣ ба молҳои чинӣ дар солҳои 2018–2019 барои коҳиш додани касри тиҷорат ва боздоштани интиқоли моликияти зеҳнӣ равона шуда буд. Тадбирҳои ҷавобии Чин маҳдудиятҳо ба воридоти маҳсулоти кишоварзӣ ва филизоти нодирро дар бар мегирифтанд [11]. Чунин ҳолат бори дигар нишон медиҳад, ки чи гуна рақобати иқтисодӣ ба василаи боздорандаи стратегӣ табдил дода мешавад. Таҳримҳои иқтисодии Иттиҳоди Аврупо нисбат ба  Федератсияи Русия пас аз соли 2014 нишон медиҳад, ки чи гуна маҳдудиятҳои тиҷоратӣ ҳамчун воситаи фишори сиёсӣ истифода бурда мешаванд. Маҳдуд намудани дастрасии ширкатҳои Русия ба бозорҳои молиявӣ ва технологӣ барои тағйир додани сиёсати хориҷии ин кишвар равона шуда буданд [12].

Меъёрҳои анъанавии ҳуқуқи байналмилалӣ, ки дар давраи ҷангҳои классикии байнидавлатӣ таҳия шудаанд, хусусияти мураккаби таҳдидҳои гибридии муосирро дар бар намегиранд. Зеро таҳдидҳои замони муосир зуҳуроте мебошанд, ки дар онҳо усулҳои таъсиррасонии низомӣ, иқтисодӣ ва иттилоотӣ муттаҳид карда шудаанд ва аз ин рӯ, моҳияти онҳо дар таркиби таърифҳои ҳуқуқии низоъҳои мусаллаҳона ба мушоҳида намерасанд. Ба андешаи  пажуҳишгар В.Муродова, раванди дигаргуншавии сиёсати муосири ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки «дар байни ҳуқуқи байналмилалӣ ва зарурати танзими ҳуқуқии низоъҳои байналмилалӣ фосилаи таҳдидкунанда вуҷуд дорад» [9,136].

Номукаммалии системаҳои ҳуқуқӣ дар мавриди таснифи муносиби амалиёти гибридӣ боиси норасоии чораҳои муассири муқовимат мегардад. Бо ҳам омехта кардану якҷоя истифода бурдани ҳамлаҳои киберӣ, фишори иқтисодӣ ва маъракаҳои иттилоотӣ тибқи Оинномаи СММ ба меъёрҳои анъанавии таҷовуз дохил намешавад. Ин ба давлатҳои ташаббускор имкон медиҳад, ки аз масъулияти ҳуқуқии байналмилалӣ барои амалҳои худ канорагирӣ кунанд. Вазъ бо он далел мураккабтар мешавад, ки ҷузъҳои алоҳидаи амалиёти гибридӣ метавонанд зоҳиран ба қонунҳои байналмилалӣ мувофиқат кунанд.

Ниҳодҳои байналмилалӣ бинобар сабаби маҳдудиятҳои расмӣ, дар посух ба таҳдидҳои гибридӣ нотавонии системавии худро нишон медиҳанд. Дахолати норавшан ва механизмҳои мураккаби қабули қарорҳо монеи муқовимати саривақтӣ ба шаклҳои омехтаи таҷовуз мегарданд. Сохторҳои

мавҷудаи амниятӣ, ки дар давраи ҷангҳои анъанавӣ таъсис ёфтаанд, ба раванди тағйирпазирии низоъҳои гибридии муосир мутобиқ карда нашудаанд. Ин ҳолат боиси ба таъхир фтодани вокунишҳо ва коҳиш ёфтани самаранокии чораҳои байналмилалӣ гардидааст. Ба андешаи олимони соҳа, «дар марҳалаи кунунии таҳияи механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи давлатҳо, ки аз ҷониби СММ пеш бурда мешавад, самти таъмини волоияти қонун дар фазои киберӣ бо мушкилоти сершуморе, ки дар ин соҳа ба миён меоянд, мувофиқат намекунад. Инро ҳам шумораи ками қарорҳое, ки ба танзими рафтори давлатҳо дар муҳити виртуалӣ бахшида шудаанд ва ҳам набудани уҳдадорӣ барои ҷорӣ кардани чунин қоидаҳо тасдиқ мекунанд» [7, 57]. Дар байни ҳамаи таҳдидҳое, ки ба амнияти киберии ҷаҳонӣ таъсиргузорӣ мекунад, истифодаи ғайриқонунии неруи киберӣ мавқеи марказиро ишғол менамояд. Азбаски мафҳуми «неруи киберӣ»-ро тибқи Оинномаи СММ ба категорияи неру дохил кардан мумкин нест, асоснок аст, ки чунин истифода наметавонад қисми 4-уми моддаи 2-умро вайрон кунад. Аммо пешниҳод менамоем, ки чунин истифода ҳамчун вайрон кардани принсипи дахолат накардан ба корҳои дохилии дигар давлатҳо баррасӣ карда шавад. Ноустувории институтсионалӣ ва набудани иродаи сиёсӣ дар байни кишварҳои узви СММ монеи таҳияи санадҳои муносиби ҳуқуқӣ мегарданд. Дар натиҷа, холигии ҳуқуқӣ дар танзими таҳдидҳои гибридӣ боқӣ мемонад ва хатари шиддат гирифтани низоъҳои муосирро афзоиш медиҳад.

Ҷангҳои киберӣ бо дараҷаи баланди номуайянии худ амалӣ карда мешаванд. Чунин вазъ барои татбиқи принсипҳои масъулияти ҳуқуқии байналмилалӣ мушкилоти ҷиддӣ ба вуҷуд меорад. Имкониятҳои техникӣ барои пинҳон кардани суроғаҳои интернетӣ ва истифодаи серверҳои тақаллубӣ ба таҷовузгарон имкон медиҳанд, ки ҳувияти худро пинҳон доранд. Чунин хусусияти фазои киберӣ муайян кардани давлатҳоеро, ки ҳамлаҳоро оғоз мекунанд, душвор мегардонад ва механизмҳои асосии танзими ҳуқуқиро халалдор менамояд. Чаро? Ба ин савол олимони ватанӣ чунин посух додаанд: «Аввал ин, ки айни замон киберфазо шумораи хеле зиёди одамонро муттаҳид намудааст, ки тахминан зиёда аз 5 млрд. нафарро ташкил медиҳад. Дуюм ин, ки амалҳои номаълум хоси киберфазо мебошад, ки нуфузи шабакаи интернетро дар миёни истифодабарандогонаш боз ҳам боло мебарад. Сеюм ин, ки ба воситаи қонунҳо танзим намудани соҳаи мазкур хеле дар сатҳи поён ба роҳ монда шудааст. Чорум ин, ки киберфазо беҳудуд мебошад ва сарҳади муайян надорад» [20, с.33-34]. Мураккабии таҷҳизоти техникӣ мустақиман ба танзими ҳуқуқии таҷовузи киберӣ таъсир мерасонанд.

Мавҷуд набудани стандартҳои ҳуқуқии исбот намудани ҷиноят дар фазои киберӣ барои муқаррар кардани масъулият монеаҳои зиёд эҷод мекунад. Ҳуқуқи байналмилалӣ барои ҷамъоварӣ ва тасдиқи далелҳо меъёрҳои равшанро пешниҳод намекунад ва чунин ҳолат боиси номувофиқатӣ дар арзёбии расмиётии он мегардад. Чунин вазъият вақте мушкилтар мегардад, ки сухан дар бораи исботи робитаи мустақим байни ҳамлаи киберӣ ва давлати мушаххаси таҷовузгар меравад. Коркарди нокифояи тартиби исботнамоӣ ҳатто вақте ки хусусияти зарар возеҳ аст, татбиқи самараноки қоидаҳои уҳдадории байналмилалиро боз медорад. Номуайянии ҳуқуқӣ ба давлатҳои қонуншикан имкон медиҳад, ки бо зикри далелҳои нокифояи иштироки худ аз таҳримҳо канорагирӣ кунанд.

Ҷангҳои тиҷоратии муосир дар заминаи камбудиҳои ҳуқуқии дохили Созмони ҷаҳонии савдо истифода бурда мешавад. Моддаи 21-и Созишномаи умумӣ оид ба тарифҳо ва савдо ба давлатҳо имкон медиҳад, ки чораҳои маҳдудкунандаро бо баҳонаи ҳифзи амнияти миллӣ татбиқ кунанд ва барои суиистифодаи чунин вазъ имкон фароҳам оваранд. Ин механизм бештар барои пинҳон кардани сиёсати протексионистӣ истифода мешавад ва принсипҳои тиҷорати озодро халалдор мекунад. «Манфиатҳои асосии амниятӣ» истилоҳест, ки дар Созишномаи умумӣ оид ба тарифҳо ва савдо ба таври возеҳ муайян нашудааст. Чунин ҳолат ба кишварҳо имкон медиҳад, ки онро ба таври васеъ шарҳ диҳанд. Масалан, ИМА дар соли 2018 бо истинод ба нигарониҳои амнияти миллӣ ба пӯлод ва алюминий тарофаҳои нав ҷорӣ кард, гарчанде робитаи байни ин тадбирҳо ва амният барои аксари аъзои Созмони ҷаҳонии савдо (СҶС) норавшан буд [5]. Номуайянии ҳуқуқӣ дар мавриди тафсири мафҳуми «амнияти миллӣ» низ нисбат ба низоми тиҷорати бисёрҷониба эътимоди давлатҳоро коҳиш медиҳад. Кишварҳои узви Созмони ҷаҳонии савдо бо мушкилоти мазкур зуд-зуд мувоҷеҳ гардида, онҳоро тавассути механизми ҳалли баҳсҳо кӯшиш менамоянд, ки бартараф кунанд. Чунин вазъият зарурати аз нав дида баромадани меъёрҳои кӯҳнашударо, ки бо воқеияти муосири геоиқтисодӣ номувофиқанд, нишон медиҳад.

Тағйиру такмил додани моддаи 21-и Созишномаи умумӣ оид ба тарифҳо ва савдо воситаи ҳалли низоъ боқӣ мемонад, зеро он аз ҷониби давлатҳо барои сарфи назар кардани уҳдадориҳои Созмони ҷаҳонии савдо (СҶС) бо баҳонаи ҳифзи амнияти миллӣ истифода мешавад. Номуайянии он барои устувории тиҷорати байналмилалӣ хатарҳои зиёдеро эҷод мекунад ва танишҳои геополитикиро афзоиш медиҳад. Тағйир додани ин модда ва умуман ислоҳоти низоми СҶС, метавонад эҳтимолияти суиистифода аз ин моддаро коҳиш диҳад, аммо ба мувофиқа расидани давлатҳо дар шароити кунунӣ хеле душвор аст. Ғайр аз ин, бояд гуфт, ки

таҳримҳои иқтисодии муосир аксар вақт бо роҳи канорагирӣ аз расмиёти анъанавии ҳуқуқи байналмилалӣ татбиқ карда мешаванд. Ба андешаи олимон, «хусусияти додгоҳӣ надоштани таҳримҳои иқтисодӣ боиси вайрон гардидани баробарҳуқуқӣ ва дахолат накардан ба корҳои якдигар мебошад» [6, 57]. Чунин амалия қонунияти чораҳои маҳдудкунандаи яктарафаеро, ки бидуни иҷозати Шурои Амнияти СММ татбиқ мешаванд, зери суол мебарад.

Принсипи дахолат накардан ба корҳои дохилии давлатҳо ба субъектҳои беруна таъсир расонидан ба равандҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ё иҷтимоӣ дар дигар кишварҳоро манъ мекунад. Он дар банди 7-и моддаи 2-и Оинномаи СММ, инчунин, дар Эъломияи СММ дар бораи дахолат накардан ба корҳои дохилии давлатҳо ва ҳифзи истиқлолият ва соҳибихтиёрии онҳо аз соли 1965 ва Эъломияи СММ дар бораи принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ аз соли 1970 инъикос ёфтааст [10]. Васеъ кардани доираи таҳримҳо принсипҳои асосии ҳуқуқи байналмилалиро вайрон мекунад. Маҷбур кардани кишварҳои сеюм барои риояи маҳдудиятҳои тиҷорати хориҷӣ моҳияти соҳибихтиёрии давлатҳоро халалдор менамояд. Чунин амалҳо барои дахолати худсарона ба корҳои дохилии давлатҳо бо баҳонаи ҳифзи манфиатҳои миллӣ вазъияти хатарнокеро ба вуҷуд меоранд.

Ба амал баровардани таҳримҳои дуюмдараҷа аз мавҷудияти буҳрони системавии ниҳодҳои байналмилалӣ шаҳодат медиҳанд. Чунин ҳолатро олимони соҳа низ тасдиқ намудаанд. Ба андешаи пажуҳишгарон А. Машкова ва А.Бахтизин: «Афзоиши таҳримҳои дуюмдараҷа аллакай маънои онро дорад, ки механизмҳои бисёрҷонибаи ҳалли баҳсҳои тиҷоратӣ ба буҳрони шадид дучор шудаанд» [8, 24]. Маҷбур кардани кишварҳои сеюм барои қатъ кардани робитаҳои иқтисодӣ бо субъектҳои таҳти таҳрим қарордошта тартиботи мавҷудаи Созмони ҷаҳонии савдоро сарфи назар мекунад ва онҳоро бесамар мегардонад. Даст кашидан аз машваратҳои бисёрҷониба ва тақвият додани чораҳои яктарафа пояҳои тартиботи иқтисодии баъдиҷангиро халалдор мекунанд. Муқовимат бо таҳримҳо тавассути таъсиси низомҳои алтернативии пардохт аз парокандашавии заминаҳои ҳуқуқии ҷаҳонӣ шаҳодат медиҳад. Чунин тамоюлот тақозои онро мекунад, ки нақши ниҳодҳои байналмилалӣ дар муқобили низоъҳои нави тиҷоратӣ аз нав дида баромада шавад.

Ҳамин тариқ, низоъҳои гибридӣ бо иштироки фаъоли субъектҳои ғайридавлатӣ ба амал баровардa мешаванд, бинобар ин, самаранокии режимҳои анъанавии ҷорӣ намудани таҳримҳо хеле маҳдуд мегардад. Воситаҳои мавҷудаи фишори иқтисодӣ асосан, ба муносибатҳои байни давлатҳои соҳибихтиёр нигаронида шудаанд. Хусусияти ғайрирасмӣ

доштани маблағгузории гурӯҳҳои тахрибӣ татбиқи чораҳои маҳдудкунандаи мақсаднокро душвор мегардонад. Чунин ҳолат тақозои онро дорад, ки режими таҳримҳо бояд ба воқеиятҳои нави муқовимати геополитикӣ мувофиқат намояд. Ба андешаи олимони соҳа, «ташаккул додани низоми таҳримҳои байналмилалие, ки дар низоъҳои гибридӣ барои муқовимат бо субъектҳои ғайридавлатӣ мутобиқ карда шудаанд, зарур мебошад» [15, 94]. Механизмҳои пешниҳодшуда бояд васеъ кардани салоҳияти берунаи давлат барои таъқиби миёнаравон ва таъминкунандагони захираҳоро дар бар гиранд. Таҳияи режимҳои гуногунсатҳае, ки маҳдудиятҳои давлатӣ ва корпоративиро фаро мегиранд, яке аз масъалаҳои хеле муҳимми муқовимат бо низоъҳои гибридӣ мебошад. Беҳтар кардани расмиёти байналмилалии ҳабскунии (таҳрими) дороиҳо имкон медиҳад, ки бо шабакаҳои маблағгузории фаромиллӣ муқовимати самараноктар анҷом дода шавад.

Таҳдидҳои муосири гибридӣ аз ниҳодҳои байналмилалӣ талаб менамоянд, ки механизмҳои анъанавии вокунишии худро таҷдиди назар намоянд. Оинномаи СММ, ки дар заминаи низоъҳои классикии байнидавлатӣ таҳия шудааст, дар муқобили ҷолишҳои асимметрӣ самаранокии маҳдуд нишон медиҳад. Масалан, васеътар намудани тафсири боби ҳафтуми Оинномаи СММ метавонад дар посух ба амалҳои гибридӣ барои ҷорӣ намудани таҳримҳо ва пеш бурдани амалиёти сулҳҷӯёна заминаи ҳуқуқӣ фароҳам оварад. Чунин ислоҳоти институтсионалӣ бо дарназардошти хусусияти мураккаби таҳдидҳои гибридӣ, ки унсурҳои ҳарбӣ, иттилоотӣ ва иқтисодиро фаро мегиранд, бояд анҷом дода шаванд. Пешниҳодҳои мушаххас расмигардонии меъёрҳои татбиқи боби VII-ро тавре бояд дар бар гиранд, ки дар онҳо давлати таҷовузкор усулҳои ғайримустақими таъсиррасониро дигар истифода бурда натавонад. Ин ба Шурои Амнияти СММ имкон медиҳад, ки ҳамлаҳои киберӣ, маъракаҳои дурӯғпардозӣ ва фишорҳои иқтисодиро ҳамчун таҳдид ба сулҳи байналмилалӣ тасниф кунад. Аммо чунин ташаббусҳо ба мувофиқа расидани аъзои доимии Шурои Амниятро талаб мекунанд, ки ин як мушкилии ҷиддии сиёсӣ боқӣ мемонад. Бояд ёдовар шуд, ки боби VII Оинномаи СММ айни замон аз 13 модда (моддаҳои 39-51) иборат буда, таҳдидҳо ба сулҳ, халалдор намудани сулҳ ва амалкардҳои таҷовузкорона (агрессивӣ)-ро маҳкум менамояд [16].

Таъсиси воҳидҳои махсусгардонидашуда дар дохили созмонҳои байналмилалӣ шарти муҳимми муқовимат бо таҳдидҳои гибридӣ мебошад. Воҳидҳои мазкур бояд ба ҷамъоварии маълумот, таҳлили тактикаи душман ва таҳияи моделҳои пешгӯйикунанда машғул шаванд. Тавре муҳаққиқон чунин воқеиятро дар мисоли НАТО қайд мекунанд, «Таҳкими қобилияти

воҳидҳои сохторӣ ба НАТО имкон додааст, ки зоҳиршавии таҳдидҳои гибридиро беҳтар дарк кунад, меъёрҳои арзёбии рӯйдодҳоро таҳия намояд, ба таври муназзам ба осебпазириҳо тобовар гардад ва пешгӯӣ кунад, ки таҳдидҳои гибридӣ дар оянда чӣ гуна таҳаввул хоҳанд ёфт» [3, 82]. Ин равиш аллакай дар чаҳорчӯбаи Маркази таҷрибаҳои пешқадами НАТО доир ба муқовимат бо таҳдидҳои гибридӣ амалӣ карда мешавад.

Ба таври самаранок идора намудани таҳдидҳои гибридӣ, пеш аз ҳама, сатҳи баланди ҳамоҳангии ниҳодҳои амниятии ҷаҳонӣ ва минтақавиро талаб мекунад. СММ, САҲА, СҲШ, Иттиҳоди Аврупо, Иттиҳоди Африқо ва дигар созмонҳо бояд барои мубодилаи иттилоот ва вокуниши муштарак протоколҳои худро бо ҳамдигар ҳамоҳанг созанд. Сиёсатшиносӣ ватанӣ Парвиз Муҳаммадзода қайд намудааст, ки «давлатҳои аъзои СҲШ ҷомеаи ҷаҳониро ба ташкил намудани фазои иттилоотии кушода, боадолат, сулҳомез ва боамн дар асоси принсипҳои ҳамкорӣ, эътирофи соҳибихтёрии кишварҳо ва дахолат накардан ба корҳои дохилии якдигар даъват менамояд» [19,77]. Яъне, принсипҳои СҲШ бо принсипҳои СММ пурра мувофиқат менамоянд. Таҳияи стандартҳои умумӣ барои муайян кардани ҳамлаҳои гибридӣ аҳамияти хосса дорад. Чунин таҷриба хатари истифода гардидани стандартҳои дугона дар амалияи байналмилалиро коҳиш медиҳад. Ҳамкории Созмони байналмилалии баҳрӣ ва Комиссияи аврупоӣ намунаи чунин ҳамоҳангӣ мебошад. Тавре дар таҳқиқоти олимони соҳа таъкид шудааст, «Тавсияҳои сатҳи баланде, ки дар асоси таҳлилҳои пешакӣ таҳия шудаанд, зарурати баррасии якҷояи (бо Комиссияи аврупоӣ ва кишварҳои узви Созмони байналмиалии баҳрӣ) масъалаи ҳамоҳангсозии сиёсатҳои байналмилалӣ ва аврупоиро дар робита бо ин бахш, бахусус дар робита бо амнияти кибериро дар бар мегирифтанд» [13, 39]. Модели ба ин монандро метавон дар дигар соҳаҳои ҷангҳои гибридӣ низ татбиқ кард.

Ғайр аз гуфтаҳои боло, воситаҳои ба амал баровардани дипломатияи мардумӣ низ дар муқовимат ба маъракаҳои назарфиребӣ аҳаммияти стратегӣ пайдо мекунанд. Бо ин мақсад ниҳодҳои байналмилалӣ барои фош кардани хабарҳои қалбакӣ ва таблиғи маълумоти тасдиқшуда платформаҳои махсуси рақамиро таҳия намуда истодаанд. Барномаҳои баланд бардоштани саводнокии иттилоотӣ ва дастгирии журналистикаи мустақил ба қисми таркибии вокуниши ҳамаҷониба табдил ёфта истодааст. Чунин тадбирҳо имкон медиҳанд, ки бо ҷузъи иттилоотии низоъҳои гибридӣ муқовимат нишон дода шавад.

Ҳамин тариқ, таҳлилҳои анҷомёфта нишон медиҳанд, ки дар тули асри гузашта хусусияти низоъҳои байналмилалӣ ба таври куллӣ тағйир ёфтаанд. Дар ҳоле ки дар асри бист ҷангҳои классикии байнидавлатӣ бо

ҷабҳаҳои ба таври возеҳ муайяншаванда ва эълони расмии амалиёти ҷангӣ зоҳир мешуданд (масалан, ду ҷанги ҷаҳонӣ), низоъҳои муосири байналмилалӣ хусусияти куллан дигар пайдо кардаанд. Айни замон низоъҳои гибридӣ (омехта) унсурҳои ҳарбӣ, киберӣ ва иқтисодиро дар доираи як стратегияи ягона муттаҳид мекунанд. Чунин ҳолат тайи солҳои охир дар муқовимати Русия ва Украина ва ҷангҳои тиҷоратии ИМА ва Чин ба назар мерасад. Ин гуна таҳаввулот марзҳои анъанавии ҷангу сулҳро норавшан карда, барои амнияти байналмилалӣ мушкилоти нав эҷод намудааст. Шаклҳои гибридии низоъ ба давлатҳои алоҳида имкон медиҳанд, ки бидуни эълони расмии ҷанг ба ҳадафҳои стратегии худ ноил шаванд. Онҳо кӯшиш менамоянд, ки ҳамлаҳои киберӣ, тахриби инфрасохтори муҳим, таҳримҳои мақсаднок ва маъракаҳои иттилоотиро дар шакли омехта (гибридӣ) истифода баранд. Чунин мураккабии низоъҳои муосир муайян кардани таҷовуз ва интихоби чораҳои мувофиқи муқобилро дар доираи парадигмаҳои мавҷудаи институтсионалӣ ба таври назаррас мушкилтар мекунад.

Хусусияти муҳимтарини низоъҳои муосир хислати асимметрӣ доштани онҳо мебошад. Чунин хусусияти низоъ ба субъектҳои ғайридавлатӣ ва кишварҳои иқтидорашон камтар имкон медиҳад, ки бо рақибони пуркудраттар ба таври самаранок мубориза баранд. Чунин ҳолатро дар мисоли ҷанги ИМА, Исроил ва Эрон ба осонӣ мушоҳида намудан мумкин аст. Бинобар ин, ҷангҳои киберӣ хеле хатарнок гардидаанд. Душвор будани муайяннамоии субъекти ҳамлаҳо, қобилияти онҳо барои фалаҷ кардани системаҳои энергетикӣ, муассисаҳои молиявӣ ва маъмурияти давлатӣ ҷангҳои кибериро хеле хатарнок намудаанд. Дар баробари ин, ҷангҳои тиҷоратӣ низ бо истифода аз таҳримҳо ва монеаҳои тарифӣ анҷом дода шуда, ба силоҳи пуриқтидори геополитикӣ табдил меёбад. Чунин ҳолатро дар мисоли танишҳои иқтисодии ИМА ва Чин мушоҳида намудан мумкин аст. Яке аз нишонаҳои дигари шаклҳои нави низоъ дар он аст, ки онҳо натанҳо ба тахриби объектҳои моддӣ, балки ба тағйир додани шуури ҷамъиятӣ тавассути ҳуҷумҳои иттилоотӣ нигаронида шудаанд. Чунин вазъ эҳсоси ноустувории доимиро ба вуҷуд меорад, зеро дар шароити имрӯза меъёрҳои анъанавии арзёбии таҳдидҳо, ки тавассути ҳолати ҳимоятшавандагии соҳибихтиёрӣ ва якпорчагии қаламрав анҷом дода мешавад, нокифоя мебошанд.

**Адабиёт**

1. Белорусский генерал-майор Лепешко назвал гибридные войны вызовом системе безопасности [Электронный ресурс]. –URL: https://by.tsargrad.tv/news/belorusskij-general-major-lepeshko-nazval-gibridnye-

vojny-vyzovom-sisteme-bezopasnosti_1521548 (Дата обращения: 22.03.2026 г.)

2. Генеральное соглашение по тарифам и торговле [Электронный ресурс]. –URL: https://normativ.kontur.ru/document?moduleId=1&documentId=29365 (Дата обращения: 23.03.2026 г.)

3. Гиегерих Б. Гибридная война и изменяющийся характер конфликта [Текст] / Б. Гиегерих // Connections: the quarterly journal. – 2016. – №2. – С.75-83. (С.82)

4. Го Ф. Гибридная война США и их союзников против России в контексте специальной военной операции [Текст] / Ф. Го // Гражданин. Выборы. Власть. – 2023. – №2. – С.146-155. (С.152)

5. Дестабилизирующее воздействие правовых недостатков статьи XXI ГАТТ на соблюдение режима наибольшего благоприятствования и пути их преодоления [Текст] / Т.А. Струтинская, В.В. Антонов, А.Р. Переверзев, М.Г. Месропян // Юридическая наука. – 2025. – № 4. – С. 463-468.

6. Ивантер А. Капитальный контроль понарошку [Текст] / А. Ивантер // Эксперт. – 2023. – №13. – С.54-58. (С.57).

7. Каминский И. Неправомерное применение киберсилы в контексте обеспечения глобальной кибербезопасности [Текст] / И. Каминский // Legea şi viaţa. – 2017. – №5. – С.55-59. (С.57).

8. Машкова А. Оценка последствий глобальных торговых войн для мировых экономик: инструменты и прогнозы [Текст] / А.Л. Машкова, А.Р. Бахтизин // Журнал “Новой экономической ассоциации”. – 2024.–№1.– С.12-30. (С.24).

9. Мурадова В. Правовое разрешение международных конфликтов как принцип обеспечения глобальной безопасности [Текст] / В.Х. Мурадова // Юридические науки и образование. – 2018. – №54. – С.132-150. (С.133).

10. Оценка правомерности экономических санкций с позиций международного права [Электронный ресурс]. –URL: https://russiancouncil.ru/analytics-and-comments/analytics/otsenka-pravomernosti-ekonomicheskikh-sanktsiy-s-pozitsiy-mezhdunarodnogo-prava/ (Дата обращения: 23.03.2026 г.).

11. Пак С. Торговая война Китая и США: что будет с китайской экономикой? [Текст] / С. Пак // Вестник международных организаций: образование, наука, новая экономика. – 2020. – Т.15. – №2. – С. 213-235.

12. Переход С. Международные санкции против России (2014-2024 гг.): оценка и последствия для финансового рынка [Текст] / С.А. Переход, А.В. Мхитарян, Д.С. Селифонкина // Вестник Института экономики Российской академии наук. – 2024. – № 4. – С. 116-138.

13. Семенов С. Морская кибербезопасность: новые угрозы и зарубежный опыт [Текст] / С.А. Семенов // Транспорт Российской Федерации. – 2020. – №5. – С.38-41. (С.39)

14. Торговые войны 2025 года: экономические и политические последствия для глобальной системы [Текст] / Н.Ю. Маркушина, Н.Л. Парфененок, Е.А. Соловенчук, Т.А. Колбин // Общество: политика, экономика, право. – 2025. – № 8 (145). – С.36-44. (С.39)

15. Уизер Дж.К. Смысл гибридной войны [Текст] / Дж. К. Уизер // Connections: The Quarterly Journal. – 2016. – №2. – С.84-100. (С.94)

16. Устав ООН. Глава VII: Действия в отношении угрозы миру, нарушений мира и актов агрессии [Электронный ресурс]. –URL: https://www.un.org/ru/about-us/un-charter/chapter-7 (Дата обращения: 24.03.2026 г.)

17. Черепанов А. Гибридные войны: прошлое и настоящее [Текст] / А.Ю. Черепанов // Социальная и политическая философия. – 2022. – №3. – С.12-16.

18. Сангинов Н. Перспективы прогнозирования «гибридных войн» на постсоветском (центральноазиатском) пространстве [Текст]/ Н.Н. Сангинов // Таджикистан и современный мир. – 2019. – № 1(64). – С. 103-112.

19. Махмадов П. Роль ШОС в формировании системы обеспечения международной информационной безопасности [Текст] / П.А. Махмадов // Таджикистан и современный мир. – 2016. – № 4(54). – С. 67-79.

20. Махмадов А.Н. Кибертерроризм как угроза стабильности общества (опыт Таджикистана) / А.Н. Махмадов, С.А. Раджабов, Х.К. Сафарализода. – Душанбе, 2019. – 72 с.

21. Хидирзода, М. Киберсиёсат: мазмун, моҳият ва хусусиятҳои он / М. У. Хидирзода, А. Е. Комилбек // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2021. – № 2 (74). – С. 63-71

# НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ ИНСТИТУЦИОНАЛЬНОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ МЕЖДУНАРОДНЫХ КОНФЛИКТОВ И ГИБРИДНЫХ ВОЙН В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

**АБИЛОВ СОБИРДЖОН АБДУРАХИМОВИЧ,**
кандидат политических наук, доцент кафедры политических процессов в Таджикистане философского факультета Таджикского национального университета
734025, Таджикистан, город Душанбе, пр. Рудаки 17;
тел.: (+992) 55-55-11-418; e-mail: sobir_abilov@bk.ru

*Данная статья посвящена всестороннему анализу изменчивости международных конфликтов в современных условиях. Основная цель исследования заключается в выявлении трансформационных особенностей глобальных противостояний и определении ключевых факторов формирования новых форм конфликтов. В работе показано, что современные конфликты трансформируются от традиционных межгосударственных войн к сложным гибридным моделям, включающим сочетание военных, кибернетических, экономических и информационных средств. Подчеркивается, что такие изменения размывают границы между войной и миром, усиливая асимметричный и многоуровневый характер противостояний. На основе исторического и сравнительного анализа рассмотрена эволюция конфликтов от классических войн XX века до гибридных конфликтов XXI века, выявляется роль технологических, геоэкономических и информационных факторов в трансформации природы противостояний. Показано, что кибервойны, информационные противостояния и торговые войны становятся ключевыми элементами геополитической конкуренции, создавая возможности для косвенного воздействия на противников. Особое внимание уделено роли негосударственных субъектов и механизмов асимметричного воздействия как важнейших факторов современных конфликтов.*

***Ключевые слова:*** *международные конфликты, гибридные войны, международная безопасность, кибервойны, информационное противодействие, торговые войны, геополитика, международное право, асимметричные угрозы, глобализация.*

## SOME FEATURES OF INSTITUTIONAL REGULATION OF INTERNATIONAL CONFLICTS AND HYBRID WARS IN MODERN CONDITIONS

**ABILOV SOBIRJON ABDURAHIMOVICH,**

Candidate of Political Science (PhD in Political Science), Associate Professor at the Department of Political Processes, Faculty of Philosophy, Tajik National University

734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 17;

phone: (+992) 55-55-11-418; e-mail: sobir_abilov@bk.ru

*This article provides a comprehensive analysis of the evolving nature of international conflicts in the contemporary era. The main objective of the study is to identify the transformational characteristics of global confrontations and determine the key factors shaping new forms of conflict. The study demonstrates*

*that modern conflicts are transitioning from traditional inter-state wars to complex hybrid forms that combine military, cyber, economic, and informational instruments. It is emphasized that such transformations blur the boundaries between war and peace, enhancing the asymmetric and multi-layered nature of confrontations. Through historical and comparative analysis, the evolution of conflicts from classical 20th-century wars to 21st-century hybrid conflicts is examined, highlighting the role of technological, geo-economic, and informational factors in transforming the nature of confrontations. Cyber warfare, informational confrontations, and trade wars are identified as key elements of geopolitical competition, enabling indirect influence over adversaries. The study also stresses the importance of non-state actors and mechanisms of asymmetric influence as critical components of contemporary conflicts.*

***Keywords:*** *international conflicts, hybrid wars, international security, cyber warfare, informational confrontation, trade wars, geopolitics, international law, asymmetric threats, globalization.*

УДК 327.51

# СОВРЕМЕННАЯ СИСТЕМА МЕЖДУНАРОДНЫХ ОТНОШЕНИЙ, КАК КАТАЛИЗАТОР МИРОВОЙ ВОЙНЫ

**САНГИНОВ КОМИЛДЖОН ХАЙДАРОВИЧ,**
кандидат политических наук, старший преподаватель кафедры политологии ГОУ «Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова»
735700, Таджикистан, город Худжанд, пр. Мавлонбеков 1;
тел.: (92) 700-92-06; e-mail: sk_8888@mail.ru

*В статье исследуется актуальность современной системы международных отношений, её состояние и факторы, которые могут привести к началу мирового конфликта. Автором ставится цель исследования современной мировой политики и системы международных отношений прошлого и настоящего, а также попытка определить и прогнозировать будущее системы международных отношений. В качестве методологической базы широко используются методы историзма в качестве определителя основных характеристик систем международных отношений и мировой политики в прошлом и сегодня, а также характер их формирования и развития. Сравнительным методом определяется сходство формирования и развития системы международных отношений, их основные субъекты, которые влияют на мировую политику и конфликт в тот или иной период мировой истории. Для решения поставленных целей, автор рассматривает существующие системы международных отношений и делает акцент в основном на Версальско-Вашингтонской системы и Ялтинско-Потсдамской, как основные системы, определяющие современную мировую политику и международные отношения. Анализируются основные факторы мировой политики как характеристика, показывающая предконфликтной ситуации в системе международных отношений. Утверждается, что основным фактором является геополитические цели сверхдержав на протяжении нескольких столетий. А также, в частности, экономические цели, особенно в современном мире как основной фактор мирового конфликта для перераспределения ресурсов. В итоге, обобщая положения мировой политики, автор прогнозирует основной фактор мирового конфликта в будущем.*

***Ключевые слова:*** *система международных отношений, международное право, кризис, империализм, мировая война, социализм, локальные войны, холодная война, монополярность, многополярность.*

Современная система международных отношений–это результат взаимоотношения народов на протяжении всей истории человечества. Еще со времен Александра Македонского сложились своего рода отношения не только, соседними государствами, но и между полюсами, к примеру «Запад и Восток». Однако такие взаимоотношения сложились только потому, что было выгодно определенным государствам, а точнее империям. Так какие факторы послужили причиной формирования, развития и смены определенного типа отношения между государствами? Как отмечают многие ученые теоретики проблем международных отношений, основными факторами являются экономика, политика, военная стратегия и геополитика, определяющие национальные интересы государств. Сегодня ситуация в системе международных отношений является непредсказуемым и взрывоопасным за всю ее историю. Как известно любая система призвана обеспечить стабильность, однако под воздействием вышеперечисленных факторов система международных отношений может дать сбой, в обеспечении стабильности и послужить причиной конфронтации или столкновения между государствами, союзами государств. Так в любой системе международных отношений можем наблюдать стадии формирования, развития (стабильности) и стадии кризиса. На стадии кризиса фактически завершается полный цикл существования системы и далее обратно начинается новый цикл системы международных отношений. Но сегодня несмотря на существование множества авторитетных международных организации призванных, как например ООН, обеспечивать мир и стабильность во всем мире, существования правовой системы международных отношений наблюдается все факторы кризиса системы международных отношений, а именно: Ялтинско-Потсдамская система, образовавшаяся после Второй мировой войны. «Можно считать, что Потсдамское соглашение, представляя собой международно-правовое выражение победы над фашизмом, явилось датой отсчета послевоенного времени. … Если 1945 год явился историческим уроком, то не менее важным уроком оказался и период развития, на немецкой земле, наступивший после войны. Он показал, куда ведет путь игнорирования безусловных итогов второй мировой войны и поражения нацизма. Только в этом свете можно понять глубокий смысл действия тех социальных и политических сил, которые сделали ревизию итогов войны своей доктриной. При этом шла речь не только о ревизии границ – даже не столько о ней! За этим вызывающим лозунгом скрывалось нечто большее: попытка перечеркнуть все политические итоги войны.» [2, 324].

Таким образом, цель статьи, исследование и определение с помощью сравнения и анализа международных систем в прошлом, стадии

современной системы международных отношений и перспектива ее развития в будущем.

Методологическую базу исследования составляют такие методы как метод историзма и метод сравнительного анализа. Применяя метод историзма и сравнительный метод, рассматривается и анализируется процесс становления и развития систем международных отношений. Выявляется причинно-следственная связь между системами международных отношений. Сопоставляя исторический опыт становления и развития систем международных отношений, раскрывается общая закономерность причин и воздействующих факторов возникновения систем, а также сходства между ними. Определяется идентичность субъектов, воздействующих и выступающих, как причин кризиса систем международных отношений.

Современная система международных отношений в контексте разделения регионов на сферы влияния, а также механизмы доминирования государств исследованы О.Воркуновой [6]. Проблемами роли трансрегионализма в системе современной мировой политики и международных отношений занимались М.М. Лебедева, Д.А. Кузнецов. [12] Агишевым Р.Г. и Менгалиевым К.Н. исследованы теневые стороны взаимоотношения государств мира, особенно доминирования сверхдержав в мировой политики и распределении ресурсов. [1] Вельм И.М. исследовал акторов современной мировой политики и международных отношений особенно сверхдержав, как акторов влияния на формирования мировой политики и системы международных отношений. [5] М.И. Колыхаловым исследован феномен и специфика экономического развития бывших отсталых стран из систем колонии в системе современных международных отношений и мировой политики. [11]

«Система международных отношений, конкретно-историческая устойчивая форма политической организации международных отношений, которая закрепляется в договорах и соглашениях и отражает как баланс сил, так и специфику отношений между входящими в систему государствами. Главными субъектами международных систем являются суверенные государства. В новом мировом порядке, формирующемся после распада глобальной биполярной системы международных отношений на рубеже 1980–1990-х гг., всё большую самостоятельную роль начинают играть негосударственные субъекты мировой политики.» [15]. До сегодняшнего дня мир знает таких систем международных отношений: Вестфальская, Венская, Версальско-Вашингтонская и Ялтинско-Потсдамская. Каждая система основывалась и строилась на определенных принципах взаимоотношения между государствами мира. Так

основополагающими принципами Вестфальской системы международных отношений, образовавшейся в 1648 году после завершения Тридцатилетней войны в Европе были: принцип уважения национального суверенитета, территориальной целостности государств, четкое разделение внутренней и внешней политики.

Венская система международных отношений появившейся после наполеоновских войн в 1814–1815 годах установила принцип обеспечения баланса сил. Система также определила пять государств мира, определяющие мировую политику, а фактически Европейскую. К этим государствам относились: Великобритания, Франция, Пруссия, Российская империя, Австро-Венгерская империя именовавшиеся также великими державами. Великие державы обязаны были предотвратить в будущем потенциальную общеевропейскую войну, создавая для этого коалиции между собой.

После завершения Первой мировой войны странами победителями была установлена новая система международных отношений, известный как Версальско-Вашингтонская система (1919–1922). Итогом образования этой системы стало то, что наравне с европейскими великими державами получили статус великой державы две неевропейские страны как США и Япония. Это система также предполагала создание глобального равновесия. А в итоге получилось то, что правила и разработанные нормы, идеи глобального равновесия этой системы не давали возможности таким государствам как Германия, Италия и Япония быть на равных с другими великими государствами как Франция, Великобритания и США. А в свою очередь, США фактически став архитектором этой системы решили стать глобальным игроком в международных отношениях. В этой системе по идеологическим и геополитическим причинам в сложном положении находился СССР так как эту страну западные страны не хотели видеть в качестве равноправного международного партнера. Кроме того, поддерживая экономически и политически фашистскую германию западные страны прежде всего стремились направить военную мощь фашизма против СССР.

Сегодня официально Ялтинско-Потсдамская система международных отношений определяет правила взаимоотношения между государствами. Однако не смотря на восьмидесятилетние существования этой системы на эту систему самого начала воздействовали политические, экономические, геополитические факторы фактически видоизменяющие эту систему. Эти воздействующие факторы были взаимными между системами капитализма и социализма, что отражались на другие развивающиеся и отсталые страны мира. По всему миры СССР и США

воздействовали военной, экономической, политической и культурно-идеологической мощью. Данные противоречия составляла суть «холодной войны» между этими странами, по принципу «кто лучший», «какая система хорошая».

Существенным стал фактор распада СССР в 1991 году. Система имеющий за основу баланс сил между СССР и США или между социалистической и капиталистической систем и олицетворяющий биполярный тип международной системы.

Итак, какие факторы способствовали появлению систем международных отношений? Значимость войны как основного фактора смены систем международных отношений занимает особое, если не основное, место. Если обратить внимание на образование новых систем, то можем наблюдать, что им предшествует война. Начало и завершении войны между народами, государствами и особенно между сверхдержавами, соответственно предопределяет и влияет на уровень системы отношении. К примеру мировые войны – это войны между сверхдержавами.

Война, как конечный этап в противоречии между социальными группами, народами выступает одним из основных факторов разрушения, изменения и формирования качественно новой системы международных отношений. Но на уровне международных отношений войны начинаются, как показывает исторический опыт, с образованием коалиции, особенно военные, между народами и государствами. Следует отметить, что «…военные коалиции организуются по принципу подчинения слабых государств сильным и господства последних. В силу этого исторически сложилось так, что гегемоном и диктатором во всех агрессивных коалициях являются государства сильные, организующие и проводящие коалиционные войны. Остальные члены такой коалиции, часто втянутые в нее поневоле, лишь помогают ей в выполнении общих целей государств, составляющих ядро коалиции, в надежде извлечь из итогов войны для себя некоторые выгоды» [7, 324].

В современной интерпретации можно наблюдать, что военные коалиции создаются государствами с целью обеспечения безопасности или агрессии против других государств. Однако если анализировать суть создания коалиции и войн, то можно заметить, что этот процесс является неизбежным в силу сложившихся экономических, социальных, политических и геополитических ситуации в обществе или в мире. К примеру экономические факторы начало первой мировой войны заключалась в том, что «в эпоху, когда капитализм достиг своей высшей и последней стадии–империализма. Она возникла вследствие закона неравномерного, скачкообразного экономического и политического

развития капиталистических государств. По этому закону постоянно меняется соотношение политических, экономических и военных сил в капиталистическом мире. Страны, которые перед войной вырвались вперед, требовали новых рынков и территорий. Но к тому времени весь мир уже поделен между крупнейшими капиталистическими государствами. Переделить его могла только война» [7, 43]. Если классифицировать военные коалиции на оборонительные и агрессивные, отличительной чертой между ними является то, что оборонительные коалиции создаются для отстаивания суверенитета, территориальной целостности, но образования оборонительных коалиции напрямую зависят от образования агрессивных коалиции и особенно от угроз, исходящих от них. С наблюдением образования коалиции, характер их образования и цели, можно определить и предполагать масштаб будущей войны. Наглядным примером служат причины возникновения первой мировой войны. Накануне первой мировой войны развитие капиталистических отношений и мировой колониальной системы были на пике своего развития. Тогдашний мир не мог существовать в условиях назревших противоречий между сверхдержавами продолжающейся несколько столетий. Состояние мирового капитализма охарактеризовал критично В.И. Ленин утверждая, что “особенностью новейшего капитализма является господство монополистических союзов крупнейших предпринимателей. Такие монополии всего прочнее, когда захватываются в одни руки все источники сырых материалов, и мы видели с каким рвением международные союзы капиталистов направляют свои усилия на то, чтобы вырвать у противника всякую возможность конкуренции, чтобы скупить, например, железорудные земли или нефтяные источники и т.п. … Чем выше развитие капитализма, чем сильнее чувствуется недостаток сырья во всем мире, тем отчаяннее борьба за приобретение колоний” [13, 79].

В таких условиях великим державам необходимо было сгруппироваться, создав военные коалиции. Так как монополия по сути является нарушением или вообще отсутствием каких-либо правил и норм, а также их несоблюдения монополистами в последствии приводит к образованию военной коалиции за насильственный захват ресурсов мира. «В период до начала «великой войны» 1914-1918 гг. для системы международных отношений были характерны господствующее положение Европы, гегемония империй, первые проявления глобальной роли двух государств – Соединенных Штатов и царской России – плюрализм державной политики, первые шаги в направлении институционализации» [18, 14].

Но, однако именно растущая потребность империалистических держав в условиях монополизма исчерпала все методы цивилизованного политико-экономического сотрудничества между государствами мира с помощью дипломатии. Так из каждой стороны военных альянсов в начале 20 века были готовы перераспределить фактически собственность в мире, крайне радикальным методом–мировой войной. Накануне мировой войны казалось, что война для многих государств мира, особенно сверхдержав является единственным методом разрешения споров между ними. В этой войне при отсутствии баланса сил в мире и полной недееспособности венской системы международных отношений, фактически экономические и особенно геополитические противоречия были, в том числе и между союзниками. Так, пользуясь случаем, англосаксонские страны, союзники России, тайно поддерживали и организовали революцию в России. «Уничтожение Российской империи, это самая грандиозная операция британской разведки за всю ее историю» [16, 6].

Ҳиндустони муосир як қудрати бузург дар низоми геополитикии муосир аст, ки ҳадафҳо ва дурнамояш аз Осиёи Ҷанубӣ берун мераванд. Бо вуҷуди ин, минтақаи Осиёи Ҷанубӣ барои Ҳиндустон як "минтақаи осоиш"-и табиии геополитикӣ мебошад, ки дар он ҷо омода аст, тарҳҳо ва форматҳои нави муносибатҳои байнидавлатии худро мавриди озмоиш қарор диҳад. Аз ҷумла, дар солҳои 2010-ум, дар посух ба афзоиши аз ҳад зиёди нуфузи Чин дар кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ, элитаи сиёсии Ҳиндустон бо истифода аз захираҳо ва воситаҳои мувофиқ ба таври систематикӣ ба пайгириву татбиқи “неруи нарм” шурӯъ карданд.

Дар соли 2017, муҳаққиқ Ҷозеф С. Най, поягузори консепсияи “неруи нарм”, аз мақоми профессори Донишгоҳи Ҳарвард ба нафақа баромад. Дар посух ба интиқод аз “неруи нарм”, Ҷ. Най ба арзиши асосии эвристикии ин мафҳум исрор меварзад ва қайд мекунад, ки таҷрибаи рушди ҷаҳонӣ дар даҳсолаи охир ба консептуализатсияи нави ин падида ишора мекунад, ки маънои деамерикоӣ кардани баҳси “неруи нарм”-ро дорад.

Дар солҳои 1990-ум, консепсияи пешниҳодшудаи "неруи нарм" танҳо ба пешвоии ҷаҳонии ИМА, аз ҷумла тавассути қонунӣ гардонидани сиёсати хориҷии ИМА аз ҷониби дигар кишварҳо, ки бар асоси ҷолибияти тарҳи амрикоӣ ва арзишҳо ҳамчун вектори универсалии рушд дар заминаи ҷаҳонӣ асос ёфтааст, нигаронида шуда буд. Аммо, пайдоиши **"вектори осиёӣ"-**и хос дар сиёсати ҷаҳонӣ боиси тафсири нави консепсияи аслии "неруи нарм" гардид. “Неруи нарм” ҳамчун яке аз воситаҳо барои баланд бардоштани таъсири ҳамаҷониба ва намоёнии ҷаҳонии қудратҳои навзуҳур дида мешуд.

Дар моҳи майи соли 2017, Ҷозеф Най бо Маркази умури байналмилалии Ҳарвард мусоҳибае анҷом дод, ки дар он ҳарчанд гуфта буд, ки “неруи нарм” "аз саҳнаи сиёсии ҷаҳонӣ дур намешавад", бо вуҷуди ин, ӯ ба мушкилоте, ки неруи нарми ИМА айни замон дар давраи маъмурияти Доналд Трамп бо онҳо рӯбарӯ аст, ишора кард: "Ин нороҳаткунанда аст, вақте ки шахсе ба монанди Малвейни (Ҷон Майкл Малвейни – директори Идораи буҷети маъмурияти Д. Трамп, *Н.К*) ошкоро эълон мекунад, ки буҷаи ӯ буҷаи "қудрати сахт" аст ва ӯ аз Департаменти давлатӣ пул мегирад, то онро ба Вазорати дифоъ диҳад."[5]

Дар айни замон, ба гуфтаи Ҷозеф Най, ҳаёти ҷамъиятӣ ва фарҳанги сиёсии ИМА (донишгоҳҳо, Ҳолливуд, фондҳои хусусӣ, форматҳои махсуси матбуот ва баҳсҳои кушода ва ғайра) табиатан "неруи нарм"-и Амрикоро ба вуҷуд меоранд. Аз ин рӯ, ҳатто агар маблағгузории давлатӣ барои

барномаҳои дахлдор кам карда шавад (ки ба андешаи ӯ, он ҳанӯз ҳам назаррас нахоҳад буд), имконоти “неруи нарм”-и ИМА аз байн намераванд.

Дар мавриди "неруи нарм"-и Ҳиндустон иддаоҳои зиёде мавҷуданд, ки афзоиши **"ҷозибаи нарм**"-и Ҳиндустонро дар даҳсолаи охир ба беназирӣ ва пурҷӯшу хурӯши фарҳанги он нисбат медиҳанд, ки дар асри иттилоот ба таври ғайричашмдошт пайдо шудаанд. Аз ин рӯ, дар бораи кори систематикӣ дар ин самт сухан гуфтан бамаврид аст, хусусан вақте ки мо Ҳиндустонро бо "ҳамлаи ҷозиба"-и хуб муташаккил ва мутамаркази Чин муқоиса мекунем. Вобаста ба мавқеъгириҳое, ки Ҷозеф Най ироа доштааст, гуфтан зарур аст, ки Ҳиндустон дар самти татбиқи сиёсати “неруи нарм” бо истифодаи иқтидорҳои тамаддунию фарҳангӣ ҷойгоҳи сазовор касб кардааст.

Аз соли 2014 то ба ҳол, Ҳиндустон як вазорати алоҳида дорад, ки дар ҷаҳон беназир аст. Ин Вазорати Аюрведа, Йога, Натуропатия, Сиддҳа ва Гомеопатия мебошад. Яке аз вазифаҳои расмии вазорат "дипломатияи йога" мебошад, ки барномаҳои стипендиявӣ барои омӯзиш ва бозомӯзии мутахассисони дахлдорро дар бар мегирад. Дар ин замина, Ҳиндустон инчунин, имконоти имконпазири таҳияи лоиҳаҳои ҳамгироии худро, масалан, тавассути табдил додани барномаи "Ба Шарқ нигаред!" ба "Амал дар Шарқ" меомӯзад.

Ғайр аз ин, аз нигоҳи консептуалӣ Ҳиндустон равиши худро ба дипломатияи мардумӣ ҳамчун воситае барои бунёди "неруи нарм", ки аз ҷониби ниҳодҳои демократӣ ва рушди иқтисодии он истифода мешавад, таҳия мекунад. Олимони ҳиндӣ Обҷҷа Бора Ҳазарика ва Виҷай Мишра низ таъкид мекунанд, ки "Ҳиндустон яке аз чанд миллатест, ки дар нимаи дуюми асри XX, замоне ки ба таври объективӣ "неруи сахт" надошт, соҳиби "неруи нарм" буд.[6]

Ҳиндустон дар миёни кишварҳои осиёӣ демократияи махсуси худашро рушд дода, тибқи баҳогузории “шохистҳои демократия” дар рейтинги кишварҳои демократӣ мақоми сазоворро касб намудааст. Бартарии равшани Ҳиндустон аз нигоҳи сиёсӣ дар қобилияти он барои ҳифзи имиҷи демократии худ бидуни вориднамоии васеъи арзишҳои Ғарб ба ташаккули он аст.[4, 22]

Дар айни замон, қайд кардан муҳим аст, ки амалҳои аввалини Ҳиндустон дар солҳои 2000-ум асосан вокунишӣ буданд ва ба густариши ҳузури низомии Чин ва **“руан шилӣ”** (软实力)/(неруи нарм)-и чинӣ посух медоданд.[1] "Пешрафти" Чин дар Осиёи Ҷанубӣ, ки Ҳиндустон онро анъанавӣ ҳамчун доираи нуфузи худ медонад, дар ин кор нақши махсусан муҳим бозидааст ва дорад.

Вокуниши Ҳиндустон ба сиёсати "руан шилӣ"-и Чин ва хоҳиши он барои густариши "ҷозибаи нарм"-и худ боиси тағйироти муҳимми

институтсионалӣ гардид, ки ба тақвияти таъсири башардӯстонаи он дар саросари ҷаҳон нигаронида шуда буд. Дар соли 2006, Шуъбаи дипломатияи ҷамъиятӣ дар Вазорати корҳои хориҷӣ таъсис дода шуд (Раёсати дипломатияи ҷамъиятӣ ду сол пеш дар Чин таъсис дода шуда буд). Ғайр аз ин, Шӯрои муносибатҳои фарҳангии Ҳиндустон ва Шӯрои муносибатҳои ҷаҳонии Ҳиндустон, ки ҳар ду дар солҳои 2000-ум навсозӣ шудаанд, ҳамчун муассисаҳое, ки робитаҳои фарҳангиро барои ҳамгироӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ истифода мебаранд, хидмат мекунанд. Муносибат бо муҳоҷирон ва аъзои диаспора сазовори зикри махсус аст. Барои ин мақсадҳо ҳатто Вазорати алоҳидаи корҳои хориҷӣ таъсис дода шуд.

Дипломатияи фарҳангии Ҳиндустон нисбат ба Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ба аҳаммияти омилҳои пайвасткунанда, аз қабили йога, синамо, таомҳо ва рамзҳои диние, ки гузашта ва ҳозираро пайванд медиҳанд, таъкид кардааст. Нақши таърихи динӣ (хусусан, ҳиндуизм ва буддизм) ва рамзҳои он ба унсури калидии дипломатияи фарҳангии Ҳиндустон нисбат ба Осиёи Ҷанубу Шарқӣ табдил ёфтааст.

Бо пайгирии мухтасари ин робита, қонуни робитаҳои тамаддунӣ боқимондаҳои маҳалҳои гузаштаро дар минтақа тавассути наздикии забонӣ, тангаҳое, ки тасвири худоёни ҳиндӣ доранд ва осори бостоншиносии робитаҳои тиҷоратӣ муайян мекунад.

"Рамаяна" як хусусияти дигари робитаҳои тамаддунӣ байни Ҳиндустон ва Осиёи Ҷанубу Шарқӣ аст. Онро метавон ба асри V тавассути навиштаҷоти сангии Фунан, аввалин салтанати ҳиндуҳо дар қитъаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, пайгирӣ кард.

Се марҳалаи дипломатияи "Ба Шарқ нигаред, то шарқӣ амал кунед" байни Ҳиндустон ва Осиёи Ҷанубу Шарқӣ вуҷуд дорад.

Марҳалаи аввали сиёсати "Ба Шарқ нигаред!"-и Ҳиндустон (1992-2002) ба ASEAN (Бруней, Камбоҷа, Индонезия, Лаос, Малайзия, Мянмар, Филиппин, Сингапур, Таиланд ва Ветнам) нигаронида шуда, асосан ба робитаҳои тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ нигаронида шуда буд.

Аз соли 2002 то ба ҳол, Ҳиндустон мизбонии ҷаласаҳои солонаи роҳбарони Ҳиндустон ва (ASEAN)-ро оғоз кард.

Марҳалаи дуюм соли 2003 бо таърифи васеъшудаи "Шарқ" оғоз ёфт, ки Австралия, Зеландияи Нав, Чин, Ҷопон ва Кореяи Ҷанубиро дар бар мегирифт ва ASEAN дар маркази он буд. Дар солҳои 2014, 2015, таҳти роҳбарии Сарвазир Н. Модӣ, марҳалаи сеюм бо Сиёсати амали Шарқ (аз амният то тиҷорат) оғоз ёфт.

Ҳамкории фарҳангии Ҳиндустон бо кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ аз соли 2014 инҷониб амиқ ва гуногунҷабҳа буд. Таваҷҷуҳи махсус ба таблиғи “неруи нарм”-и Ҳиндустон тавассути буддоӣ зоҳир карда шуд.

Аммо, мубодилаи ахир бо Таиланд аҳаммияти дипломатии хосса дорад, зеро он мавқеи фаъоли Ҳиндустонро дар муқобили кӯшишҳои Чин барои истифодаи буддоӣ барои тарҳрезии “неруи нарм” дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ нишон медиҳад.

Аз замони ишғоли Тибет дар аввали солҳои 1950, Чин мунтазам кӯшиш кардааст, ки назорати дайрҳои Тибетро сарфи назар аз пайдоиши он дар Ҳиндустон ба даст орад ва худро ҳамчун нигаҳбони буддоӣ муаррифӣ намояд. Ин ҷиҳат дуруст, ки Буддо дар Непал таваллуд шуда, ба маърифат расид ва солҳои охири умрашро дар Ҳиндустон гузаронид. Дар натиҷа, Ҳиндустон макони сершумори пайравони дини буддоия аст ва дар паҳншавии он, аз ҷумла дар Чин, тавассути ҳокимони қадимии худ нақши асосӣ бозидааст. Мавҷудияти дороиҳои назарраси фарҳангии буддоӣ дар Ҳиндустон, дар якҷоягӣ бо роҳбарии Далай Лама ба буддоиёни Тибет дар Ҳиндустон, монеаи назаррасеро барои ҳадафҳои Чин эҷод мекунад.

Кӯшишҳои Чин барои барқарор кардани назорат бар буддоӣ пас аз Далай Лама ва таъсиси ҳузури буддоии чинӣ дар Ҳимолой ва Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ба халалдор кардани орзуҳои буддоии Тибет барои мухторият нигаронида шудаанд. Ин ҳадаф дар кӯшишҳои расонаҳои давлатии Чин барои муаррифии буддоӣ ҳамчун "дини қадимаи чинӣ" равшан аст.

Дар ҳоле ки нақши марказии буддоӣ дар мероси фарҳангии Ҳиндустон ва талошҳои дипломатии бар асоси принсипҳо, ба монанди сулҳи ҷаҳонӣ, зӯроварӣ накардан ва таҳаммулпазирӣ эътироф шудааст, Деҳлии Нав буддоияро омили муҳим дар тақвияти робитаҳо бо кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, аз қабили Мянмар, Таиланд, Камбоҷа ва Ветнам мешуморад.

Аз соли 2014 инҷониб, таҳти роҳбарии Сарвазир Нарендра Модӣ, Ҳиндустон аз робитаҳои фарҳангии худ, бахусус тавассути Буддоия, барои бунёди пулҳо бо ҳамсоягони наздик ва дур ва пешбурди ташаббусҳои сулҳи ҷаҳонӣ, аз ҷиҳати стратегӣ истифода мебарад.

Дар моҳи сентябри соли 2015, Сарвазир Нарендра Модӣ дар Бодҳ-Гая, Ҳиндустон, Самвадро, як ташаббуси ҷаҳонии ҳинду-буддоиро барои пешгирӣ аз низоъ ва баланд бардоштани огоҳии экологӣ оғоз кард. Пешниҳоди ӯ барои таъсиси шабакаи буддоӣ дар Саммити роҳбарони “BIMSTEC” (Ташаббуси халиҷи Бенгал доир ба ҳамкории техникӣ ва иқтисодии бисёрсоҳавӣ) дар соли 2016, баъдан аз ҷониби кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ дастгирии назаррас пайдо кард.

Ҳиндустон дар воқеъ давлат-тамаддун аст. Давлат-тамаддун ба монанди Ҳиндустон тавассути фарҳанг ва ҳассосиятҳои тамаддунӣ сохтории низоми байналмилалиро аз нав баррасӣ мекунанд. Ғояҳои фарҳанг ва тамаддун асоси дипломатияи фарҳангии Ҳиндустон мебошанд,

ки дар сиёсати хориҷии кишвар дар давраи ҳукумати Нарендра Модӣ ба таври назаррас инъикос ёфтааст.

Ду маҷмуи принсипҳои корҳои хориҷии Ҳиндустонро метавон аз нигоҳи гузариш аз биниши Панчшилаи Неҳру ба Панчамрити сарвазир Нарендра Модӣ шарҳ дод.

Принсипҳои Панча-шила (эҳтиром ба соҳибихтиёрӣ ва тамомияти арзӣ, таҷовуз накардан, дахолат накардан ба корҳои дохилӣ, манфиати мутақобила ва ҳамзистии осоишта) ба давраи аввали Ҳиндустони мустақил бармегарданд.

Панчамрита, ё панҷ мавзуи чаҳорчӯбаи нави сиёсати хориҷии Ҳиндустон, бар асоси (а) Самман - шаъну шараф; (б) Самвад - густариши муошират ва муколама; (в) "Самриддҳӣ" - шукуфоии муштарак; (г) "Суракша" - амнияти минтақавӣ ва ҷаҳонӣ; (д) «Санскрити эвам сабхят» - робитаҳои фарҳангӣ ва тамаддунӣ.

Ҳамин тариқ, дипломатияи фарҳангӣ ба яке аз муҳимтарин рукнҳои "неруи нарм" дар ташаббусҳои сиёсати хориҷии Ҳиндустон табдил ёфта, унсурҳои зикршуда дар сиёсати хориҷӣ амалӣ карда мешаванд.

Дар асоси матлабҳои зикршуда гуфтан зарур аст, ки сиёсати фарҳангии Ҳиндустон ба ҳифзи мероси ғании он, дастгирии гуногунрангӣ (забонҳо, динҳо ва санъат) ва таблиғи "неруи нарм" тавассути йога, Аюрведа ва Болливуд нигаронида шудааст. Таваҷҷӯҳи асосӣ ба омезиши арзишҳои анъанавии ҳиндуҳо бо ҳувияти миллии муосир ва ҳамзамон фаъолона пайгирии дипломатияи фарҳангӣ барои тақвияти мавқеи худ дар саҳнаи ҷаҳонӣ равона шудааст.

Ҳамзамон, дипломатияи фарҳангии Ҳиндустон воситаи асосии "неруи нарм"-и он аст, ки ба таблиғи имиҷи мусбати кишвар тавассути йога, буддоия, синамо (Болливуд), таомҳо ва мероси фарҳангӣ нигаронида шудааст. Ҳиндустон барои тақвияти таъсири геополитикӣ, тақвияти мубодилаи фарҳангӣ ва тақвияти муколама аз робитаҳои таърихӣ (хусусан бо Осиёи Ҷанубу Шарқӣ) фаъолона истифода мебарад.

Воситаҳои асосии дипломатияи фарҳангии Ҳиндустон инҳо маҳсуб мешаванд:

1. Йога ва Аюрведа: Пешбурди тарзи ҳаёти солим ҳамчун як қисми мероси маънавӣ тавассути ҷашн гирифтани Рӯзи байналмилалии йога.
2. Буддизм: Тақвияти робитаҳо бо кишварҳои Осиё тавассути зиёратгоҳҳо ва решаҳои муштараки фарҳангӣ.
3. Маориф ва забон. Пешбурди забонҳои ҳиндӣ ва санскрит, пешниҳоди стипендия барои донишҷӯёни хориҷӣ.
4. Синамо ва санъат. Пешбурди маъруфияти Болливуд, мусиқии ҳиндӣ ва рақс дар хориҷа.

5. Марказҳои фарҳангӣ. Фаъолияти Шурои Ҳиндустон оид ба робитаҳои фарҳангӣ (ICCR) ва Марказҳои Ҷавоҳирлал Неҳру дар саросари ҷаҳон.

Манбаи пуриқтидори “неруи нарм”-и Ҳиндустон синамои он – Болливуди машҳури ҷаҳонӣ аст. Дар асри XX саноати синамои Ҳиндустон, дар баробари Ҳолливуд ва киноиндустрияи Чин, ба як падидаи ҷаҳонӣ табдил ёфт. Дар охири соли 2010 Ҳиндустон дар истеҳсоли солонаи филмҳо дар байни рақибонаш ҷойи аввалро ишғол кард. Филмҳои ҳиндӣ ҳоло дар кинотеатрҳои зиёда аз 90 кишвари ҷаҳон намоиш дода мешаванд.

Дар соли 2009 тақрибан 2500 филм дар Ҳиндустон бароварда шуд, ки 1280-тои онҳо филмҳои бадеӣ буданд. Ба шарофати 100 дарсад сармоягузории мустақими хориҷӣ, бозори синамои Ҳиндустон барои ширкатҳои хориҷӣ, аз қабили 20th Century Fox, Sony Pictures, Walt Disney Pictures ва дигарон ҷолибтар шудааст. Ҳиндустон дорандаи коргардонҳои боистеъдоди шинохташуда дар саросари ҷаҳон маҳсуб мешавад. Коргардонҳои машҳури ҳиндӣ Вишванат, Бапу, Сатяҷит Рей, Айер ва дигаронро дар бар мегиранд.

Йога як воситаи муассири “неруи нарм”, абзори дипломатияи фарҳангии ҳиндуҳо мебошад. Худи мафҳуми "йога" дар фарҳанги ҳиндуҳо ба маънои васеъ, маънои омезиши амалияҳои рӯҳонӣ, равонӣ ва ҷисмониро дорад, ки дар шохаҳои гуногуни ҳиндуизм ва буддизм мавҷуданд ва барои назорати вазифаҳои руҳӣ ва физиологии бадан барои ноил шудан ба ҳолати баланди руҳонӣ ва равонӣ равона шудаанд. Дар Аврупо, Шопенгауэр пешсафи омӯзиши фалсафаи йога буд ва назари фалсафии худро бар Упанишадҳо асос дод. Пас аз суханронии машҳури Вивекананда дар Конгресси динҳои Чикаго ва лексияҳои ӯ дар бораи йога дар шаҳри Ню Йорк дар охири асри XX, таваҷҷуҳ ба ин амалкарди ғайриодии рӯҳонӣ дар Ғарб ҳеҷ гоҳ коҳиш наёфт. Афзоиши навбатии таваҷҷуҳ ба йога дар нимаи аввали асри XX ба амал омад [3].

Тибқи рейтинги “неруи нарм” дар соли 2010, Ҳиндустон бо холҳои 20.4 дар ҷойи дуюм қарор гирифт. Чин сазовори ҷойи аввал шуд [2]. Ин аз он сабаб аст, ки Ғарб диаспораи хеле бузурги ҳиндуҳо дорад, ки бо забони англисӣ ҳарф мезананд. Масалан, як сеяки водии Силикон дар ИМА аз одамони ҳиндӣ иборат аст. Ин кишвар инчунин дар "волоияти қонун" (риояи қонун), озодӣ ва муҳоҷират пешсаф аст.

Ҳамкории Ҳиндустон бо панҷ кишвари Осиёи Марказӣ решаҳои амиқ дорад, ки пайваста дар ҳуҷҷатҳои расмӣ таъкид мешавад. Санадҳои Вазорати корҳои хориҷии Ҳиндустон ва Қазоқистон муносибатҳои беш аз 2000-сола, паҳншавии буддоӣ аз Ҳиндустон ба Осиёи Марказӣ ва ақидаҳои суфӣ аз Осиёи Марказӣ ба Ҳиндустонро нишон медиҳанд. Бо такя ба

таърих ва фарҳанги муштарак, Ҳиндустон дар Осиёи Марказӣ якчанд ташаббусҳоро амалӣ кардааст, ки баъзе аз онҳоро дида мебароем:

1. Дар Қазоқистон, Маркази фарҳангии Свами Вивекананд, ки йогаро роҳбарӣ мекунад, муассисаи пешбари Шурои муносибатҳои фарҳангии Ҳиндустон (ICCR) мебошад ва Рӯзи байналмилалии йога дар соли 2024 дар 21 шаҳр ҷашн гирифта шуд.

2. Дар Узбекистон, Маркази фарҳанги Ҳиндустон ба номи Лаъл Баҳодур Шастри (LBSCIC) ҳар сол йогаро ба садҳо донишҷӯ таълим медиҳад.

3. Дар Ҷумҳурии Қирғизистон китобхонаи Маҳатма Ганди-Манас таъсис дода шуд.

4. Дар Туркманистон, сарвазир Нарендра Модӣ дар Ашқобод маркази йога ва тибби анъанавиро ифтитоҳ кард ва нимпайкараи Маҳатма Гандиро гузошт.

5. Дар Тоҷикистон Маркази фарҳангии Свами Вивекананд дар Душанбе дарсҳои катхак, табла ва ҳиндиро пешкаш мекунад.[7, 372]

Ҳиндустон бо якчанд кишвар, аз ҷумла Ҷумҳурии Қирғизистон (2022-2026) ва Тоҷикистон (2019-2023) Барномаҳои мубодилаи фарҳангӣ (CEP)-ро имзо кардааст. Дар баробари ин, синамои ҳиндӣ дар дипломатияи фарҳангӣ, бахусус дар Узбекистон ва Туркманистон, ки дар он ҷо филмҳои Раҷ Капур ва фестивалҳои филмҳои ҳиндӣ мунтазам баргузор мешаванд, нақши муҳим дорад.

Ҳиндустон дар соҳаи барномаи рушди иқтидор кор карда, муҳимтаринаш ITEC (Барномаи ҳамкории техникӣ ва иқтисодии Ҳиндустон) мебошад. Барномаи дигари Ҳукумати Ҳиндустон ICCR (Шурои муносибатҳои фарҳангии Ҳиндустон) дар доираи ICCR мебошад, ки ба Тоҷикистон 392 стипендия ва ба Туркманистон ҳамасола 17 стипендияи ICCR дода мешавад. Ғайр аз ин барномаҳо, ҳукумати Ҳиндустон Маркази технологияҳои иттилоотии Ҳиндустон–Туркманистонро дар Ашқобод таъсис дод, инчунин аз ҷониби Ҳиндустон ба Тоҷикистон барои лоиҳаҳои инфрасохторӣ, аз ҷумла шоҳроҳи 8-хатта дар Душанбе 20 миллион доллар грант дода шудааст. Илова бар ин, чаҳорчӯбаи саммити Ҳиндустон-Осиёи Марказӣ донишҷӯён ва мақомоти Осиёи Марказиро ба Ҳиндустон овард. [7, 373]

Дар чорчӯбаи дипломатияи фарҳангӣ Ҳиндустон ба маориф таваҷҷуҳи хосса дорад. Донишҷӯёни Осиёи Марказӣ дар Ҳиндустон тибқи барномаҳои ICCR ва ITEC таҳсил мекунанд ва донишҷӯёни ҳиндӣ низ дар Осиёи Марказӣ ҷамоатҳои назаррасро (дар Ҷумҳурии Қирғизистон тақрибан 17,400 донишҷӯ, дар Тоҷикистон тақрибан 1400 донишҷӯ ва дар Қазоқистон 9,500 донишҷӯ) ташкил медиҳанд. Чунин робитаҳои таълимӣ

як рукни муҳимми дипломатияи “неруи нарм”-и Ҳиндустон мебошанд. [7, 373]

Хулоса, вобаста ба матлабҳои зикршуда гуфтан зарур аст, ки кишвари Ҳиндустон қобилияти татбиқи босамари дипломатияи фарҳангиро дошта, технологияи махсуси татбиқи “неруи нарм”-ро дар сиёсати хориљиаш дорад. Ҷиҳати хеле муҳим, ки ба сиёсати “неруи нарм” пайвандии муҳим дорад, ин фарҳанги ғайризуригарии ҳиндӣ (ахимс) маҳсуб мешавад, ки ба таври амиқ татбиқи он муҳтавои сиёсати байналмилалиро гуманистӣ мегардонад. Маҳз дар заминаи чунин арзишҳо ва махсусан давлат-тамаддун будани Ҳиндустон дипломатияи нарми ҳиндӣ дастовардҳои бузург касб мекунад.

**Адабиёт**

1. Назриев К. Дипломатияи фарҳангии Чин // Дипломатияи Тоҷикистон барои рушди устувор ва амнияти Осиёи Марказӣ: маҷмуи маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ.-Душанбе, 2025. – С.352-362.

2. Рейтинг мягкой силы Индии на английском языке. Экономический интернет портал «EY». [Захираи электронӣ] http://www.ey.com/GL/en/Issues/Driving-growth/Rapid-growthmarkets-soft-power-index-Results–country-analyses (Санаи муроҷиат: 28.03.2014).

3. Элиаде М. Йога. Бессмертие и свобода. СПб.: Лань, 1999.

4. Dellios R., Ferguson J.R. Sino-Indian Soft Power in a Regional Context // Culture Mandala: The Bulletin of the Centre for East-West Cultural and Economic Studies. 2011. Vol. 9. No. 2. P. 22

5. Hard Times for Soft Power: (an Interview with Nye J.S.) // Weatherhead Center for International Affairs. 2017. May 30.

6. Hazarika O.B., Mishra V. South Asia as a Battleground: Soft Power Contestation between India and China // World Affairs. 2016. Vol. 20. No. 3. P. 112–128

7. Prerna Yadav. India’s soft power engagement in Central Asia : achievements and challenges // Int. J. Adv. Res. 14(02), February-2026, 370-374

# «МЯГКАЯ СИЛА» И ИНДИЙСКАЯ КУЛЬТУРНАЯ ДИПЛОМАТИЯ: ТЕХНОЛОГИИ РЕАЛИЗАЦИИ КУЛЬТУРНОЙ ПОЛИТИКИ

**НАЗРИЕВ КАРИМ**

началник Управления делопроизводство и контроля

Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан 734000, Таджикистан, г. Душанбе, улица Шотемур 27,

Тел: (992)-988-01-53-11, e-mail: nar.norov.79@mail.ru

*Статья посвящена культурной дипломатии и «мягкой силе» Индии. Автор попытался определить составляющие элементы «мягкой силы» Индии и технологии её реализации на международной арене в соответствии с современными условиями развития геополитических отношений. Особое внимание уделяется Индии как стране цивилизации с точки зрения реализации культурной политики. Анализируются условия реализации политики «мягкой силы» Индии в странах Юго-Восточной и Центральной Азии. В статье анализируются и делаются выводы об основных элементах культурной дипломатии Индии, таких как киноиндустрия (Болливуд), йога, образование и язык. Утверждается, что Индия, благодаря своим цивилизационным ценностям и ненасильственным учениям, занимает особое место среди стран мира в области реализации культурной дипломатии и «мягкой силы». Данная статья предназначена для экспертов в области внешней политики, геополитики и международной политики, желающих лучше понять политику «мягкой силы» и культурной дипломатии.*

***Ключевые слова:*** *индийская культурная дипломатия, индийская «мягкая сила», «мягкое обаяние», «йога-дипломатия», буддизм, Болливуд, киноиндустрия, культурная политика.*

## “SOFT POWER” AND INDIAN CULTURAL DIPLOMACY: TECHNOLOGY OF CULTURAL POLICY IMPLEMENTATION

**NAZRIEV KARIM**

Head of the Department of records management and control of the Center for Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan
734000, Tajikistan, Dushanbe city, SShotemur str. 27,
phone.: (992)-988-01-53-11. E-mail: nar.norov.79@mail.ru

*This article is devoted to India's cultural diplomacy and soft power. The author attempts to identify the constituent elements of India's soft power and the methods for its implementation in the international arena in accordance with the current conditions of geopolitical relations. Particular attention is paid to India as a country of civilization in terms of implementing cultural policy. The conditions for implementing India's soft power policy in the countries of Southeast and Central Asia are analyzed. The article analyzes and draws conclusions about the key elements of India's cultural diplomacy, such as the film industry (Bollywood), yoga, education, and language. It is argued that India, thanks to its civilizational values and non-violent teachings, occupies a special place among countries in the world in the implementation of cultural*

*diplomacy and soft power. The article is dedicated to experts in foreign policy, geopolitics, and international politics who want to better understand the politics of "soft power" and cultural diplomacy.*

***Keywords:*** *Indian cultural diplomacy, Indian soft power, soft charm, yoga diplomacy, Buddhism, Bollywood, film industry, cultural policy.*

**УДК: 327:004(73:575.3).**

# ДИПЛОМАТИЯИ РАҚАМИИ ИМА ВА РАВАНДИ ПЕШБУРДИ ОН ДАР ТОҶИКИСТОН

**МАДИМАРОВА ГУЛҲАЁ МАДИМАРОВНА,**
ходими илмии Институти омӯзиши масъалаҳои
давлатҳои Осиё ва Аврупо АМИТ
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33;
тел.: (+992) 189-38-11-11; e-mail: gulhayomadimar@gmail.com

*Мақола ба таҳлили дипломатияи рақамӣ Штатҳои Муттаҳидаи Америка ва раванди пешбурди он дар Тоҷикистон бахшида шудааст. Дипломатияи рақамӣ яке аз шаклҳои муосири амалисозии сиёсати хориҷӣ мебошад, ки бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ татбиқ мегардад. Штатҳои Муттаҳидаи Америка ҳамчун актори муҳими сиёсати ҷаҳонӣ, дипломатияи рақамиро ба таври фаъол барои пешбурди манфиатҳои сиёсӣ ва иттилоотии худ истифода мебарад. Ин раванд тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ, сомонаҳои расмӣ ва дигар платформаҳои рақамӣ амалӣ карда мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ унсурҳои дипломатияи рақамии ИМА ба таври назаррас рушд ёфта истодаанд. Намояндагиҳои дипломатии ИМА бо истифода аз воситаҳои рақамӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҷавонон ва ниҳодҳои давлатӣ робита барқарор мекунанд. Барномаҳои иттилоотӣ, маърифатӣ ва омӯзишӣ яке аз самтҳои муҳими фаъолияти рақамии ин давлат дар Тоҷикистон ба ҳисоб мераванд. Пешбурди дипломатияи рақамӣ ба таҳкими муколамаи байнидавлатӣ ва густариши ҳамкориҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ мусоидат менамояд. Дар маҷмуъ, дипломатияи рақамии ИМА дар Тоҷикистон ҳамчун воситаи муҳим барои тақвияти муносибатҳои дуҷониба ва густариши таъсири иттилоотӣ арзёбӣ мегардад.*

***Калидвожаҳо:*** *Дипломатияи рақамӣ, Тоҷикистон, ШМА, шабакаҳои иҷтимоӣ, статегияи рақамӣ, малакаҳои рақамӣ, сиёсати хориҷӣ, мавқеи байналмилалӣ.*

Рушди босуръати технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ва интернет, ки ҷомеаи иттилоотии ҷаҳонии муосирро ташаккул медиҳад, ба ҳама соҳаҳои ҷомеа ва ҳукумат, аз ҷумла сиёсати байналмилалӣ, таъсири зиёд мерасонад. Истеъмол ва табодули иттилоот дар сатҳи ҷаҳонӣ ба воситаи барномаҳои рақамӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба муошират таъсири амиқ ворид намуда, шаклҳои нави равобит ва муносибати байни кишварҳоро ба вуҷуд овардааст. Ин раванд усули анъанавии муносибати кишварҳоро низ дигаргун кардааст, ки дар ин радиф дипломатия низ

истисно нест. Яке аз омилҳои асосии таъсиррасон ба дипломатия ва муносибатҳои байналмилалӣ, ин инқилоб дар технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ (ТИК) мебошад. Дар заминаи таҳаввулёбии муошират байни давлатҳо дар ҷараёни инқилоби рақамӣ, мафҳуми «дипломатияи рақамӣ» пайдо шуд. Он шакли нави фаъолияти дипломатиро, ки истифодаи технологияҳои рақамиро дар бар мегирад, таҷассум менамояд. Аз ин рӯ, омӯзиши мафҳум ва назарияи дипломатияи рақамӣ барои фаҳмиши амиқ ва самаранокии истифодаи он дар сиёсати хориҷӣ ва таҳкими нақши кишварҳо дар арсаи байналмилалӣ муҳим мебошад.

Дипломатияи рақамӣ ҳамчун воситаи муосири таҳкими сиёсати хориҷӣ, имкон медиҳад, ки кишварҳо барномаҳо ва ташаббусҳои стратегиро ба сатҳи ҷаҳонӣ муаррифӣ кунанд. Маъмулан, дипломатияи рақамӣ ҳамчун истифодаи стратегии абзорҳои рақамӣ ва платформаҳои шабакаҳои иҷтимоӣ аз ҷониби субъектҳои дипломатӣ (масалан, ҳукуматҳо, дипломатҳо ва созмонҳои байналмилалӣ) барои анҷом додани доираи васеи фаъолиятҳои дипломатӣ муайян карда мешавад. Он манзараи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодиро дар саросари ҷаҳон, инчунин роҳҳои интиқол ва дарки иттилоотро тағйир дода истодааст. Ба андешаи муҳақиқи шинохтаи соҳа Корнелиу Бойла дипломатияи рақамӣ ба хусусияти муайянкунандаи сиёсати хориҷии муосир табдил ёфтааст. Ӯ дар китобаш “Дипломатияи рақамӣ:назария ва амлаия” (Digital diplomacy: Theory and practice” зикр мекунад, ки васоили "дипломатияи рақамӣ" на танҳо истифодаи абзорҳои онлайнӣ, балки тағйироти васеътари иҷтимоию иқтисодиро, ки аз ҷониби технологияҳои рақамӣ, аз ҷумла инфрасохтор, идоракунӣ, иқтисодиёт ва ҳуқуқи инсон ба вуҷуд меоянд, инъикос мекунад. [2,175] Бояд зикр кард, ки интернет ба платформаи асосии муошироти давлатӣ ва хусусӣ табдил ёфтааст ва имрӯз зиёда аз 4 миллиард нафар аз шабакаҳои иҷтимоӣ, аз қабили Facebook, Twitter, Qzone, Snapchat, Instagram ва дигар васоити пайёмрасонӣ истифода мебаранд. Муошироти рақамӣ ҷаҳонро мобилӣ ва фишурдатар карда, имкони муоширатро дар давоми 24 соат дар як рӯз фароҳам овардааст. Шабакаҳои иҷтимоӣ имкониятҳои бузургеро барои ҳамкории байналмилалӣ фароҳам овардаанд, ки боиси пайдоиши шаклҳои нави муносибатҳои байналмилалӣ, аз ҷумла дипломатия гардид. Яъне дипломатияи рақамӣ ба истифодаи технологияҳои рақамӣ, бахусус интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ, барои анҷом додани фаъолиятҳои дипломатӣ ва пешбурди ҳадафҳои сиёсати хориҷӣ ишора мекунад.

ИМА[1] дар дипломатияи рақамӣ нақши пешбарро мебозад, ки асосан аз сабаби мавқеи калидиаш дар саноати техгологияҳои иттилоотӣ ва

[1] Минбаъд ИМА (Дар Стратегияи сиёсати хориҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли Штатҳои Муттаҳидаи Америка зикр шудааст)

инфрасохтори рақамии ҷаҳонӣ мебошад. Истиқлол ва тавоноии рақамӣ ба ИМА имкон медиҳад, ки идеологияи худро самаранок паҳн кунад, рӯзномаи байналмилалиро ташаккул диҳад ва ба равандҳои сиёсии дохилӣ дар хориҷа таъсир расонад. Истифодаи технологияҳои рақамӣ дар сиёсати хориҷии ИМА ба солҳои 1990 рост меояд, вақте ки Департаменти давлатии ИМА бори аввал ба омӯзиши имкониятҳои интернет барои муоширати дипломатӣ шуруъ кард. Аммо, танҳо дар солҳои 2000-ум дипломатияи рақамӣ бо таъсиси Дафтари дипломатияи электронӣ дар соли 2002 маъруфият пайдо кард[4]. Аз он вақт инҷониб, дипломатияи рақамӣ бо пешрафтҳо дар технология ва аҳамияти афзояндаи шабакаҳои иҷтимоӣ дар муоширати ҷаҳонӣ босуръат рушд кардааст. Аз омӯзиш бармеояд, ки чаҳорчубаи консептуалии дипломатияи рақамии ИМА се ҷанбаи асосиро дар бар мегирад, якум таъсири рақамикунонӣ ба муҳити геополитикӣ, дувум, дохил кардани мавзуъҳои нави рақамӣ ба рӯзномаҳои дипломатӣ ва сеюм истифодаи абзорҳои рақамӣ дар амалияи дипломатӣ. ИМА ба ин ҷанбаҳо, бахусус, тавассути ислоҳоти институтсионалӣ, равиши ҳамаҷонибаеро қабул кардааст. Департаменти давлатии ИМА дар доираи сиёсати кибериии худ стратегияеро таҳия намудааст, ки ба тавсеа ва таҳкими амният дар фазои рақамӣ ва киберӣ таваҷҷуҳ мекунад. Ҳамчунин, тавассути ин стратегия кӯшиш мекунад, ки кишварҳои дигарро барои ҳамкорӣ дар мубориза бо таҳдидҳои киберӣ ва ҷиноятҳои рақамӣ ва инчунин риояи ҳуқуқи инсон дар интернет сафарбар намояд. Асосҳои институтсионалии дипломатияи рақамӣ асосан Стратегияи сиёсати киберӣ ва рақамии байналмилалии ИМА (United States International Cyberspace and Digital Policy Strategy), ки  соли 2024 қабул гардидааст, мебошанд. [10]

Таҳаввули муҳимми институтсионалӣ дар дипломатияи рақамии ИМА таъсиси Бюрои фазои киберӣ ва сиёсати рақамӣ (Bureau of Cyberspace and Digital Policy CDP) дар дохили Департаменти давлатӣ мебошад. Ин ислоҳот барои бартараф кардани парокандагӣ дар сиёсати рақамӣ равона шуда буд ва эътироф мекунад, ки масъалаҳои рақамии байнисоҳавӣ, ба монанди амнияти киберӣ, тиҷорати электронӣ, ҳифзи махфият ва идоракунии маълумот наметавонанд бе дастур ё талаботи ҷиддии ҳал карда шаванд. Бюро барои муосирсозии дипломатияи ИМА ва муттаҳид кардани амнияти киберӣ, иқтисоди рақамӣ ва ҳуқуқҳои истифодабарандагони шабакаҳои интернетӣ ба чаҳорчӯбаи дипломатияи рақамӣ мувофиқ, талош мекунад. Ин санад нақшаи ИМА-ро барои иштирок дар масъалаҳои рақамикунонии дипломатя, масъалаҳои сиёсӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ ба таври стратегӣ муайян мекунад. Дар маҷаллаи америкоии “Дипломатияи ҷамъиятӣ ва таҳқиқоти байналмилалӣ” оварда шудааст, ки дигар субъектҳо, ба монанди Департаменти тиҷорат ва Комиссияи

федералии коммуникатсия, дар ҷалби сиёсати рақамии байналмилалӣ нақш мебозанд. Ин равиши "тамоми ҳукумат"-ро инъикос мекунад, гарчанде ки ба даст овардани ҳамоҳангии пурра дар байни агентиҳо душвор боқӣ мемонад.[4] Омилҳои асосӣ, ки таҳаввулоти дипломатияи рақамиро дар сиёсати хориҷии ИМА ташаккул медиҳанд, иборатанд аз:

- Аҳамияти афзояндаи шабакаҳои иҷтимоӣ дар муошрати ҷаҳонӣ
- Пешрафтҳо дар таҳлили маълумот ва фаҳмишҳои рақамӣ
- Истифодаи афзояндаи технологияҳои мобилӣ ва барномаҳои паёмрасонии иҷтимоӣ
- Зарурати ҳалли мушкилоти нав ба монанди амнияти киберӣ ва маълумоти нодуруст

Ин тамоюлҳо рушди абзорҳо ва стратегияҳои навро дар ҷаҳон барои дипломатияи рақамӣ пеш бурда, дар солҳои оянда ин соҳаро пурра ташаккул медиҳанд. Шабакаҳои иҷтимоӣ, ки ба як абзори муҳими ҳамкории дипломатӣ табдил ёфтаанд, ба ҳукумати ИМА имкон медиҳад, ки бо аудиторияи ҷаҳонӣ пайваст шавад, арзишҳо ва манфиатҳои худро таблиғ кунад ва ба бӯҳронҳои нав вокуниш нишон диҳад. Истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ аз ҷониби Департаменти давлатӣ бо саҳифаҳои гуногуни дар платформаҳо, ба монанди Twitter, Facebook ва Instagram як мисоли калидии ин раванд аст. Стратегияи шабакаҳои иҷтимоии Департаменти давлатӣ ба таблиғи ҳадафҳои сиёсати хориҷии ИМА, ҳамкорӣ бо мардуми кишварҳои хориҷӣ ва пешниҳоди маълумоти саривақтӣ ва дақиқ дар бораи фаъолиятҳои дипломатии он нигаронида шудааст. ИМА дипломатияи рақамиро на танҳо як воситаи коммуникатсионӣ, балки чун абзори стратегӣ барои пешрафти сиёсатҳои хориҷӣ ва амниятию иқтисодӣ мешуморад[9].

Дипломатияи рақамӣ ҳамчун василаи муҳими пешбурди сиёсати хориҷии ИМА дар Осиёи Марказӣ, бахусус дар Тоҷикистон, низ мебошад. Муҳаққиқон бар он назаранд, ки гарчанде стратегияи ИМА дар Осиёи Марказӣ ба қудрати нарм ва рушди бемайлони минтақа таъкид мекунад, аммо яке аз ҳадафҳои муҳимми он рақобат ба қудратҳои минтақавӣ, аз ҷумла Чин ва Русия низ мебошад. Яъне, ИМА мехоҳад мавҷудияти нуфузи худро дар ин кишварҳо нишон диҳад ва яке аз воситаҳо ё василаҳои татбиқи он маҳз дипломатияи рақамӣ мебошад. Яке аз таҳлилгарони соҳа Анатолий Моткин дар маҷаллаи байналмилалии “Diplomatic courier” мавриди зарурати рушди дипломатияи рақамӣ дар кишварҳои Осиёӣ Марказӣ овардааст, ки он имконияти хуберо барои барқарор кардани муносибатҳои дуҷониба ва биёрҷонибаи кишварҳо ва рушди малакаҳои рақамӣ фароҳам меорад. Ин малакаҳо ба кишварҳои Осиёи Марказӣ имкон медиҳанд, ки ба бозорҳои нав дастрасӣ пайдо карда, вориди пешрафти рақамии ҷаҳони муосир гарданд. Ғарб дар кумак ба Осиёи Марказӣ дар

таҳияи инфрасохтор ва роҳҳои ҳалли технологӣ барои беҳтар кардани хизматрасонии шаҳрвандӣ накши муҳим дорад. Омӯзонидани мутахассисони маҳаллӣ ва ҷалби онҳо ба таҳияи роҳҳои ҳалли масъала ба зудӣ сармоягузориҳои мустақими хориҷиро ба бахши технологияҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ ҷалб мекунад ва роҳҳои ҳалли таҳияшуда аз ҷониби мутахассисони Осиёи Марказӣ дар Ғарб низ татбиқ хоҳанд шуд [3].

Масъала ва тамоюлҳое, ки ИМА мехоҳад тавассути дипломатияи рақамӣ дар Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, пиёда намояд, ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҷавонон, донишҷӯён, рӯзноманигорон ва дигар қишрҳои фаъоли ҷомеа буда, бо истифода аз платформаҳои рақамӣ ба онҳо дастрасӣ ба иттилоот дар атрофи ташаббусҳои ИМА фароҳам меорад. Барномаҳо ба мисли “iCode 2024”, ки барои омӯзиши технологияҳои иттилоотӣ ва рушди малакаҳои рақамӣ барои занон ва ҷавонон мебошад, аз ҷумлаи ин иқдомҳост. Ҳамчунин, курсҳои омӯзиши англисии онлайн барои омӯзгорон ва мутахассисон “Online Professional English Network” (OPEN), барномаҳои забони англисӣ (English Access Programm), ки малакаҳои забонӣ ва фарҳангиро такмил медиҳанд, ба он шомил мебошанд. Ин иқдомҳо нишон медиҳанд, ки дипломатияи рақамӣ барои ИМА натанҳо такмили муҳоратҳои рақамӣ, забонӣ ва таҳсили шаҳрвандони кишвар аст, балки воситаи муаррифии арзишҳои амрикоӣ низ мебошад. Гузашта аз ин, ИМА дар Тоҷикистон тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ, ба монанди Телеграм, Твитер, Фейсбук, Инстаграм паёмҳои расмиро пахн мекунад, аз ҷумла:

–иттилооти консулгарӣ ва хабарҳои муҳим,

–таблиғоти барнома ва грантҳо,

–талқини ҳуқуқи инсон, озодии матбуот ва дастгирии ВАО-и мустақил.

Ин навъе дипломатия ба ИМА имкон медиҳад, ки ба афкори ҷамъиятӣ таъсир расонад ва муколамаи мустақим бо шаҳрвандон ва созмонҳои маҳаллӣ ташкил диҳад. Тавсеаи таъсир ё ба ибораи дигар неруи нарм бо истифодаи воситаҳои рақамӣ барои паҳн кардани арзиши демократия, ҳуқуқи инсон, озодии баён ва дигар масъалаҳои иҷтимоиву сиёсӣ, ки ҳамааш бо як мафҳум, яъне арзишҳои ин кишвар мебошанд, яке аз самтҳои муҳимми сиёсати Департаменти ИМА дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, бахусус Тоҷикистон, ба шумор меравад. Ҳамаи ин, ба стратегияҳо ва ҳадафҳои дигари сиёсати хориҷии ИМА ҳамоҳанг шудаанд, ки зери барномаи умумии Амрико дар раванди рақамӣ дохил мешаванд. ИМА барои пешбурди дипломатияи рақамӣ ҳамзамон, аз чандин платформа ва воситаҳои онлайнӣ истифода мебарад, ки муҳимтаринҳо онҳо иборатанд аз:

–Сомонаҳои расмии давлатӣ. (United States Department of State) сомонаи расмӣ (state.gov) манбаи асосии иттилооти сиёсати хориҷии ИМА

мебошад. Сафорат ва консулгариҳои ИМА дар кишварҳои гуногун низ вебсайтҳои алоҳидаи худро доранд, ки ҳаммаи онҳо аз ҷониби он идора ва назорат карда мешаванд;

–*Шабакаҳои иҷтимоӣ.* Дипломатҳои ИМА фаъолона аз шабакаҳои иҷтимоӣ истифода мебаранд. Масалан, X (собиқ Twitter), Facebook, Instagram, YouTube, LinkedIn, Телеграмм ва ғайра.

–*Барномаҳои мубодилаи рақамӣ.* (“Bureau of Educational and Cultural Affairs”) барномаҳои онлайн, вебинарҳо ва мубодилаҳои рақамиро идора мекунанд. Платформаи мисли “Интиқоли Америка” (ShareAmerica) барои паҳн кардани иттилоот дар бораи арзишҳо ва сиёсати ИМА истифода мешаванд.

Бояд гуфт, ки ИМА аз як платформаи ягона истифода мекунад ва маҷмуи вебсайтҳои расмӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ ва барномаҳои рақамиро барои пешбурди дипломатияи рақамии худ ба кор мебарад. Сафорати ИМА дар шаҳри Душанбе соҳиби шабакаҳои расмии рақамӣ мебошад, ки фаъолона барои иртибот бо ҷомеаи Тоҷикистон истифода мешавад. Бахусус, саҳифаи “Eelegram Масъалаҳои пломатӣ, барномаҳо ва имкониятҳои таҳсилот ва табодули фарҳангӣ дар пешниҳод менамоянд. обуначиёни Сафорати Америка дар Тоҷикистон дар шабакаи иҷтимоии Телеграмм ба зиёда аз 1,96 ҳазор (то соли 2025), нафар расидааст, ки чорабиниҳо, грантҳо ва барномаҳои дипломатӣ дар Тоҷикистонро эълон мекунад. Ҳамин тавр, сафорат дар Твиттер бо нишонии **@USEmbDushanbe** зиёда аз 6000 пайрав дошта, дар шабакаи Фейсбук 101 ҳазор ва дар Инстаграм 42.4 ҳазор нафарро фаро мегирад. Ин рақамҳо нишон медиҳанд, ки дипломатияи рақамӣ барои расонидани паёмҳои сиёсӣ ва иттилоотӣ ба аҳолии Тоҷикистон истифода мешавад. Дар ин платформаҳо иттилооти дипломатӣ ба забони тоҷикӣ ва русӣ ва англисӣ гузошта мешаванд. Лоиҳаҳо, барномаҳои таҳсилотӣ, ҳамкориҳо ва масоили фарҳангиро шарҳ медиҳанд, ки ин самаранокии рақамӣ ва иртиботи оммавиро ифода мекунад.

Ғайр аз ин, ИМА инчунин, дар соҳаҳои рақамӣ ва технологӣ ҳамкориро вусъат медиҳад, аммо ин натанҳо тавассути дипломатияи нарм ба амал меояд, балки бештар тавассути ҳамкориҳои техникӣ, рақамикунонӣ ва бизнес амалӣ мегардад. Дар соли 2025 намояндагони Тоҷикистон ва “Tajikistan-United States Trade Council” дар бораи ҳамкории рақамӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва онлайн, амнияти киберӣ (cybersecurity) ва ҳамгироии технологияҳои нав дар иқтисоди Тоҷикистон муколама карданд [1]. Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути бахши дипломатияи ҷамъиятӣ (Public Diplomacy Section) лоиҳаҳои зиёдеро дастгирӣ мекунад, ки бо истифода аз воситаҳои рақамӣ ва интернет ба рушди маҳаллӣ таъсир

мерасонанд. Ин грантҳо аксар вақт барномаҳои рақамӣ ё рақамикунониро дар бар мегиранд, мисли омӯзиши технологияи иттилоотӣ, забони англисӣ ё ташкили семинарҳо. Сафорати ИМА дар Тоҷикистон тавассути дипломасияи рақамӣ ба гурӯҳҳои гуногуни ҷомеа паём мефиристад. Масалан, чунонки дар боло ҳам зикр шуд, барномаҳои технологияҳои иттилоотӣ ва таълимӣ, аз ҷумла “iCode 2024” барои занон дар соҳаи мазкур, ҳакатонҳо (марафони барномасозӣ) ва чорабиниҳои озмуни байналмилаии  барномаи кайҳонии “Наса” (“NASA Space Apps”), барномаҳои рақамии озмоишӣ барои ҳал кардани масъалаҳо дар муҳити рақамӣ, аз ҷониби “Гӯшаи ИМА дар Душанбе” ташкил ва баргузор мегардад, низ аз зумраи ин ташаббусҳост. Чунин  чорабиниҳо нишон медиҳанд, ки дипломатияи рақамӣ ба гирифтани малакаҳои нав ва ҷалби шаҳрвандони ҷавон ба масъалаҳои ҷаҳонӣ равона шудааст. Ҳамин тариқ, дипломатияи рақамии ИМА дар Тоҷикистон асосан тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ, веб-сайтҳо, барномаҳои грантӣ ва омӯзишӣ амалӣ мешавад, ки ба ҷалби шаҳрвандон, баланд бардоштани малакаҳои рақамӣ ва пешбурди манфиатҳои дипломатӣ мусоидат мекунад.

Ҳамин тавр, Департаменти давлатии ИМА таблиғоти онлайнӣ анҷом медиҳад, хароҷотро кам мекунад ва дастрасии мустақим ба аудиторияи маҳаллиро ба даст меорад. Сафоратҳои ИМА дар минтақа вебсайтҳои стандартишударо бо се забон: англисӣ, русӣ ва забони маҳаллӣ доранд. Ин захираҳо ё аккаунтҳо зиёда аз 200 ҳазор  муштариёни доимӣ доранд, ки асосан. рӯзноманигорон, кормандони созмонҳои байналмилалӣ ва ғайриҳукуматӣ ва ҷавононе, ки дар барномаҳои мубодила иштирок мекунанд, мебошанд. Аз ҷумлаи маъмултарин захираҳо саҳифаҳои Фейсбуки сафоратхонаҳои ИМА дар Душанбе 101000, Тошканд 97000, Қазоқистон 57 ҳазор ва Қирғизистон 62  ҳазор муштарӣ ва ё пайрави доимӣ доранд. Дар маҷмуъ, маълум аст, ки ниҳодҳои салоҳиятдори ИМА ба таври системавӣ барои эҷоди инфрасохтор дар Осиёи Марказӣ кор мекунанд, ки захираҳои интернетӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, имконоти нармафзорро дар бар гирифта, имкон медиҳад, ки бартарии технологияи иттилоотии ИМА барои ҳалли мушкилоти сиёсати хориҷӣ, дар давлатҳои минтақа истифода шавад.

Дипломатияи рақамии ИМА дар даҳсолаҳои охир фаъолона рушд карда истодааст. Он ба истифодаи доираи васеи технологияҳои рақамӣ барои пешбурди манфиатҳои миллӣ дар доираи сиёсати дипломатии кишвар асос ёфтааст. Департаменти давлатии ИМА аз шабакаҳои иҷтимоӣ, платформаҳои гуногуни онлайн ва технологияҳо барои мубодилаи иттилоот, гуногунранг кардани муошироти кормандон ва васеъ кардани доираи он берун аз марзҳои худ фаъолона истифода мебарад. Ҳамаи

барномаҳои дипломатияи рақамии ИМА бо дастгирии ширкатҳои бузурги интернетӣ амалӣ карда мешаванд, ки дар байни онҳо Гугл (Google) мавқеи пешсафро ишғол мекунад.

Хулоса, рушди технология ва интернет ҷаҳони муосирро ба ҷомеаи иттилоотӣ табдил дода, дипломатияи рақамиро ҳамчун воситаи асосии сиёсати хориҷӣ шакл додааст. ИМА дар татбиқи ин навъи дипломатия пешсаф буда, шабакаҳои иҷтимоӣ, вебсайтҳо ва барномаҳои рақамиро барои паҳн кардани арзишҳои амрикоӣ, демократия, ҳуқуқи инсон ва ҳадафҳои сиёсати хориҷӣ истифода мекунад. Дар минтақаи Осиёи Марказӣ, бахусус, Тоҷикистон, татбиқи дипломатияи рақамии ИМА ба рушди малакаҳои рақамӣ, омӯзиши технологияҳои иттилоотӣ, барномаҳои забонӣ ва ҳамкорӣ бо ҷавонон, донишҷӯён ва ҷомеаи шаҳрвандӣ равона шудааст. Ин раванд натанҳо муоширати мустақим бо шаҳрвандонро таъмин мекунад, балки мавқеи стратегии ИМА ва таъсири неруи нармро дар минтақа тақвият мебахшад.

Ҳамин тариқ, дипломатияи рақамӣ ҳамчун ҷузъи муҳимми сиёсати хориҷии ИМА, ҳам дар сатҳи глобалӣ ва ҳам дар минтақаҳои стратегӣ, аз ҷумла Осиёи Марказӣ, нақши калидӣ дошта, рушди ҳамкории рақамӣ ва таҳкими мавқеи байналмилалии ин кишварро таъмин мекунад.

## Адабиёт


1. Bjola C. Diplomacy in the digital age // Elcano Royal Institute. -2018. -T. 113. – С. 1-8.
2. Кишуева И. Цифровая дипломатия США как инструмент "мягкой силы" на постсоветском пространстве // Вестник Московского городского педагогического университета. Серия: Философские науки. –2018. – № 3 (27). – С. 91–100.
3. Avesta.tj. Tajikistan and US Trade Council discuss cooperation in digital technologies and ICT [Захираи электронӣ]: https://en.avesta.tj/2025/07/22/tajikistan-and-us-trade-council-discuss-cooperation-in-digital-technologies (Санаи муроҷиат: 10.04.2026).
4. Diplomatic Courier. Blueprint for Central Asia's Growth through Digital Diplomacy [Захираи электронӣ]: https://www.diplomaticourier.com/posts/blueprint-central-asias-growth-through-digital-diplomacy (Санаи муроҷиат: 10.03.2026).
5. GRN Journal. American Journal of Political and Diplomatic International Studies [Захираи электронӣ]: https://grnjournal.us/index.php/AJPDIS (Санаи муроҷиат: 10.03.2026).
6. HigherGov. 30th Anniversary of U.S.-Tajik Relations: Video Campaign and Media Development PR [Захираи электронӣ]: https://www.highergov.com

/grant-opportunity/30th-anniversary-of-u-s-tajik-relations-video-campaign (Санаи муроҷиат: 15.03.2026).

7. Khovar.tj. Тоҷикистон ва Америка: ҳамкорӣ дар соҳаи IT амалӣ мешавад [Захираи электронӣ]: https://khovar.tj/2025/11/to-ikiston-va-amriko-amkoriro-dar-so-ai-ra (Санаи муроҷиат: 10.04.2026).

8. United States Department of State. U.S. Digital Diplomacy Initiatives [Захираи электронӣ]: https://www.state.gov/digital-diplomacy/ (Санаи муроҷиат: 10.03.2026).

9. United States Department of State. United States International Cyberspace and Digital Policy Strategy [Захираи электронӣ]: https://2021-2025.state.gov/united-states-international-cyberspace-and-digital-policy-strategy(Санаи муроҷиат: 10.03.2026).

## ЦИФРОВАЯ ДИПЛОМАТИЯ СОЕДИНЁННЫХ ШТАТОВ И ПРОЦЕСС ЕЁ РЕАЛИЗАЦИИ В ТАДЖИКИСТАНЕ

**МАДИМАРОВА ГУЛХАЁ МАДИМАРОВНА**
научный сотрудник Института изучения азиатских и европейских государств НАНТ
734025, Таджикистан, город Душанбе, пр. Рудаки 33;
тел.: (+992) 189-38-11-11; email: gulhayomadimar@gmail.com

*Статья посвящена анализу цифровой дипломатии США и процессу её реализации в Таджикистане. Доступ к информационным технологиям и интернету оказал значительное влияние на современную дипломатию, облегчая коммуникацию с общественным мнением. Цифровая дипломатия обеспечивает использование социальных сетей, веб-сайтов и цифровых платформ для продвижения целей внешней политики США. Соединённые Штаты создали Бюро киберпространства и цифровой политики и разработали международную цифровую стратегию, что позволило эффективно интегрировать кибербезопасность и цифровую политику. В Таджикистане цифровая дипломатия США ориентирована на вовлечение молодежи, студентов и гражданского общества, реализуется через образовательные программы, гранты и социальные сети. Посольство США в Душанбе активно использует Telegram, Twitter, Facebook и Instagram для распространения информации, продвижения национальных ценностей и предоставления возможностей для обучения и обмена опытом. Этот процесс способствует развитию цифровых навыков,*

*технического сотрудничества и укреплению стратегической позиции США в регионе. Цифровая дипломатия также даёт возможность Таджикистану расширять сотрудничество с партнёрами и странами мира и укреплять своё международное положение.*

***Ключевые слова:*** *цифровая дипломатия, Таджикистан, США, социальные сети, цифровая стратегия, цифровые навыки, внешняя политика, международное положение.*

## DIGITAL DIPLOMACY OF THE UNITED STATES AND THE PROCESS OF ITS IMPLEMENTATION IN TAJIKISTAN

**MADIMAROVA GULHAYO MADIMAROVNA,**
Researcher at the Institute for the Study of Asian and European States NAST
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 33;
phone.: (+992) 189-38-11-11; email: gulhayomadimar@gmail.com

*The article is dedicated to the analysis of digital diplomacy of the United States and the process of its implementation in Tajikistan. Access to information technologies and the Internet has significantly influenced modern diplomacy, facilitating communication with public opinion. Digital diplomacy enables the use of social networks, websites, and digital platforms to advance the goals of U.S. foreign policy. The United States has established the Bureau of Cyberspace and Digital Policy and developed an international digital strategy, effectively integrating cybersecurity and digital policy. In Tajikistan, U.S. digital diplomacy is aimed at engaging youth, students, and civil society and is implemented through educational programs, grants, and social media. The U.S. Embassy in Dushanbe actively uses Telegram, Twitter, Facebook, and Instagram to disseminate information, promote national values, and provide opportunities for learning and experience exchange. This process contributes to the development of digital skills, technical cooperation, and strengthening the U.S.'s strategic position in the region. Digital diplomacy also provides Tajikistan with opportunities to expand cooperation with partners and countries worldwide and enhance its international standing.*

***Keywords****: digital diplomacy, Tajikistan, United States, social networks, digital strategy, digital skills, foreign policy, international standing.*

УДК: 32.019.57

# МУБОРИЗАҲОИ ГЕОПОЛИТИКӢ ВА ДАХОЛАТИ БЕРУНА ҲАМЧУН ОМИЛИ ПАЙДОИШИ ИНҚИЛОБҲОИ РАНГА

**АЛИЗОДА НУРАЛӢ АЛӢ,**
докторанти кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав
735140, Тоҷикистон, вилояти Хатлон, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67;
тел.: 903-66-48-84

*Дар мақола нақши муборизаҳои геополитикӣ ва дахолати беруна дар пайдоиши инқилобҳои ранга баррасӣ гардидааст. Муаллиф равишҳои гуногуни омӯзиши инқилобҳои рангаро таҳлил намуда, хусусиятҳои умумӣ ва хосси ин равандҳоро дар кишварҳои гуногун нишон медиҳад. Ба таҳлили манфиатҳои геополитикии абарқудратҳо ва таъсири онҳо ба вазъи сиёсии кишварҳое, ки дар онҳо инқилобҳои ранга рӯй додаанд, таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шудааст. Нақши дахолати беруна, ки метавонад дар дастгирии молиявии неруҳои мухолифин, ҷанги иттилоотӣ ва дигар шаклҳои таъсиррасонӣ зоҳир шавад, баррасӣ шудааст.*

*Таъкид мегардад, ки инқилобҳои ранга ҳамчун падидаи сиёсӣ ҳам аз омилҳои дохилӣ ва ҳам аз таъсиррасонии беруна вобастаанд. Хулоса баровarда мешавад, ки муборизаҳои геополитикӣ ва дахолати беруна дар пайдоиш ва амалишавии инқилобҳои ранга нақши муҳим доранд, аммо, таъсири онҳо ҳалкунанда нест, зеро муваффақият ё нокомии инқилоб инчунин, аз вазъи иҷтимоию иқтисодии ҷомеа, фарҳанги сиёсӣ ва дигар омилҳои дохилӣ вобаста аст. Бинобар ин, таҳлили ҳамаҷонибаи инқилобҳои ранга бо дарназардошти ҳам омилҳои дохилӣ ва ҳам берунӣ зарур дониста мешавад.*

***Калидвожаҳо:*** *геополитика, инқилобҳои ранга, дахолати беруна, демократия, муборизаҳои сиёсӣ, суботи сиёсӣ, манфиатҳои миллӣ.*

Муайян намудани фарқи байни реализм, либерализм ва конструктивизм, инчунин, мавриди таҳлил қарор додани тавозуни қувваҳо, фаъолияти ниҳодҳои байнидавлатӣ ва меъёрҳои сиёсати байналмилалӣ дар доираи равишҳои назариявии муосир амалӣ карда мешаванд. Дар ин раванд нақши афзояндаи акторҳои нави геополитикӣ яке аз масъалаҳои аҳаммиятнок ба шумор рафта, нақши онҳо низ дар баробари қудратҳои анъанавӣ тадриҷан меафзояд. Бештар шудани таъсири қудратҳои минтақавӣ, афзоиши вобастагии иқтисодӣ ва технологӣ дар байни давлатҳо, инчунин, роҳандозӣ гардидани таҳримҳо ва ҷангҳои иқтисодӣ рақобати мураккаби геополитикиро ба вуҷуд оварда истодаанд. Ҳамзамон, дар шароити ҷаҳонишавии босуръат омилҳои иқтисодӣ, ба мисли дастрасӣ

ба захираҳои энергетикӣ, занҷираҳои истеҳсолӣ ва стандартҳои технологӣ дар баробари воситаҳои ҳарбӣ ва дипломатӣ ба масъалаҳои баҳсноку мунозираҳои тезутунди байналмилалӣ табдил меёбанд.

Бояд гуфт, ки ташкили иттифоқҳои байнидавлатӣ, тағйирёбии тавозуни қувваҳо миёни қудратҳои минтақавӣ ва рақобат барои муқаррар кардани меъёрҳо ва қоидаҳои арсаи ҷаҳонӣ механизмҳое мебошанд, ки ба равандҳои сиёсии дохилӣ таъсиррасонии берунаро бештар менамоянд. Истифодаи имкониятҳои иқтисодӣ, аз ҷумла дипломатияи энергетикӣ ва маҳдудиятҳои технологӣ, ба як қатор абарқудратҳо имкон медиҳад, ки ба сиёсати дохилии давлатҳо таъсир расонанд ва дар доираи сенарияҳои эътирозӣ ва ислоҳотии худ ба неруҳои ифротию тундгаро, ки бо инқилобҳои ранга алоқамандӣ зоҳир мекунанд, барои анҷом додани фаъолиятҳои тахрибӣ имкон фароҳам оваранд.

Таҳлили муқоисавии кишварҳои гуногуни олам нишон медиҳад, ки рақобати иқтисодӣ ва технологӣ хатари шиддат гирифтани вазъро афзоиш медиҳад ва таъсири василаҳои иттилоотӣ ва идеологии берунаро бештар мекунад. Дар баробари мавҷудияти қудратҳои анъанавӣ, нақши бозигарони нави геополитикӣ дар ташаккули эътилофҳо, шарикии стратегӣ ва рақобат барои дастрасӣ ба технологияҳои муҳим, бозорҳо ва инфрасохтор ба осонӣ эҳсос мегардад. Дар чунин шароит омилҳои беруна натанҳо ҳамчун сарчашмаи дастгирии неруҳои манфиатдори дохили кишварҳои мавриди ҳадаф, балки ҳамчун имкон барои таблиғоти расонаҳои хабарии хориҷӣ ва назарфиребии онҳо низ амал мекунанд.

Тибқи сарчашмаҳои илмӣ ва мушоҳидаи таҳлилгарон, нишондиҳандаҳои шиддатёбӣ ва ё ҳалли низоъҳо тавассути се сенария баррасӣ мешаванд: якум, рақобати системавӣ вазъи мавҷударо нигоҳ медорад ва бухронҳои давра ба давра пайдошавандаро тақвият медиҳанд [18]; дуюм, низоъҳои маҳаллӣ тавозуни қувваҳоро тағйир медиҳанд, зеро дар онҳо субъектҳои нав ҷалб карда мешаванд ва раванди аз нав тақсим намудани захираҳо байни ниҳодҳои ҳизбӣ ва институтсионалӣ ташаккул меёбанд [21]; сеюм, тавозуни қувваҳо имкон медиҳад, ки ба эътидол овардани ҳамкорӣ ба ҳалли устувори вазъ мусоидат намояд, аммо кумаки беруна ба неруҳои тахрибӣ, дахолати беруна ба корҳои дохилии давлат ва дигар фишангҳову таҳримҳо ба ин раванд халал мерасонанд [10]. Бо дарназардошти сенарияҳои мазкур гуфтан мумкин аст, ки механизмҳои ҷалби субъектҳои беруна ва хусусияти таъсиррасонии онҳо масири ташаккулёбии низоми ҷаҳонӣ ва суботи минтақавиро тағйир медиҳанд. Чунин воқеият бори дигар шаҳодат аз он медиҳад, ки инқилобҳои ранга натиҷаи рақобатҳои геополитикӣ ва сиёсатҳои хориҷии абарқудратҳо мебошанд.

Субъектҳои беруна аз раванди ташаккулёбии эътирозҳо барои тақсимоти нуфуз, ташаккули тавозуни нави қудрат ва тағйир додани қоидаҳои рақобати байналмилалӣ фаъолона истифода мебаранд. Дар чунин шароит эътирозҳои оммавӣ ҳамчун василаи сиёсати хориҷӣ истифода бурда мешавад, зеро давлатҳои манфиатдор барои ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии худ, яъне, васеъ кардани дастрасӣ ба захираҳо, тақвияти амнияти миллии худ ва коҳиш додани таъсири эътилофҳои бонуфузи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ инқилобҳои рангаро истифода мекунанд. Бинобар ин, инқилобҳои ранга аз доираи рӯйдодҳои маҳаллӣ берун мераванд ва унсури сиёсати хориҷии давлатҳои манфиатдор маҳсуб меёбанд.

Асосноккунии нақши инқилобҳои ранга дар муносибатҳои байналмилалӣ тавассути парадигмаҳои назариявӣ имконпазир аст. Реалистон доимо ба ҳимояи манфиатҳои ҳаётан муҳимми давлатҳо ишора мекунанд. Ба андешаи намояндагони ин мактаби илмӣ: «Мавҷудияти захираҳои геоиқтисодӣ, фишангҳои энергетикӣ ва иттифоқчиён дар раванди тақсимоти нуфуз истифодаи ноустувориро зарур мегардонанд» [15]. Мавқеъгирии пайравони назарияи либералӣ ба меъёрҳои тағйироти демократӣ ва миёнаравии онҳо тавассути ниҳодҳои байналмилалӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ асос меёбад [20]. Тавассути конструктивизм нақши ғояҳо, рамзҳо ва гуфтугӯйҳо дар бунёди машруъияти (легитимияти) дахолати беруна возеҳу равшан мегардад [9]. Дар маҷмуъ, равишҳои номбаргардида нишон медиҳанд, ки чаро субъектҳои беруна инқилобҳои рангаро ҳамчун як воситаи таъсиррасонӣ дар минтақаҳои гуногун интихоб мекунанд ва чи гуна чунин иқдомҳо бо стратегияи дарозмуддати онҳо мувофиқат менамоянд. Сиёсатшиноси ватанӣ Х.Сафарализода чунин вазъиятро таҳлилу баррасӣ намуда, иброз медорад, ки «инқилобҳои чанд даҳсолаи охир асосан бо ташаббуси субъектҳои геополитикӣ барои амалӣ намудани мақсадҳои геостратегӣ дар кишварҳои мавриди назари онҳо ҳадафмандона ташкил карда мешаванд. Ба ибораи дигар, дар шароити имрӯза инқилобҳои ранга ҳамчун силоҳи геостратегии кишварҳои абарқудрат барои коҳиш додани қудрати геополитикии рақибони стратегии онҳо истифода бурда мешаванд» [17, 60]. Дар ҳақиқат, таҳлили воқеаҳои сиёсии ду даҳсолаи охир нишон медиҳад, ки инқилобҳои ранга ба таври сунъӣ ташкил карда мешаванд ва барои амалӣ намудани мақсадҳои геополитикӣ ва геоиқтисодии кишварҳои абарқудрат хизмат менамоянд.

Олимони рус О. Карпович ва А.Манойло дар таҳқиқоти худ иброз медоранд, ки «инқилобҳои ранга ҳамчун воситаи сиёсати хориҷӣ барои тақсимоти нуфузи геополитикӣ истифода мешаванд» [7, 75]. Чунин формула моҳияти механизми зеринро инъикос мекунад: субъектҳои беруна барои пайдоиш ва шиддат гирифтани эътирозҳо шароити зарурири таҳия

мекунанд, робитаи байни эътирозгаронро ҳамоҳанг месозанд, рӯзномаи байналмилалиро ба ҷониби онҳо сафарбар менамоянд ва дар ҳолати зарурӣ ба воситаи механизмҳои дипломатӣ ва иқтисодӣ ба равандҳои сиёсии кишвар таъсир мерасонанд. Истифодаи чунин усулҳо таҳлили дақиқи шароити ташаккулёбанда дар кишвари мавриди ҳадафро талаб мекунад, то ин ки таъсири номатлуби равандҳои носолим кам карда шуда, эҳтимолияти амалӣ гардидани ҳадафҳои тахрибкорон коҳиш дода шавад. Бояд қайд кард, ки таваҷҷуҳ накардан ба равандҳои мазкур метавонад боиси шиддатёбии пешгӯйинашавандаи вазъ, бuҳронҳои гуманитарӣ ва низоъҳои дарозмуддат гардад.

Ба андешаи як гурӯҳ олимон, механизмҳои ташкил намудан, маблағгузорӣ кардан ва дар сиёсати хориҷии давлат ба таври самаранок истифода бурдани инқилобҳои ранга бо усулҳои зерин ба амал баровarда мешаванд: «дастгирии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои ғайриҳукуматӣ, ҳамоҳангсозии маъракаҳои иттилоотӣ, маблағгузории барномаҳои таълимӣ ва ҳуқуқи инсон, инчунин, дастгирии молиявии фаъолияти лоббистони байналмилалӣ ва диаспораҳо. Дар ин раванд фондҳо ва шабакаҳои фаромиллӣ нақши худро мебозанд. Онҳо дастгирии захиравӣ ва техникӣ, омӯзиши тактикаи сафарбаркунӣ, таҳияи стратегияҳои коммуникатсионӣ ва фароҳам овардани шароит барои ҳамкорӣ бо элитаҳои маҳаллӣ ва мухолифинро таъмин мекунанд» [12, 156]. Чунин механизми ҳамаҷониба ба субъектҳои беруна имкон медиҳад, ки таъсири худро васеътар кунанд ва ба сӯйи ҳузури дарозмуддати стратегӣ дар минтақа ҳаракат намоянд. Чунин тамоюлот хавфу хатари назарфиребии сиёсӣ ва ҳуҷумҳои иттилоотиро тадриҷан бештар менамоянд.

Сенарияҳои истифодаи инқилобҳои ранга ҳамчун василаи сиёсати хориҷӣ аз рӯйи ҳадафҳо ва шарту шароити худ фарқ мекунанд. Онҳо метавонанд дар заминаи ташкили буҳронҳои сунъӣ кӯшишҳои легитимӣ кунонидани тағйироти сиёсиро дар бар гиранд, тағйир додани тавозуни қудратро барои актори беруна мусоидтар кунанд, ё ҳамчун воситаи фишор овардан ба системаи сиёсии мавҷуда ва шарикони байналмилалии он истифода шаванд. Дар баъзе мавридҳо дастгирии мустақими сафарбаркунии эътирозҳо ва фишори дипломатию иқтисодӣ мундариҷаи чунин сенарияҳоро ташкил медиҳанд, зеро чунин тамоюлот метавонад боиси аз нав тақсим гардидани эътилофҳои минтақавӣ, тағйирёбии сохторҳои тиҷоратӣ, сармоягузорӣ ва тағйири афзалиятҳои стратегии минтақавӣ гардад. Дар баробари ҳамаи ин, чунин сенарияҳо эҳтимолияти дигаргуншавии ғайричашмдоштро дар бар мегиранд. Чунончи авҷ гирифтани зӯроварӣ, халалдор гардидани вазъи сиёсӣ, ноустувории иқтисодӣ ва бӯҳронҳои муҳоҷират метавонанд ба давлатҳои ҳамсоя таъсир

расонанд ва боиси аз нав тақсим кардани манфиатҳои бозингарони ҷаҳонӣ шаванд.

Раванди таъмини амнияти миллӣ ва суботи минтақавӣ ба назар гирифтани таъсири дуҷониба ва бисёрҷонибаи инқилобҳои рангаро талаб мекунад. Аз як тараф, дастгирии беруна метавонад модернизатсияи зарурии сиёсиро суръат бахшад ва барои ислоҳоти демократӣ шароит фароҳам оварад, ба шарте ки соҳибихтиёрӣ ва волоияти қонун халалдор нагарданд ва ба онҳо эҳтиром гузошта шавад. Аз тарафи дигар, кӯшишҳои истифодаи инқилобҳои ранга ҳамчун воситаи сиёсати хориҷӣ аксар вақт боиси низоъҳои тулонӣ, коҳиш ёфтани машруъияти (легитимияти) сиёсӣ ва афзоиши ноустувории институтсионалӣ мегарданд. Бо дарназардошти чунин тамоюлот инқилобҳои ранга бояд ҳамчун як қисми системаи мураккаби таъсиррасонӣ баррасӣ карда шаванд. Онҳо метавонанд тавозуни қудратро тағйир диҳанд, аммо, ҳамзамон, хатари шадидтар шудани низоъҳо ва бадтар шудани амнияти минтақавиро ба вуҷуд оваранд. Муқаррароти назариявии дар боло номбаргардидаро дар мисоли воқеаҳои Баҳори Араб дида мебароем.

Бuҳрони Сурия дар моҳи марти соли 2011 бо мавҷи эътирозҳое, ки аз инқилобҳои рангаи Тунис ва Миср сарчашма гирифта буд, сар зад. Талаботи аввалияи эътирозгарон ба ислоҳоти сиёсӣ, мубориза бо фасод ва беҳтар кардани сатҳи зиндагӣ нигаронида шуда буданд. Намоишҳо аз Димишқ ва Даръо зуд ба дигар шаҳрҳо паҳн шуданд ва бо вокуниши шадиди неруҳои амниятӣ мувоҷеҳ гардиданд. Афзоиши хушунат ба тундгароии баъзе гурӯҳҳои мухолиф мусоидат кард. То нимаи аввали соли 2012 даргириҳои маҳаллӣ ба низои мусаллаҳона бо иштироки Артиши Озоди Сурияи навтаъсис табдил ёфтанд. Неруҳои ҳукуматӣ назорати минтақаҳои канориро аз даст доданд, зеро дар он ҷо гурӯҳҳои исломӣ фаъол шуданд. Парокандагии гурӯҳҳои мусаллаҳи мухолифин ҳалли сиёсиро душвор сохт. Ҷомеаи ҷаҳонӣ поймолшавии васеи ҳуқуқи башар аз тарафи ҳамаи ҷонибҳои низоъро сабт кардааст. То соли 2013 низоъ хусусиятҳои ҷанги шаҳрвандии пурраро ба даст овард, зеро дар он муздурони хориҷӣ ва созмонҳои террористии фаромиллӣ иштирок доштанд. Созмони террористии ДОИШ қаламравҳои васеъро дар шарқи кишвар ишғол кард, ҳатто нави ҷабҳаро ба вуҷуд овард. Иштироки воҳидҳои худмудофиаи курдҳо ба низоъ хусусияти этникӣ зам кард. Харобшавии систематикии инфрасохтор боиси ба вуҷуд омадани буҳрони гуманитарӣ гардид.

Дахолати беруна эътилофи мухолифинро ба вуҷуд овард, зеро кишварҳои манфиатдор тавассути таъмини силоҳ ва омӯзиш аз мухолифини муътадил пуштибонӣ мекард. Иёлоти Муттаҳидаи Амрико,

Британияи Кабир ва Фаронса аз ниҳодҳои байналмилалӣ барои қонунӣ кардани таҳримҳо алайҳи режими Башор Асад истифода бурданд. Аммо интиқоли мустақими силоҳ аз сабаби набудани назорати возеҳ бар гирандагони ниҳоӣ аксар вақт ба тақвияти гурӯҳҳои тундрав мусоидат мекард. Дахолати низомии Русия аз моҳи сентябри соли 2015 тавозуни қудратро ба фоидаи неруҳои ҳукуматӣ ба таври назаррас тағйир дод. Эрон тавассути Сипоҳи Посдорони Инқилоби Исломӣ дастгирии логистикӣ расонид. Туркия ва Арабистони Саудӣ манфиатҳои рақобатпазирро пайгирӣ мекарданд ва гурӯҳҳои гуногуни мухолифини сунниро дастгирӣ менамуданд. Ин дахолати бисёрҷониба Сурияро ба майдони ҷанги қудратҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ табдил дод.

Мудохилаҳои низомӣ боиси парокандашавии воқеии қаламрави Сурия ба минтақаҳои таъсиррасонии субъектҳои гуногун гардиданд. Минтақаҳои шимолӣ таҳти назорати неруҳои Туркия ва гурӯҳҳои мусаллаҳи онҳо қарор гирифтаанд, дар ҳоле ки қисми шимолу шарқӣ аз ҷониби воҳидҳои курд бо дастгирии ИМА назорат карда мешуд. «Дар натиҷа, таҳти баҳонаи амалиёти сулҳҷӯёна, мудохилаи мусаллаҳона бо иштироки неруҳои муттаҳидон дар блокҳои низомиву сиёсӣ анҷом дода мешавад» [13,126]. Ин ба ниҳодикунонии сохторҳои қудратии параллелӣ мусоидат кард. Ислоҳоти тавозуни қудратҳои минтақавӣ дар тақвияти иттиҳоди Русия ва Эрон ва заиф шудани мавқеъҳои анъанавии Ғарб зоҳир шуд. Таъсиси пойгоҳҳои низомии Русия дар соҳили баҳри Миёназамин сохтори стратегии Ховари Миёнаро тағйир дод. Низоъ буҳрони муҳоҷиратро ба вуҷуд овард ва ба сиёсати давлатҳои аврупоӣ таъсир расонид. Буҳрони сиёсии Сурия нишон дод, ки дар шароити шиддатёбии рақобатҳои геополитикӣ механизмҳои ҳалли мушкилоти байналмилалӣ маҳдудияти худро доранд.

Дар марҳалаҳои аввали сар задани Баҳори Араб субъектҳои беруна барои таъсир расонидан ба равандҳои сиёсӣ василаҳои неруи нармро низ фаъолона истифода мебурданд. Дар изҳороти оммавии ходимони давлатии кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ масъалаи ғайриқобили қабул будани системаҳои сиёсии амалкунандаи баъзе давлатҳои Шарқи Наздик матраҳ мегардид. Масалан, қатъномаҳои Шурои Амнияти СММ барои амалҳои минбаъдаи давлатҳои манфиатдор заминаи ҳуқуқӣ фароҳам меоварданд.

Таҳримҳои иқтисодӣ ҳамчун фишанги таъсиррасонӣ ба элитаҳои ҳукмрон истифода бурда мешуданд. Яке аз чунин мисолҳо, Қатъномаи соли 1973 дар бораи Либия мебошад, ки дахолати низомиро бо баҳонаи ҳифзи шаҳрвандон иҷозат медод. Дар мавриди Сурия таҳримҳои бисёрҷониба аз тарафи як гурӯҳ кишварҳои манфиатдор бо риторикаи

зарурати ислоҳоти демократӣ садо медоданд. Дар ин бора пажуҳишгар Е. Нечай қайд менамояд, ки «эҳтиром ба ҳуқуқи инсон, ки таҳти таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ қарор дорад, инчунин, талабу дархост барои таъмини фаъолияти ниҳодҳои демократӣ, ивазшаванда будани ҳокимият ва нораво будани муборизаи ғайридемократӣ бо мухолифин барои як зумра кишварҳои манфиатдор асосҳои ахлоқии дахолати беруна ба шумор меравад» [14,72]. Чунин равиш ба таври системавӣ ва стратегӣ барои беэътибор кардани ҳукуматҳои маҳаллӣ истифода бурда мешуд.

Фаъолияти миёнаравони созмонҳои байналмилалӣ ҳамчун механизми ташаккули ҳукуматҳои давраи гузариш хизмат менамуданд. Лигаи Араб дар равандҳои гуфтушуниди Миср ва Яман нақши муҳим бозид. Аммо робитаҳои дипломатии дуҷониба байни кишварҳои Ғарб ва гурӯҳҳои мухолифин ба легитимӣ шудани ҳузури онҳо дар саҳнаи байналмилалӣ мусоидат менамуданд. Чунин гуфтушунидҳо аксар вақт пеш аз тағйири расмии роҳбарияти сиёсӣ сурат мегирифтанд. Масалан, дар Тунис миёнаравии Иттиҳоди Аврупо байни ҳукумати Бен Алӣ ва мухолифин давраи гузаришро суръат бахшид. Дар Либия бошад, робитаҳои байни кишварҳои НАТО ва Шурои миллии ин давлат эътирофи онро ҳамчун намояндаи қонунӣ муайян кард. Чунин амалҳо равиши ҳамоҳангшудаи субъектҳои беруна барои идоракунии давраи гузаришро нишон медоданд. Лекин дар маҷмуъ, гуфтан мумкин аст, ки дар натиҷаи ҳамаи ин ниҳодикунонии сохторҳои нави сиёсӣ таҳти назорати неруҳои байналмилалӣ қарор мегирифт.

Вобаста ба аҳаммияти стратегии кишварҳои мавриди назар субъектҳои беруна нисбат ба роҳбарони маҳаллӣ равишҳои гуногунро истифода мебурданд. Низомҳое, ки ба манфиатҳои Ғарб содиқ буданд, сарфи назар аз вазъияти мавҷуда аз дастгирии дипломатӣ бархӯрдор мешуданд. Арабистони Саудӣ ва Баҳрайн ба шарофати иттифоқашон бо ИМА аз маҳкумияти байналмилалӣ озод шуданд. Ин бо мавқеи сахтгиронаи онҳо нисбат ба роҳбарияти Либия муқоиса мешуд. Дар Миср пуштибонии ибтидоии Ҳусни Муборак пас аз авҷ гирифтани эътирозҳо ба талаби истеъфои ӯ табдил ёфт. Чунин вазъият бо президенти Тунис Бен Алӣ низ мушоҳида шуд. Аммо аксари давлатҳои Шарқи Наздик ба шарофати шарикии энергетикӣ ва иттифоқҳои геополитикӣ машруъияти (легитимияти) байналмилалии худро нигоҳ доштанд. Чунин равандҳо афзалияти манфиатҳои прагматикӣ нисбат ба принсипҳои демократии эълоншударо нишон медод.

Бояд гуфт, ки маблағгузории гурӯҳҳои мухолифин тавассути фондҳои байналмилалӣ яке аз механизмҳои асосии дахолати беруна маҳсуб меёфт. Тавре ки дар таҳқиқоти олимон қайд шудааст: «Фонди миллии дастгирии

демократия (NED) ва Оҷонсии рушди байналмилалии ИМА (USAID) барои сафарбар намудани маблағҳо шабакаи васеи робитаҳоро ба вуҷуд оварда буданд» [19]. Созмонҳои мазкур зери шиори "Барномаҳои рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва институтҳои демократӣ" фаъолият мекарданд. Дастгирии молиявии ҳаракатҳои сиёсӣ ҳам мустақиман ва ҳам тавассути сохторҳои ғайриҳукуматии миёнарав равона карда мешуд. Дар Тунис ва Миср, чунонки дар гузор0ишҳои таҳлилӣ ба мушоҳида мерасад, ташкилотҳои хориҷӣ то соли 2011 беш аз 65 миллион доллар барои барномаҳои ислоҳоти сиёсӣ ҷудо кардааст [6,135]. Маблағҳои мазкур барои таъсиси ҳаракатҳои ҷавонон, омӯзиши фаъолон ва ташкили маъракаҳои нофармонии шаҳрвандӣ истифода мешуданд. Нақшаҳои ба ин монанд дар Либия истифода шудаанд. Дар ин кишвар гурӯҳҳои мухолифи режими Муаммар Қаззофӣ маблағгузорӣ мешуданд [1].

Ба фаъолони ҷамъиятӣ омӯзонидани усулҳои муқовимати ғайризӯроварона самти дигари дахолати беруна буд. Ташкилотҳои махсусгардонидашуда, ба монанди Маркази байналмилалии низоъҳои ғайризӯроварона (CANVAS), доир ба усулҳои эътирози шаҳрвандӣ дарсҳои омӯзишӣ баргузор мекард. Иштирокчиён стратегияҳои ташкили эътирозҳои оммавӣ, идоракунии издиҳом ва муқовимат ба чораҳои мақомоти ҳифзи тартиботи ҷамъиятиро меомӯхтанд. Сипас, чунин донишҳо барои ҳамоҳангсозии ҳаракатҳои эътирозӣ дар кишварҳои минтақа истифода бурда шуданд. Дар Миср фаъолони ҳаракати «Шашуми апрел» аз ҷониби инструкторони серб, ки дар сарнагун кардани С.Милошевич таҷриба доштанд, омӯзонида шуданд. Фаъолияти ҳаракати мазкур соли 2014 бо қарори Додгоҳи Олии Миср мамнуъ эълон карда шуд. Ҳаракати мазкурро ба ҷосусӣ ва таъсири манфӣ расонидан ба имиҷи байналмилалии Миср гунаҳкор намуда буданд [2]. Барномаҳои ба ин монанд барои мухолифини Тунис ва Либия низ амалӣ карда шуданд. Ин усулҳо истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ барои сафарбар кардани аҳолӣ ва эҷоди сохторҳои шабакавии ғайримарказиро дар бар мегирифтанд.

Пуштибонони хориҷӣ барои сарнагун кардани режимҳои сиёсии минтақаи Шарқи Наздик дар таҳияи стратегияҳо бо созмонҳои ғайриҳукуматии маҳаллӣ ҳамкорӣ мекарданд. Гурӯҳҳои кории муштарак самтҳои асосии фишор овардану таъсир расонидан ба ҳукуматҳоро муайян карданд. Ташкилотҳои хориҷӣ тавассути сохторҳои ғайридавлатӣ, ба монанди Иттиҳоди демократӣ амалҳои гурӯҳҳои гуногуни мухолифинро ҳамоҳанг месохт. Чунин ҳамкорӣ боиси он гардид, ки маъракаҳои эътирозӣ дар саросари минтақа ҳамоҳанг карда шаванд. Дар Либия мушовирони хориҷӣ дар ташкили Шурои миллии давраи гузариш иштирок карданд ва рӯзномаи сиёсии онро муайян намуданд. Дар Миср марказҳои

ҳамоҳангсозии мухолифин бо иштироки мустақими коршиносони байналмилалӣ таъсис дода шуда буд. Чинин вазъият ба давлатҳои манфиатдор имкон дод, ки амалҳои эътирозгаронро бо ҳадафҳои бозигарони беруна мувофиқ кунонанд. Табдил ёфтани эътирозҳои худсарона ба маъракаҳои муташаккили сиёсӣ натиҷаи чунин дахолати беруна буд.

Маблағгузории беруна мустақилияти ҳаракатҳои мухолифонро ба таври назаррас маҳдуд мекард. Вобастагӣ ба донорҳои хориҷӣ ба таҳияи барномаҳои сиёсӣ ва интихоби тактикаи онҳо таъсир расонида буд. Бисёре аз гурӯҳҳои маҳаллӣ талаботи худро ба интизориҳои сарпарастони худ мутобиқ сохтанд. Чунин вазъ дар байни роҳбарони ҳаракатҳои сиёсӣ ва пойгоҳи иҷтимоии онҳо муноқишаҳоро ба вуҷуд оварда, машруъияти (легитимияти) ҳукумати навро дар давраи пас аз инқилоб коҳиш дод.

Шабакаҳои телевизионии «Ал-Ҷазира» ва «Ал-Арабия» дар давраи ба амал омадани тазоҳуроти Баҳори Араб барои пахши эътирозҳо дар вақти воқеӣ фаъолият мебурданд. Тавре ки пажуҳишгар Н.Данюк қайд мекунад: «Пахши шабонарӯзии онҳо фарогирии бефосилаи рӯйдодҳоро таъмин карда, эҳсоси иштироки оммавӣ ва ҳамбастагиро дар байни кишварҳои гуногуни минтақа ба вуҷуд овард» [5, 320]. Имкониятҳои техникии шабакаҳои номбаргардида имкон додаанд, ки маҳдудиятҳои Ҳукумат дар паҳн кардани иттилоот убур карда шавад. Ба андешаи як гурӯҳ олимон: «Фарогирии васеи аудиторияи онҳо ба ташаккули фазои ягонаи иттилоотӣ барои эътирозҳо оварда расонидаанд» [11, 215]. Хусусияти байналмилалӣ пайдо намудани пахшҳои ширкатҳои телевизионии “Ал-Ҷазира” ва “Ал-Арабия” ба фаромиллӣ шудани низоъҳо таъсир расонида, таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба ин равандҳо ҷалб кардаанд. Муҳаққиқ В.Карякин иброз медорад, ки «пахши бетартибиҳо ва чораҳои пешгирикунандаи Ҳукумат барои эҷоди имиҷи манфии ҳукуматҳо дар назари ҷомеаи Ғарб истифода мешуданд» [8, 70].

Тибқи таҳқиқоти олимон, «дар воқеаҳои Баҳори Араб шабакаҳои иҷтимоӣ дар ҳамоҳангсозии эътирозҳо ва паҳн кардани иттилооти иғвоангез нақши сафарбаркунанда бозидаанд. Бинобар ин, дар давраи баамалоии «инқилобҳои ранга» шабакаҳои иҷтимоӣ унсури таркибии маъракаҳои иттилоотӣ ба шумор меравbooking» [5, 322]. Масалан, шабакаҳои иҷтимоии Фейсбук ва Твиттер ҳамчун василаҳои асосии ташкили эътирозгарон дар Тунис ва Миср истифода бурда шуданд. Тавассути онҳо маълумот дар бораи макон ва замони ҷамъомадҳо босуръат паҳн карда мешуд. Ноаён будани муошират фаъолнокии иштирокчиёни ҳаракатҳои эътирозиро бештар намуда, корҳои назоратии хадамоти амниятиро мушкил гардонида буд. Хусусияти вирусӣ пайдо намудани иттилооти паҳншуда дар

шабакаҳои иҷтимоӣ ба афзоиши босуръати фаъолияти эътирозӣ оварда расониданд. Истифодабарандагони шабакаҳои иҷтимоӣ гурӯҳҳои маҷозӣ ташкил намуда, дар онҳо видеоҳои зӯроварӣ ва моҷароҳои иҷтимоиро паҳн мекарданд. Хештегҳои «#Jan25» дар Миср ва «#sidibouzid» дар Тунис ба нишонаҳои рамзии инқилобҳо табдил ёфтанд. Чунин василаҳои иттилоотию иртиботӣ ба иғвогарон имкон доданд, ки ҳодисаҳои маҳаллиро ба маъракаҳои эътирозии саросарии кишвар табдил диҳанд.

Технологияи ташкил намудани лаҳзаҳои муҳимми хабарӣ ба таври стратегӣ истифода гардидани рӯйдодҳои рамзиро фаро гирифта, дар байни аҳолӣ таъсири шабакаҳои иҷтимоӣ ва расонаҳои хабарии хориҷиро афзоиш медоданд. Худро оташ задани Муҳаммад Буазизӣ дар Тунис ва куштори Холид Саид дар Миср дар расонаҳои хабарии хориҷӣ ба инъикоси зӯроварии системавӣ табдил дода шуданд. Фаъолони шабакаҳои иҷтимоӣ аз вазъияти баамаломада истифода намуда, мухолифатҳои дутарафаи ҷамъиятиро эҷод мекарданд. Мундариҷаи иттилоотии фазои маҷозӣ ба алгоритмҳои шабакаҳои иҷтимоии Ғарб мутобиқ карда шуда буд. Хусусияти байналмилалӣ пайдо кардани низоъҳо баъзан вақт тавассути ҳамоҳангсозии маъракаҳои иттилоотӣ бо амалҳои созмонҳои байналмилалӣ ба даст оварда мешуд. Пахши маводҳо дар бораи поймол кардани ҳуқуқи инсон аз хориҷи кишвар ҳамоҳанг карда мешуд. Бо дарназардошти афзоиш додани чунин далелҳо барои ҷорӣ намудани таҳримҳо асосҳои байналмилалӣ омода мекарданд. Чунин стратегия ба кишварҳои манфиатдор имкон дод, ки буҳронҳои сиёсии дохилиро ба доираи танзими ҳуқуқии байналмилалӣ ворид намоянд.

Авлавиятҳои стратегии ИМА дар давраи ба амал омадани воқеаҳои Баҳори Араб ба нигоҳ доштани нуфузи минтақавӣ ва муқовимат ба гурӯҳҳои тундрави исломӣ нигаронида шуда буданд. Дар Тунис ва Миср дипломатияи ғарбӣ дар аввал аз неруҳои мухолифи муътадил пуштибонӣ мекард, зеро мехостанд режими сиёсии назоратшавандаро таъсис диҳанд. Баръакс, Иттиҳоди Аврупо ба пешгирии буҳронҳои муҳоҷират ва таъмини субот дар ҳавзаи баҳри Миёназамин талош мекард. Тафовут дар равишҳои геополитикӣ махсусан дар низои Либия, ки дар он ҷо манфиатҳои бозигарони беруна бархӯрди шадид доштанд, возеҳу равшан гардида буданд. «Дар Либия ва Туркия аз Ҳукумати оштии миллӣ пуштибонӣ кард, дар ҳоле ки Арабистони Саудӣ, Аморати Муттаҳидаи Араб (АМА) ва Миср аз генерал К. Ҳафтар пуштибонӣ мекарданд. Хатти сеюми нофаҳмӣ дар Қатар пайдо шуд, аммо эътилофи Саудӣ ва Аморати Муттаҳидаи Араб онро муҳосира кардан мехостанд, дар ҳоле ки ҳукумати Ҷумҳурии Туркия аз Эрдуғон аз Доҳа пуштибонӣ мекард» [4, 98].

Қатар ва Арабистони Саудӣ дар дастгирии неруҳои мухолифин нақшҳои мухолиф доштанд. Режими Давлати Қатар тавассути шабакаҳои медиавӣ ва молиявии худ дар телевизиони “Ал-Ҷазира” мавқеи ҳаракатҳои исломӣ, бахусус «Бародарони мусалмон»-ро дар Миср фаъолона таблиғ мекард. Ин сиёсат бо стратегияи Доҳа барои густариши таъсири идеологии худ дар ҷаҳони араб мувофиқ буд. Баръакс, Арабистони Саудӣ аз гурӯҳҳои мухолифи дунявӣ пуштибонӣ мекард ва исломгароёнро таҳдид ба модели идоракунии худ медонист. Дар Миср роҳбарияти Арабистони Саудӣ пас аз сарнагунии Мурсӣ дар соли 2013 ба ҳукумати муваққатӣ дастгирии муҳимми молиявӣ расонид. Ин ихтилоф боиси ташкили ду блоки рақобатӣ дар дохили минтақа гардид.

Сенарияи Либия бо шиддат гирифтани фишори дипломатӣ ва дахолати мустақими низомӣ тавсиф мешавад. Дар аввал ИМА ва ИА худро бо таҳримҳо алайҳи режими М.Қаззофӣ ва талаби islоҳоти сиёсӣ маҳдуд карданд. Аммо пас аз оғози задухӯрдҳои мусаллаҳона дар моҳи феврали соли 2011, мавқеи кишварҳои Ғарб ба куллӣ тағйир ёфт. Қабули қатъномаи Шурои Амнияти СММ аз 11 марти соли 2011, №1973 асоси ҳуқуқии дахолати низомии НАТО бо баҳонаи ҳифзи шаҳрвандон гардид. Неруҳои эътилофӣ беш аз 9600 парвози ҷангӣ анҷом доданд ва тавозуни қудрат ба фоидаи шӯришгарон ба таври назаррас тағйир ёфт. Дар чунин шакл суръат гирифтани вазъ марҳалаи нави дахолати беруна дар низоъҳои минтақавиро нишон дод.

Бояд гуфт, ки усулҳои дахолати беруна ба корҳои дохилии давлатҳои Шарқи Наздик мустақиман аз сатҳи ниҳодикунонии системаҳои сиёсии онҳо вобаста буд. Масалан, Тунис ниҳодҳои нисбатан рушдёфтаи давлатӣ дошт, аз ин рӯ, фишор овардан ба ин кишвар тавассути василаҳои дипломатӣ ва дастгирии созмонҳои ғайриҳукуматӣ боиси интиқоли осоиштаи қудрат гардид. Миср бошад, артиши қавӣ ва хадамоти рушдёфтаи иктишофӣ дошт, бинобар ин, таъсиррасонии беруна бо иваз шудани роҳбарони баъзе ниҳодҳои давлатӣ маҳдуд гардида, асосҳои системавии худро нигоҳ медошт. Аммо дар Либия заъфи ниҳодҳо пас аз дахолати хориҷӣ фурӯпошии пурраи давлатдориро ба амал овард.

Марҳалаҳои аввали воқеаҳои «Баҳори Араб» дар заминаи мушкилоти амиқи иҷтимоию иқтисодӣ ба миён омада буданд. Ин омилҳои дохилӣ норозигии оммавиро ба вуҷуд оварданд ва асосан, табиатан стихиявӣ буданд. Талаботи иқтисодӣ дар як муддати кӯтоҳ ба даъватҳои сиёсӣ, талаби гузаронидани ислоҳоти сиёсӣ табдил ёфтанд. Шиорҳои иҷтимоӣ тадриҷан бо шиорҳои сиёсӣ иваз карда шуданд, ки чунин тамоюлот аз сиёсисозии ҳаракати эътирозӣ шаҳодат медиҳанд. Тавре ки муҳаққиқон қайд мекунанд: «Инқилобҳои ба ном «Баҳори Араб» инқилобҳои ранга

мебошанд, зеро ҳамаи нишонаҳои технологияҳои ба амал овардани бетартибиҳои сиёсиро дар бар мегиранд: технологияҳои ташкили табаддулоти давлатӣ дар шароити ноустувории сиёсӣ, фишор ба ҳукумат дар шакли эътирозҳо ва шӯришҳои мардумӣ, табиати субъективӣ, яъне, аз берун идорашаванда будани онҳо» [6, 136].

Акторҳои берунаро барои васеъ кардани фаъолияти эътирозӣ ба таври систематикӣ аз фишангҳои неруи нарм истифода мебурданд. Дастгирии созмонҳои ғайриҳукуматӣ ва гурӯҳҳои мухолифин боиси он гардид, ки эътирозгарон хостори тағйир додани системаи сиёсӣ шаванд. Фишори дипломатӣ ва маъракаҳои иттилоотӣ машруъити (легитимияти) байналмилалӣ ва эътирофи хориҷии ҳаракатҳои эътирозиро фароҳам меовард. Кишварҳои ғарбӣ ва қудратҳои минтақавӣ ба фаъолон кумакҳои молӣ ва техникӣ расонида, иқтидори ташкилии онҳоро тақвият медоданд. Барномаҳои омӯзишии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дастгирии расонаҳои мустақил марказҳои алтернативии таъсиррасониро эҷод карданд. Чунин дахолат эътирозҳои иҷтимоиро ба ҳаракатҳои сиёсии иртиҷоӣ табдил дод. Дастгирии беруна боси он гардид, ки эътирозгарон аз талаби ислоҳот ба тағйироти инқилобӣ рӯ оварданд.

Тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ва расонаҳои хабарии байналмилалӣ ба фазои иттилоотӣ ворид намудани эътирозҳо марҳалаи хеле ҳассос ба шумор меравад. Ба таври васеъ рӯнамоӣ гардидани эътирозҳо таъсири «мавҷи инқилобӣ»-ро ба вуҷуд оварда, гурӯҳҳои нави аҳолиро барои иштирок водор менамуд. Ҳамзамон, ниҳодҳои алтернативии ҳокимияти давлатӣ дар шакли шуроҳои ҳамоҳангсозӣ ва ё ҳукуматҳои муваққатӣ ташкил карда шуданд. Чунин сохторҳо эътирофи байналмилалиро ба даст оварда, машруъияти (легитимияти) сохторҳои қаблиро зери суол мебурданд.

Марҳалаи ниҳоии «инқилобҳои ранга» шиддат гирифтани низоъҳо ва ба хушунат печидани он мебошад. Масалан, дар Либия чунин ҳолат рӯй дода буд. Муқовимати мусаллаҳона бо дастгирии берунаи мухолифин боиси сарнагунии ҳукумат гардид. Омезиши усулҳои ғайризӯроварӣ ва фишори зӯроварӣ системаи сиёсии ҷомеаро тағйирпазир намуд. Ин равандҳо нишон медиҳанд, ки таҳти таъсири дахолати беруна эътирозҳо чи гуна ба инқилобҳо табдил меёбанд.

**Марҳала ва омилҳои асосии тағйирёбии эътирозҳо дар воқеаҳои “Баҳори Араб”**

| Марҳалаҳо | Омилҳои дохилӣ | Омилҳои беруна | Воқеаҳо |
|---|---|---|---|
| 1. Эътирозҳои аввал | Мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ | – | Эътирозҳои оммавӣ дар Тунис ва Миср |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 2. Сиёсисозии эътирозҳо | Талаб намудани ислоҳоти системаи сиёсӣ | Дастгирии ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва мухолифин, фишорҳои дипломатӣ | Ташаккул ёфтани талаботи сиёсӣ ва сохторҳои сиёсӣ |
| 3. Ба расонаҳои хабарӣ роҳ ёфтани эътирозҳо | Фаъолгардии эътирозгарон тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ва расонаҳои хабарӣ | Эътирофи байналмилалии эътирозгарон, ба онҳо аз берун кумакҳои моддию молиявӣ расонидан | Ташкили шуроҳои ҳамоҳангсозӣ ва ҳукуматҳои муваққатӣ |
| 4. Сар задани муноқишаҳо | Шиддат гирифтани низоъ, муқовиматҳои мусаллаҳона | Дастгирии ҳарбии беруна | Фурӯпошии низоми сиёсӣ дар Либия |

Дар воқеаҳои “Баҳори Араб” субъектҳои беруна барои ноором кардани вазъи сиёсии ин кишварҳо аз равиши ҳамаҷониба истифода бурдаанд. Масалан, фишорҳои дипломатӣ тавассути изҳороти расмӣ ва қатъномаҳои созмонҳои байналмилалӣ анҷом дода шуда, дар атрофи элитаҳои ҳукмрон як образи манфӣ ташаккул додаанд. Ҳамзамон, созмонҳои ғайриҳукуматии ғарбӣ, ба монанди Фонди миллии демократия, фаъолонро дар соҳаи амнияти рақамӣ ва муқовимати ғайризӯроварӣ ба омӯзиш фаро мегирифтанд. Чунин талошҳо зерсохтореро барои ҳамоҳангсозии ҳаракатҳои эътирозӣ дар Тунис ва Миср эҷод карданд. Расонаҳои хабарӣ, пеш аз ҳама, шабакаҳои иҷтимоӣ ба воситаи таъсиррасонии беруна табдил ёфта, эҳсосоти зиддиҳукуматиро ба вуҷуд меоварданд. Шабакаҳои телевизионии байналмилалӣ, аз ҷумла “Ал-Ҷазира”, иттилоотеро пахш мекарданд, ки ба манфиати неруҳои мухолифин буданд ва аз ин рӯ, ба сафарбаркунии мардум таъсир мерасониданд. Дар баробари ин, дар шабакаҳои иҷтимоӣ низ маълумот дар бораи эътирозҳо паҳн карда мешуд. Чунин маъракаҳои иттилоотӣ аз хориҷи ин кишварҳо ҳамоҳанг карда мешуданд.

Дахолати беруна дар байни элитаи ҳукмрон тафриқаҳои гуногунро ба вуҷуд оварда, машруъияти (легитимияти) ҳокимияти давлатиро зери суол мебурд. Дастгирии гурӯҳҳои мухолиф аз ҷониби бозингарони хориҷӣ марказҳои алтернативии ҳокимиятро ба вуҷуд оварда, боиси парокандагии фазои сиёсии ҷомеа гардиданд. Дар Либия аз ҷониби НАТО эътироф

гардидани Шурои миллии давраи гузариш парокандагии нухбагонро (элитаҳоро) суръат бахшид. Ин боиси заиф шудани ниҳодҳои давлатӣ ва ба марҳалаи мусаллаҳона гузаштани низоъ гардид. Муҳаққиқ Х. Сафарализода дар бораи чунин паёмади инқилобҳои ранга андешаҳои худро дар мисоли Миср чунин иброз намудааст: «Дар соли 2012 дар Миср нооромиҳои сиёсӣ ва инқилобҳои ранга созмони террористию экстремистии «Ихвон-ул-муслимин» (Бародарони мусалмон)-ро ба қудрат расониданд. Новобаста аз он, ки мо ба он чӣ гуна менигарем, дар инқилобҳои ранга ягон аломати мусбат намебинем. Бадтарин чиз ин аст, ки намоишҳои оммавӣ ва эътирозҳои сунъӣ барои баъзе одамон ба як одати доимӣ ва манбаи рӯзгузаронӣ табдил меёбанд, ки онҳоро метавонанд минбаъд ҳамчун муздурон бар зидди давлат ва ҳукумат истифода баранд» [16, 296].

Кумаки молӣ ва моддӣ ба гурӯҳҳои мухолифи радикалӣ хусусияти эътирозҳоро тағйир медод. Талаботи шаҳрвандӣ тадриҷан бо муқовимати мусаллаҳона иваз карда мешуданд. Чунин ҳолат дар шароити Сурия бештар ба назар мерасид. Бо силоҳ таъмин намудани ҷангиён ва ба омӯзиши ҷангӣ ҷалб намудани онҳо ба давлатҳои манфиатдор имкон медоданд, ки милитаризатсияи низоъро ба вуҷуд оваранд. Тавре коршиносон қайд мекунанд, «дастгирии беруна намоишҳои осоиштаро ба ҷангҳои шаҳрвандии васеъмиқёс табдил дод» [3].

Шаклҳои асосии дахолати беруна дар давраи “Баҳори Араб”:

| **Мамлакат** | **Шакли дахолат** | **Акторҳои асосӣ** | **Паёмадҳо** |
|---|---|---|---|
| Тунис | Омода кардани фаъолон | Ташкилотҳои ғайридавлатӣ, масалан, Фонди миллии демократия | Аз берун ҳамоҳанг сохтани эътирозҳо |
| Миср | Дастгирӣ намудани расонаҳои хабарӣ | Шабакаҳои телевизионии байналмилалии “Ал-Ҷазира, шабакаҳои иҷтимоӣ | Сафарбаркунии аҳолӣ |
| Либия | Амалиёти низомӣ | НАТО | Вайрон шудани низоми давлатдорӣ |
| Сурия | Маблағгузории гурӯҳҳои мусаллаҳ | Давлатҳои манфиатдор | Милитаризатсияи низоъ |

Сенарияи Либия робитаи мустақими байни дахолати хориҷӣ ва афзоиши хушунатро ба таври возеҳ нишон медиҳад. Қатъномаи Шурои Амнияти СММ аз моҳи марти соли 2011, №1973, сабаби минтақаи парвознашаванда эълон гардидани ҳарими ҳавоии Либия гардид ва неруҳои низомии ин давлат бомбаборон карда шуданд. Амалиёти низомии НАТО боиси харобшавии давлатдории Либия ва ноустувории он гардид. Дар Сурия бошад, аз хориҷи кишвар дастгирӣ ёфтани мухолифин низоъҳои мавҷударо тулонӣ карданд. Тибқи маълумоти иктишофӣ, маблағгузории гурӯҳҳои мусаллаҳ то соли 2013 ба 3 миллиард доллар рафта расид. Ин ба мухолифин имкон дод, ки аз даргириҳои маҳаллӣ ба амалиёти низомии пурра гузаранд. Дахолати қудратҳои минтақавӣ низои дохилиро ба ҷанги шаҳрвандӣ ва низои сатҳи байналмилалӣ табдил дод.

Дар Тунис модели нисбатан муваффақи гузаронидани ислоҳоти сиёсӣ суботи дарозмуддатро таъмин карда буд. Механизмҳои ризоят байни ҳизби исломии “Ан-Нахда” ва неруҳои дунявӣ имкон доданд, ки ниҳодҳои устувори идоракунӣ ташаккул ёбанд. Қабули Конститутсияи пешрафта дар соли 2014 заминаҳои ҳуқуқиро барои низоми плюралистии идоракунӣ фароҳам овард. Аммо ин дастовардҳо мухолифатҳои амиқ ва иҷтимоию иқтисодиро, ки боиси эътирозҳои аввалия шуда буданд, ҳал накарданд. Мушкилоти иқтисодӣ яке аз мушкилоти асосӣ барои давлатдории Тунис баъди даҳсолаи пас аз инқилоб боқӣ мемонанд. Норасоии буҷет, бекории ҷавонон ва нобаробарии минтақавӣ легитимияти низоми сиёсиро коҳиш медиҳанд. Ислоҳоти бесамар дар якҷоягӣ бо монеаҳои бюрократӣ, ҷолибияти кишварро барои сармоягузорӣ маҳдуд мекунанд. Ин омилҳо, сарфи назар аз мавҷудияти ниҳодҳои расман демократӣ, хатари ноустувории минбаъдаро ба вуҷуд овардаанд.

Ҳамин тариқ, дахолатҳои геополитикии субъектҳои беруна эътирозҳои иҷтимоии кишварҳои Шарқи Наздикро ба инқилобҳои ранга табдил доданд. Таҳқиқи ин масъала нишон дод, ки чунин усулҳо, ба монанди фишори дипломатӣ, маблағгузории мақсаднок барои созмонҳои ғайриҳукуматӣ ва маъракаҳои иттилоотии васеъмиқёс аз ҷониби қудратҳои минтақавӣ ба таври систематикӣ истифода мешуданд. Ин механизмҳо ба неруҳои беруна имкон доданд, ки ҷараёни рӯйдодҳоро дар Тунис, Миср, Сурия ва Либия идора кунанд ва иқтидори ҳаракатҳои эътирозиро афзоиш диҳанд. Субъектҳои беруна осебпазирии ин кишварҳоро тавассути дастгирии ҳаракатҳои мухолифин ва ташаккули расонаҳои хабарӣ истифода бурданд. Ин стратегия эътирозҳои стихиявиро ба равандҳои сиёсии идорашаванда табдил дод ва тезиси хусусияти системавии дахолатҳои геополитикиро тасдиқ кард.

Паёмади дахолатҳои беруна дар муқоиса бо натиҷаҳои бадастомада номуайянии амикро нишон доданд. Тағйироти расмии режими сиёсӣ дар Тунис, Миср ва Либия ба харобшавии ниҳодҳои давлатӣ ва сохторҳои иҷтимоӣ оварда расониданд. Ҳадафҳои эълоншудаи демократикунонӣ бо оқибатҳои воқеӣ мухолифат доштанд ва ангезаҳои субъектҳои берунаро зери суол мебурданд. Таъсиррасонии беруна нооромшавии доимӣ, шиддат гирифтани низоъҳои мазҳабӣ ва фурӯпошии амиқи иқтисодиро ба вуҷуд оварданд. Таҳлили муқоисавӣ нишон дод, ки дахолатҳо ба эҷоди низомҳои сиёсии қобили қабул оварда нарасонданд, балки танҳо зиддиятҳои мавҷударо шадидтар карданд. Ин нишон медиҳад, ки байни натиҷаҳои пешбинишуда ва воқеии стратегияҳои геополитикӣ фарқи куллӣ вуҷуд дорад.

## Адабиёт


1. Альбо Таслих М. Роль информационной войны в ливийском конфликте 2011 г.: средства и методы / М.И. Альбо Таслих // Медиа альманах. – 2020. – № 2-3 (97-98). – С.81-91.
2. В Египте запрещено движение, отправившее в отставку Мубарака [Электронный ресурс]. –URL: https://ria.ru/20140428/1005776205.html (Дата обращния: 25.11.2025 г.)
3. Внешнее вмешательство развило протесты в Сирии в гражданскую войну [Электронный ресурс]. –URL: https://ria.ru/20150220/1048868989.html (Дата обращения: 13.11.2025 г.)
4. Гасанов К. Нормализация отношений Турции с арабским миром (2021–2023 гг.) // Вестник гуманитарного образования.–2024.–№1.–С. 96-100.
5. Данюк Н. Цветные революции. От теории к практике. – М.: Юнити-Дана, 2018. – 527 с.
6. Карпович О. Цветные революции и ближневосточный вектор внешней политики США // Политика и общество. – 2015. – №9.–С.134-138.
7. Карпович О. Цветные революции. Теория и практика демонтажа современных политических режимов / О.Г. Карпович, А.В. Манойло. – М.: Юнити-Дана, 2015. – 112 с.
8. Карякин В. Геополитика постмодерна: восприятие гибридных войн и цветных революций в общественном сознании // Гражданин. Выборы. Власть. – 2019. – №3. – С. 68-72.
9. Конструктивизм как методологический подход в политологии [Захираи электронӣ]. –URL: https://psyera.ru/konstruktivizm-kak-metodologicheskiy-podhod-v-politologii_13194.htm (Дата обращения: 13.12.2025 г.)

10. Коростелев С. Внешнее вмешательство путем информационного воздействия: проблема нормативной оценки / С.В. Коростелев // Пути к миру и безопасности. – 2019. – № 2(57). – С. 88-103.

11. Наумкин В., Попов В., Кузнецов В. Ближний Восток, арабское пробуждение и Россия: что дальше? – М.: ИВ РАН, 2012. – 593 с.

12. Наумов А. «Мягкая сила», «цветные революции» и технологии смены политических режимов в начале XXI века / А.О. Наумов.–М.: Аргамак-Медиа, 2016. – 274 с.

13. Нейматов А. Цветные революции как инструмент демократического преобразования традиционных обществ и демонтажа политических режимов // Тренды и управление. – 2016. – №1. – С. 122–126.

14. Нечай Е. «Цветные революции» как кризис глобализации и противодействие им // Вестник КРСУ. – 2017. – №4. – С.71-73.

15. Поворот к реализму [Электронный ресурс]. –URL: https://globalaffairs.ru/articles/povorot-k-realizmu/ (Дата обращения: 12.12.2025 г.)

16. Сафарализода Х. Цветные революции как геополитическое оружие современного мира / Х. Сафарализода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2023. – № 4-1. – С. 292-302.

17. Сафарализода Х. Инқилобҳои ранга ҳамчун таҳдид ба суботи сиёсии ҷомеа / Х. Сафарализода // Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният. – 2022. – No. 2(2). – С. 59-77.

18. Соперничество великих держав будет усиливаться [Электронный ресурс]. – URL: https://russtrat.ru/analytics/8-aprelya-2022-0015-9845 (Дата обращения: 25.11.2025 г.)

19. Спасибо, NED. Зачем США нужен «Национальный фонд в поддержку демократии»? [Электронный ресурс]. –URL: https://aif.ru/society/law/spasibo_ned_zachem_ssha_nuzhen_nacionalnyy_fond_v_podderzhku_demokratii (Дата обращения: 15.11.2025 г.)

20. Три «цветных» революции России [Захираи электронӣ]. –URL: https://dzen.ru/a/Zpt5C-uCYVR0wRl4 (Дата обращения: 12.12.2025 г.)

21. Фроло А. Локальный конфликт: современный инструментарий / А.В. Фролов // Ученые записки Института Африки РАН. – 2019. – № 1(46). – С. 17-35.

# ГЕОПОЛИТИЧЕСКАЯ БОРЬБА И ВНЕШНЕЕ ВМЕШАТЕЛЬСТВО КАК ФАКТОРЫ ВОЗНИКНОВЕНИЯ ЦВЕТНЫХ РЕВОЛЮЦИЙ

**АЛИЗОДА НУРАЛИ АЛИ**,
докторант кафедры политологии и международных отношений
Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава
735140, Таджикистан, Хатлонская область, город Бохтар, улица Айни 67;
тел.: 903-66-48-84

*В статье рассматривается роль геополитической борьбы и внешнего вмешательства в возникновении цветных революций. Автор анализирует различные подходы к пониманию цветных революций, выделяет общие черты и особенности этих процессов в разных странах. Особое внимание уделяется анализу геополитических интересов ведущих мировых держав и их влияния на политическую ситуацию в странах, где происходили цветные революции. Исследуется роль внешнего вмешательства, которое может проявляться в финансовой поддержке оппозиционных сил, информационной войне и других формах влияния. Подчеркивается, что цветные революции как политические явления обусловлены как внутренними факторами, так и внешним воздействием. Делается вывод о том, что геополитическая борьба и внешнее вмешательство играют значительную роль в возникновении и развитии цветных революций, однако их влияние не является определяющим, поскольку успех или неудача революции зависят также от социально-экономической ситуации в стране, политической культуры и других внутренних факторов. Отмечается необходимость комплексного подхода к изучению цветных революций, учитывающего как внутренние, так и внешние факторы.*

***Ключевые слова:*** *геополитика, цветные революции, внешнее вмешательство, демократия, политическая борьба, политическая стабильность, национальные интересы.*

# GEOPOLITICAL STRUGGLES AND EXTERNAL INTERFERENCE AS FACTOR IN THE EMERGENCE OF COLOR REVOLUTIONS

**ALIZODA NURALI ALI**,
Doctoral Student, Department of Political Science and International Relations, Bokhtar State University named after Nosir Khusrav
735140, Tajikistan, Khatlon region, Bokhtar City, Ayni St. 67;
phone.: 903-66-48-84

*In this article examined the role of geopolitical struggle and external intervention in the emergence of color revolutions. The author analyzes various approaches to understanding color revolutions, highlighting common features and specific characteristics of these processes in different countries. Particular attention is paid to analyzing the geopolitical interests of the leading world powers and their influence on the political situation in countries where color revolutions occurred. The role of external intervention, which can manifest itself in financial support for opposition forces, information warfare, and other forms of influence, is examined. It is emphasized that color revolutions as political phenomena are conditioned by both internal factors and external influences. It is concluded that geopolitical struggle and external intervention play a significant role in the emergence and development of color revolutions; however, their influence is not decisive, since the success or failure of a revolution also depends on the socioeconomic situation in the country, political culture, and other internal factors. The need for a comprehensive approach to the study of color revolutions, taking into account both internal and external factors, is noted.*

***Keywords:*** *geopolitics, color revolutions, external intervention, democracy, political struggle, political stability, national interests.*

**УДК: 327.7(5-191.2)**

# C5+1 AND THE PRACTICE OF BALANCING REGIONALISM IN CENTRAL ASIA

**VOHIDZODA OZARI MUNIRPUR,**
Student of the "International Relations" program, KIMEP University (Almaty, Kazakhstan).
050010, Republic of Kazakhstan, Almaty city, Abay ave. 4;
phone.: +7 (708) 810-94-80; e-mail: ozari.vohidzoda@kimep.kz

**ABDULLOEV JAMSHED TEVUROVICH,**
PhD in History, Associate Professor at the Department of Foreign Regional Studies, Faculty of International Relations, Tajik National University
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 17;
phone.: (+992) 104-40-44-44; e-mail: ajam-44444@mail.ru

*This article applies Filippo Costa Buranelli's theory of balancing regionalism to the C5+1 diplomatic platform, a multilateral initiative connecting the five Central Asian states with the other "+1" state. It argues that the C5+1 represents an institutionalized form of balancing regionalism that enables Central Asian states to preserve autonomy, diversify partnerships, and limit overdependence on dominant external powers. Drawing upon Buranelli and Tskhay's conceptual framework of bridging, dovetailing, and branding, the article demonstrates how the C5+1 enables agency by allowing the Central Asian states to project a collective identity, engage in overlapping regional frameworks, and foster strategic dialogues across geopolitical spheres. Using empirical illustrations from official declarations and policy coordination, the article concludes that the C5+1 reflects not merely a forum for engagement but an evolving diplomatic strategy designed to protect sovereignty while embracing multilateral flexibility. By analyzing the C5+1 through the lens of balancing regionalism, the article contributes to a more nuanced understanding of how small states in complex geopolitical regions manage external pressures without aligning rigidly with a single hegemon.*

***Keywords**: Balancing Regionalism; Central Asia; C5+1 Diplomacy; Multilateralism; Small State Agency; Institutional Pluralism; Regional Branding.*

## 1. Introduction

The five Central Asian republics Kazakhstan, Kyrgyzstan, Tajikistan, Turkmenistan, and Uzbekistan are independent states that have been forced to operate in a challenging geopolitical landscape since the breakup of the Soviet

Union in 1991. Their territory with its rich natural resources, as well as at the intersection of the Eurasian continent, has become the object of the strategic interest of various foreign and domestic powers of the world and the region, such as Russia, China, the European Union, Turkey, and the United States. These foreign players have approached the region in the bilateral agreement, developmental programs, and institutionalized multilateral format. Consequently, Central Asia has been greatly described as the region of cross-influence as well as massive power rivalry.

Nevertheless, this perception tends to downgrade the agency of the states of Central Asia per se. It is more than a reaction to the pressure exercised by external forces as these countries have been actively building the architecture of the regional diplomacy in order to maintain their independence and strategic flexibility over the past 20 years. The theory of balancing regionalism, which was developed by Filippo Costa Buranelli and Aliya Tskhay (2020), is one of the most insightful frameworks that can be used to understand this behavior. Balancing regionalism is a strategic form of regionalism not merely as a manifestation of similarity in geography or identity, but as a instrument of foreign policy in dealing with asymmetrical relations with the powerful neighbours and external allies. As Costa Buranelli and Tskhay (2020) posit, it entails the effort of responding to the actions of an aggressive foreign policy of a neighbouring country not by matching it either militarily or economically, but by intervening in a number of regional organisations, facilitating dialogue between them, and by encouraging a number of other regional platforms, which help loosen the ties and obligations to that preponderant state (p. 1709).

In this respect, C5+1 platform developed in 2015 as a platform linking the five Central Asian countries and the United States has become one of the prominent elements of the multilateral diplomacy in the region. The platform has had its scope and political relevance increased since it started addressing other issues like environmental sustainability, counterterrorism and trade facilitation. The C5+1 is becoming more important in line with the rise in geopolitical uncertainty in Eurasia, especially since the annexation of Crimea in 2014, the total invasion of Ukraine in 2022, the departure of NATO in Afghanistan, and the aggressiveness of China. Such changes have caused the states of Central Asia to reconsider their foreign policy priorities and seek new platforms that will allow them to achieve strategic diversification and diplomatic presence.

начальник Управления анализа и прогнозирования макроэкономических вопросов Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан
734025, Таджикистан, город Душанбе, улица Шохтемур 27;
тел: (+992) 900-22-22-51; e-mail: iibroimzoda@mail.ru

*В данной статье проанализирована экономическая ситуация Таджикистана и Ирана, рассмотрены основные процессы развития, проблемы и перспективы их экономического сотрудничества. В статье уделено внимание ключевым факторам, включая влияние международных санкций на иранскую экономику, возможности сотрудничества с Таджикистаном, а также финансово-инвестиционную политику. Автор*

*показывает, что обсуждаются возможности расширения двустороннего сотрудничества в энергетике, транспорте, торговле и инвестициях, и выдвигаются предложения по улучшению экономических отношений и эффективному использованию существующего потенциала.*

***Ключевые слова:*** *экономическое развитие, инвестиции, сотрудничество, транспорт, промышленность, энергетика, валовый внутренний продукт, инфляция, Таджикистан, ИРИ.*

## FORMATION OF ECONOMIC RELATIONS BETWEEN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE ISLAMIC REPUBLIC OF IRAN

**IBROHIMZODA IBROHIM SHOH,**
Head of the Macroeconomic Analysis and Forecasting Department,
Center for Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Shohtemur street 27;
phone.: (+992) 900-22-22-51; e-mail: iibroimzoda@mail.ru

*This article analyzes the economic situation of Tajikistan and Iran, consideres the main development processes, problems and prospects for their economic cooperation. The article focuses on key factors, including the impact of international sanctions on the Iranian economy, opportunities for cooperation with Tajikistan, as well as financial and investment policy. The author shows that the opportunities for expanding bilateral cooperation in the fields of energy, transport, trade and investment are discussed, and proposals are made to improve economic relations and effectively use existing potential.*

***Keywords:*** *economic development, investment, cooperation, transport, industry, energy, gross domestic product, inflation, Tajikistan, IRI.*

**УДК: 330.34:316.472.4**

# ШАРИКИИ ИҶТИМОӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ УСТУВОР

**ШОҲИЁН АБДУРАҲИМ МАҲМАДУЛЛО,**
докторанти кафедраи менеҷмент ва маркетинги
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
734061, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ 1/2:;
тел.: +(992) 907-50-00-44; e-mail.: shoev75@mail.ru

*Дар мақола нақши шарикии иҷтимоӣ ҳамчун омилҳои асосии рушди иқтисодиёти устувор баррасӣ гардидааст. Дар шароити имрӯза, афзоиши рақобат ва зарурати таъмини тавозуни манфиатҳои давлат, бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, шарикии иҷтимоӣ ҳамчун механизми муассири ҳамоҳангсозии муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ арзёбӣ шудааст. Муаллиф дар мақола аҳаммияти стратегӣ ва ниҳодии шарикии иҷтимоӣ дар таъмини суботи иҷтимоию иқтисодӣ ва рушди устувори миллӣ асоснок намудааст. Ҳамзамон, дар асоси усулҳои таҳлили стратегӣ усули экспертӣ ва таҳлили муқоисавӣ самтҳои асосии рушди шарикии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидаанд.*

*Ба ақидаи муаллиф, ташаккули модели самараноки шарикии иҷтимоӣ ба баланд бардоштани сатҳи шуғл, рушди соҳибкории масъулиятнок, беҳтар намудани ҳифзи иҷтимоӣ ва коҳиши нобаробарии иҷтимоӣ мусоидат менамояд. Ҳамзамон, зарурати ҷалби сарчашмаҳои ғайрибуҷетии маблағгузорӣ ва татбиқи механизмҳои худмаблағгузорӣ ҳамчун омили муҳимми устувории низоми шарикии иҷтимоӣ таъкид гардидааст.*

***Калидвожаҳо:*** *шарикии иҷтимоӣ, иқтисодиёти устувор, рушди иҷтимоиву иқтисодӣ, давлат, бахши хусусӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, масъулияти иҷтимоии корпоративӣ, худмаблағгузорӣ, шуғл, суботи иҷтимоӣ, рушди устувор.*

Дар шароити муосири рушди иқтисоди ҷаҳонӣ, ки бо равандҳои ҷаҳонишавӣ, рақобати афзоянда, тағйирёбии муҳити иҷтимоиву иқтисодӣ ва зарурати таъмини рушди устувор тавсиф меёбад, масъалаи ташаккули механизмҳои муассири ҳамоҳангсозии манфиатҳои давлат, бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ аҳаммияти махсус касб менамояд. Дар чунин шароит, шарикии иҷтимоӣ ҳамчун яке аз абзорҳои муҳимми танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ва таъмини тавозуни манфиатҳои иқтисодиву иҷтимоӣ баромад намуда, ба омили калидии рушди иқтисодиёти устувор мубаддал мегардад. Масалан, аз таҷрибаи кишварҳои пешрафта бармеоянд, ки рушди

устувори иқтисодӣ бидуни ташаккули низоми самараноки ҳамкории давлат, корфармоён ва кормандон имконнопазир мебошад. Зеро маҳз тавассути шарикии иҷтимоӣ имконият фароҳам меояд, ки масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ, аз ҷумла, таъмини шуғли аҳолӣ, ҳифзи иҷтимоии кормандон, баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва рушди сармояи инсонӣ ба таври мутавозин ҳаллу фасл гарданд. Дар ин замина, шарикии иҷтимоӣ на танҳо воситаи танзими муносибатҳои меҳнатӣ, балки механизми муҳимми таҳкими суботи иҷтимоию иқтисодӣ ва рушди устувори ҷомеа ба ҳисоб меравад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо дарназардошти ҳадафҳои стратегии миллӣ ва гузариш ба модели иқтисодиёти иҷтимоӣ нигаронидашуда, масъалаи рушди шарикии иҷтимоӣ аҳаммияти бештар пайдо намудааст. Равандҳои саноатикунонӣ, рушди соҳибкорӣ, ҷалби сармоягузорӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ зарурати таҳкими муносибатҳои ҳамкориро миёни мақомоти давлатӣ, субъектҳои иқтисодӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба миён овардааст. Дар ин раванд, шарикии иҷтимоӣ ҳамчун механизми муҳимми ҳамоҳангсозии манфиатҳо ва таъмини мувозинати иҷтимоиву иқтисодӣ метавонад барои баланд бардоштани самаранокии сиёсати иҷтимоӣ ва рушди устувори иқтисоди миллӣ заминаи мусоид фароҳам оварад.

Масъалаи мазкур махсусан дар шароити маҳдудияти захираҳои молиявии давлатӣ ва афзоиши талаботи иҷтимоӣ аҳамияти амалӣ пайдо мекунад, зеро такяи танҳо ба маблағгузории буҷавӣ наметавонад рушди босуботи соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодиро таъмин намояд. Дар чунин шароит, ҷалби бахши хусусӣ, татбиқи механизмҳои масъулияти иҷтимоии корпоративӣ, худмаблағгузорӣ ва истифодаи сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ метавонанд ба таҳкими низоми шарикии иҷтимоӣ ва рушди устувори минтақаҳо мусоидат намоянд.

*Асосҳои назариявӣ.* Шарикии иҷтимоӣ дар иқтисодиёт ҳамчун низоми ҳамкории мутақобилан судманди байни корфармоён, коргарон ва давлат баррасӣ мешавад. Он бо мафҳумҳои «масъулияти иҷтимоии корпоративӣ» ва «соҳибкории иҷтимоӣ» робитаи зич дорад. Назарияҳои муосир нишон медиҳанд, ки рушди устувор танҳо бо ҳамоҳангсозии манфиатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ имконпазир аст. Дар ин замина стратегия ҳамчун унсури асосии муттаҳидкунанда байни ҳадафҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ баромад мекунад.

*Усулҳо.* Дар таҳқиқот усулҳои таҳлили стратегӣ, аз ҷумла SWOT ва PEST–таҳлил, инчунин, усули экспертӣ истифода гардидааст. Натиҷаҳои пурсиши 25 нафар коршинос (пажуҳишгарон, мутахассисон ва намояндагони мақомоти давлатӣ) барои баҳодиҳии саҳми бахшҳои иқтисодӣ дар рушди оянда истифода шудаанд. Ҳамчунин, усули муқоисавӣ

ва таҳлили динамикӣ барои пешгӯйии тамоюлҳои рушди бахшҳои иқтисодӣ татбиқ гардид.

*Мақсад.* Таҳлили нақши шарикии иҷтимоӣ ҳамчун омили муҳими рушди иқтисодиёти устувор, муайян намудани самтҳои асосии ташаккул ва такмили механизми он, инчунин, арзёбии таъсири ҳамкории давлат, бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ба таъмини суботи иҷтимоию иқтисодӣ мебошад. Дар доираи таҳқиқот ҷанбаҳои стратегӣ, ниҳодӣ (институтсионалӣ) ва иҷтимоиву иқтисодии рушди шарикии иҷтимоӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, аҳаммияти он дар шароити иқтисодиёти муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда мешавад.

*Баррасии масъала.* Фаъолияти корхонаҳои бахши иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд дар асоси принсипҳои банақшагирии стратегӣ амалӣ гардида, ҳамзамон, хусусиятҳои таъминоти захиравӣ ва шароити иҷтимоии мавҷударо пурра инъикос намояд. Шарикии иҷтимоӣ бошад, ҳамкории иштирокчиёни муносибатҳои иҷтимоию меҳнатие, ки ба таъмини мутобиқати манфиатҳои кормандон, корфармоён ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ равона гардидаанд [2].

Дар ин замина, стратегия ҳамчун унсури калидии муттаҳидкунанда байни ҳадафҳои рушди корхонаҳо ва имкониятҳои захиравии онҳо баромад мекунад, ки дар он таъсири омилҳои беруна (аз ҷумла, принсипҳои соҳибкории масъулиятноки иҷтимоӣ) ва омилҳои дохилӣ (масъулияти иҷтимоии корпоративӣ) ба таври ҳамбаста ба инобат гирифта мешаванд. Дар ин росто, пажуҳишгар П.Друкер таъкид менамояд, ки «ҳадафи идоракунии муосир натанҳо ба даст овардани фоида, балки эҷоди арзиши иҷтимоӣ барои ҷомеа мебошад» [7]. Ташаккули модели шарикии иҷтимоии субъектҳои иқтисодӣ ҳамчун самти муҳимми рушди устувори иқтисодӣ баррасӣ мегардад, зеро он имкон фароҳам меорад, ки ҳамбастагии манфиатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии иштирокчиёни раванд таъмин карда шавад. Ин модел натанҳо ба рушди иқтисодии сатҳи миллӣ ва минтақавӣ мусоидат мекунад, балки масъалаҳои муҳимми иҷтимоиро низ фаро гирифта, воситаҳои муассири татбиқи стратегияҳои рушди устуворро муайян менамояд.

Рафтори стратегии ташаккули шарикии иҷтимоӣ яке аз самтҳои асосии таъмини самаранокии фаъолияти ҳамаи сатҳҳои низоми иқтисодӣ ба шумор меравад, зеро сатҳи масъулияти иҷтимоии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо сатҳи масъулияти иҷтимоии давлат робитаи мустақим дорад. Аз ин рӯ, рушди шарикии иҷтимоӣ ҳамчун механизми муҳимми ҳамоҳангсозии манфиатҳои давлат, бизнес ва ҷомеа баррасӣ мегардад. Стратегияи ташаккули модели шарикии иҷтимоии субъектҳои иқтисодӣ ба баланд бардоштани нишондиҳандаҳои иқтисодию иҷтимоии кишвар ва ворид

гардидани он ба рейтингҳои байналмилалӣ нигаронида шудааст. Дар ин раванд, бахши соҳибкории иҷтимоиву масъулиятнок ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии давлат бароманд намуда, метавонад устувории молиявӣ ва рушди дарозмуддати иқтисодиро таъмин намояд.

Ба андешаи мо, “дар шакли шарикии иҷтимоӣ, ки ташаккули шакли нави муносибатҳои самарабахши мақомоти ҳокимияти давлатӣ, коргарон ва субъектҳои иқтисодиро дар бар мегирад, зарурати мукаммалгардонии механизми ҳамгироии онҳо ба миён меояд, ки аз унсурҳои иқтисодиву ҳуқуқӣ ва сиёсиву маъмурӣ иборат аст. Ин имкон фароҳам меорад, ки самаранокии фаъолияти ниҳоди шарикии иҷтимоӣ дар ҷанбаҳои асосии муносибатҳои иҷтимоиву меҳнатӣ таъмин гардад ”[3].

Зимнан, натиҷаҳои пурсиши 25 нафар коршинос, ки дар доираи таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф дар соли 2023 гузаронида шудааст (ниг. ба ҷадвали 1), аҳаммияти амалии ин равандро тасдиқ менамоянд. Ба ҳайати коршиносон муҳаққиқон, мутахассисони амалӣ ва намояндагони мақомоти давлатӣ дохил буданд, ки якдилона аҳаммияти стратегии рушди шарикии иҷтимоиро дар таъмини иқтисодиёти устувор таъкид намудаанд.

**Ҷадвали 1. Драйверҳои асосии иқтисодиёти оянда ва саҳми онҳо дар рушди умумии иқтисодиёти давлат**

| Бахши иқтисодиёт | Саҳм дар рушди умумии иқтисодиёт, % | Саҳм дар рушди умумии иқтисодиёт % | Фосилаи вақти рушди бахши иқтисодӣ, солҳо |
|---|---|---|---|
| | 2025 сол | 2030 сол | |
| Корхонаҳои комплекси анъанавии саноатӣ | 38 | 34 | 2020–2025 |
| Бахши соҳибкории ба иҷтимоиёт нигаронидашуда (аз ҷумла, ҷамъи субъектҳои бахшҳои гуногуни иқтисодие, ки ба самти шарикии иҷтимоӣ ва масъулияти иҷтимоӣ равона шудааст) | 29 | 32 | 2022–2030 |
| Савдои яклухт ва чакана | 14 | 15 | 2020–2030 |
| Бахши кишоварзӣ | 10 | 11 | 2022–2027 |
| Бахши молиявӣ | 3 | 4 | 2022–2030 |
| Сайёҳӣ | 2 | 3 | 2022–2030 |
| Дигар бахшҳои иқтисодиёт | 4 | 1 | – |

**Манбаъ:** *таҳияи муаллиф дар асоси натиҷаи таҳқиқот.*

Чи тавре коршиносон пешбинӣ менамоянд, дар оянда вобаста ба саҳми бахшҳои иқтисодии ҷумҳурӣ дар рушди умумии иқтисодӣ ҷойи

дуюмро бахши соҳибкории ба иҷтимоиёт нигаронидашуда (соли 2025–29%, соли 2030–32%) мегузоранд, аз ҷумла, субъектҳои соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ, ки ба самти ягонаи шарикии иҷтимоӣ ва масъулияти иҷтимоӣ муттаҳид шудаанд. Дар ҷойи якум корхонаҳои комплекси анъанавии саноатӣ (соли 2025–38%, соли 2030–34%) меистанд. Саҳми камтар дар рушди умумии иқтисодиёт аз соҳаи сайёҳӣ (соли 2025-ум 2%, соли 2030-ум 3%) пешбинӣ мегардад.

Дар робита ба ин масъала, қаблан низ мо ишора намудаем, ки “дар шароити рушди иқтисоди муосир, ки бо равандҳои саноатикунонии босуръат, рақобати ҷаҳонӣ ва гузариш ба модели рушди инноватсионӣ тавсиф меёбад, нақши соҳибкории саноатӣ ҳамчун омили калидии рушди устувори иқтисодӣ ва таъмини амнияти иқтисодӣ афзоиш меёбад. Дар ин замина, шарикии иҷтимоӣ ҳамчун механизми муассири ҳамкории давлат, бахши хусусӣ ва ҷомеа, ба яке аз омилҳои муҳими рушди соҳибкории саноатӣ табдил ёфтааст” [4].

Бояд таъкид намуд, ки пешгӯйии нишондиҳандаҳои рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар танҳо дар шароити баланд бардоштани сатҳи самаранокии рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва тағйири муносибати ҷомеа, инчунин, субъектҳои хоҷагидорӣ нисбат ба фаъолияти соҳибкорӣ имконпазир мегардад. Дар ин замина, яке аз самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодиёти муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккули муносибати стратегӣ ба модели шарикии иҷтимоии субъектҳои бахши ғайридавлатии иқтисодиёт ба ҳисоб меравад (ниг. ба расми 1).

Ҳадафи асосии стратегияи ташаккули модели шарикии иҷтимоии субъектҳои иқтисодӣ дар таҳлили ҳамаҷонибаи объекти таҳқиқот, инчунин, дар ташаккули рисолати муштарак бо дарназардошти манфиатҳои ҷонибҳои асосии иштирокчӣ ифода меёбад. Ба ин ҷонибҳо ташкилотҳои бахши соҳибкорӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ниҳодҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, иттифоқҳои касаба, муштариён, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва коргарон дохил мешаванд. Ғайр аз ин, стратегия ба муайян намудани хусусиятҳои хосси рушди субъектҳои иқтисодӣ, аз ҷумла, шароитҳои табиӣ-иқлимӣ, мавсимият ва дигар омилҳои муҳити беруна, инчунин, ба таҳлили тамоюлҳои эҳтимолии рушди онҳо нигаронида шудааст. Ин равиш имкон медиҳад, ки модели шарикии иҷтимоӣ ҳамчун механизми муассири ҳамоҳангсозии манфиатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар сатҳҳои гуногуни идоракунӣ ташаккул ёбад ва ба рушди устувори иқтисоди миллӣ мусоидат намояд.

Ҷанбаи асосии таҳияи стратегияи ташаккули шарикии иҷтимоии субъектҳои иқтисодӣ таҳлили ҳамаҷонибаи талабот ва ниёзҳои ҷонибҳои манфиатдор ба шумор меравад. Дар ин замина, стратегия ҳамчун воситаи

амалӣ намудани манфиатҳои мувофиқшудаи давлат, корфармоён ва кормандон баррасӣ мегардад, ки ба таъмини тавозуни иҷтимоию иқтисодӣ ва рушди устувори низоми хоҷагидорӣ равона шудааст. Ташаккули ҳадафҳои стратегӣ дар асоси принсипҳои масъулияти иҷтимоии субъектҳои иқтисодӣ, адолати иҷтимоӣ, шарикии баробарҳуқуқ ва ҳамоҳангсозии манфиатҳо сурат мегирад. Стратегияи ташаккули модели шарикии иҷтимоии субъектҳои иқтисодӣ ҳамчун маҷмуи чорабиниҳои ба ҳам пайваста фаҳмида мешавад, ки ба ноилшавӣ ба ҳадафҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти иқтисодӣ ва коҳиши таъсири омилҳои манфӣ, ки ба устувории рушди иқтисодӣ халал мерасонанд, равона мегардад. Аз ин рӯ, шарикии иҷтимоӣ дар ин раванд ҳамчун механизми муҳимми таъмини рушди иқтисодиёти устувор баромад мекунад.




*Манбаъ: таҳияи муаллиф.*

**Расми 1. – Рафтори стратегӣ ба ташаккули модели шарикии иҷтимоии субъектҳои иқтисодӣ.**

Яке аз масъалаҳои калидӣ дар ташаккули рафтори стратегӣ дар самти шарикии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши мақомоти давлатӣ мебошад. Мақоми ваколатдори давлатӣ дар ин самт Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Вазифаҳои асосии он дар соҳаи шарикии иҷтимоӣ ба танзим ва ҳамоҳангсозии муносибатҳои меҳнатӣ ва иҷтимоӣ нигаронида шудаанд, аз ҷумла:

–ташкили гуфтушунидҳо доир ба бастани Созишномаи генералӣ миёни корфармоён ва намояндагони кормандон;

– таҳлили раванди иҷрои созишномаҳо аз ҷониби вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;

– омода кардани маълумоти ҷамъбастӣ оид ба иҷрои уҳдадориҳо ва таҳияи пешниҳодҳо ҷиҳати такмили онҳо ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– баррасии масъалаҳои марбут ба иҷрои созишномаҳо дар ҷаласаҳои комиссияҳои сеҷониба;

– бақайдгирии созишномаҳои соҳавӣ ва минтақавӣ;

– таҳкими таҷрибаи бастани созишномаҳои шарикии иҷтимоӣ;

– ҳамоҳангсозии фаъолияти ҷонибҳои шарики иҷтимоӣ ва таҳияи тавсияҳо барои мувофиқсозии манфиатҳо.

Ҳамин тариқ, давлат тавассути вазорати дахлдор нақши калидиро дар ташкили муҳити институтсионалии шарикии иҷтимоӣ иҷро намуда, шароити заруриро барои татбиқи сиёсати самараноки иҷтимоию меҳнатӣ фароҳам меорад. Дар робита ба ин масъала, Сарвари давлат таъкид намудаанд, ки “танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва амалишавии кафолатҳои иҷтимоии кормандони корхонаҳои кишвар дар доираи шарикии иҷтимоӣ аз ҷониби Ҳукумати мамлакат тавассути вазорату идораҳои давлатӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ба роҳ монда шудааст”[1]. Пас, метавон хулоса баровард, ки шарикии иҷтимоӣ ҳамчун механизми муҳими ҳамоҳангсозии манфиатҳои давлат, корфармоён ва кормандон дар таъмини суботи иҷтимоию иқтисодӣ ва рушди устувори ҷомеа нақши муассир дорад. Дар ин раванд давлат натанҳо ҳамчун танзимкунанда, балки ҳамчун кафили риояи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва меҳнатии шаҳрвандон баромад намуда, тавассути такмили заминаҳои ҳуқуқию ниҳодӣ (институтсионалӣ) барои рушди муносибатҳои мутавозини корӣ шароити мусоид фароҳам месозад. Маҳз ҳамкории самараноки мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои корфармоён ва иттифоқҳои касаба метавонад ба баланд гардидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, беҳтар шудани муҳити меҳнат ва таҳкими суботи иҷтимоӣ мусоидат намояд.

Ин омил ҳамчун яке аз пояҳои муҳимми рушди иқтисодиёти устувор арзёбӣ мегардад, зеро устувории иқтисодӣ бидуни адолати иҷтимоӣ ва мувозинати манфиатҳо имконнопазир мебошад. Бо таъкиди пажуҳишгар А. Наимӣ, "барои амалӣ гардонидани сиёсати иҷтимоии давлат таваҷҷуҳи минбаъда идома ёфта, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи зиёд намудани ҳадди ақалли музди меҳнат, музди меҳнати кормандони мақомоти иҷроияи ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, муассисаҳои соҳаҳои маориф, илм, фарҳанг, варзиш, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва ташкилоту муассисаҳои дигари аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузоришаванда, нафақа ва стипендияи донишҷӯён ба тасвиб расидааст" [5].

Дар раванди банақшагирии стратегӣ вобаста ба муҳлатҳои дарозмуддат, миёнамуҳлат ва кӯтоҳмуддат истифодаи таҳлилҳои стратегӣ, аз ҷумла SWOT ва PEST, аҳаммияти махсус дорад. Ин таҳлилҳо имкон медиҳанд, ки омилҳои дохилӣ ва берунаи таъсиррасон ба рушди шарикии иҷтимоӣ муайян ва арзёбӣ гарданд. Қадами минбаъда интихоби стратегияи мувофиқ ва таҳияи марҳалаҳои татбиқи он мебошад.

Ҷанбаи муҳимми амалисозии стратегия масъалаи маблағгузорӣ ба ҳисоб меравад, ки метавонад аз ҳисоби манбаъҳои худӣ, буҷетӣ, қарзӣ ва сармоягузории ҷалбшуда таъмин гардад. Самаранокии истифодаи ин захираҳо бевосита ба натиҷабахшии шарикии иҷтимоӣ ва сатҳи устувории рушди иқтисодӣ таъсир мерасонад. Низоми мониторинг ва назорати иҷрои стратегия, инчунин, таҳлили мунтазами нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, шарти ҳатмии муваффақияти он мебошад. Ин раванд имкон медиҳад, ки самаранокии сиёсати татбиқшаванда арзёбӣ шуда, ислоҳоти зарурӣ саривақт ворид карда шавад.

Бояд таъкид кард, ки сатҳи рушди шарикии иҷтимоӣ бевосита ба дараҷаи инкишофи иқтисодии субъектҳо ва сатҳи нигаронии онҳо ба масъалаҳои иҷтимоӣ вобаста мебошад. Ҳар қадаре, ки иқтисодиёт устувортар ва иҷтимоӣ нигаронидашуда бошад, ҳамон андоза шарикии иҷтимоӣ ҳамчун омили рушди устувор муассиртар амал мекунад. Масъалаи рушди иҷтимоии деҳот дар ин замина аҳаммияти махсус дорад, зеро он бо мушкилоте ба мисли сатҳи пасти музди меҳнат, бекорӣ ва фарсудашавии инфрасохтор мувоҷеҳ мебошад. Ин омилҳо ба коҳиши ҷалби аҳолӣ ба фаъолияти иқтисодӣ дар минтақаҳои деҳот таъсир мерасонанд. Аз ин рӯ, ҳангоми таҳияи стратегияи шарикии иҷтимоӣ дар сатҳи маҳаллӣ, бахусус дар соҳаи кишоварзӣ, зарур аст, ки нишондиҳандаҳои иқтисодию иҷтимоии рушди ҷомеа ба таври комплексӣ ба инобат гирифта шаванд (ниг. ба расми 2).




Манбаъ: таҳияи муаллиф.

**Расми 2. – Низоми дастгирии шарикии иҷтимоии субъектҳои иқтисодӣ дар сатҳи маҳаллӣ.**

Маҳз шарикии иҷтимоӣ дар сатҳи маҳаллӣ ҳамчун як унсури муҳимми рушди иқтисодиёти устувор бавомад намуда, тавассути ҳамоҳангсозии манфиатҳои субъектҳои иқтисодӣ, баланд бардоштани сатҳи шуғл ва беҳтар намудани сифати зиндагии аҳолӣ ба таҳкими суботи иҷтимоию иқтисодӣ мусоидат менамояд. Сарбории зиёди буҷетии давлат ва буҷетҳои маҳаллӣ дар самти дастгирии шарикии иҷтимоӣ дар сатҳи субъектҳои иқтисодии маҳаллӣ яке аз омилҳои маҳдудкунандаи рушди устувори минтақаҳо ба шумор меравад. Дар шароити иқтисодиёти муосир, ки талаботи иҷтимоӣ афзоиш ёфта, захираҳои молиявии давлатӣ маҳдуд мебошанд, такя танҳо ба маблағгузории буҷетӣ наметавонад рушди босуботи шарикии иҷтимоиро таъмин намояд.

Аз нуқтаи назари консепсияи рушди устувор, шарикии иҷтимоӣ ҳамчун механизми ҳамоҳангсозии манфиатҳои давлат, бизнес ва ҷомеа баромад мекунад. Аз ин рӯ, гузариш ба модели худмаблағгузорӣ ва худтаъминкунӣ натанҳо зарурати иқтисодӣ, балки шарти муҳимми таъмини устувории иҷтимоиву иқтисодӣ мебошад. Ин раванд имкон медиҳад, ки сарбории буҷетҳои давлатӣ коҳиш ёфта, самаранокии истифодаи захираҳо баланд гардад.

Захираҳои ғайрибуҷетӣ, аз ҷумла, грантҳои ташкилотҳои байналмилалӣ, сармоягузории ширкатҳои хориҷиву дохилӣ, инчунин, механизмҳои масъулияти иҷтимоии корпоративӣ, метавонанд ҳамчун манбаи муҳимми рушди шарикии иҷтимоӣ хидмат намоянд. Ин навъи маблағгузорӣ ба диверсификатсияи манбаъҳои молиявӣ мусоидат намуда, вобастагии низом аз буҷети давлатиро коҳиш медиҳад.

Дар натиҷа, ташаккули низоми устувори худмаблағгузории шарикии иҷтимоӣ натанҳо ба кам гардидани сарбории буҷетӣ мусоидат мекунад, балки ба рушди иқтисодиёти маҳаллӣ, баланд бардоштани сатҳи шуғл ва коҳиши таназзули деҳот замина фароҳам меорад. Ҳамин тавр, шарикии иҷтимоӣ ҳамчун унсури муҳимми иқтисодиёти устувор баромад карда, тавозуни манфиатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоиро таъмин менамояд. Аз ин рӯ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ишора намуданд, ки “дар роҳи ҳалли мушкилоти дар доираи шарикии иҷтимоӣ ҷойдошта мо бояд ҳамкории бештар ва фарогир дошта бошем” [6].

Бовар дорем, ки татбиқи самараноки механизмҳои худмаблағгузорӣ ва ҷалби сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ метавонад ба таҳкими низоми шарикии иҷтимоӣ, баланд бардоштани сатҳи масъулияти иҷтимоии субъектҳои иқтисодӣ ва таъмини рушди устувори минтақаҳо мусоидати назаррас намояд. Дар ин замина, ҳамкории мутақобилан судманд миёни давлат, бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун омили муҳимми таъмини суботи иҷтимоиву иқтисодӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ аҳаммияти махсус касб мекунад.

Ҳамзамон, рушди шарикии иҷтимоӣ дар асоси принсипҳои шаффофият, эътимод ва ҳамоҳангсозии манфиатҳо имкон фароҳам меорад, ки иқтидори иқтисодии маҳаллӣ самаранок истифода гардида, сатҳи зиндагии аҳолӣ беҳтар гардад. Дар чунин шароит, нақши давлат бештар ба танзимгар ва ҳамоҳангсоз табдил ёфта, бахши хусусӣ ва ниҳодҳои (институтҳои) ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун иштирокчиёни фаъоли рушди иҷтимоиву иқтисодӣ баромад менамоянд. Аз ин рӯ, густариши шаклҳои нави ҳамкории иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, татбиқи механизмҳои сармоягузории иҷтимоӣ ва ҷалби шарикони рушд метавонад заминаи мусоиди ташаккули иқтисодиёти устувор ва рақобатпазирро фароҳам оварад. Маҳз тавассути

чунин ҳамкории фарогир метавон ба ҳадафҳои стратегии рушди миллӣ, коҳиши нобаробарии иҷтимоӣ ва баланд бардоштани некуаҳволии аҳолӣ ноил гардид.

*Натиҷаи баррасӣ.* Дар асл, рушди шарикии иҷтимоӣ яке аз омилҳои калидии таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ ва баланд бардоштани некуаҳволии аҳолӣ дониста мешавад. Зеро шарикии иҷтимоӣ, ҳамчун механизми муҳимми ҳамоҳангсозии манфиатҳои давлат, бахши хусусӣ ва ҷомеа ба рушди устувори иқтисодӣ мусоидат менамояд. Бо баррасӣ ва арзёбии масъала муайян гардид, ки ташаккули модели самараноки шарикии иҷтимоӣ ба баланд бардоштани сатҳи шуғл, беҳтар шудани ҳифзи иҷтимоӣ, рушди соҳибкории масъулиятнок ва таҳкими суботи иҷтимоию иқтисодӣ таъсири мусбат мерасонад. Бо дарназардошти ин, рушди шарикии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз такмили заминаҳои институтсионалӣ, иштироки фаъоли давлат ва густариши масъулияти иҷтимоии субъектҳои иқтисодӣ вобастагии калон дорад. Ҳамзамон, дар таҳқиқот зарурати ҷалби сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ ва татбиқи механизмҳои худмаблағгузорӣ ҳамчун шарти муҳимми таъмини устувории молиявии шарикии иҷтимоӣ асоснок карда шуд, ки дар ин самт амали саривақтӣ мебошад.

*Хулоса.* Шарикии иҷтимоӣ ҳамчун механизми муҳимми ҳамоҳангсозии манфиатҳои давлат, бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар таъмини рушди устувори иқтисодӣ нақши калидӣ дошта, маҳз рушди низоми самараноки шарикии иҷтимоӣ ба баланд гардидани сатҳи шуғл, беҳтар шудани ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, таҳкими суботи иҷтимоию иқтисодӣ ва рушди соҳибкории масъулиятнок метавонад мусоидат намояд. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон густариши шарикии иҷтимоӣ ба такмили заминаҳои институтсионалӣ, иштироки фаъоли давлат, баланд бардоштани масъулияти иҷтимоии субъектҳои иқтисодӣ ва ҷалби сарчашмаҳои ғайрибуҷетии маблағгузорӣ вобастагии мустақим дорад. Ҳамзамон, татбиқи механизмҳои худмаблағгузорӣ, истифодаи усулҳои банақшагирии стратегӣ ва таҳкими ҳамкории мутақобилан судманд миёни давлат, бизнес ва ҷомеа метавонанд барои таъмини иқтисодиёти рақобатпазир ва рушди устувори миллӣ заминаи мусоид фароҳам оваранд.

## Адабиёт

1. Суханронӣ бо роҳбарону фаъолони Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Ҷумҳурии Тоҷикистон, 24.10.2019 [Захираи электронӣ] https://www.president.tj/event/speeches/19614 (Санаи муроҷиат: 04.05.2026).

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи шарикии иҷтимоӣ, созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ” [Захираи электронӣ]

https://mmih.adlia.tj/SEARCH/DocumentView?DocumentId=8044# (Санаи мурочиат: 12.05.2026).

3. Шоҳиён А. Таҳкими механизми идоракунии рушди шарикии иҷтимоии корхонаҳо, коргарон ва давлат // Паёми ДМТ, 2026. – №3. –С. 5-12.

4. Шоҳиён А. Шарикии иҷтимоӣ ҳамчун омили рушди соҳибкории саноатӣ / А.М. Шоҳиён // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2025. – №. 4–1(59). – EDN SDWNLY.

5. Наимӣ А. Сиёсати иҷтимоии Пешвои миллат такягоҳи суботи иҷтимоӣ ва рушди устувори давлат мебошад [Захираи электронӣ] https://khovar.tj/2025/08/siyosati-i-timoii-peshvoi-millat-takyago-i-suboti-i-timo-va-rushdi-ustuvori-davlat-meboshad/?ysclid=mp86dekcx9597619902 (Санаи мурочиат: 29.04.2026).

6. https://mti.tj/suhanron-bo-ro-baronu-faoloni-federatsiyai-ittifo-oi-kasabai-musta-ili-um-urii-to-ikiston-24-10-2019-12-10-sha-ri-dushanbe/ (Санаи мурочиат: 08.05.2026).

7. Drucker P. The Practice of Management.–New York: Harper & Row, 1954.–P. 37.

## СОЦИАЛЬНОЕ ПАРТНЕРСТВО КАК ФАКТОР УСТОЙЧИВОГО ЭКОНОМИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ

**ШОХИЁН АБДУРАХИМ МАХМАДУЛЛО,**
докторант кафедры менеджмента и маркетинга Таджикского государственного университета коммерции
734061, Таджикистан, город Душанбе, ул. Дехоти ½;
тел.: + (992) 907-50-00-44; e-mail.: shoev75@mail.ru

*В статье рассматривается роль социального партнерства как ключевого фактора устойчивого экономического развития. В современных условиях, в условиях усиления конкуренции и необходимости обеспечения баланса интересов государства, частного сектора и гражданского общества, социальное партнерство рассматривается как эффективный механизм координации социально-трудовых отношений. Автор обосновывает стратегическое и институциональное значение социального партнерства в обеспечении социально-экономической стабильности и устойчивого национального развития. При этом, на основе методов стратегического анализа, экспертной оценки и сравнительного анализа, определены основные направления развития социального партнерства в Республике Таджикистан. По мнению автора, формирование эффективной модели социального партнерства способствует повышению*

*уровня занятости, развитию отечественного предпринимательства, улучшению социальной защиты и сокращению социального неравенства. Одновременно подчеркивается необходимость привлечения внебюджетных источников финансирования и внедрения механизмов самофинансирования как важного фактора устойчивости системы социального партнерства.*

***Ключевые слова:*** *социальное партнерство, устойчивая экономика, социально-экономическое развитие, государство, частный сектор, гражданское общество, корпоративная социальная ответственность, самофинансирование, занятость, социальная стабильность, устойчивое развитие.*

## SOCIAL PARTNERSHIP AS A FACTOR IN SUSTAINABLE ECONOMIC DEVELOPMENT

**SHOHIYON ABDURAHIM MAHMADULLO,**
Doctoral at the Department of Management and Marketing,
Tajik State University of Commerce
734061, Tajikistan, Dushanbe city, Dehoti St. ½;
tel.: +(992) 907-50-00-44; e-mail.: shoev75@mail.ru

*The article examines the role of social partnership as a key factor in sustainable economic development. In today's environment, with increasing competition and the need to balance the interests of the state, the private sector, and civil society, social partnership is viewed as an effective mechanism for coordinating social and labor relations. The author substantiates the strategic and institutional significance of social partnership in ensuring socioeconomic stability and sustainable national development. Using methods of strategic analysis, expert assessment, and comparative analysis, the author identifies key areas for the development of social partnership in the Republic of Tajikistan. The author believes that the development of an effective social partnership model contributes to increased employment, the development of responsible entrepreneurship, improved social protection, and the reduction of social inequality. At the same time, the need to attract extra-budgetary funding sources and implement self-financing mechanisms as an important factor in the sustainability of the social partnership system is emphasized.*

***Keywords:*** *social partnership, sustainable economy, socio-economic development, state, private sector, civil society, corporate social responsibility, self-financing, employment, social stability, sustainable development.*

**УДК: 330.322**

# ОСНОВНЫЕ ПРИНЦИПЫ РЕАЛИЗАЦИИ ИНВЕСТИЦИОННОГО ПРОЕКТА

**ХАЙДАРОВ АЛИШЕР ХАМДАМАЛИЕВИЧ,**
преподаватель кафедры менеджмента и маркетинга факультета экономики и управления Российско-Таджикского (славянского) университета
734025, Таджикистан, город Душанбе, улица М. Турсунзаде 30;
тел. +992 905-50-33-73; e-mail: Fragma05@gmail.com

*В статье систематизированы фазы жизненного цикла инвестиционного проекта, разработана классификация видов инвестиционных проектов и возможных схем их финансирования, а также выделены основные группы рисков, сопровождающих такие проекты. Особое внимание уделено структуре и содержанию ключевого документа — бизнес-плана инвестиционного проекта.*

*Инвестиции выступают ключевым направлением финансово-хозяйственной деятельности. От масштабов и качества инвестиционных потоков во многом зависит экономический рост и повышение благосостояния государства. В статье предложена оригинальная типология инвестиций, выполнен анализ динамики вложений в основной капитал за последние годы, определены главные мотивы инвесторов, ограничивающие факторы и типичные препятствия на пути реализации проектов.*

*Применение современных методов предварительной оценки эффективности и сценарного моделирования результатов вложений в реальные и финансовые активы позволяет существенно снизить неопределённость, минимизировать вероятность неблагоприятных исходов и повысить обоснованность принимаемых решений. В итоге целенаправленное развитие инструментария оценки и повышение отдачи от инвестированного капитала создают предпосылки для роста инвестиционной привлекательности экономики страны в целом.*

***Ключевые слова**: инвестиции, инвестиционный проект, жизненный цикл проекта, инвестиционная деятельность, принятие инвестиционных решений, цели и мотивы инвестирования, барьеры инвестирования, риски проекта, источники и схемы финансирования, оценка инвестиционной эффективности, бизнес-план.*

К понятию «принципы инвестиционного проекта» относятся основополагающие правила, методологические нормы и экономические

законы, которым необходимо следовать при инициации, планировании, финансировании и реализации проекта. Они определяют, как принимать решения, оценивать эффективность и управлять рисками.

Среди таджикских ученых, изучавших вопросы эффективности и привлекательности инвестиций, можно упомянуть Ҷ. Пиризода, Р. Қудратов, Қ. Давлатзода, А. Мадаминов, Ш. Бозоров, А.Эргашев, Ф. Қодиров и др. Например, согласно Закону «Об инвестиционной деятельности в Республике Таджикистан в форме капиталовложений» (от 10.02.2016 г., № 357), инвестиции представляют собой «денежные инструменты, ценные бумаги, иное имущество, включая имущественные права с денежной стоимостью, которые инвестируются в объекты предпринимательской и (или) иной деятельности с целью получения прибыли и (или) иных полезных эффектов». Инвестиции в основные средства (основные средства), включая расходы на новое строительство, расширение, реконструкцию и модернизацию технического оснащения действующих предприятий, приобретение машин, оборудования, инструментов, принадлежностей, проектно-исследовательские работы и прочие расходы, называются капиталовложениями. Таким образом, капиталовложения — это лишь одна из форм инвестиций, а не её синоним, как это иногда описывается в научной литературе[12,с.57].

В зависимости от акцента, который делают авторы,под принципами инвестиционного проекта могут пониматься [3, 10]:

- Экономические и финансовые принципы
- Организационно-управленческие принципы
- Аналитические и оценочные принципы
- Правовые и ресурсные принципы

В рамках данного исследования мы используем инвестиционный проект связанный *Реконструкцией и управление детским садом № 133 города Душанбе* [13]: инвестиции представляют собой вложения в виде денежных средств, ценных бумаг и иных активов, вкладываемых в коммерческие и некоммерческие организации с целью получения прибыли или достижения социального блага.

Целью проекта является:

*Реконструкция и обновление* материально-технической базы детского сада № 133 г. Душанбе для приведения его в соответствие с современными стандартами.

- *Обеспечение эффективного управления* детским садом на основе государственно-частного партнерства для повышения качества предоставляемых услуг.
- *Создание благоприятных условий* для воспитания и развития детей

путем модернизации инфраструктуры учреждения.

Задачи проекта:

1. ***Проведение строительно-ремонтных работ:***
   - Реконструкция и обновление здания и помещений детского сада.
   - Модернизация инженерных систем и коммуникаций.
2. Привлечение инвестиций:
   - Обеспечение финансирования проекта за счет средств частного партнера (инвестировано 5,2 млн сомони из 8 млн сомони).
3. Обеспечение текущей деятельности:
   - Эффективное управление детским садом в течение 10 лет (срок соглашения).
   - Предоставление качественных услуг по воспитанию и уходу за детьми.
4. Финансово-экономические задачи:
   - Обеспечение налоговых выплат в бюджет (за период уплачено 3,47 млн сомони налогов).
   - Частичный возврат инвестиций за счет оказания услуг (возвращено 2,1 млн сомони).
5. Социальные задачи:
   - Создание новых рабочих мест (обеспечено 45 постоянных рабочих мест).
   - Сохранение и развитие системы дошкольного образования в городе.
6. Соблюдение законодательства:
   - Реализация проекта в рамках Закона Республики Таджикистан «О государственно-частном партнерстве» и условий подписанного соглашения.

В научной литературе предложено большое количество оснований для классификации инвестиций, однако их чрезмерное разнообразие зачастую приводит к терминологической путанице и затрудняет сравнительный анализ. С целью устранения этой проблемы мною была проведена систематизация и обобщение существующих подходов отечественных и зарубежных исследователей, на основе чего составлена классификация инвестиций (представлена в таблице 1).

**Таблица 1.**

**Классификация инвестиций**

| Основание для разделения | Категории вложений капитала |
|---|---|
| 1. По сфере приложения капитала: | материальные (вещественные); денежные (финансовые). |
| 2. По значению для хозяйственной системы: | совокупные; восстановительные; добавочные |
| 3. По виду вовлеченности инвестора: | прямые;<br>косвенные; |
| 4. По временному горизонту вложений: | сжатые (менее года); протяженные (свыше года). |
| 5. По типу владельца капитала: | личные; общегосударственные; смешанные; международные. |
| 6. По территории размещения: | внутри страны; за рубежом. |
| 7. По уровню взаимного влияния: | автономные; сопряженные. |
| 8. По направлению использования средств: | исходные; повторные; обратные (изъятие). |
| 9. По допустимому уровню неопределенности: | с нулевой угрозой потерь; с малым уровнем угрозы; с умеренным уровнем угрозы; с повышенным уровнем угрозы. |
| 10. По возможности совместной реализации: | самостоятельные; взаимодополняющие; альтернативные. |

*Источник: составлено автором.*

В рамках данного исследования определение «инвестиции» ограничивается реальными капиталовложениями в предприятия для приобретения оборудования,организации производства и аналогичные цели, без учета операций с финансовыми инструментами, такими как акции, валютные активы или благородные металлы. Такой подход обусловлен спецификой проводимого исследования.

Инвестиционный проект в современной экономической науке — это не просто план вложения денег, а комплексная система обоснования экономической целесообразности, объемов и сроков осуществления капитальных вложений.

С научной точки зрения, инвестиционный проект представляет собой единство двух аспектов:

1. Материально-правовой: комплект технической, финансовой и

организационной документации, необходимой для реализации идеи.

2. Экономический: процесс превращения ресурсов (денег, технологий, труда) в реальные активы с целью получения прибыли или достижения социального эффекта в будущем.

Ключевыми характеристиками любого проекта являются риск, ликвидность и временная задержка (период между вложением средств и получением первой прибыли).

Для Республики Таджикистан инвестиционные проекты являются главным «двигателем» перехода от аграрно-индустриальной к индустриально-аграрной модели развития. Их роль критически важна по нескольким направлениям:

- *Энергетическая независимость:* Реализация таких мега-проектов, как Рогунская ГЭС, превращает страну из импортера электроэнергии в ключевого экспортера в регионе (в рамках проекта CASA-1000).
- *Развитие инфраструктуры:* Таджикистан — горная страна без выхода к морю. Проекты по строительству тоннелей, мостов и железных дорог (например, соединяющих страну с Китаем и Узбекистаном) выводят республику из коммуникационного тупика, снижая стоимость экспорта.
- *Индустриализация и рабочие места:* Создание свободных экономических зон (СЭЗ), таких как «Пяндж» или «Сугд», через частные инвестиционные проекты позволяет перерабатывать местное сырье (хлопок, алюминий, фрукты) внутри страны, создавая добавленную стоимость и тысячи рабочих мест для молодежи.
- *Привлечение технологий:* Вместе с иностранным капиталом в страну приходят современные методы управления и инновационные технологии, что повышает общую конкурентоспособность национальной экономики.

Объекты инвестиционной деятельности–это активы или экономические единицы, предназначенные для вложения средств с целью получения дохода. К ним относятся материальные активы (недвижимость, оборудование), нематериальные активы (патенты, лицензии), а также финансовые инструменты (ценные бумаги, драгоценные металлы, денежные вклады) [4].

Участниками инвестиционной сферы выступают инициаторы вложений, инициаторы проектов, исполнители работ и конечные эксплуатанты. Инициатор размещает собственный, кредитный или мобилизованный капитал. В эту роль могут входить как индивидуальные,

так и корпоративные субъекты, а также публичные институты. Иностранные граждане, компании, зарубежные государства или глобальные организации также вправе инвестировать самостоятельно или в партнерстве с местными сторонами. По сведениям Агентства по статистике, вклады отечественных игроков в основные фонды значительно превосходят зарубежные.

Для систематизации и более глубокого анализа инвестиционных проектов может использоваться множество критериев. Таблица 2 содержит виды инвестиционных проектов по ключевым критериям, разработанную в рамках настоящего исследования.

**Таблица 2.**

**Виды инвестиционных проектов**

| **Критерий разделения** | **Группы проектов** |
|---|---|
| • По размеру необходимых инвестиций | мегапроекты; крупные проекты; средние проекты; малые проекты |
| • По характеру содержания | проекты расширения действующего производства; проекты санации (оздоровления) |
| • По виду инвестиций | реальные инвестиции; финансовые инвестиции |
| • По взаимосвязи между проектами | независимые; взаимоисключающие (альтернативные или замещающие); взаимодополняющие |
| • По уровню масштаба | глобальные; народнохозяйственные; крупномасштабные; региональные; отраслевые; городские; локальные |
| • По продолжительности реализации | краткосрочные (до 1 года); среднесрочные (1–3 года); долгосрочные (свыше 3 лет) |
| • По основной направленности | коммерческие; финансовые; производственные; организационные; научно-технические; социальные; экологические; комбинированные |
| • По характеру денежного потока | с ординарным денежным потоком; с неординарным денежным потоком |
| • По основной цели | сохранение существующих позиций продукции на рынке; расширение объёмов производства; выпуск новой продукции; |

| | |
|---|---|
| | решение социально-экономических задач |
| • По категории риска | надёжные; с малым риском; со средним риском; с высоким риском. |
| • По источнику ожидаемых доходов | за счёт сокращения затрат; за счёт расширения существующих направлений; за счёт освоения новых рынков и сегментов |

**Источник: составлено автором.**

Рассмотрим это на примере инвестиционного проекта «Реконструкция и управление детским садом № 133 города Душанбе» Соглашение о государственно-частном партнерстве между Министерством энергетики и водных ресурсов Республики Таджикистан и ООО «Бойчечак» по реализации Проекта «Реконструкция и управление детским садом № 133 в г. Душанбе» было подписано в соответствии с соглашением о государственно-частном партнерстве от 22 сентября 2016 года сроком на 10 лет, с финансированием в размере 8 млн сомони на реконструкцию, обновление и управление. По состоянию на конец 2024 года частным партнером инвестировано 5,2 млн сомони на реконструкцию и обновление детского сада. За этот период частным сектором в общей сложности было осуществлено налоговых выплат на сумму 3,47 млн сомони, возвращено за счет услуг 2,1 млн сомони. В настоящее время в детском саду обеспечены постоянной работой 45 человек.

Общий объем финансирования по соглашению: 8 млн сомони (на реконструкцию, обновление и управление).

- Фактические инвестиции частного партнера (на конец 2024 г.): 5,2 млн сомони.
- Срок соглашения: 10 лет (с 22 сентября 2016 г. по 22 сентября 2026 г.).
- Период анализа: 2016–2024 гг. (8 лет).
- Возврат инвестиций за счет услуг: 2,1 млн сомони.
- Налоговые выплаты в бюджет: 3,47 млн сомони.
- Созданные рабочие места: 45 постоянных.

Оценка коммерческой доходности

Простой срок окупаемости

- Остаток не возвращенных инвестиций на конец 2024 г.:
  $5{,}2-2{,}1=3{,}1$ млн сомони.
- Среднегодовой возврат за 8 лет:
  $2{,}1/8=0{,}2625$ млн сомони/год.
- Для возврата оставшихся 3,1 млн сомони при сохранении текущих

темпов потребуется:
3,1/0,2625=11,8 лет, что превышает оставшийся срок соглашения (2 года).

*Вывод:* При текущем уровне доходов от услуг проект не окупится до окончания срока ГЧП. Это может указывать на:

- необходимость дополнительных источников дохода (например, плата родителей, субсидии из бюджета, сопутствующие услуги);
- возможные льготы или компенсации со стороны государства;
- неполноту данных о возврате (возможно, часть инвестиций возвращается иными способами).

Рентабельность инвестиций

- За 8 лет чистая прибыль (возврат минус инвестиции) отрицательна: 2,1−5,2=−3,1 млн сомони.
- Простой  за период: −3,1/5,2×100%≈−59,6%.

Отрицательный показатель свидетельствует о том, что проект еще не вышел на окупаемость. Однако если учесть, что объект продолжит работу и после завершения соглашения, доходность может быть пересмотрена.

Налоговая эффективность

- За 8 лет уплачено 3,47 млн сомони налогов. Это означает, что бюджет получил значительные поступления, которые частично компенсируют государственные вложения (если таковые были).
- Соотношение налогов к инвестициям: 3,47/5,2=0,67, т.е. на каждый вложенный сомони частный партнер перечислил в бюджет 0,67 сомони налогов. Это положительный эффект.

- Социальная эффективность

Социальная эффективность отражает вклад проекта в повышение качества жизни населения и развитие социальной инфраструктуры.

- *Доступность услуг:* детский сад №133 восстановлен и функционирует, обеспечивая потребности семей в дошкольном образовании. Это снижает нагрузку на муниципальные учреждения и расширяет выбор для родителей.

- *Занятость:* создано 45 постоянных рабочих мест (педагоги, обслуживающий персонал). Это способствует снижению безработицы и росту доходов местного населения.

- *Качество услуг*: реконструкция и обновление материальной базы позволили повысить стандарты пребывания детей (современное оборудование, безопасные условия).
- *Мультипликативный эффект:* стабильная работа сада стимулирует развитие смежных сфер (питание, образовательные программы, дополнительные услуги).

*Вывод:* Социальная эффективность проекта высокая. Достигнуты целевые показатели по созданию рабочих мест и обеспечению услугами.

Факторы, влияющие на доходность

- *Длительный срок окупаемости:* объекты социальной инфраструктуры (детские сады) обычно имеют низкую коммерческую маржинальность, поэтому окупаемость может быть растянута на 15–20 лет.
- *Возможные государственные субсидии:* не исключено, что частный партнер получает компенсацию части затрат или налоговые льготы.
- *Дополнительные услуги:* детский сад может оказывать платные услуги (кружки, дополнительные занятия), что увеличивает доход.
- *Риски: инфляция, изменение тарифов, демографическая ситуация.*

Самоокупаемость проекта (покрытие текущих расходов)

Для оценки операционной самоокупаемости нужно сравнить ежегодные доходы от услуг с ежегодными операционными расходами (зарплата, коммунальные платежи, текущий ремонт, налоги и т.д.). К сожалению, точные цифры по расходам отсутствуют. Однако можно сделать приблизительные расчёты.

- Среднегодовой доход от услуг за 8 лет:
  2,1 млн/8=262,5 тыс. сомони/год

Если предположить, что операционные расходы не превышают эту сумму, то проект может быть операционно самоокупаемым. Однако создание 45 рабочих мест предполагает значительные затраты на оплату труда. Средняя зарплата в Таджикистане в бюджетной сфере – около 1000–1500 сомони в месяц. Даже при минимальной оценке (1000 сомони × 45 × 12 = 540 тыс. сомони/год) только фонд оплаты труда превышает среднегодовой доход. Следовательно, операционные расходы значительно выше доходов от услуг.

**Вывод:** Вероятнее всего, проект *не является операционно самоокупаемым*. Для покрытия текущих затрат требуются либо дополнительные доходы (платные кружки, аренда, субсидии), либо дотации из бюджета.

При выборе модели финансирования необходимо принимать во внимание риски, связанные с проектом. В соответствии с Методическими рекомендациями по оценке эффективности инвестиционных проектов, под риском понимается вероятность наступления событий, которые могут привести к неблагоприятным последствиям для одного или нескольких участников.

В специальной литературе обычно выделяют десять основных групп рисков инвестиционных проектов:

1. Финансовые риски–связаны с возможным дефолтом участников, срывом поступления средств по отдельным источникам финансирования или неспособностью компании обслуживать долг перед инвесторами и кредиторами.

2. Криминальные риски – проявляются в виде преднамеренного банкротства, подделки документов, хищения активов, нецелевого расходования инвестиций и других мошеннических действий со стороны участников или третьих лиц.

3. Организационные риск–возникают из-за недостатков системы управления, низкой исполнительской дисциплины, нечёткого распределения обязанностей и слабой проработки внутренних регламентов.

4. Политические риски–обусловлены изменениями политической ситуации, которые могут негативно сказаться на проекте (например, административное давление, смена приоритетов государственной политики).

5. Производственные риски–связаны с перебоями в технологическом процессе, авариями, остановкой производства и другими факторами, ведущими к прямым убыткам.

Чтобы инвестор мог обоснованно принять решение о вложении средств, требуется всесторонняя оценка эффективности проекта. Рост объёмов капитальных вложений и увеличение числа одновременно реализуемых инвестиционных инициатив подчёркивают актуальность постоянного совершенствования методов и инструментов такой оценки.

## Литература

1. Андрианов А.Ю., Валдайцев С.В., Воробьев П.В. и др. Инвестиции. – 2-е изд., перераб. и доп. – М.: ТК Велби, Изд-во Проспект. – 2007. – 584 с.

2. Берд П. Бизнес-план. Пошаговое руководство. – М.: Изд-во Фаир -

Пресс. – 2007. – 304 с.

3. Бланк И. Инвестиционный менеджмент. – М.: Эльга, Ника-Центр. – 2001. – 448 с.

4. Быстров О. и др. Управление инвестиционной деятельностью в регионах Российской Федерации: Монография / Быстров О.Ф., Поздняков В.Я., Прудников В.М., Перцов В.В., Казаков С.В.–М.: Инфра-М, 2008. – 358 с.

5. Вахрин И., Нешитой А.С. Инвестиции: Учебник. – 3-е изд., перераб. и доп. – М.: Издательско-торговая корпорация «Дашков и Ко», 2005. – 380 с.

6. Волков С. Инвестиционные проекты: от моделирования до реализации. – М.: Изд-во Вершина. – 2006. – 256 с.

7. Дебелова Н. и др. Риск-анализ в инвестиционном проекте.–Известия Томского политехнического университета.–2009.–Т. 314, N 6: Экономика: Философия, социология и культурология. – С. 26-31.

8. Забродин Ю., Михайличенко А., Саруханов А., Шапиро В., Ольдерогге Н. Управление инвестиционными программами и портфелями проектов. – М.: Дело АНХ. – 2011. – 576 с.

9. Закон Республики Таджикистан "Об инвестициях". Принят Постановлением МН МОРТ от 10 февраля 2016 года, № 357. Одобрен Постановлением ММ МОРТ от 3 марта 2016 года, № https://www.andoz.tj/docs/zakoni/l_%E2%84%9620_investment-RT_ru.pdf (Дата обращения: 07.11.2025).

10. Закон Республики Таджикистан «Об инвестиционном соглашении» (в редакции Закона РТ от 30.05.2017, №1435). https://andoz.tj/docs/zakoni/.pdf (Дата обращения: 07.11.2025).

11. Питерская Л. Инвестиционная деятельность реального сектора экономики (теория и практика): монография. / Питерская Л.Ю., Глушко А.Я., Латышева Л.А. – Невинномысск: НГГТИ. – 2006. – С. 168.

12. Кудратов Рустам.Теоретические основы инвестиций и приоритетные направления повышения экономической эффективности сельскохозяйственного производства. URL: http://t.vestnik.mts.tj/wp-content/grand-media/application/_3_87_.pdf (Дата обращения: 19.12.2025), стр.57-65, журнал «Таджикистан и современный мир», №3 (87) 2024, – Душанбе – 2024.

13. https://ppp.tj/reestr-gchp/

# ПРИНСИПҲОИ АСОСИИ ТАТБИҚИ ЛОИҲАИ САРМОЯГУЗОРӢ

**ҲАЙДАРОВ АЛИШЕР ҲАМДАМАЛИЕВИЧ,**
Омӯзгори кафедраи менеҷмент ва маркетинги факултаи иқтисод ва идораи Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода 30;
тел.: +992 905-50-33–73; e-mail: Fragma05@gmail.com

*Сармоягузорӣ самти асосии фаъолияти молиявӣ ва иқтисодӣ мебошад. Рушди иқтисодӣ ва беҳтар шудани некуаҳволии миллӣ асосан аз миқёс ва сифати ҷараёнҳои сармоягузорӣ вобаста аст. Дар ин мақола типологияи аслии сармоягузорӣ пешниҳод карда мешавад, динамикаи сармоягузориҳои сармояи асосӣ дар солҳои охир таҳлил карда мешавад ва ангезаҳои асосии сармоягузорон, омилҳои маҳдудкунанда ва монеаҳои маъмулӣ барои татбиқи лоиҳа муайян карда мешаванд.*

*Дар ин мақола марҳилаҳои давраи ҳаёти лоиҳаи сармоягузорӣ ба низом дароварда мешавад, таснифоти навъҳои лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва нақшаҳои имконпазири маблағгузорӣ таҳия мегардад ва гурӯҳҳои асосии хатарҳое, ки бо чунин лоиҳаҳо алоқаманданд, муайян карда мешаванд. Таваҷҷуҳи махсус ба сохтор ва мундариҷаи санади асосӣ–нақшаи тиҷоратии лоиҳаи сармоягузорӣ равона карда шудааст.*

*Истифодаи усулҳои муосир барои арзёбии пешакии самаранокӣ ва моделсозии сенариявии натиҷаҳои сармоягузорӣ ба дороиҳои воқеӣ ва молиявӣ номуайяниро ба таври назаррас коҳиш медиҳад, эҳтимолияти натиҷаҳои номусоидро кам мекунад ва эътибори қарорҳоро беҳтар месозад. Дар ниҳоят, таҳияи мақсадноки воситаҳои арзёбӣ ва афзоиши бозгашт аз сармояи сармоягузорӣ заминаҳоро барои афзоиши ҷолибияти сармоягузории иқтисодиёти кишвар дар маҷмуъ, фароҳам меорад.*

***Калидвожаҳо:*** *сармоягузорӣ, лоиҳаи сармоягузорӣ, давраи ҳаёти лоиҳа, фаъолияти сармоягузорӣ, қабули қарорҳои сармоягузорӣ, ҳадафҳо ва ангезаҳои сармоягузорӣ, монеаҳои сармоягузорӣ, хатарҳои лоиҳа, манбаъҳо ва нақшаҳои маблағгузорӣ, арзёбии самаранокии сармоягузорӣ, нақшаи тиҷоратӣ.*

# BASIC PRINCIPLES FOR IMPLEMENTING AN INVESTMENT PROJECT

**KHAIDAROV ALISHER KHAMDAMALIEVICH,**
Lecturer at the Department of Management and Marketing, Faculty of Economics and Management, Russian-Tajik (Slavic) University
734025, Tajikistan, Dushanbe city, M. Tursunzade street 30.;

phone.: +992 905-50-33-73; e-mail: Fragma05@gmail.com

*Investments are a key area of financial and economic activity. Economic growth and improved national well-being largely depend on the scale and quality of investment flows. This article proposes an original typology of investments, analyzes the dynamics of fixed capital investments in recent years, and identifies the main motivations of investors, limiting factors, and typical obstacles to project implementation.*

*This article systematizes the phases of an investment project life cycle, develops a classification of investment project types and possible financing schemes, and identifies the main risk groups associated with such projects. Particular attention is paid to the structure and content of a key document—the investment project business plan.*

*The use of modern methods for preliminary assessment of the effectiveness and scenario modeling of investment results in real and financial assets significantly reduces uncertainty, minimizes the likelihood of unfavorable outcomes, and improves the validity of decisions. Ultimately, the targeted development of assessment tools and increased return on invested capital create the preconditions for increasing the investment attractiveness of the country's economy as a whole.*

***Keywords****: investments, investment project, project life cycle, investment activity, investment decision-making, investment goals and motives, investment barriers, project risks, sources and financing schemes, investment performance assessment, business plan.*

**ТДУ (УДК) - 101.1:323.28+327**

# ПЕШГИРИИ ЭКСТРЕМИЗМ ДАР СИЁСАТИ АМНИЯТӢ: БАРРАСИИ САТҲҲОИ ҶАҲОНӢ, МИНТАҚАВӢ ВА МИЛЛӢ

**АЗИЗӢ РУСТАМ АНВАРЗОДА,**
номзади илмҳои фалсафа, докторанти Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33;
e-mail: rustamazizi1986@gmail.com,

**РИЗОЁН ШЕРАЛӢ ШУКРУЛЛОЗОДА,**
номзади илмҳои сиёсӣ, сармутахассиси Раёсати таҳлил ваояндабинии сиёсати хориҷии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шоҳтемур 27;
e-mail: sherali.rizoyon@gmail.com

*Дар мақола масъалаи пешгирии экстремизм ҳамчун унсури муҳимми сиёсати амниятӣ дар сатҳҳои ҷаҳонӣ, минтақавӣ ва миллӣ баррасӣ мешавад. Муаллиф таъкид мекунад, ки рӯйкардҳои маъмулӣ ифротишавиро танҳо ба омилҳое чун бекорӣ, заъфи маориф ва ҳошияравии иҷтимоӣ нисбат дода, тамоми паҳлуҳои ин падидаро фаро намегиранд ва ташхиси амиқу дақиқро маҳдуд месозанд. Ифротишавӣ ҳамчун раванди мураккаб баррасӣ мегардад, ки дар он омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, равонӣ, динӣ ва фардӣ ба ҳам меомезанд. Дар мақола се рӯйкарди байналмилалӣ баррасӣ мешаванд: модели «Нардбони Муқаддам», барномаи бритониёии PREVENT ва чаҳорчӯбаи CVE. Ҳамзамон, маҳдудиятҳои татбиқи ин моделҳо дар шароити таъсири омилҳои беруна, аз ҷумла, ҷалби муҳоҷирон, таблиғоти фаромиллӣ ва истифодаи платформаҳои рақамӣ, арзёбӣ мешаванд. Дар сатҳи минтақавӣ санадҳои барномавии Қазоқистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон муқоиса шуда, умумиятҳо ва камбудиҳои такроршаванда, махсусан, норавшании мафҳуми «пешгирӣ» ва сустии механизмҳои арзёбӣ, ошкор мегарданд. Бахши миллӣ стратегияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016–2020 ва 2021–2025-ро таҳлил намуда, мушаххастар шудани тадбирҳо, тақвияти нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ ва воситаҳои ахбори омма, инчунин, ворид гардидани унсурҳои офиятбахшӣ ва реинтегратсияи иҷтимоиро ҳамчун воситаи коҳиши ифротишавии такрорӣ нишон медиҳад. Дар мақола ҳамчунин масъалаи фарқгузорӣ миёни мафҳумҳои «экстремизм» ва «экстремизми хушунатомез» ва паёмадҳои сиёсӣ ва амниятии ин рӯйкард баррасӣ мегардад.*

***Калидвожаҳо:*** *сиёсати амниятӣ, пешгирии экстремизм, омилҳои ифротишавӣ, амнияти миллӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, сиёсати давлатӣ, муқовимат ба терроризм, Осиёи Марказӣ.*

Баррасии вазъ ва таҷрибаи кишварҳои осебпазир нишон медиҳад, ки экстремизм ва терроризм дар шаклҳои гуногун боиси хисороти ҷиддии моддиву маънавӣ мегарданд. Пайдоиш ва паҳншавии ифротгароӣ сарчашмаҳои гуногун дошта, на ҳамеша ба қолабҳои маъмулӣ мувофиқат мекунад. Бо вуҷуди он ки дар пажуҳишҳои солҳои охир бештар таъкид мешавад, ки экстремизм маҳсули бекорӣ, камбуди таҳсилот ва ҳошияравии иҷтимоии ҷавонон аст, ин умумигӯйӣ на ҳамеша воқеиятро инъикос мекунад ва барои дарки амиқи падида ва пешгирии муассир басанда нест. Таҷриба нишон медиҳад, ки ҷалб ба гурӯҳҳои ифротӣ танҳо ба минтақаҳои осебпазир маҳдуд намешавад: дар замони авҷи фаъолияти “Давлати исломӣ” дар Ироқ ва Сурия ҳиссаи назарраси ҷалбшудагон шаҳрвандони кишварҳои аврупоӣ буданд. Бо вуҷуди ин, дар андешасозии расонаӣ ва таҳлилҳои байналмилалӣ таваҷҷуҳ бештар ба кишварҳои Осиёи Марказӣ равона мегардад, ки ин худ ба шаклгирии дидгоҳи якҷониба мусоидат мекунад.

Баррасии сабабҳо ва шароити ифротишавӣ нишон медиҳад, ки ин падида ба як омили ҷудогона вобаста набуда, маҷмуи омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, равонӣ, маънавӣ, динӣ ва фардиро дар бар мегирад. Аз ин рӯ, барои пешгирӣ ва коҳиш бояд таҳқиқоти таҳлилӣ ва осебшиносии фарогирро анҷом диҳем. Бо дарназардошти пайванди мустақими экстремизм ва терроризм, роҳкорҳои пешгирикунанда бояд тадриҷӣ, силсилавӣ ва мунтазам бошанд. Аз ин рӯ, санадҳои байналмилалӣ чун “Стратегияи глобалии зиддитеррористии СММ” ва “Нақшаи амал барои пешгирии экстремизми хушунатомез (2015)” таъкид мекунанд, ки сиёсати миллӣ бояд бисёрсоҳавӣ буда, соҳаҳои маориф, ҷавонон, дин, занон ва ҷомеаи шаҳрвандиро фаро гирад [15].

Тоҷикистон аз оғози Истиқлоли давлатӣ бо падидаи экстремизм рӯ ба рӯ гардида, паёмадҳои он то имрӯз эҳсос мешаванд. Бархе шаҳрвандони кишвар дар даргириҳои Сурия, Ироқ ва Афғонистон иштирок кардаанд. Тибқи гузориши Бонки ҷаҳонӣ (2019), ҷавонони муҳоҷир ва гурӯҳҳои осебпазир бештар дар хатари ифротишавӣ қарор доранд, ки аҳаммияти барномаҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва офиятбахширо дар пешгирии ин раванд нишон медиҳад [16, 35-36].

Яке аз масъалаҳои калидӣ дар пешгирии экстремизм ва терроризм муайянсозии рӯйкардҳои кишварҳо ва созмонҳои байналмилалӣ мебошад, ки бештари онҳо пас аз қудратгирии “Давлати исломӣ” дар Ховари Миёна шакл гирифтанд. Дар бораи моҳият ва доираи ин пешгирӣ дидгоҳи ягона

вуҷуд надорад ва ҳар кишвар онро бо дарназардошти таҷриба, авлавиятҳои амниятӣ ва муҳити геополитикии худ муайян мекунад. Дар ин раванд, фаҳмиши кишварҳои таъсиргузор дар сиёсати созмонҳои байналмилалӣ нақши калидӣ дошта, ҳатто таҷрибаҳои баҳсбарангез ҳамчун намунаи "муваффақ" ба дигарон пешниҳод мегарданд. Аз ин рӯ, рӯйкардҳои маъмули байналмилалӣ, таҷрибаи кишварҳои Осиёи Марказӣ ва баҳси мафҳумии "экстремизм" ва "экстремизми хушунатомез" бояд баррасӣ шаванд.

## Рӯйкардҳои байналмилалӣ дар шинохти ифротишавӣ

Дар сатҳи ҷаҳонӣ якчанд модели назариявӣ ва роҳбурдҳои амалӣ барои тафсир ва муқовимат ба ифротишавӣ таҳия шудаанд, ки маъмултарини онҳо модели "Нардбони Муқаддам", барномаи бритониёии "PREVENT" ва рӯйкарди "CVE" мебошанд. Истифодаи онҳо дар шароити Тоҷикистон арзёбии ҷудогона талаб мекунад [ниг.: 2, 14-17].

Модели "Нардбони Муқаддам", ки аз ҷониби равоншинос Фатҳалӣ Муқаддам пешниҳод шудааст, раванди ифротишавиро ҳамчун ҳаракат аз зинаҳои поёнӣ ба болоӣ шарҳ медиҳад. Дар зинаҳои ибтидоӣ норозигӣ аз беадолатии иҷтимоӣ ва маҳрумиятҳо шакл гирифта, тадриҷан ба пархошгарӣ, қабул ва сафедкунии ахлоқии хушунат меорад. Дар зинаҳои болоӣ ҷаҳонбинӣ ба "мо" ва "онҳо" ҷудо шуда, ниҳоят садди равонии истифодаи хушунат аз байн меравад ва фард ба анҷоми амали террористӣ омода мегардад. Ҳамзамон, ин модел нишон медиҳад, ки танҳо қисми ками норозиён тамоми ин масирро то терроризм тай мекунанд [12]. Бартарии модели Муқаддам дар фарогирии тафсири равонӣ ва нишон додани нақши дарки беадолатӣ ва маҳдудияти фурсатҳои иҷтимоӣ ҳамчун ангезаҳои калидии ифротишавӣ ифода меёбад. Дар шароити Тоҷикистон зинаи ибтидоии он то андозае мувофиқ аст, зеро омилҳое чун камбизоатӣ ва бекорӣ метавонанд заминаи эътирозро фароҳам созанд. Ҳамзамон, ин модел ба омилҳои беруна, аз ҷумла таъсири таблиғоти хориҷӣ ва ҷалби муҳоҷирон диққати кофӣ надода, дар натиҷа, зарурати таҳлили шабакаҳои иҷтимоӣ ва зерсохти ифротгароиро пеш мегузорад.

Барномаи "PREVENT" як бахши стратегии зиддитерроростии Британияи Кабир буда, ба пешгирии ифротишавӣ тавассути дахолати бармаҳал ва ҷалби ҷомеа равона шудааст. Дар доираи он тавассути механизми "Channel" гурӯҳҳои бисёрсоҳавӣ шахсони дорои тамоюли ифротгароиро муайян намуда, бо ёрии таълимӣ, равонӣ ва иҷтимоӣ онҳоро аз роҳи хушунат дур месозанд. Ин роҳбурд бар ҳамкорӣ бо ҷомеаҳои мусулмон, пуштибонии руҳониёни муътадил ва нақши омӯзгорон, кормандони иҷтимоӣ ва оиларо таъкид мекунад. Таҷрибаи мутобиқсозии "PREVENT" дар Узбекистон нишон медиҳад, ки истифодаи он дар

Тоҷикистон низ бо ҷалби фаъолони маҳаллӣ ва руҳониён метавонад натиҷабахш бошад.

Рӯйкарди "CVE" маҷмуи чораҳои "нарм"-и муқовимат ба экстремизми хушунатомезро дар бар мегирад, ки бештар ба пешгирӣ тавассути таҳсил, гуфтугӯйи динҳо, рушди тафаккури интиқодӣ, муқовимат бо таблиғоти ифротӣ дар шабакаи интернет ва кор бо гурӯҳҳои осебпазир равона шудааст. Таваҷҷуҳи асосии "CVE" ба бартарафсозии омилҳои ифротишавӣ ва тақвияти тавонмандиҳои ҷомеа нигаронида мешавад. Дар Тоҷикистон унсурҳои ин рӯйкард дар стратегияҳои солҳои 2016-2020 ва 2021-2025 инъикос ёфтаанд. Ҳамзамон, пажуҳишгарон таъкид мекунанд, ки мутобиқсозии чунин моделҳои ғарбӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ бо набудани тафсири равшани "пешгирӣ" ва механизмҳои устувори арзёбӣ дучор шуд [13].

### Гуфтумони пешгирии экстремизм дар Осиёи Марказӣ

То имрӯз дар ягон кишвар рӯйкарди комилан муваффақи пешгирии экстремизм ва терроризм шакл нагирифтааст ва маъруфияти таҷрибаи бархе давлатҳо замонати татбиқи муваффақи он дар дигар кишварҳо нест. Бо дарназардошти ҳамсон будани шароити падидоршавии ифротгароӣ дар Осиёи Марказӣ ва ҳамкории фаъоли кишварҳои минтақа, арзёбии таҷрибаи Қазоқистон, Қирғизистон ва Узбекистон барои шиносоии дидгоҳи минтақавӣ аҳаммияти амалӣ дорад.

"Барномаи давлатии муқовимат ба экстремизм ва терроризми динӣ дар Ҷумҳурии Қазоқистон барои солҳои 2018-2022" бо қарори Ҳукумати ин кишвар аз 15 марти соли 2018 қабул шудааст [ниг. 3]. Мӯҳлати амали Барномаи давлатӣ соли 2022 ба поён расида, санади нави муқовимат ба экстремизм ва терроризм дастрасии умумӣ надорад. Бо дарназардошти идомаи дидгоҳҳои бунёдӣ ва бетағйир мондани мавқеи расмӣ дар ҳамоишҳои минтақаӣ, таҳлили Барномаи солҳои 2018-2022 барои дарки рӯйкарди қазоқистонӣ ҳамчунон аҳаммият дорад. Барномаро Кумитаи амнияти миллии Қазоқистон таҳия намуда, иҷрои он бар уҳдаи 18 вазорату идора ва мақомоти маҳаллӣ вогузор шудааст.

Барномаи давлатӣ бо ҳадафи такмили тадбирҳои пешгирии экстремизм ва терроризми динӣ таҳия шуда, ташаккули масуният ба идеологияи радикалиро дар ҷомеа пешбинӣ мекунад. Яке аз нишондиҳандаҳои калидии он коҳиши шумораи афроди дорои ақидаҳои экстремистӣ мебошад, ки барномаро хусусияти пешгирикунанда мебахшад. Ҳангоми таҳияи санад таҷрибаи як қатор кишварҳо, аз ҷумла Норвегия, Финландия, Канада, ИМА ва Аморати Муттаҳидаи Араб истифода шудааст, аммо мафҳуми «пешгирӣ» бидуни тафсири равшан боқӣ мемонад. Чораҳои асосӣ бештар ба корҳои иттилоотию маърифатӣ, ҷалби созмонҳои

динӣ ва ҷамъиятӣ, истифодаи интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ, омодасозии мутахассисон, таҳқиқоти сотсиологӣ, офиятбахшии иҷтимоӣ, кор бо маҳбусон ва пешгирии воридшавии идеологияи ифротӣ ба сохторҳои қудратӣ равона гардидаанд.

Барои шиносоии таҷрибаи Қирғизистон бояд "Барномаи Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2017-2022" (бо қарори Ҳукумати ин кишвар аз 21 июни соли 2017 қабул шудааст) [6] ва "Барномаи Девони Вазирони Ҷумҳурии Қирғизистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2017–2022" (бо қарори Девони Вазирони ин кишвар аз 15 марти соли 2023 қабул шудааст) [5] арзёбӣ шаванд, ки санади дуюм идомаи мантиқии санади аввал аст.

Дар Барномаи Қирғизистон барои солҳои 2017-2022 мафҳуми «пешгирӣ» бидуни тафсири равшан истифода мешавад, вале дар Барномаи солҳои 2023-2027 он таърифи мушаххас гирифта, ҳамчун маҷмуи тадбирҳои бисёрсоҳа бо ҷалби давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ шарҳ дода мешавад. Ҳадафи барномаи нав бештар ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо ва амнияти миллӣ равона гардида, вожаи «пешгирӣ» мустақим зикр намешавад. Агар дар барномаи қаблӣ самтҳои калидӣ ба таҳкими фаъолияти мақомоти давлатӣ, корҳои маърифатӣ ва пешгирӣ тамаркуз доштанд, пас дар санади солҳои 2023-2027 таваҷҷуҳ ба пешгирӣ, сиёсати иттилоотӣ, рушди заминаи илмӣ ва ҷомеапазирӣ равона шудааст. Ин маҷмуа дидгоҳи расмии Қирғизистонро дар самти пешгирии экстремизм ва терроризм инъикос мекунад.

Дар Узбекистон "Стратегияи миллии Ҷумҳурии Ӯзбекистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2021–2027" бо фармони Президенти ин кишвар аз 1 июли соли 2021 қабул шудааст [4]. Стратегияи Ҷумҳурии Узбекистон ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм ихтисос ёфта, мафҳуми «пешгирӣ» дар он борҳо истифода мешавад, аммо тафсири равшан надорад. Бо вуҷуди ин, аз мухтавои санад бармеояд, ки дидгоҳи кишвар ба пешгирӣ бештар ба тарғиби арзишҳои ватандӯстӣ ва таҳаммулпазирӣ, пешгирии барвақтии радикализатсия дар муҳити интернет, кор бо ноболиғон ва ҷавонон тавассути маориф ва сиёсати ҷавонон равона шудааст. Дар баробари ин, нақши занон дар оила, ҳифзи шаҳрвандон дар муҳоҷират, корҳои маърифатӣ пеш аз сафар ва пас аз бозгашт, инчунин, тадбирҳои иҷтимоию офиятбахшӣ бо гурӯҳҳои осебпазир, аз ҷумла маҳбусон ва кормандони давлатӣ, ҳамчун унсурҳои муҳимми пешгирӣ баррасӣ мегарданд.

Дар маҷмуъ, чораҳои Қазоқистон, Қирғизистон ва Узбекистон дар самти пешгирии экстремизм ва терроризм умумятҳо доранд. Азбаски

арзёбии воқеии ин равандҳо таҳқиқоти густарда ва пажуҳиши майдониро талаб мекунад, ин ҷо мо танҳо дидгоҳи расмии ин кишварҳо дар асоси санадҳои барномавӣ баррасӣ шуда, барои хонандаи ватанӣ пешниҳод мегардад.

Пиромуни таҷрибаи Туркманистон бояд гуфт кард, ки аз рӯйи иттилои сомонаи расмии Вазорати корҳои хориҷии ин кишвар “Стратегияи миллии Туркманистон оид ба огоҳонии экстремизми зӯровар ва муқовимат ба терроризм барои солҳои 2020-2024” [9] бо қарори Президенти ин кишвар аз 6-уми декабри соли 2019 қабул шуда буд. Азбаски матни комили Стратегияи миллии Туркманистон дастрас нест, таҳлили дидгоҳи ин кишвар пиромуни пешгирии экстремизм ва терроризмро душвор аст.

**Гуфтумони “экстремизм” ва “экстремизми хушунатомез”**

Дар қонунгузорӣ ва амалияи Тоҷикистон тафовут миёни экстремизми «бехушунат» ва «хушунатомез» пазируфта намешавад, зеро ҳар гуна ифротгароӣ дар ниҳоят ба нафрат ва хушунат меорад. Аз ин рӯ, ҳатто гуфтору даъватҳои дорои забони нафрат ҳамчун таҳдид ба ваҳдати миллӣ ва суботи кишвар арзёбӣ мегарданд, ки таҷрибаи ҷанги шаҳрвандӣ онро тасдиқ мекунад. Ин дидгоҳро пажуҳишгарони қазоқистонӣ низ ҷонибдорӣ намуда, напазируфтани чунин ҷудосозиро барои кишварҳои Осиёи Марказӣ бо зарурати ҳифзи суботи миллӣ марбут медонанд [14].

Дар “Роҳнамо оид ба пешгирӣ, офиятбахшӣ ва реинтегратсияи шахсони бозгашта ба Ҷумҳурии Тоҷикистон” зикр мегардад, ки мафҳуми ҳанӯз ба таври умум эътирофнашудаи «экстремизми хушунатомез» дар бисёр кишварҳо ва созмонҳои байналмилалӣ мавқеи нисбатан устувор пайдо кардааст. Дар ин дастур таъкид мешавад, ки фаҳмиши ватании экстремизм аз мафҳуми «экстремизми хушунатомез» фарохтар буда, ба таърифи «фаъолияти экстремистӣ» дар қонунгузории Тоҷикистон такя мекунад [8].

Дар таҷрибаи байналмилалӣ вожаи “экстремизми хушунатомез” корбурди васеъ дорад ва дар бештари санадҳо вомехӯрад. Масалан, дар Нақшаи амал барои пешгирии экстремизми хушунатомези СММ (2016) бо равшанӣ таъкид мешавад, ки “экстремизми хушунатомез” як марҳалаи хатарноки афзоиши ифротишавӣ буда, дар он шахс ё гурӯҳ ба истифодаи амалии зӯроварӣ барои ҳадафҳои сиёсӣ ё идеологӣ рӯй меорад. Баръакс, экстремизми “бехушунат” метавонад дар шакли сухан, таблиғот ё идеология зуҳур кунад, аммо ҳатман ба амалҳои хушунатомез намерасонад [8, 12].

Дар баъзе кишварҳо ва созмонҳои байналмилалӣ миёни экстремизм ҳамчун падидаи ҷамъиятӣ ва экстремизми хушунатомез фарқ гузошта мешавад, ки танҳо шакли дуюм ҳамчун таҳдиди амниятӣ арзёбӣ мегардад.

Ин рӯйкард аз вижагиҳои таърихӣ, сиёсию фикрӣ ва модели давлатдорӣ бармеояд ва дар гуфтумони байналмилалӣ маъмул шудааст. Вале барои Тоҷикистон ва кишварҳои дигари Осиёи Марказӣ чунин ҷудосозӣ бештар хусусияти геополитикӣ ва амалгароёна дошта, метавонад омили қонунӣ ва густурда шудани фаъолият гурӯҳҳои ифротӣ гардад. Бозгашти “Толибон” ба қудрат дар Афғонистон ва қудратгирии гурӯҳҳои ифротӣ дар Сурия нишон медиҳад, ки муносибати чандир ва ғайриусулӣ ба созмонҳои террористӣ дар дурнамо ба субот ва амнияти минтақа хатар эҷод мекунад. Аз ин рӯ, фарқ нагузоштан миёни “экстремизм” ва “экстремизми хушунатомез” дар сиёсати Тоҷикистон мантиқӣ буда, ба ҳадафи ҳифзи субот ва амнияти миллӣ мувофиқ аст.

**Гуфтумони пешгирии экстремизм дар стратегияҳои Тоҷикистон**

Дар Тоҷикистон бори нахуст “Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020” ва Нақшаи амали он бо фармони Президенти кишвар таҳти №776 аз 12 ноябри соли 2016 қабул гардид [10]. Дар соли 2021 «Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025» ва нақшаи амали он бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №187 аз 1 июни соли 2021 ба тасвиб расид [11]. Тағйири номгузорӣ, аз ҷумла хориҷ гардидани вожаи «миллӣ» дар санади дуюм, аз таҳаввули равиши институтсионалӣ дар ин самт шаҳодат медиҳад.

Бахши «Муқаррароти умумӣ»-и Стратегияи солҳои 2021-2025 мақсад, вазифаҳо ва самтҳои асосии сиёсати давлатии Тоҷикистонро дар соҳаи муқовимат ба экстремизм ва терроризм муайян намуда, фаъолияти тамоми шохаҳо ва зинаҳои мақомоти давлатӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои байналмилалиро муттаҳид месозад. Стратегия маҷмуи тадбирҳои амалишавандаро дар ин самт барои солҳои 2021–2025 фаро мегирад.

Таҳлили муҳтаво (content analysis) нишон медиҳад, ки дар Стратегияи солҳои 2016-2020 (бо шумули нақшаи амали он) вожаи «пешгирӣ» 75 маротиба истифода шудааст, ки танҳо як маротиба дар шакли «профилактика» омадааст. Дар Стратегияи солҳои 2021-2025 бошад, ин мафҳум 104 маротиба, аз ҷумла 20 маротиба ҳамчун «профилактика», зикр мегардад. Дар ҳар ду санад тақрибан 95 дарсади истифодаи ин вожа бевосита ба пешгирии экстремизм ва терроризм рабт дошта, дар ҳолатҳои дигар пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ, фасод, шиканҷа, зӯроварӣ ва афзоиши шиддати иҷтимоиро дар бар мегирад, ки ҳамаи онҳо низ ба коҳиши заминаҳои ифротишавӣ мусоидат мекунанд [ниг. ба 1].

Муҳтавои стратегия нишон медиҳад, ки мафҳуми «пешгирӣ» ҳамчун унсури фарогир ва бисёрсоҳа дар тамоми бахшҳо: маориф, муҳити динӣ,

ҷавонон, занон ва муҳоҷирони меҳнатӣ то муассисаҳои ислоҳӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва воситаҳои ахбори омма ҷойгоҳи калидӣ дорад. Ин такрор бозгӯйи он аст, ки дар давраи 2016–2020 пешгирӣ меҳвари сиёсати муқовимат ба экстремизм ва терроризм буда, дар Стратегияи солҳои 2021-2025 низ ҳамчун равиши асосӣ ҳифз гардидааст.

Вижагии "Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2021–2025" он аст, ки таҷрибаи амалишавии солҳои 2016–2020 қисман ҷамъбаст намуда, камбудиҳои мавҷударо инъикос мекунад. Таҳлили муҳтаво нишон медиҳад, ки дар матни стратегия ва нақшаи амали он мафҳуми «пешгирӣ» 104 маротиба истифода шуда, ҷойгоҳи марказӣ касб намудааст.

Дар бахши таҳлили вазъ Стратегия аз тадбирҳои фарогири ниҳодӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти ҳамаи шохаҳои ҳокимият, нақши мақомоти маҳаллӣ, беҳтар гардидани таъминоти иттилоотӣ ва густариши корҳои фаҳмондадиҳӣ ёдовар мешавад. Таъкид ба боло бурдани нақши маориф, воридсозии курсҳои махсуси зиддиэкстремистӣ, таҳкими корҳои пешгирикунанда дар муассисаҳои ислоҳӣ ва қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» (2 январи соли 2020) ҳамчун заминаи ҳуқуқии пешгирӣ низ ҷойгоҳи муҳим дорад.

Ҳамзамон, дар Стратегия як қатор омилҳои осебпазир эътироф мегарданд, аз ҷумла самаранок набудани баъзе чораҳои маърифатӣ, пурра истифода нашудани зарфиятҳои низоми маориф ва сиёсати ҷавонон, номукаммалии механизмҳои ҳуқуқӣ, мушкилоти пешгирии дохилимаҳбасии экстремизм ва сатҳи нокифояи ҳамкории давлат бо ҷомеаи шаҳрвандӣ.

Дар бахши мақсад ва самтҳои асосӣ пешгирӣ ҳамчун равиши бисёрсоҳа муаррифӣ шуда, ба густариши фаъолияти профилактикӣ, таҳқиқоти илмию сотсиологӣ, ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ, таҳкими нақши дин ва маориф, коҳиши хатарҳои вобаста ба муҳоҷирати меҳнатӣ, такмили чораҳои пешгирӣ дар муассисаҳои ислоҳӣ ва такмили қонунгузорӣ таъкид мегардад.

Стратегия ҳамчунин нишондиҳандаҳои мушаххаси иҷро, аз ҷумла шумораи ҳамоишҳои омӯзишӣ, фаъолияти профилактикӣ миёни ноболиғон, амалиёти муштараки зиддитеррористӣ ва пешгирии сафари шаҳрвандон ба минтақаҳои ҷангиро пешбинӣ мекунад. Дар маҷмуъ, муҳтавои санад нишон медиҳад, ки дар солҳои 2021–2025 пешгирӣ ҳамчун меҳвари сиёсати давлатии Тоҷикистон дар муқовимат ба экстремизм ва терроризм боқӣ монда, бо унсурҳои таҳлилӣ ва арзёбии таҷрибаи қаблӣ тақвият ёфтааст.

Дар Стратегияҳои солҳои 2016-2020 ва 2021–2025 мафҳуми «пешгирӣ» мустақим шарҳ дода нашудааст, ҳарчанд дар санадҳо ба таври

густарда истифода мешавад. Қонунҳои соҳавии амалкунанда низ мафҳумҳои «пешгирии экстремизм» ва «пешгирии терроризм»-ро тафсир намекунанд ва асосан аз вожаи «муқовимат» истифода мебаранд. Аз ин рӯ, дарки пешгирӣ аз муҳтавои худи стратегияҳо бармеояд [ниг. ба 1].

Таҳлили Стратегияи 2016–2020 нишон медиҳад, ки пешгирӣ ҳамчун маҷмуи тадбирҳо барои монеъ шудан ба паҳншавии ғояҳо ва фаъолияти экстремистию террористӣ фаҳмида мешавад. Ба унвони тадбирҳо баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқӣ, таҳаммулгароӣ дар муҳити динӣ, корҳои маърифатӣ миёни ҷавонон ва муҳоҷирон, пешгирӣ дар муассисаҳои ислоҳӣ, таҳкими масъунияти кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, инчунин, тақвияти ҳамкории давлат бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ номбар шудаанд. Ҳамзамон, Стратегия камбудиҳо, аз ҷумла ҳамоҳангии нокифоя, нақши маҳдуди ВАО ва иштироки сусти ҷомеаи шаҳрвандиро низ эътироф мекунад.

Дар Стратегияи 2021–2025 рӯйкардҳои пешгирикунанда мушаххастар гардида, натиҷаҳои татбиқи санади қаблӣ ҷамъбаст шудаанд. Дар он беҳтар шудани ҳамкории ниҳодҳо, густариши корҳои иттилоотию маърифатӣ, болоравии нақши маориф, тақвияти чораҳо дар муассисаҳои ислоҳӣ ва такмили қонунгузорӣ зикр мегардад. Ҳамзамон, омилҳои хавф, аз қабили нокифоя будани самаранокии баъзе чораҳо, мушкилоти ҳамкории давлат бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ва хатарҳои вобаста ба муҳоҷират, муайян шудаанд. Вижагии муҳимми стратегияҳои нав дар мушаххас будани самтҳо, механизмҳо, нишондиҳандаҳо ва интизориҳо мебошад, ки арзёбии миёндаврӣ ва ниҳоии татбиқи онҳоро осон мекунад.

Таҳлили Стратегияҳои солҳои 2016–2020 ва 2021–2025 нишон медиҳад, ки рӯйкарди пешгирии экстремизм вобаста ба шароити замон ва таҷрибаи андӯхташуда тағйир ёфтааст. Стратегияи якум дар шароити авҷи фаъолияти гурӯҳҳои ифротӣ, аз ҷумла «Давлати исломӣ», қабул шуда, дар ҳоле таҳия гардид, ки сатҳи ҷалби шаҳрвандон ба чунин гурӯҳҳо баланд буд [7, 16].

Стратегияи дуюм бар пояи таҷрибаи қаблӣ ва дар вазъе қабул шуд, ки таблиғоти ифротӣ ва гароиш ба гурӯҳҳои радикалӣ коҳиш ёфта буд. Дар Стратегияи 2016–2020 чораҳои пешгирикунанда фарогир, вале то андозае умумӣ ва аз лиҳози молиявию кадрӣ пурра иҷрошаванда набуданд. Қисме аз муқарраароти нақшаи амалҳо, бахусус ҳамоишҳои алоҳида, бинобар маҳдудияти захираҳо иҷро нагардиданд. Дар Стратегияи 2021-2025 ин камбудиҳо қисман ислоҳ шуда, тадбирҳои нисбатан амалӣ ва мутобиқ ба имкониятҳои кишвар пешбинӣ гардиданд. Фарқи дигар дар мушаххастар шудани механизмҳои пешгирӣ дар Стратегияи дуюм зоҳир мешавад, ки арзёбии натиҷаҳои амалисозиро осон мекунад. Агар таҷрибаи миллии

Тоҷикистон дар давраи татбиқи Стратегияи аввал ба таври кофӣ муаррифӣ нашуда бошад, пас дар марҳалаи дуюм бо таъсиси Котиботи иҷрои Стратегия (12.10.2022) ва роҳандозии сомонаи махсус барои шиносоии таҷрибаи миллӣ қадамҳои амалӣ гузошта шуданд.

Дар стратегияҳо нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ зикр шуд, вале дар Стратегияи дуюм иштироки онҳо фаъолтар гардида, ҳамкориҳои мунтазам дар доираи мулоқотҳои ҳамоҳангсозӣ ба роҳ монда шудаанд. Дар муқоиса бо Стратегияи аввал, дар санади дуюм ба нақши ВАО, сифати муҳтавои зиддиэкстремистӣ, таҳкими чораҳои маърифатӣ дар сатҳи маҳаллӣ ва рушди тавонмандиҳои кормандони маҳаллӣ таваҷҷуҳи бештар дода шудааст.

Вижагии муҳимми дигари Стратегияи 2021–2025 ворид намудани масъалаи барқарорсозӣ ва интегратсияи иҷтимоии шахсони собиқадори ифротӣ мебошад, ки пешгирии ифротишавии такрориро ҳадаф мегирад. Дар маҷмуъ, дар ҳоле ки «муқовимат» бештар ҳамчун вазифаи мақомоти давлатӣ фаҳмида мешавад, «пешгирӣ» дар Стратегияи дуюм бо ҷалби фаъоли ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун унсури калидии сиёсати давлатӣ тақвият ёфтааст.

**Адабиёт**

1.Азизи Р. Подход и опыт Таджикистана в противодействии экстремизму и терроризму: анализ Национальной стратегии и плана действий // Известия Института философии, политологии и права им. А. Баховаддинова АН РТ. – 2024. – № 3. –С.81–87.

2.Азизӣ Р., Ризоён Ш. Тоҷикистон дар пешорӯйи чолишҳои ифротгароӣ (монография). –Душанбе: Ирфон, 2026. –236 с.

3.Государственная программа по противодействию религиозному экстремизму и терроризму в Республике Казахстан на 2018–2022 годы: утв. постановлением Правительства Республики Казахстан от 15 марта 2018 г. № 124. URL: https://primeminister.kz/assets/media/p180000012415-03-2018rus.pdf (Дата обращения: 31.03.2026).

4.Национальная стратегия Республики Узбекистан по противодействию экстремизму и терроризму на 2021–2026 годы: утв. указом Президента Республики Узбекистан от 1 июля 2021 г., № УП-6255. URL: https://lex.uz/ru/docs/5491628 (Дата обращения: 31.03.2026).

5. Программа Кабинета Министров Кыргызской Республики по противодействию экстремизму и терроризму на 2023–2027 годы: утв. постановлением Кабинета Министров Кыргызской Республики от 15 марта 2023 г. №141. URL: https://cbd.minjust.gov.kg/160032/edition/1241419/ru (Дата обращения: 31.03.2026).

6.Программа Правительства Кыргызской Республики по противодействию экстремизму и терроризму на 2017–2022 годы: утв. постановлением Правительства Кыргызской Республики от 21 июня 2017 г. № 394. URL: http://cbd.minjust.gov.kg/act/view/ru-ru/100104 (Дата обращения: 31.03.2026).

7.Ризоён Ш. Опыт Таджикистана в профилактике экстремизма: проблемы и перспективы// Противодействие идеологии терроризма: концепции и адресная профилактика: сборник материалов Всероссийской научно-практической конференции. –Уфа: БГПУ им. Акмуллы, 2019. – С.15-24.

8.Роҳнамо дар бораи пешгирӣ аз экстремизм, офиятбахшӣ ва реинтегратсияи шахсони бозгашта аз минтақаҳои задухӯрдҳои мусаллаҳона ба Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – 140 с.

9.Состоялась встреча, посвященная Национальной стратегии Туркменистана по предупреждению насильственного экстремизма и противодействию терроризму. Новостное сообщение от 10.12.2019 г. URL: https://www.mfa.gov.tm/ru/news/1786 (Дата обращения: 31.03.2026).

10. “Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016–2020”, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12.11.2016, № 776 тасдиқ шудааст.

11.“Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025”, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.06.2021 № 187 тасдиқ шудааст.

12.Moghaddam F. M. (2005). The Staircase to Terrorism: A Psychological Exploration // American Psychologist. – Vol. 60, No. 2. – P. 161–169. – DOI: https://doi.org/10.1037/0003-066X.60.2.161

13. Reshetnyak A., Omelicheva, M. (2022). A Framework for Explaining National P/CVE Programs: A Case Study of Kazakhstan // Studies in Conflict & Terrorism.–Vol. 48, No. 2.–P. 161–178.–DOI: https://doi.org/10.1080/1057610X.2022.2090048

14.Seitakhmetova N., Aliyarov, E., Zhandossova, S., Tolen, Z., Nurov, M. (2024). Counteracting Religious Extremism in Youth Environments: World Experience and Kazakhstan // Journal of Social Studies Education Research. – Vol. 15, No. 3. – P. 257–288.

15. United Nations. (2016). Plan of Action to Prevent Violent Extremism. URL: https://www.un.org/counterterrorism/plan-of-action (Date of access: 31.03.2026).

16.World Bank. (2020). Strengthening Youth Resilience to Radicalization: Evidence from Tajikistan. – Washington, DC: World Bank. – URL:

https://documents1.worldbank.org/curated/en/327951586870202514/pdf/Strengthening-Youth-Resilience-to-Radicalization-Evidence-from-Tajikistan.pdf (Date of access: 31.03.2026).

# ПРОФИЛАКТИКА ЭКСТРЕМИЗМА В ПОЛИТИКЕ БЕЗОПАСНОСТИ: ОБЗОР ГЛОБАЛЬНОГО, РЕГИОНАЛЬНОГО И НАЦИОНАЛЬНОГО УРОВНЕЙ

**АЗИЗИ РУСТАМ АНВАРЗОДА,**
кандидат философских наук, докторант Института философии и политических наук им. А. Баховаддинова НАНТ
734025, Таджикистан, город Душанбе, пр. Рудаки 33;
e-mail: rustamazizi1986@gmail.com;

**РИЗОЁН ШЕРАЛИ ШУКРУЛЛОЗОДА,**
кандидат политических наук, главный специалист отдела анализа и перспективного анализа внешней политики Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан
734025, Таджикистан, город Душанбе, улица Шохтемур 27;
e-mail: sherali.rizoyon@gmail.com;

*В статье анализируется проблема предупреждения экстремизма как важного элемента политики безопасности на глобальном, региональном и национальном уровнях. Авторы подчёркивают, что распространённые подходы, сводящие радикализацию исключительно к таким факторам, как безработица, слабость системы образования и социальная маргинализация, не охватывают всех аспектов данного явления и ограничивают возможность его глубокого и точного анализа. Радикализация рассматривается как сложный процесс, в котором переплетаются политические, экономические, социальные, психологические, религиозные и индивидуальные факторы. В статье рассматриваются три международных подхода: модель «Лестница Могаддама», британская программа PREVENT и рамочная концепция CVE. Одновременно оцениваются ограничения применения этих моделей в условиях воздействия внешних факторов, включая вовлечение мигрантов, транснациональную пропаганду и использование цифровых платформ. На региональном уровне проводится сопоставительный анализ программных документов Казахстана, Кыргызстана и Узбекистана, в ходе которого выявляются общие черты и повторяющиеся недостатки, прежде всего неопределённость понятия «предупреждение» и слабость механизмов оценки. На национальном уровне анализируются стратегии Республики Таджикистан на 2016–2020 и 2021–2025 годы, что позволяет показать*

*повышение конкретности мер, усиление роли гражданского общества и средств массовой информации, а также включение элементов реабилитации и социальной реинтеграции как инструмента снижения повторной радикализации. В статье также рассматривается проблема разграничения понятий «экстремизм» и «насильственный экстремизм» и анализируются политические и безопасностьные последствия данного подхода.*

***Ключевые слова:*** *политика безопасности, предупреждение экстремизма, факторы радикализации, национальная безопасность, гражданское общество, государственная политика, противодействие терроризму, Центральная Азия*

## PREVENTING EXTREMISM IN SECURITY POLICY: A REVIEW OF GLOBAL, REGIONAL, AND NATIONAL LEVELS

**AZIZI RUSTAM ANVARZODA,**
PhD Candidate in Philosophy, Doctoral Student at the A. Bahovaddinov Institute of Philosophy and Political Science, National Technical University
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 33;
e-mail: rustamazizi1986@gmail.com;

**RIZOYON SHERALI SHUKRULLOZODA,**
PhD in Political Science, Chief Specialist at the Department of Foreign Policy Analysis and Forecasting, Center for Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Shohtemur St. 27;
e-mail: sherali.rizoyon@gmail.com;

*The article analyses the problem of preventing extremism as an important element of security policy at the global, regional, and national levels. The author argues that widely used approaches which attribute radicalisation solely to factors such as unemployment, weaknesses in education, and social marginalisation do not fully capture the complexity of this phenomenon and limit the possibility of its thorough and accurate assessment. Radicalisation is examined as a complex process shaped by the interaction of political, economic, social, psychological, religious, and individual factors. The article examines three international approaches: the "Moghaddam's Staircase" model, the British PREVENT programme, and the CVE framework. At the same time, it assesses the limitations of applying these models under conditions influenced by external factors, including migrant involvement, transnational propaganda, and*

*the use of digital platforms. At the regional level, a comparative analysis of policy documents of Kazakhstan, Kyrgyzstan, and Uzbekistan is conducted, revealing common features and recurring shortcomings, particularly the ambiguity of the concept of "prevention" and the weakness of evaluation mechanisms. At the national level, the strategies of the Republic of Tajikistan for 2016–2020 and 2021–2025 are analysed, demonstrating increased specificity of measures, a strengthened role of civil society and the media, as well as the introduction of rehabilitation and social reintegration elements as tools for reducing recidivist radicalisation. The article also addresses the distinction between the concepts of "extremism" and "violent extremism" and examines the political and security implications of this approach.*

***Keywords:*** *security policy, prevention of extremism, factors of radicalisation, national security, civil society, public policy, counterterrorism, Central Asia*

**УДК: 101.1:316.647.5**

# МАСЪАЛАИ ФАЛСАФИИ ХОТИРАИ ИҶТИМОӢ ДАР АФКОРИ МУТАФАККИРОНИ ФОРСУ ТОҶИК

**РАҲМАТОВ УБАЙДУЛЛО НЕМАТОВИЧ,**
номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146;
телефон: (+992) 904-56-75-95

**ЗУВАЙДУЛЛОЗОДА МУҲИБУЛЛО ҲАБИБУЛЛО,**
номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17;
тел.: (+992) 907-75-45-04; e-mail: mukhibullo@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур таҳқиқоти илмӣ дар асоси равишҳои фалсафаи иҷтимоӣ асос ёфтааст, ки ба мо имкон медиҳад хотираи иҷтимоӣ дар таълимоти файласуфони форсу тоҷик, хусусан Абунасри Форобӣ, Ибни Боҷа, М. Хайруллоев, Х. Усмонзода ва дигарон мавриди омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифтааст.*

*Хотираи иҷтимоии ҳар як ҷомеа имкон медиҳад, ки онро аз дигар чунин ташкилотҳои иҷтимоию таърихӣ фарқ кунад. Бо шарофати хотираи иҷтимоии хосси ҳар як ҷомеа, онҳо моделҳои муайяни худшиносӣ ва ҳувиятро ташаккул медиҳанд. Аз ин рӯ, ҷомеаҳо ҳамеша дар раванди рушди таърихии худ барои нигоҳ доштани хотираи иҷтимоии худ ва интиқоли мундариҷаи он ба наслҳои минбаъда кӯшишҳои зиёд ба харҷ медиҳанд.*

*Дар айни замон падидаҳои марбут ба хотираи иҷтимоиро аз ҷиҳати таърихию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мавриди таҳқиқ ва арзёбӣ қарор дода, робитаи диалектикӣ ва вобастагии байниҳамдигарии онҳоро баррасӣ намудем.*

***Калидвожаҳо:*** *хотираи иҷтимоӣ, қобилияти инсон, тафаккури мантиқӣ, дониш, фаъолият, нутқ, тафаккур, эътиқод, ростқавлӣ ва ғ.*

Дар посух ба муқовиматҳои ҷойдоштаи сиёсию иқтисодӣ давлатҳои миллӣ инчунин, таваҷҷуҳи зиёдро имрӯзҳо ба ҷустуҷӯйи роҳу усулҳои муносиби истифодаи хотираи таърихии хеш равона намуда истодаанд. Зеро онҳо дарк менамоянд, ки бидуни чунин иқдом талошҳояшон барои ҳифзи чеҳраи хосси тамаддунияшон, ки моҳияти ҳувияти онҳоро ҷилвагар месозад, мушкил аст. Чунин пайроҳаи худсозии ҷомеаҳоро бо такя аз

хотираи иҷтимоӣ тули таърих аҳёнан дучор шудан мумкин аст. Дар таърихи афкори иҷтимоию фалсафии миллати тоҷик мо кӯшишҳои муайян барои дарки аҳаммияти хотира ва нақши он дар ташкили ҳаёти ҷамъиятӣ ҷой дошт. Дар ин ҷо фаҳмиши мазмуни ин мафҳум бештар дар заминаи мушкилоте, ки дар назарияи дониш ва таълимоти хусусияти иҷтимоӣ-фалсафӣ баррасӣ карда мешуд, ба амал меоянд. Рӯйкарди аввал дар тафаккури фалсафии мо аз анъанаи фалсафаи Юнони Қадим, алалхусус андешаҳои марбут ба таълимоти Афлотун ва Арасту сарчашма мегирад. Ҳамзамон, талоши интиқоли баҳси ин масъала дар сатҳи афкори иҷтимоӣ-фалсафӣ аз хусусияту ҷанбаҳои муҳим бархӯрдор аст, ки пажуҳиши онҳо барои дарки моҳияти диди мутафаккирони алоҳида аз ҳастии иҷтимоӣ мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, мо дар ин ҷо кӯшиш мекунем, ки вижагиҳои ин рӯйкардҳоро аз табиати хотира алоҳида таҳлил кунем, то хусусиятҳои хоси онҳоро дар муқоиса бо таълимоти мутафаккирони фарҳангҳои дигар нишон диҳем.

Яке аз рӯйкардҳои муҳими масъалаи марбут ба таълимоти Абунасри Форобӣ аст, ки дар таълимоти ӯ аз назарияи маърифат ва моҳияти инсон равшан ба назар мерасад.

Абунасри Форобӣ ҳамчун файласуф математик, табиб, тарҷумон ва донандаи амиқи асарҳои Арасту хеле машҳур буд. Ӯ дар асарҳои худ вазифа гузошт, ки Арастуи ҳақиқиро шиносад ва роҳи рушди фалсафаро ба самти аристотелизм гардонад [6, 42]. Ҳамзамон, бояд гуфт, ки ӯ тавонист моҳияти таълимоти мутафаккирони юнониро дуруст баён кунад, онҳоро аз қабатҳои сирф, ки аз ҷониби шарҳдиҳандагони гуногун ворид карда шудаанд озод созад. Тасодуфӣ нест, ки ба ӯ ҳанӯз дар замони зиндагиаш номи «Муаллими дуюм», яъне, «Аристотели дуюм» дар Шарқи Наздик дода шудааст.

Мероси Форобӣ хеле бузург ва гуногунҷабҳа аст. Вай тамоми соҳаҳои маъруфи донишро омӯхт: ахлоқ, сиёсат, психология, табиатшиносӣ, мусиқӣ, аммо дар ҷойи аввал фалсафа ва махсусан мантиқ буд. Корҳои мантиқии ӯ дар тамоми кишварҳои Шарқи Наздик шуҳрати васеъ пайдо карданд [7, 61]. Абунасри Форобӣ ба масъалаҳои назарияи дониш низ машғул буд. Дар назарияи маърифати ӯ, илм ҳамчун воситаи донистани ҷаҳон хизмат мекунад. Илмҳо аз ҷониби ӯ ба назариявӣ ва амалӣ тақсим карда мешаванд. Якум – илми мантиқ ва метафизика; дуюм – ахлоқ ва сиёсат.

Илм се унсури асосиро дар бар мегирад: мавзуи дақиқ, далелҳо ва далелҳои боэътимод; он се манбаъ дорад: ҳиссиёт, ақл ва тахминҳо. Бо ёрии ҳиссиёт ва ақл дониши бевосита ба даст оварда мешавад ва тасаввурот имкон медиҳад, ки асоси чизҳоро фаро гирад. Ба ақидаи ӯ, илми ҳақиқӣ ба

тафаккур асос ёфтааст. Дар байни мафҳумҳои илмӣ Абунасри Форобӣ шаклҳои одии психологӣ, тасаввурот дар бораи ашёи алоҳида, ки дар натиҷаи дарки эҳсосот ба вуҷуд меоянд, дохил карда шудаанд.

Дар масъалаи гносеология (назарияи маърифат) Абунасри Форобӣ чунин мешуморад, ки ҳамаи мавҷудоти шинохташуда ҳастанд ва инсон тавассути ҳиссиёт ва ақли худ сирри оламро меомӯзад. Вай донишро аз зинаҳои ҳиссиёт ва хирад иборат дониста, дар асарҳои худ нақши хотираро дар баробари дониши ҳиссӣ ва ақлӣ дар рушд ва ташаккули қобилиятҳои инсонӣ низ баррасӣ мекунад. Форобӣ табиати инсонро таҳлил карда, онро аз самтҳои гуногун баррасӣ мекунад; биологӣ, психофизиологӣ, психологӣ, зеҳнӣ ва иҷтимоию сиёсӣ. Дар талоши таҳлили пурраи хосиятҳои асосии табиати инсон арзиши асосии таълимоти Абунасри Форобӣ дар бораи инсон аст алалхусус, ки дар ин ҷо ӯ бештар дар мавқеъҳои табиатшиносии пешрафта қарор дорад.

Дар масъалаи шинохти табиат Форобӣ дар мавқеи материалистӣ мавқеъ дорад. Инсон тамоми донишҳои худро аз берун дар раванди азхудкунии падидаҳои атрофи худ мегирад. Барои ин ба ӯ воситаҳо ва қобилиятҳои зиёде дода шудаанд: эҳсосот, хотира, тасаввур ва муҳимтар аз ҳама, тафаккури мантиқӣ ва ақл. Бо ин қобилиятҳо ӯ илмро офарид ва онро ба дониши ҳамаҷонибаи табиат равона кард [15, 191].

Инсон аз рӯйи таълимоти Абунасри Форобӣ, пеш аз ҳама, ҳайвон аст. Ҳам инсон ва ҳам ҳайвон ҳиссиёт доранд, аммо танҳо инсон бо тафаккур ва ақл муҷаҳҳаз аст. Маҳз ақл ва руҳ ибтидои табиии инсон мебошанд. Аммо ба гуфтаи мутафаккир ин ибтидоиҳо барои такмил додани инсон ва ба инсони ҳақиқӣ табдил ёфтан кофӣ нестанд, зеро инсон барои инсон шудан ва ба камоли инсонӣ расидан, ба сухан ва ҳунар ниёз дорад. Азхудкунии ҳунарро Абунасри Форобӣ низ натиҷаи дониш ва фаъолият мешуморад.

Абунасри Форобӣ масъалаи руҳ ва ҷисмро омӯхта, дар рисолаҳои худ инчунин, пайдоиши рӯҳи инсонро номумкин будани метемпсихоз, кӯчонидани руҳ ва абадии руҳи сухангӯйро, вақте ки бадан омодааст онро қабул кунад, баррасӣ менамояд. Субстансияи (моҳияти) руҳ субстансияи инфиродӣ мебошад. Бо омӯзиши маънавии хотираи инсон мутафаккир робитаи онро бо фаҳмиш, хаёлот ва тасаввур муайян мекунад.

Форобӣ дар асараш «Рисола дар бораи назари сокинони шаҳри нек» дар бораи қисм ва қувваҳои руҳ, аҳаммият ва ҷойгоҳи қувваҳои руҳиро дар раванди дониш муфассал тавсиф мекунад ва таснифоти зерини онҳоро медиҳад: 1. Қувваи ғизодиҳанда ва қувваи ғазаб, дар сурати мавҷуд будани он қувваҳои руҳӣ, қувваҳои беруна ва қувваҳои дохилӣ ба вуҷуд меоянд. 2.

Қувваҳои беруна қувваҳое мебошанд, ки ҳангоми таъсири бевоситаи ашёи беруна ба узвҳои ҳиссиёт ба вуҷуд меоянд.

Узвҳои ҳисси инсонро ӯ дар шакли зерин табақабандӣ менамояд: а) ламс эҳсоси пӯст; б) эҳсоси таъм; в) эҳсоси бӯй. Қувваҳои руҳии дохилӣ низ ба якчанд навъҳо тақсим мешаванд, ки ба гурӯҳи муайяни равандҳои психологӣ мувофиқат мекунанд. Онҳо чунинанд: 1) қувваи хотиравӣ ва хаёлӣ, хотира, тасаввур ва хаёлот қувваи мутахайила; 2) қувваи ҳаракаткунанда, қувваи ҳаракаткунандаи эҳсосот, ҳавосҳои ғазаб ва дигарон қувваи наъзия (назарӣ); 3) қувваи сухангӯ (қувваи нотиқа); 4) қувваи сухангӯ, қувваи фикркунанда (қувваи фикрия) [7, 195].

Қувваи назъия (ангеза, майлу хоҳиш), ки онро ҳамчун қувваи эҳсосӣ баррасӣ кардан мумкин аст. Абунасри Форобӣ онро қувваи мустақили маърифатӣ намешуморад. Ин қувваест, ки танҳо бадани инсонро бо мақсади донистани ашё, ё ки бо қувваи эҳсосӣ, хаёлӣ ё оқилона амалӣ карда мешавад, ба ҳаракат меорад. Вай ҳамаи равандҳои равониро дар робита бо асоси физиологии онҳо дар робита бо падидаҳои муайяни моддӣ, ки дар бадан рух медиҳанд, баррасӣ мекунад.

Мувофиқи таълимоти Абунасри Форобӣ, ки дар қаъри дил нигоҳ дошта мешавад, ин макони аслии ҷон аст. Ҷон пеш аз бадан вуҷуд дошта наметавонад. Форобӣ гарчанде ки бартарии руҳро рад месозад, аммо абадияти онро таъкид мекунад. Ҷони инсон як ҷавҳари руҳонӣ ва хориҷшаванда аст ва аз бадан мустақил аст. Аз ин рӯ, ҷон пас аз марги бадан вайрон намешавад ва абадӣ боқӣ мемонад. Хотира ва тасаввурот дар назарияи материалистии Абунасри Форобӣ хосияти физиологии табиӣ доранд ва инсон дар раванди омӯзиш хусусиятҳои психологии онҳоро эҷод мекунад. Абунасри Форобӣ дар асараш «Тафсирҳо» менависад, ки донишҳои ба дастовардаи инсон тавассути ҳиссиёт амалӣ карда мешаванд. Ҷони инсон эҳтимолан шинохта аст. Ҳиссиёт ин воситаест, ки бо ёрии он руҳи инсон дониш пайдо мекунад [15, 147].

Дар бораи нақши ҳиссиёт Форобӣ ба ҳамон ақидае, ки Арасту изҳор дошт пойбанд аст: «Касе, ки эҳсос намекунад, ҳеҷ чизро намедонад ва ҳеҷ чизро намефаҳмад, агар ӯ чизеро донад, пас зарур аст, ки ӯ инро ҳамчун муаррифӣ низ бидонад, зеро муаррифӣ низ ин аст, ки ҳиссиёт танҳо бе модда вуҷуд дошта наметавонад» [13, 147].

Абунасри Форобӣ хотира ва тасаввуротро бо марҳалаи эҳсосии дониш алоқаманд мекунад, ки ба онҳо байни ҳиссиёт ва ақл ҷойгоҳи миёна дода мешавад. Намоиш барқарор кардани осори ашёи мушаххасест, ки дар хотира дар натиҷаи дарк ва эҳсоси бевоситаи онҳо боқӣ мондаанд. Форобӣ ба гурӯҳи қувваҳои руҳии дохилӣ ишора мекунад. Ҳамин тариқ, дар принсипи тафсири материалистии Абунасри Форобӣ табиати хотира ва

тасаввурот бо он хос аст, ки ӯ кӯшиш мекард, ки ноқили физиологии ин раванди мураккаби равониро муайян кунад.

Абунаср Форобӣ эҳсосотро манбаи дониши ибтидоӣ мешуморад ва онро ҳақиқӣ мебинад. Ӯ ҳақиқати онро мувофиқи тасвири гирифташудае инъикосшудаи ашё, ки дар зери таъсири онҳо ин ҳиссиёт бавуҷудомада аст мебинад. Ҳамзамон, натанҳо хотира ва намояндагӣ аз эҳсосот, балки тавассути онҳо аз таъсири ҷаҳони беруна ва дигар қувваҳои мураккаби руҳӣ, ба монанди тафаккур вобаста аст [15, 202]. Инсон аз рӯйи таълимоти фалсафаи Форобӣ аз дигар ҳайвонот, пеш аз ҳама, бо қувваҳои руҳии дохилии худ сухан ва тафаккур, ки хусусияти дониши инсонии воқеияти атрофро ташкил медиҳанд фарқ мекунад.

Абунаср Форобӣ дар рисолаи худ «Дар бораи назари сокинони шаҳри нек» ва боби 28, яъне, боби аввали шаҳри нек таҳти унвони «Дар бораи сифатҳои раиси шаҳри нек», имомро шахси оқилтарин дар рӯйи замин мешуморад. Ба ақидаи ӯ, сарвари халқи имом бояд шахсияте бошад, ки хислатҳои баланди инсонӣ, аз қабили фазилат, саховатмандӣ, дурандешӣ, ҳикмат ва ғайраро дар худ таҷассум кунад. Барои он ки сарвари шаҳри нек ин хислатҳоро дошта бошад, ӯ инчунин, бояд иродаи қавӣ ва хотираи қавӣ дошта бошад, то қонунҳо, қоидаҳо ва урфу одатҳои муқаррар намудаи ниёгонро дар хотир нигоҳ дорад ва онҳоро муҳофизат намояд. Аз ин рӯ, сарвари халқи некукор бояд ҳамеша қоидаҳои низоми идоракунии пешгузаштагони худро дар хотир дошта бошад, барои амалӣ намудани онҳо тамоми кӯшишҳоро ба харҷ диҳад, дар амал ҳамчун вазифаи қувваи сухангӯ ва аз ин рӯ, ҳамчун қисми ҷудонопазири қобилияти умумии дониши инсон дар бораи воқеияти объективӣ баррасӣ намояд.

Раванди дониш мувофиқи таълимоти Абунаср Форобӣ бо эҳсосоти беруна, эҳсос тамом намешавад. Онҳо танҳо марҳалаи аввали маърифати инсон мебошанд. Форобӣ дар асараш «Фусус-ул-ҳикам» қайд менамояд, ки ҳиссиёти беруна ё қувваҳои руҳӣ инчунин, хотира ва тасаввурот дар як қатор ҳайвонот пайдо мешаванд ва барои ҳайвонот ва инсон муштарак мебошанд. Абунаср Форобӣ мисол меорад, ки чӣ гуна гӯсфанд пас аз бархӯрд бо гург метавонад симои ӯро дар ин ё он робита муаррифӣ кунад ва аз ин образ тарсад [15, 151].

Аз таҳлили назарияи маърифати мутафаккири бузург Форобӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки маърифати инсон ҳамчун омили бартаридошта дар рушд ва такмили хотира ва намояндагӣ нақши асосӣ дорад. Мувофиқи ақидаи Абунаср Форобӣ, ашё ва ҳодисаҳои ҷаҳони моддӣ ба узвҳои ҳассоси инсон таъсир мерасонанд, ки дар натиҷа, ӯ дар бораи онҳо дониш пайдо мекунад. Ин таъсири бевоситаи зуҳуроти оламро ӯ

«эҳсоси беруна» меномад, ки ҳамчун тасвир дорои хосияти умумӣ аст ва ҳам дар руҳияи ҳайвон ва ҳам дар хотираи инсон сабт шудааст.

Инсон бояд узвҳои комилан комил дошта бошад, ки қувваҳои онҳо барои иҷрои он амалҳое, ки бояд анҷом диҳанд, чунон хуб мутобиқ карда шудаанд, ки агар шахс бо ягон узв ягон амале анҷом диҳад, онро ба осонӣ иҷро мекунад, табиатан қодир аст, ки ҳама чизеро, ки ба ӯ гуфта мешавад, хуб дарк кунад ва тасаввур намояд бо дарки он чизе, ки гӯянда ба ӯ мегӯяд ва бо он чизе, ки гӯянда дар назар дорад ва чӣ гуна корҳо худ аз худ; хуб аст, ки ҳама чизеро, ки мефаҳмад, мебинад, мешунавад ва дарк мекунад аз ин ҳама қариб ҳеҷ чизро фаромӯш накарда, дорои ақлӣ, то ки аломати хурдтарини ягон чизро мушоҳида кунад, ӯ метавонад зуд он чизеро, ки ин аломат нишон медиҳад, ворид кунад. Дорои ҳарфи ифодакунанда ва қобилияти баён кардани пурра равшан доштани ҳиҷои экспрессивӣ ва қодир будан ба ҳама чизҳое, ки ӯ дар назар дорад, бо возеҳии комил баён кардан; муҳаббат ба омӯзиш ва маърифат доштан, ба осонӣ ба даст овардан на хастагии омӯзиш ва на азоби меҳнати ба он алоқаманд; худдорӣ аз хӯрдан, нӯшидан ва ҳамҷоя кардан, табиатан аз бозӣ канорагирӣ намудан ва аз лаззатҳое, ки аз он бармеоянд, нафрат доштан; дӯст доштани ҳақиқат ва мубориузони он, нафрат ба дурӯғ ва онҳое, ки ба он муроҷиат мекунанд. Доштани ҷони мағрур ва қадр кардани шараф; ҷони ӯ табиатан бояд аз ҳамакорҳои паст болотар бошад ва табиатан ба тақсимоти олӣ саъй кунад; дирамҳо, динорҳо ва дигар сифатҳои ҳаёти дунявиро хор кунад; аз табиат адолат ва муборизони онро дӯст дорад аз беадолатӣ ва зулм ва онҳое, ки аз онҳо бармеоянд, нафрат кунад; нисбат ба одамони худ ва дигарон одилона бошад адолатро барангезад ва зарари ҷабр дидаи беадолатиро ҷуброн созад, додани он чизе, ки ба назари ӯ меҳрубон ва зебо аст; одилона, вале якрав нест, на ба одамони худ ва ба дигарон одилона будан, адолатро ташвиқ кардан ва ба қурбонии беадолатӣ ҷуброн кардан ба ҳама чизеро, ки ба назари ӯ меҳрубон ва зебо аст таъмин кардан; одилона, вале якрав набошад дар назди адолат ирода нишон надиҳад ва истад агар накунад, балки дар назди ҳама гуна беадолатӣ ва пастӣ комилан қатъӣ бошад; ҳангоми иҷрои он чизе, ки ба назари ӯ зарур аст, қатъиян нишон диҳед ва дар айни замон аз надонистани тарсу ҳарос далер бошед [7, 164].

Мутафаккири бузург Ибни Боҷа яке аз файласуфон ва назариётчиёни намоёни илмҳои иҷтимоӣ дар тамаддуни Шарқи исломӣ мебошад. Аксари муҳаққиқон ӯро дар баробари Ибни Халдун яке аз асосгузорони илмҳои сотсиологияи Шарқи исломӣ мешуморанд. Ибни Боҷа дар Андалусия (Испания) таваллуд шудааст ва дар ақидаҳои ӯ қариб ҳамаи ҷараёнҳои ғоявии дар ин минтақа баррасишуда ба таври возеҳу равшан пайгирӣ карда мешаванд.

Ибни Боҷа бо корҳои идоракунии давлатӣ низ машғул буд, ки Ӯмувофиқи манбаъҳо муваффақиятҳои назарраси ӯ маълум аст. Ӯ дар бораи худ мероси арзишманд ва ғанӣ боқӣ гузошт, гарчанде қисми ин мерос ба мо дар шакли нотамом ба мо расидааст.

Баъзе аз рисолаҳои ӯ соли 1983 дар Бейрут нашр шуданд. Бо вуҷуди он ки ақидаҳои фалсафии мутафаккир ба мо дар шакли системаи махсуси тартибот нарасидаанд, аммо ин ба ҳеҷ ваҷҳ шаъну шарафи илмии онҳоро паст намекунад. Яке аз сабабҳои набудани системаи устувори назариявӣ – фалсафӣ дар мероси ӯ, албатта, шарти махсуси ҳаёти шахс, иҷтимоӣ ва шавқу завқи ӯ ба сиёсат мебошад. Бо вуҷуди ин, мероси боқимондаи ӯ аз андешаҳои оқилонаи вай дар масъалаҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ шаҳодат медиҳад. Назари фалсафии Ибни Боҷа аз ҷониби муҳаққиқон ба ду ҷараён тақсим шудааст: антропологияи фалсафӣ ва он чизе, ки аз нуқтаи назари муосир метавононро «феноменологияи руҳ» номид.

Дар ин ду самти ғоявии фалсафаи Ибни Боҷа шарти асосии ташаккули ақидаҳои сиёсӣ ва иҷтимоии Афлотун, Арасту ва Форобӣ равшан ба назар мерасад. Таълимоти фалсафии Ибни Боҷа баррасии хусусиятҳои ҳаёти инсон дар ҷомеа мебошад. Инсон аз нуқтаи назари феноменология ҳамчун мавҷуди иҷтимоӣ, ки ба танҳоӣ дучор мешавад, аз ҷониби мутафаккир тавсиф карда мешавад. Дар асоси ин китоби «Тадбир-ул-мутаваҳҳид» (Тадбирҳои танҳоӣ) ба ин мавзуъ бахшида шудааст, ки дар шакли нотамом ба мо расидааст. Яке аз намояндагони фалсафаи муосири тоҷик, доктори илмҳои фалсафа, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Хайриддин Усмонзода дар яке аз пажуҳишҳои илмии худ дар бораи робитаи инсон бо дигар мавҷудоти органикӣ дар таълимоти иҷтимоии Ибни Боҷа чунин менависад: “Дар пешгуфтори рисолаи Ибни Боҷа «Тадбир-ул-мутаваҳҳид» баҳс дар бораи моҳияти инсон ва робитаи ӯ бо мавҷудоти дигар идома дорад [12]. Мувофиқи таълимоти фалсафаи Ибни Боҷа ҳар як мавҷуди зинда аз як тараф, бо ҷаҳони моддӣ робитаи муштарак дорад ва ҳар як ҳайвон бо ҷаҳони органикӣ алоқаманд аст. Ҳар як инсон дар ягон кор бо ҳайвон бе сухани штирок мекунад. Масалан, мавҷудоти органикӣ ва ғайриорганикӣ дар унсурҳое, ки аз онҳо иборат аст умумият доранд. Дар ин асос Ибни Боҷа ҳангоми баррасии ҳамбастагии инсон бо ҷаҳони дигари органикӣ дар ниҳояти кор дар инсон он чизи махсусеро пайдо мекунад, ки дар дигар мавҷудоти зинда пайгирӣ карда намешавад, балки ин дороии энергияи тафаккур (рефлексия) мебошад.

Дар ин асос инсон дорои энергияи хотира аст, ки дигар мавҷудоти зинда аз он маҳрум мебошанд. Сипас, табиати амалҳои инсон, ки ба ду навъ тақсим мешаванд баррасӣ карда мешавад: рафтори берун аз ихтиёр ва

databases иродаи инсон ва доираи амалҳои вобаста ба ирода. Амалҳои марбут ба иродаи инсон ӯро дар шакли иҷтимоӣ муаррифӣ мекунанд. Ин сифат бартарии мавқеи инсонро нисбат ба мавҷудоти дигар нишон медиҳад. Аз ин рӯ амалҳои хоси инсон амалҳое мебошанд, ки дар заминаи иродаи ӯ анҷом дода мешаванд ва он чизе, ки инсон дар асоси иродаи худ анҷом медиҳад ин амал бо хусусияти инсонӣ (табиат) аст ва ҳар як амали инсонӣ бо ирода алоқаманд аст.

Дар ин ҷо баъзе шабоҳатҳои ин фикр бо ақидаҳои сотсиологӣ олмонӣ Макс Вебер дар бораи моҳияти амали иҷтимоӣ (рафтор) ба назар мерасанд. Аз ин рӯ, Ибни Боҷа таъкид мекунад, ки ирода як навъ ирода дар асоси тафаккур ба вуҷуд омадааст. Яъне, шарти амали инсоният ин аст, ки ростқавлӣ ва эътиқод бояд сабаби зуҳури он бошад [12, 34].

Дар робита ба ин изҳороти Ибни Боҷа мувофиқ аст: «касе, ки барои эътиқод ва ростқавлӣ ягон амал мекунад ва ба хоҳишҳои ҳайвонот (эҳсосӣ) нигоҳ намекунад, сазовори он аст, ки табиати ӯро на инсонӣ, балки осмон (баъд аз марг) номида шавад» [12, 35].

Дар асоси баррасии ақидаҳои фалсафии Ибни Боҷа ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки яке аз фарқҳои асосии инсон аз дигар мавҷудоти зинда қобилияти сухан ва инъикос аст. Аммо инсон аз ҷиҳати биологӣ ба дигар мавҷудоти зинда монанд аст ва дар фарқ аз онҳо, ӯ дорои шуур аст. Қобилияти нутқ ва тафаккур, ки хосиятҳои руҳонӣ доранд дар асоси хотира ба вуҷуд меоянд ва тарзи баён кардани фикр аз нутқ ва забон вобаста аст. Дар асоси ин инсон қобилияти маънавии худро тавассути хотира инкишоф медиҳад ва такмил медиҳад.

**Адабиёт**


1. Абуалӣ ибни Сино. Осор. Ҷ. 2. – Душанбе, 2005.
2. Абуали ибн Сина. Избранные произведение. Том 1. - Душанбе, 1980.
3. Абуали ибн Сина. Произведения. Том 1. - Душанбе. 2005.
4. Аль - Фараби. Философские трактаты. – Алма-Ата: Наука, 1970.
5. Аристотель. Сочинения в 4-х тт. Том 3. – М., 1981.
6. Бартольд В. Фарҳанги мусулмонӣ. – Петербург, 1918.
7. Григорян С.Н. Аз таърихи фалсафаи Осиёи Миёна ва Эрон. – М., 1960.
8. Диноршоев М. Натурфилософия Ибн Сины. – Душанбе, 1985.
9. Диноршоев М. Компендиум философии Ибн Сины. –Душанбе. 2010.
10. Идиев, Х.У. Трансформирующееся таджикское общество. – Душанбе, 2003.
11. Идиев Х. Традиция и новация в контексте изменения общественной жизни Таджикистана. – Душанбе, 2007.

12. Идиев, Х. Фалсафаи иҷтимоӣ. – Душанбе, 2013.
13. Ленин, В. Маҷмуи пурраи осор. Ҷ. 29. – М., 1918.
14. Муҳйиддин ибни Арабӣ. Фусус-ул-ҳикам, 1220.
15. Хайруллоев, М. Абунаср Форобӣ. – М., 1982.

# ФИЛОСОФСКИЙ АНАЛИЗ СОЦИАЛЬНОЙ ПАМЯТИ В ВОЗЗРЕНИЯХ ПЕРСО-ТАДЖИКСКИХ МЫСЛИТЕЛЕЙ

**РАХМАТОВ УБАЙДУЛЛО НЕМАТОВИЧ**,
кандидат философских наук, доцент кафедры философии и политологии Таджикского аграрного университета имени Шириншо Шотемур
734025, Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 146;
телефон: (+992) 904-567-595

**ЗУВАЙДУЛЛОЗОДА МУХИБУЛЛО ХАБИБУЛЛО,**
кандидат философских наук, доцент общеуниверситетской кафедры философии Таджикского национального университета
734025, Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 17;
тел.: (+992) 907-75-45-04; e-mail: mukhibullo@mail.ru

*Следует отметить, что данная статья основана на научном исследовании, проводимом с использованием подходов социальной философии, что позволяет всесторонне изучить и проанализировать социальную память в учениях персидских и таджикских философов, в частности Абу Насра Фараби, Ибни Боджи, М. Хайруллоева, Х. Усмонзода и других.*

*Социальная память каждого общества позволяет ему отличаться от других подобных социально-исторических организаций. Благодаря присущей каждому обществу социальной памяти формируются определенные модели самосознания и идентичности. Поэтому общества всегда прилагают большие усилия в процессе своего исторического развития для сохранения своей социальной памяти и передачи ее содержания последующим поколениям.*

*При этом авторң исследовали явления, связанные с социальной памятью, с историко-социальной и культурной точек зрения, учитывая их диалектическую взаимосвязь и взаимозависимость.*

***Ключевые слова:*** *социальная память, человеческие способности, логическое мышление, знание, деятельность, речь, мышление, вера, честность и др.*

# A PHILOSOPHICAL ANALYSIS OF SOCIAL MEMORY IN THE PERSPECTIVES OF PERSIAN-TAJIK THINKERS

**RAKHMATOV UBAIDULLO NEMATOVICH,**
PhD, Associate Professor, Department of Philosophy and Political Science, Shirinsho Shotemur Tajik Agrarian University,
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 146.
phone.: (+992) 904 567 595

**ZUVAIDULLOZODA MUHIBULLO HABIBULLO**
PhD in Philosophy, Associate Professor at the Department of Philosophy, Tajik National University
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 17;
phone.: (+992) 907-75-45-04; e-mail: mukhibullo@mail.ru

*It is worth noting that this article is based on scientific research based on the approaches of social philosophy, which allows us to comprehensively study and analyze social memory in the teachings of Persian and Tajik philosophers, in particular Abu Nasr Farabi, Ibni Boja, V.V. Bartold, S.N. Grigoryan, M.M. Khairulloev, Kh. U. Usmonzoda airidin and others.*

*The social memory of each society allows it to distinguish it from other similar socio-historical organizations. Thanks to the social memory inherent in each society, they form certain models of self-awareness and identity. Therefore, societies always make great efforts in the process of their historical development to preserve their social memory and transmit its content to subsequent generations.*

*At the same time, we have studied the phenomena related to social memory from a historical, social and cultural perspective, considering their dialectical relationship and interdependence.*

***Keywords:*** *social memory, human abilities, logical thinking, knowledge, activity, speech, thinking, faith, honesty, etc.*

**УДК: 1.323.1(575.3)**

# ЭҲЁИ АРЗИШҲОИ МИЛЛӢ ҲАМЧУН ВАСИЛАИ ТАШАККУЛИ ХУДОГОҲИИ МИЛЛӢ: ТАҲЛИЛИ ФАЛСАФӢ

**САФАРОВА БОНУ ҚУРБОНОВНА,**
ходими хурди илмии Шуъбаи фалсафаи иҷтимоии Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Маяковский 70/2;
телефон: 918-75-09-91; e-mail: safarovabonu022@gmail.com

*Дар мақолаи мазкур масъалаи эҳёи арзишҳои миллӣ ҳамчун яке аз омилҳои калидӣ ва стратегӣ дар раванди ташаккули худогоҳии миллӣ мавриди таҳлили илмӣ ва арзёбӣ қарор дода шудааст. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки дар асоси баррасии назариявии мафҳумҳои «арзишҳои миллӣ» ва «худогоҳии миллӣ» моҳият, мазмун ва робитаи диалектикии онҳоро ошкор намояд. Дар ин замина, арзишҳои миллӣ ҳамчун маҷмуи унсурҳои фарҳангӣ, таърихӣ ва маънавӣ, ки ҳувияти миллатро ташаккул медиҳанд, баррасӣ гардида, худогоҳии миллӣ ҳамчун сатҳи огоҳӣ ва дарки шахс аз мансубияти худ ба миллат шарҳу тавзеҳ дода шудааст. Дар мақола махсусан, ба нақши эҳёи арзишҳои миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ таваҷҷуҳ зоҳир гардидааст.*

*Таъкид карда мешавад, ки дар шароити афзоиши таъсири фарҳангҳои бегона, густариши фазои иттилоотӣ ва тағйирёбии арзишҳои иҷтимоӣ, ҳифз ва эҳёи арзишҳои миллӣ аҳаммияти хос пайдо мекунад. Ҳамчунин, муаллиф нақши ниҳодҳои ниҳодҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла оила, низоми маориф, давлат ва воситаҳои ахбори омма дар эҳё ва тарғиби арзишҳои миллиро таҳлил карда, инчунин роҳҳо ва механизмҳои амалии эҳёи арзишҳои миллӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистонро пешниҳод намудааст. Дар маҷмуъ, таҳқиқ нишон медиҳад, ки эҳёи арзишҳои миллӣ на танҳо масъалаи фарҳангӣ, балки омили муҳими рушди иҷтимоӣ ва устувории давлатдорӣ мебошад.*

***Калидвожаҳо:*** *арзишҳои миллӣ, худогоҳии миллӣ, ҳувият, забони давлатӣ, таърих, фарҳанг, ҷаҳонишавӣ, анъана, таълим, тарбия, ҳувияти миллӣ, либоси миллӣ, маориф, ҷомеа.*

Дар марҳалаи кунунии рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки бо равандҳои пуршиддати ҷаҳонишавӣ, ҳамгироии фарҳангҳо ва густариши фазои иттилоотӣ тавсиф меёбад, масъалаи ҳифз ва эҳёи арзишҳои миллӣ аҳамияти махсус касб менамояд. Ҷаҳонишавӣ, аз як тараф, имкониятҳои васеи табодули фарҳангӣ ва ғанигардонии маънавиро фароҳам меорад, аммо аз ҷониби дигар, метавонад боиси заифшавии ҳувияти миллӣ,

косташавии анъанаҳо ва дуршавии наслҳо аз решаҳои таърихию фарҳангии худ гардад. Дар чунин шароит, эҳёи арзишҳои миллӣ ҳамчун як раванди муҳим ва зарурии иҷтимоӣ–фарҳангӣ баромад намуда, ба ҳифзи асолати миллӣ ва таъмини рушди устувори ҷомеа мусоидат мекунад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол, ки дорои таърихи куҳан ва фарҳанги ғанӣ мебошад, дар марҳилаи бунёди давлатдории навин ба масъалаи эҳёи арзишҳои миллӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир менамояд. Пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, зарурати бознигарӣ ва эҳёи мероси фарҳангӣ, анъанаҳо, забон ва дигар арзишҳои миллӣ бештар эҳсос гардид. Ин раванд натанҳо барои барқарор намудани пайванди наслҳо, балки барои ташаккули худогоҳии миллӣ ва таҳкими ваҳдати ҷомеа аҳаммияти калидӣ дорад. Муҳаққиқи тоҷик Сироҷиддини Эмомалӣ қайд мекунад, ки "Соҳибистиқлолӣ ба мо, пеш аз ҳама, дарки худшиносии миллӣ, пос доштану муаррифӣ намудани арзишҳои миллӣ ва имконияти интихоби дурусти роҳи минбаъдаи инкишофи давлатро фароҳам овард" [9, с. 5].

Худогоҳии миллӣ ҳамчун як падидаи мураккаби иҷтимоӣ-руҳонӣ дар заминаи шинохти таърих, фарҳанг ва арзишҳои миллӣ ташаккул меёбад. Он ҳисси мансубият ба миллат, эҳтиром ба гузашта ва масъулият бароиояндаи онро дар бар мегирад. Бе мавҷудияти худогоҳии миллӣ, ташаккули шахсияти комил ва ҷомеаи муттаҳид ғайриимкон мебошад. Аз ин рӯ, эҳёи арзишҳои миллӣ ҳамчун заминаи асосии рушди худогоҳии миллӣ баромад мекунад. Бояд таъкид кард, ки арзишҳои миллӣ танҳо мероси гузашта нестанд, балки унсурҳои зиндаи фарҳанг мебошанд, ки бояд мутобиқ ба шароити замони муосир рушд ёбанд. Яъне, масъала танҳо дар ҳифзи анъанаҳо не, балки дар эҳёи эҷодӣ ва татбиқи онҳо дар ҳаёти имрӯза низ ифода меёбад. Масалан, истифодаи забони давлатӣ дар технологияҳои муосир, тарғиби фарҳанги миллӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва ҷалби ҷавонон ба омӯзиши мероси фарҳангӣ аз ҷумлаи роҳҳои муосири эҳёи арзишҳо мебошанд. Ҳамзамон, бояд ба назар гирифт, ки дар ҷомеаи имрӯза як қатор омилҳо метавонанд ба заифшавии арзишҳои миллӣ таъсир расонанд. Аз ҷумла, таъсири фарҳанги оммавии бегона, коҳиши таваҷҷуҳи ҷавонон ба анъанаҳои миллӣ, муҳоҷират ва тағйирёбии тарзи ҳаёт. Ин омилҳо зарурати таҳияи сиёсати муассир ва роҳҳои нави тарғибу эҳёи арзишҳои миллиро ба миён меоранд. Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, ҳадафи асосии мақолаи мазкур таҳлили нақши эҳёи арзишҳои миллӣ дар ташаккули худогоҳии миллӣ мебошад. Барои ноил шудан ба ин ҳадаф, масъалаҳои моҳияти арзишҳои миллӣ, мазмуни худогоҳии миллӣ, таъсири мутақобилаи онҳо, инчунин роҳҳо ва механизмҳои эҳёи арзишҳо дар шароити муосир бояд мавриди баррасӣ қарор гиранд.

Арзишҳои миллӣ - ҳамчун яке аз мафҳумҳои бунёдии илми фалсафа, сотсиология ва фарҳангшиносӣ баромад намуда, маҷмӯи унсурҳои моддӣ ва маънавиро дар бар мегиранд, ки дар тӯли таърих аз ҷониби як миллат ташаккул ёфта, ҳувият ва симои хоси онро муайян месозанд. Онҳо на танҳо таҷассумгари таҷрибаи таърихӣ ва фарҳангии халқ мебошанд, балки ҳамчун воситаи интиқоли маърифат ва арзишҳо аз насл ба насл хизмат мекунанд. Ба таъбири донишманди маъруфи англис Энтони Смит: «Ҳувияти миллӣ бар пояи хотираи таърихӣ, рамзҳо, арзишҳо ва анъанаҳои муштарак ташаккул меёбад» [15, 115]. Ин андеша нишон медиҳад, ки арзишҳои миллӣ танҳо унсурҳои ҷудогона нестанд, балки як низоми мукаммалеро ташкил медиҳанд, ки тамоми ҳаёти маънавии миллатро фаро мегирад. Дар шароити Тоҷикистон арзишҳои миллӣ дорои хусусиятҳои хоси таърихӣ ва фарҳангӣ мебошанд. Масалан, забони тоҷикӣ ҳамчун яке аз қадимтарин забонҳои фарҳангӣ натанҳо воситаи муошират, балки рукни асосии ҳувияти миллӣ ба ҳисоб меравад.

Яке аз муҳимтарин унсурҳои арзишҳои миллӣ–анъана ва расму оинҳо мебошанд. Масалан, ҷашни Наврӯз, ки таърихи беш аз шашҳазорсола дорад, на танҳо як ҷашни миллӣ, балки ифодаи ҷаҳонбинии аҷдодӣ, эҳтиром ба табиат ва арзишҳои инсонгароӣ мебошад. Дар Наврӯз арзишҳое чун сулҳ, дӯстӣ, покизагӣ ва эҳёи табиат таҷассум меёбанд. Ин ҷашн имрӯз ҳамчун мероси ғайримоддии башарият аз ҷониби ЮНЕСКО эътироф гардидааст, ки аҳамияти умумибашарии онро нишон медиҳад.

Ҳамчунин, адабиёти классикии тоҷик яке аз манбаъҳои асосии арзишҳои миллӣ ба шумор меравад. Осори Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Ҷалолиддини Балхӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ арзишҳои ахлоқӣ, инсонпарварӣ ва худшиносиро тарғиб менамоянд. Барои ташаккули худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ ва мустаҳкам намудани пояҳои давлату давлатдорӣ омӯзишу тадбиқи афкори ин бузургони илму фарҳанги тоҷик заминаи асосӣ гузошта, ба ин восита метавон дар вуҷуди афроди ҷомеа ҳисси эҳтиром гузоштан ба арзишҳои миллиро бедор намуда, масъулиятшиносии онҳоро дар муносибат ба тақдири миллату давлат тақвият дод [3, 108-109]. Аз нигоҳи сотсиологӣ, арзишҳои миллӣ ҳамчун танзимкунандаи рафтори иҷтимоӣ низ баромад мекунанд. Онҳо меъёрҳои ахлоқӣ ва иҷтимоиро муайян намуда, муносибатҳои байни одамонро танзим мекунанд. Масалан, дар ҷомеаи тоҷик эҳтироми калонсолон, меҳмоннавозӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ аз ҷумлаи арзишҳои устувори миллӣ мебошанд. Ин арзишҳо дар ҳаёти ҳаррӯза, аз ҷумла дар муносибатҳои оилавӣ ва ҷамъиятӣ, равшан зоҳир мешаванд.

Бояд қайд кард, ки арзишҳои миллӣ хусусияти тағйирёбанда низ доранд. Яъне, онҳо вобаста ба шароити таърихӣ ва иҷтимоӣ метавонанд

такмил ёбанд. Масалан, имрӯз истифодаи технологияҳои иттилоотӣ барои тарғиби фарҳанги миллӣ (сомонаҳо, шабакаҳои иҷтимоӣ, барномаҳои таълимӣ) шакли нави ифодаи арзишҳои миллӣ мебошад. Ба андешаи Бобоҷон Ғафуров: *«Таърихи миллат ганҷинаи худшиносии он аст ва бе донистани он наметавон ҳувияти миллиро дарк кард»* [1, 8]. Ин гуфтаҳо бори дигар робитаи зичи арзишҳои миллӣ бо худогоҳии миллиро нишон медиҳад. Яъне, ҳар қадар шахс арзишҳои миллиро амиқтар дарк намояд, ҳамон қадар сатҳи худогоҳии ӯ баланд мегардад. Дар маҷмуъ, арзишҳои миллӣ ҳамчун пояи асосии рушди маънавии ҷомеа баромад намуда, дар ташаккули шахсият, ҳифзи ҳувияти миллӣ ва таъмини пайдарҳамии таърихӣ нақши ҳалкунанда доранд. Бе онҳо ҷомеа наметавонад асолати худро нигоҳ дорад ва дар баробари таҳдидҳои ҷаҳонишавӣ устувор бимонад. Худогоҳии миллӣ яке аз мафҳумҳои калидӣ дар илми фалсафа, фарҳангшиносӣ, сотсиология ва сиёсатшиносӣ ба ҳисоб рафта, ифодагари сатҳи дарки шахс аз мансубияти худ ба як миллат, шинохти арзишҳо, таърих ва фарҳанги он мебошад. Ин падида натанҳо ҳолати равонӣ, балки як низоми мураккаби иҷтимоию фарҳангӣ аст, ки дар ҷараёни иҷтимоишавии шахс ташаккул меёбад ва зери таъсири омилҳои гуногун, ба монанди оила, маориф, муҳити иҷтимоӣ ва давлат рушд мекунад. Ба андешаи муҳаққиқи тоҷик Ф. Давлатёров “Худшиносии миллӣ, ба ин маънӣ шинохти ному насаб, маҳал, зодгоҳ, миллату кишвар ва арзишҳои миллӣ, фарҳангӣ ва таърихӣ дохил мешавад” [2].

Ин таъриф нишон медиҳад, ки худогоҳии миллӣ натиҷаи дарки як маҷмуи унсурҳои муштараки фарҳангӣ мебошад, ки миллатро ҳамчун воҳиди иҷтимоӣ муттаҳид месозанд. Дар илми ватанӣ низ ба масъалаи омӯзиши таърихи гузашта ва дар ин замина, ташаккул додани худогоҳии миллӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир шудааст. Дар ин маврид Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд, ки «Бе пайванди тамаддуни имрӯзаи тоҷикон ба таърихи куҳанбунёди хеш ва бе огоҳӣ аз таърихи худ, расидан ба худшиносии миллӣ ва истиқлоли комилу ваҳдати сартосарӣ имконнопазир аст» [5]. Ин андеша аҳамияти донишҳои таърихиро дар ташаккули худогоҳии миллӣ нишон медиҳад. Масалан, омӯзиши давлати Сомониён ҳамчун яке аз давраҳои тиллоии таърихи тоҷикон, дар зеҳни ҷавонон ҳисси ифтихор ва мансубиятро тақвият мебахшад. Дар шароити муосир, худогоҳии миллӣ на танҳо воситаи ҳифзи ҳувият, балки омили муҳими таъмини суботи иҷтимоӣ ва ваҳдати миллӣ мебошад. Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин замина чунин қайд менамояд, ки «Ҳифзи арзишҳои миллӣ ва баланд бардоштани сатҳи худшиносии миллӣ шарти муҳимми пойдории давлат ва рушди устувори ҷомеа мебошад» [18,

124]. Ин суханон аҳамияти стратегии худогоҳии миллиро барои давлатдорӣ нишон медиҳад. Масалан, таҷрибаи Тоҷикистон дар давраи пас аз ҷанги шаҳрвандӣ нишон дод, ки маҳз баланд бардоштани худогоҳии миллӣ ва ваҳдати мардум ба барқарории сулҳ ва субот мусоидат намуд. Ҳамзамон, худогоҳии миллӣ ҳамчун воситаи муқовимат ба таъсири манфии ҷаҳонишавӣ низ баромад мекунад. Дар шароите, ки фарҳангҳои гуногун тавассути интернет ва ВАО ба ҳам таъсир мерасонанд, шахсоне, ки худогоҳии миллии баланд доранд, метавонанд арзишҳои худро ҳифз намуда, аз ассимилятсияи фарҳангӣ эмин бимонанд. Масалан, ҷавононе, ки ба омӯзиши забони тоҷикӣ ва таърихи миллӣ таваҷҷуҳ доранд, нисбат ба таъсири фарҳангҳои бегона устувортар мебошанд. Бо вуҷуди ин, бояд қайд кард, ки худогоҳии миллӣ бояд хусусияти мутавозин дошта бошад. Яъне, он набояд ба ифротгароӣ ё бартариятталабии миллӣ табдил ёбад. Ба андешаи С. Ҳантинтон: «Дар ҷаҳони муосир ҳувиятҳо метавонанд манбаи ҳамгироӣ ва ё манбаи низоъ гарданд» [7, 28]. Аз ин рӯ, ташаккули худогоҳии миллӣ бояд дар заминаи арзишҳои умумибашарӣ, таҳаммулпазирӣ, эҳтиром ба дигарон ва ҳамзистии осоишта сурат гирад.

Аз ин ҷиҳат гуфтан мумкин аст, ки худогоҳии миллӣ як падидаи мураккаб ва бисёрҷанба буда, дар асоси шинохти арзишҳои миллӣ ташаккул меёбад. Он дар ташаккули шахсият, таҳкими ваҳдати миллӣ ва муқовимат ба таҳдидҳои фарҳангӣ нақши муҳим мебозад. Баланд бардоштани сатҳи худогоҳии миллӣ, махсусан дар миёни ҷавонон, яке аз вазифаҳои муҳими сиёсати иҷтимоӣ ва фарҳангии ҳар як давлат ба ҳисоб меравад. Эҳёи арзишҳои миллӣ ҳамчун як раванди мураккаби иҷтимоӣ-фарҳангӣ ба барқарорсозӣ, ҳифз ва рушди унсурҳои бунёдии фарҳанг ва маънавияти миллат равона гардидааст. Ин раванд на танҳо ба эҳёи анъанаҳои гузашта маҳдуд мешавад, балки мутобиқсозии онҳо ба шароити муосирро низ дар бар мегирад. Маҳз дар ҳамин замина, эҳёи арзишҳои миллӣ ба ташаккули худогоҳии миллӣ таъсири амиқ ва фарогир мерасонад. Яке аз муҳимтарин натиҷаҳои эҳёи арзишҳои миллӣ таҳкими ҳувияти миллӣ мебошад. Вақте ки шахс бо арзишҳои таърихӣ ва фарҳангии миллати худ ошно мегардад, дар ӯ ҳисси мансубият ва ифтихор тақвият меёбад. Масалан, эҳёи мероси давлати Сомониён дар Тоҷикистон (таҷлили 1100-солагии давлати Сомониён, эҳёи рамзҳои миллӣ, ба монанди сомонӣ ҳамчун воҳиди пулӣ) ба болоравии худшиносӣ ва ифтихори миллӣ мусоидат намуд. Дар ин замина Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид мекунад, ки «Эҳёи арзишҳои миллӣ ва гиромидошти таърихи гузашта омили муҳими ташаккули худшиносии миллӣ мебошад» [16, с. 72].

Бояд қайд кард, ки забон ва фарҳанг аз муҳимтарин рукнҳои арзишҳои миллӣ ба ҳисоб мераванд. Эҳёи забони давлатӣ, густариши истифодаи он дар тамоми соҳаҳо, инчунин тарғиби адабиёт ва санъати миллӣ, ба ташаккули худогоҳии миллӣ таъсири мустақим мерасонад. Масалан, қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатӣ» ва рушди адабиёти муосири тоҷик ба таҳкими мақоми забон ва худшиносии миллӣ мусоидат карданд. Ба андешаи Б. Ғафуров: «Забон ва фарҳанг пояҳои асосии ҳастии миллат мебошанд» [1, с. 18]. Ҳамчунин, эҳёи санъати миллӣ (мусиқии шаИМАқом, ҳунарҳои мардумӣ, либоси миллӣ) дар байни ҷавонон ҳисси пайванди фарҳангиро тақвият мебахшад. Анъана ва расму оинҳо ҳамчун унсури муҳими арзишҳои миллӣ дар ташаккули худогоҳии миллӣ нақши калон доранд. Эҳёи ҷашнҳои миллӣ, ба монанди Наврӯз, Меҳргон ва Сада, на танҳо эҳтиром ба гузашта, балки василаи таҳкими ваҳдати иҷтимоӣ низ мебошад. Масалан, таҷлили васеи Наврӯз дар сатҳи давлатӣ ва байналмилалӣ боиси афзоиши ҳисси ифтихори миллӣ ва муаррифии фарҳанги тоҷикон дар арсаи ҷаҳонӣ гардид. Эҳёи арзишҳои миллӣ, махсусан дар низоми маориф, ба ташаккули худогоҳии миллӣ дар байни ҷавонон таъсири ҳалкунанда дорад. Омӯзиши таърих, адабиёт, фалсафа ва фарҳанги миллӣ дар муассисаҳои таълимӣ заминаи асосии тарбияи шахсияти худогоҳ мебошад. Масалан, ворид намудани фанҳои марбут ба таърихи миллӣ ва фарҳангшиносӣ дар барномаҳои таълимӣ, инчунин баргузории чорабиниҳои фарҳангӣ дар донишгоҳҳо, ба баланд бардоштани сатҳи худшиносии донишҷӯён мусоидат мекунад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ, эҳёи арзишҳои миллӣ ҳамчун воситаи муқовимат ба таъсири манфии фарҳангҳои бегона хизмат мекунад. Шахсоне, ки арзишҳои миллиро хуб дарк кардаанд, метавонанд ҳувияти худро ҳифз намуда, аз ассимилятсия эмин бимонанд. Махсусан, дар шароити густариши шабакаҳои иҷтимоӣ, ки фарҳангҳои гуногунро паҳн мекунанд, ҷавононе, ки бо фарҳанги миллӣ ошно ҳастанд, метавонанд интихобҳои огоҳона кунанд ва арзишҳои худро нигоҳ доранд. Ҳамин тавр, эҳёи арзишҳои миллӣ ҳамчун омили муҳим ва бисёрҷанбаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар ташаккули худогоҳии миллӣ нақши ҳалкунанда мебозад. Он ба таҳкими ҳувият, тарбияи ватандӯстӣ, ҳифзи фарҳанг ва муқовимат ба таҳдидҳои ҷаҳонишавӣ мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, дастгирӣ ва рушди ин раванд яке аз вазифаҳои муҳими сиёсати давлатӣ ва ҷомеа ба ҳисоб меравад.

Бояд ёдовар шуд, ки дар баробари равандҳои мусбати ҷаҳонишавӣ, ки ба рушди иқтисодӣ, илмӣ ва фарҳангӣ мусоидат мекунанд, як қатор таҳдидҳо низ ба арзишҳои миллӣ ба вуҷуд меоянд. Ин таҳдидҳо метавонанд ба заифшавии ҳувияти миллӣ, косташавии анъанаҳо ва паст

шудани сатҳи худогоҳии миллӣ оварда расонанд. Аз ин рӯ, таҳлили илмии онҳо барои дарёфти роҳҳои муқовимат аҳамияти хос дорад. Тавре ки муҳаққиқи маъруф Э. Гидденс таъкид мекунад: «Ҷаҳонишавӣ равандест, ки муносибатҳои иҷтимоиро дар миқёси ҷаҳонӣ густариш медиҳад ва ҳаёти маҳаллиро бо воқеиятҳои дур пайванд мекунад» [14, с.70]. Дар чунин шароит миллатҳо дар назди масъалаи муҳим қарор мегиранд: чӣ гуна метавон худшиносӣ ва фарҳанги миллиро ҳифз намуда, ҳамзамон ба ҷаҳони муосир мутобиқ гардид? Ин назария нишон медиҳад, ки дар шароити муосир, фарҳанг ва арзишҳо ба майдони рақобати глобалӣ табдил ёфтаанд. Яке аз таҳдидҳои ҷиддӣ ба арзишҳои миллӣ ин густариши фарҳанги оммавии бегона (масалан, фарҳанги ғарбӣ тавассути филмҳо, мусиқӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ) мебошад. Ин раванд метавонад ба тағйирёбии ҷаҳонбинӣ, завқ ва тарзи ҳаёти ҷавонон таъсир расонад. Масалан, дар байни баъзе ҷавонон тамоюл ба тақлид кардани тарзи либоспӯшӣ, рафтор ва ҳатто арзишҳои ахлоқии фарҳангҳои дигар мушоҳида мешавад, ки метавонад ба коҳиши таваҷҷуҳ ба либоси миллӣ, анъанаҳо ва урфу одатҳои худ оварда расонад. Ташаккули худшиносии миллӣ барои тамоми қишрҳои ҷомеа зарурӣ аст, вале дар ин миён табақаи ҷавонон, ки нерӯи бузурги иҷтимоӣ ба ҳисоб мераванд ташаккули худшиносии ин қишри ҷомеа боиси устувортар гардидани пояҳои давлатдорӣ мегардад [11, с. 72].

Яке аз унсурҳои муҳимтарини фарҳанги миллӣ, ки метавонад дар ин раванд нақши муассир бозад, либоси миллӣ мебошад. Либоси миллӣ ҳамчун як унсури муҳими фарҳангӣ дар ташаккули худшиносии миллӣ нақши калидӣ мебозад. Он на танҳо рамзи ҳувияти миллӣ, балки воситаи тарбияи маънавӣ, эстетикӣ ва иҷтимоии шахс мебошад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ, эҳёи либоси миллӣ ба ҳифзи асолати миллӣ ва таҳкими худогоҳии миллӣ мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки давлат, ҷомеа ва ҳар як шахс дар ҳифз ва рушди ин арзиши муҳим саҳм гузорад. Танҳо дар ин сурат метавон ҳувияти миллиро ҳифз намуда, насли худогоҳ ва ватандӯстро тарбия кард. Дар солҳои соҳибистиқлолӣ таваҷҷуҳ ба эҳёи либоси миллӣ афзоиш ёфта, он ба як унсури муҳими сиёсати фарҳангӣ ва тарбияи миллӣ табдил ёфтааст. Ин раванд ба баланд бардоштани худшиносии миллӣ ва таҳкими ҳувияти миллӣ мусоидат менамояд. Э.Д. Смит дар ин маврид қайд мекунад: «Глобализатсия метавонад боиси заифшавии анъанаҳои миллӣ ва аз байн рафтани хусусиятҳои фарққунандаи миллатҳо гардад» [15, с. 102].

Илова бар ин забон ҳамчун яке аз рукнҳои асосии арзишҳои миллӣ дар шароити муосир зери таъсири забонҳои байналмилалӣ қарор дорад. Афзоиши истифодаи забонҳои хориҷӣ, махсусан дар фазои интернет ва тиҷорат, метавонад ба маҳдуд шудани доираи истифодаи забони миллӣ

оварда расонад. Истифодаи калимаҳо ва ибораҳои бегона дар гуфтори ҳаррӯзаи ҷавонон ё афзалият додан ба забонҳои хориҷӣ дар баъзе муассисаҳо метавонад нишонаи заифшавии мавқеи забони миллӣ бошад. Чуноне, ки Пешвои миллат қайд мекунанд: “Ҷавҳари худшиносии миллӣ аз дуст доштани ватан, модар, забон, таърих ва арзишҳои таърихию фарҳангӣ сарчашма гирифта, ба ташшакули шахсияти дорои ҷаҳонбинии солиму пешрафта боис мегардад” [6, с.37].

Муҳоҷирати меҳнатӣ яке аз омилҳои муҳими иҷтимоӣ мебошад, ки метавонад ба арзишҳои миллӣ таъсир расонад. Шахсоне, ки муддати дароз дар муҳити фарҳангии дигар зиндагӣ мекунанд, метавонанд тадриҷан баъзе арзишҳои миллии худро аз даст диҳанд ё онҳоро камтар риоя намоянд. Масалан, кӯдакони муҳоҷирон, ки дар муҳити дигар кишварҳо ба воя мерасанд, баъзан забони модарӣ ва анъанаҳои миллиро камтар медонанд. Ин раванд метавонад бегонашавии пайванди фарҳангӣ байни наслҳо оварда расонад. ВАО ва шабакаҳои иҷтимоӣ имрӯз ба яке аз абзорҳои пуриқтидори таъсиррасонӣ ба афкори ҷамъиятӣ табдил ёфтаанд. Аз ин рӯ, истифодаи самараноки онҳо барои тарғиби арзишҳои миллӣ аҳамияти калон дорад. Масалан, таҳияи филмҳои таърихӣ (дар бораи Сомониён, қаҳрамонони миллӣ), барномаҳои телевизионӣ оид ба фарҳанг ва анъанаҳо, инчунин саҳифаҳои маърифатӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ метавонанд таваҷҷуҳи ҷавононро ба арзишҳои миллӣ зиёд намоянд. Ба андешаи Хантинтон: «Васоити ахбори омма яке аз абзорҳои асосии ташаккули ҳувият ва арзишҳои иҷтимоӣ мебошанд» [7, с. 61].

Шабакаҳои иҷтимоӣ, ки яке аз воситаҳои асосии паҳнкунии иттилоот мебошанд, метавонанд ҳам мусбат ва ҳам манфӣ таъсир расонанд. Дар баробари имконияти тарғиби фарҳанги миллӣ, онҳо инчунин манбаи паҳншавии арзишҳои бегона ва баъзан зиддимиллӣ низ мебошанд. Паҳншавии муҳтавои сатҳӣ, таблиғи тарзи ҳаёти бегона ё идеологияҳои ғайримиллӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ метавонад ба ҷаҳонбинии ҷавонон таъсири манфӣ расонад. Аз тарафи дигар «иттилооти беназорат метавонад ба тағйири шуури иҷтимоӣ ва заиф гардидани меъёрҳои ахлоқӣ оварда расонад. Шабакаҳои иҷтимоӣ низ воситаи асосии паҳн гардидани иттилооти беназорат ва бесифат ва омили дур гардидани ҷавонон аз донишҳои илмию назариявӣ, сабаби талаф ёфтани вақти онҳо, паҳн гардидани фарҳанги бегона гардидааст» [8, с. 315]. Аз ин ру истифодаи дурусти шабакаҳои иҷтимоӣ ва андешидани тадбирҳои муассир дар самти ташаккули фарҳанги истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ, ба манфиати кор аст. Бояд гуфт, ки таҳдидҳо ба арзишҳои миллӣ дар шароити муосир дорои хусусияти гуногунҷанба буда, аз равандҳои ҷаҳонӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ сарчашма мегиранд. Таъсири фарҳанги оммавии бегона, заифшавии мавқеи

забон, муҳоҷират, шабакаҳои иҷтимоӣ ва бетаваҷҷуҳии ҷомеа аз ҷумлаи омилҳои асосӣ мебошанд. Барои муқовимат ба ин таҳдидҳо, зарур аст, ки сиёсати фарҳангии мақсаднок, тарбияи насли ҷавон дар рӯҳияи арзишҳои миллӣ ва истифодаи самараноки имкониятҳои муосир амалӣ гарданд. Эҳёи арзишҳои миллӣ раванди худҷӯш нест, балки талабгори сиёсати мақсаднок, барномаҳои илмӣ-амалӣ ва иштироки фаъоли тамоми ниҳодҳои иҷтимоӣ мебошад. Дар шароити муосир, ки арзишҳои миллӣ ба таъсири омилҳои гуногуни беруна дучор мешаванд, татбиқи механизмҳои муассир барои ҳифз ва рушди онҳо аҳамияти аввалиндараҷа пайдо мекунад. Ба андешаи Э. Смит: «Пойдории ҳувияти миллӣ аз қобилияти ҷомеа барои ҳифз ва интиқоли арзишҳо ба наслҳои оянда вобаста аст» [15, с. 118]. Ин нуқта зарурати ташкили низоми устувори интиқоли арзишҳоро таъкид мекунад.

Маориф яке аз муҳимтарин воситаҳои эҳёи арзишҳои миллӣ ба ҳисоб меравад. Тавассути низоми таълим метавон арзишҳои миллӣ, таърих, фарҳанг ва анъанаҳоро ба насли ҷавон ба таври илмӣ ва пайгирона омӯзонд. Масалан, ворид намудани фанҳои «Таърихи халқи тоҷик», «Фарҳангшиносӣ» ва «Ахлоқ» ба барномаҳои таълимӣ, инчунин, таълиф ва таҳияи китобҳои дарсӣ бо мазмуни миллӣ ба баланд бардоштани худогоҳии донишҷӯён мусоидат мекунад. Дар донишгоҳҳо баргузории конфронсҳо, семинарҳо ва чорабиниҳои илмӣ доир ба мероси фарҳангӣ низ таъсири мусбат мерасонад. Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин замина таъкид мекунад: *«Инкишофи ҷомеа, рушди устувори иқтисодӣ, таъмини амнияти миллӣ ва давлатӣ, ноил шудан ба сатҳи ҷаҳонии иқтисод, техника технология, ва илму фарҳанг пеш аз ҳама ба рушди босуботи маориф вобастааст"* [17, 9]. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки яке аз воситаҳои самаранок гардонидани раванди таълиму тарбия омӯзиш ва эҳё намудани таҷрибаи фалсафаи маорифи давраҳои гузашта ба ҳисоб меравад [10, 9]

Масалан, таҷрибаи маорифи тоҷик дар асрҳои IX–XIII, ки яке аз давраҳои пурмаҳсул ва фарқкунанда аст, метавонад барои рушди маорифи муосир ва дар ин замина рушди босуботи тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ мусоидат намояд. Дар ин маврид муҳаққиқи тоҷик Муҳаммадҷони Т.Р. қайд менамояд, ки “маҳз ғояҳои фалсафаи маориф ва афкори пешқадами маорифпарваронаи мутафаккирону маорифпарварони ин давра буд, ки фалсафаи маорифи тоҷик дар ин давра рушд кард ва осори гаронбаҳои таълимию тарбиявӣ ба вуҷуд омад [4]. Дар маорифи муосир татбиқ намудани ин усулҳои таълимию тарбиявӣ ва ғояҳои фалсафаи маорифи ниёгонамон метавонад барои ташхиси мушкилоти азнавсосӣ ва ислоҳоти маорифи миллӣ, ки дар раванди ислоҳоти куллӣ ва пайвастан бо системаҳои пешрафтаи маорифи ҷаҳонӣ қарор дорад, мусоидат намояд.

Ҳадафи асосии маорифи ниёгон тарбияи инсони комил буд. Дар шароити муосир низ ҷомеа ба шахсиятҳое ниёз дорад, ки натанҳо дорои донишҳои касбӣ, балки соҳиби ахлоқи баланд, масъулияти шаҳрвандӣ ва ҷаҳонбинии солим бошанд [12]. Дар тафаккури ниёгони мо маориф ҳамчун василаи такомули маънавӣ ва ақлонии инсон арзёбӣ мешуд. Аз ин рӯ, омӯзиш танҳо ҳадафи амалӣ надошт, балки ҳамчун раванди ташаккули ҷаҳонбинӣ, худшиносӣ ва масъулияти иҷтимоӣ фаҳмида мешуд. Таҷрибаи таълимии ниёгон метавонад дар ташаккули чунин шахсиятҳо нақши калидӣ бозад. Нақши давлат дар эҳёи арзишҳои миллӣ калидӣ мебошад. Тавассути қабули барномаву қонунҳо, давлат метавонад шароити мусоид барои ҳифз ва рушди фарҳанг фароҳам оварад. Масалан, қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатӣ», таҷлили ҷашнҳои миллӣ дар сатҳи давлатӣ (Наврӯз, Сада, Меҳргон, Истиқлол), ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ, дастгирии ҳунарҳои мардумӣ ва ғайра ба таҳкими худогоҳии миллӣ ва ҳифзи мероси фарҳангӣ мусоидат намуд.

Оила яке аз ниҳодҳои муҳими иҷтимоӣ буда, нақши аввалиндараҷа дар интиқоли арзишҳои миллӣ дорад. Маҳз дар муҳити хонавода кӯдак бо забон, анъана, одоб ва фарҳанги миллӣ шинос мешавад. Масалан, омӯзонидани эҳтиром ба калонсолон, риояи одоби миллӣ, таҷлили ҷашнҳои суннатӣ дар доираи оила ба ташаккули худогоҳии миллӣ замина мегузорад. Яке аз роҳҳои муассири эҳёи арзишҳои миллӣ эҳё ва тарғиби ҷашнҳо, маросимҳо ва мероси фарҳангӣ мебошад. Ин раванд ба эҳсоси ягонагӣ ва пайванди таърихӣ мусоидат мекунад. Масалан, таҷлили Наврӯз ҳамчун ҷашни миллӣ натанҳо дар дохили кишвар, балки дар сатҳи байналмилалӣ (бо дастгирии ЮНЕСКО) ба муаррифии фарҳанги тоҷикон ва баланд бардоштани ифтихори миллӣ мусоидат мекунад. Ҳамчунин, эҳёи ҷашнҳои Меҳргон ва Сада, барои рушди ҳунарҳои мардумӣ (қолинбофӣ, чакандӯзӣ) аҳаммияти калон доранд. Дар шароити рақамисозӣ, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ метавонад воситаи муассири эҳёи арзишҳои миллӣ гардад. Эҷоди китобхонаҳои электронӣ, барномаҳои мобилӣ барои омӯзиши забон ва фарҳанг, инчунин, платформаҳои онлайн барои тарғиби мероси миллӣ аз ҷумлаи чунин роҳҳо мебошанд. Масалан, сохтани барномаҳои мобилӣ барои омӯзиши забони тоҷикӣ ё саҳифаҳои таълимӣ дар “YouTube” ва “Telegram” метавонад ба ҷалби ҷавонон мусоидат намояд.

*Хулоса.* Дар натиҷаи таҳлили масъалаи эҳёи арзишҳои миллӣ ҳамчун василаи ташаккули худогоҳии миллӣ метавон ба хулосаи он расид, ки арзишҳои миллӣ ҳамчун пояи асосии ҳастии маънавӣ ва фарҳангии ҳар як миллат баромад намуда, дар ташаккули шахсият ва муайянсозии ҳувияти миллӣ нақши ҳалкунанда доранд. Онҳо таҷассумгари таҷрибаи таърихӣ,

ҷаҳонбинӣ, ахлоқ ва анъанаҳои мардум буда, тавассути онҳо пайдарҳамии наслҳо ва устувории ҷомеа таъмин мегардад.Таҳқиқ нишон дод, ки худогоҳии миллӣ падидаи мураккаби иҷтимоию руҳонӣ буда, дар заминаи шинохти арзишҳои миллӣ, таърих ва фарҳанг ташаккул меёбад. Ҳар қадар сатҳи шинохти шахс аз мероси миллӣ баланд бошад, ҳамон андоза худогоҳии ӯ устувор ва фаъол мегардад. Аз ин рӯ, арзишҳои миллӣ на танҳо объекти омӯзиш, балки воситаи бевоситаи ташаккули худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ мебошанд.

Дар ҷараёни таҳлил инчунин, муайян гардид, ки эҳёи арзишҳои миллӣ дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ аҳаммияти стратегӣ касб мекунад. Ҷаҳонишавӣ, ки бо худ равандҳои ҳамгироии фарҳангӣ ва иттилоотиро меорад, дар баробари имкониятҳо, инчунин, таҳдидҳоро низ ба вуҷуд меоварад. Таъсири фарҳангҳои бегона, коҳиши нақши забони миллӣ, муҳоҷират ва густариши фазои иттилоотӣ метавонанд ба заифшавии арзишҳои миллӣ ва паст шудани сатҳи худогоҳии миллӣ оварда расонанд. Дар чунин шароит эҳёи арзишҳои миллӣ ҳамчун механизми муҳофизатӣ ва рушди устувори ҳувияти миллӣ баромад мекунад. Муайян гардид, ки раванди эҳёи арзишҳои миллӣ бояд хусусияти системавӣ ва ҳамоҳанг дошта бошад. Нақши калидӣ дар ин раванд ба ниҳодҳои иҷтимоӣ–маориф, оила, давлат, воситаҳои ахбори омма ва ниҳодҳои фарҳангӣ тааллуқ дорад. Махсусан, низоми маориф метавонад тавассути ворид намудани донишҳои амиқ доир ба таърих, фарҳанг ва арзишҳои миллӣ ба тарбияи насли худогоҳ мусоидат намояд.

Оила бошад, ҳамчун муҳити аввалини иҷтимоишавӣ, дар ташаккули арзишҳои ахлоқӣ ва фарҳангии шахс нақши бунёдӣ мебозад. Бесабаб нест, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ қайд карда буданд, ки “ҷомеаи солим аз оилаи солим ва насли солим ташаккул меёбад” [6].

Ҷойгоҳи занон дар сиёсати фарҳангии давлатӣ хеле назаррас буда, онҳо бо иштироки фаъолонаи худ дар рушди сиёсати давлатӣ ва дар ин замина ҳифзи арзишҳои миллӣ ва таҳкими ҳувияти фарҳангӣ мусоидат мекунанд. Давлат ба нақши занон дар тарбияи ахлоқии ҷомеа ва интиқоли арзишҳо аҳаммияти махсус медиҳанд [13, 127]. Аз ин гуфтаҳо маълум мегардад, ки тарбияи инсони комил, ватандуст, худшиносу худогоҳ аз муҳити оилавӣ шуруъ шуда, дар ин самт нақши занон бениҳоят бузург аст. Ҳамин тавр, эҳёи арзишҳои миллӣ ҳамчун раванди муҳим ва зарурии иҷтимоӣ–фарҳангӣ дар ташаккули худогоҳии миллӣ нақши калидӣ дорад. Он ба таҳкими ҳувияти миллӣ, тарбияи ватандӯстӣ, ҳифзи мероси фарҳангӣ ва таъмини суботи иҷтимоӣ мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, дар шароити муосир, таваҷҷуҳ ба ин масъала бояд яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати

давлатӣ ва фаъолияти илмӣ–таҳқиқотӣ бошад. Дар маҷмуъ, метавон гуфт, ки танҳо ҷомеае, ки арзишҳои миллии худро ҳифз ва эҳё мекунад, қодир аст дар шароити ҷаҳонишавӣ мавқеи худро нигоҳ дошта, рушди устувор ва пешрафти маънавиро таъмин намояд.

## Адабиёт


1. Гафуров Б. Таджики: древнейшая, древняя и средневековая история. -Т.2. [Текст] / Б.Г.Гафуров. – Душанбе: Ирфон, 1989. – 480с.
2. Давлатёров Ф. Худшиносии миллӣ. [Матн] // Паёми Донишгоҳи миллӣ (маҷаллаи илмӣ). –Душанбе, 2009. №5. – С. 123.
3. Комилов Д., Тағоймуродзода М., Бойзода Ҷ. Хикмати ватандорӣ. [Матн] / Д. Комилов, М. Тағоймуродзода, Ҷ. Бойзода. – Душанбе, 2024. – 130 с.
4. Муҳаммадҷони Т. Рушди фалсафаи маориф дар осори маорифпарварони замони Эҳёи Аҷам. // Паёми ДМТ. №3, [Матн] / Т. Муҳаммадҷони. – Душанбе. – 2019. – С. 130-136.
5. Паёми Презеденти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 20 январи соли 2016.
6. Паёми Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 23.01.2015 [Захираи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/8136 (Санаи муроҷиат: 8.06.2024).
7. С.П. Хантинтон. Столькновение цивилизаций и переустройство мирового порядка. [Текст] /С.П. Хантинтон. – Нью-Йорк, 1996. –367 с.
8. Сафарализода Х. Таҳдидҳои замони муосир: Масъалаҳои назариявию методологӣ. Монография. [Матн] / Х.Қ. Сафарализода. – Душанбе: ЭР-граф, 2023. – 420 с.
9. Сироҷиддини Э. Эмомалӣ Раҳмон–эҳёгари арзишҳои миллӣ ва шиносонандаи чеҳраҳои адабӣ. [Матн] / Э. Сироҷиддин. – Душанбе: Донишпарвар, 2026. – 84 с. – С. 5.
10. Тағоймуродзода М. Ғояҳои фалсафаи маориф дар осори мутафаккирони тоҷик дар асрҳои IX–XIII: Монография. [Матн] / МТ. Тағоймуродзода. – Душанбе: 2024. – С.123.
11. Тамаддуни ориёӣ ва худшиносии миллӣ. Маҷмуаи мақолаҳо ва маърузаҳои илмӣ зери таҳрири Назри Яздонӣ. [Матн] / Н. Яздонӣ. – Душанбе: Деваштич, 2008. – 272 с.
12. Тахминаи Турахон. Нақши фалсафаи маориф дар ташаккули шахсияти ҷомеаи муосири Тоҷикистон. // Паёми ДМТ. №3/1 (194). [Матн] / Т. Турахон. – Душанбе. – 2016. – С. 126-128.

13. Центр аналитических исследований. Гендерный анализ и роль женщин в социальном капитале Республики Таджикистан. [Матн] / – Душанбе: ЦАИ, 2021. – 210 с.

14. Э. Гидденс Ускользающий мир: как глобализация меняет нашу жизнь. [Текст] / Гидденс Э.— М.: Весь мир, 2005. – 120 с.

15. Э.Д. Смит. Национальная идентичность. [Текст] / Э.Д. Смит – Лондон, 1991. –224 с.

16. Эмомалӣ Раҳмон. Фарҳанг ҳастии миллат. [Матн] / Э.Раҳмон. – Душанбе: Матбуот, 2001. – 37 с.

17. Эмомалӣ Раҳмон Маориф–гарави пешравии ҷомеа. / Э. Раҳмон. – Душанбе, 2015. – 255 с.

18. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. –Душанбе: Ирфон, 2018. – 850 с.

# ВОЗРОЖДЕНИЕ НАЦИОНАЛЬНЫХ ЦЕННОСТЕЙ КАК СРЕДСТВО ФОРМИРОВАНИЯ НАЦИОНАЛЬНОГО САМОСОЗНАНИЯ: ФИЛОСОФСКИЙ АНАЛИЗ

**САФАРОВА БОНУ КУРБОНОВНА,**
младший научный сотрудник отдела социальной философии Института философии и политологии имени А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана
734025, Таджикистан, город Душанбе, ул. Маяковского 70/2;
телефон: 918-75-09-91; e-mail: safarovabonu022@gmail.com

*В данной статье рассматривается проблема возрождения национальных ценностей как одного из ключевых и стратегических факторов в процессе формирования национального самосознания. Автор стремится на основе теоретического анализа понятий «национальные ценности» и «национальное самосознание» раскрыть их сущность, содержание и диалектическую взаимосвязь. В этом контексте национальные ценности рассматриваются как совокупность культурных, исторических и духовных элементов, формирующих идентичность нации, а национальное самосознание определяется как уровень осознания и понимания человеком своей принадлежности к нации. В статье особое внимание уделяется роли возрождения национальных ценностей в условиях глобализации. Подчеркивается, что в условиях усиления влияния чуждых культур, расширения информационного пространства и трансформации социальных ценностей сохранение и возрождение национальных ценностей приобретает особую значимость. Также автор анализирует роль*

*социальных институтов, включая семью, систему образования, государство и средства массовой информации в процессе возрождения и популяризации национальных ценностей, а также предлагает практические пути и механизмы их реализации в современном обществе Таджикистана. В целом исследование показывает, что возрождение национальных ценностей является не только культурной проблемой, но и важным фактором социального развития и устойчивости государственности.*

***Ключевые слова:*** *национальные ценности, национальное самосознание, идентичность, государственный язык, история, культура, глобализация, традиция, образование, воспитание, национальная идентичность, национальная одежда, образование, общество.*

## REVIVAL OF NATIONAL VALUES AS A MEANS OF FORMING NATIONAL SELF-CONSCIOUSNESS: A PHILOSOPHICAL ANALYSIS

**SAFAROVA BONU KURBONOVNA,**
Junior Researcher at the Department of Social Philosophy, A. Bahovaddinov Institute of Philosophy and Political, National Academy of Sciences of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Sino district, Mayakovsky str. 70/2;
phone: +992 918-75-09-91; e-mail: safarovabonu022@gmail.com

*This article examines the revival of national values as one of the key and strategic factors in the process of forming national self-consciousness. The author attempts, based on a theoretical analysis of the concepts of "national values" and "national self-consciousness," to reveal their essence, content, and dialectical relationship. In this context, national values are considered as a set of cultural, historical, and spiritual elements that shape the identity of a nation, while national self-consciousness is defined as the level of awareness and understanding by an individual of their belonging to a nation. The article pays special attention to the role of reviving national values in the context of globalization. It is emphasized that in conditions of increasing influence of foreign cultures, expansion of the information space, and transformation of social values, the preservation and revival of national values acquire particular importance. The author also analyzes the role of social institutions, including the family, education system, the state, and mass media, in the revival and promotion of national values, and proposes practical ways and mechanisms for their implementation in modern Tajik society. In general, the study shows that*

*the revival of national values is not only a cultural issue but also an important factor in social development and the sustainability of statehood.*

**Keywords:** *national values, national self-consciousness, identity, state language, history, culture, globalization, tradition, education, upbringing, national identity, national clothing, education, society.*

**УДК: 001.89:351.86(575.3)**

# ИҚТИДОРИ ИЛМӢ ВА АҲАММИЯТИ ОН ДАР ТАЪМИНИ АМНИЯТИ МИЛЛИИ КИШВАР

**АБИЛОВА ФИРӮЗА САРДОРОВНА,**
омӯзгори кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
735360, Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров
тел: +992-985-20-64-90; e-mail. abilova.1971af@mail.ru

*Муаллиф дар мақола доир ба масъалаи мубрами ҷомеаи ҷаҳонӣ, махусусан, ҷомеаи муосири тоҷик, ки ҳамчун падидаи муосир ба ҳисоб меравад ба ҷанбаҳои иқтидори илмӣ ва нақши он дар таъмини амнияти миллии кишвар такя намудаанд.*

*Ӯ дар асоси сарчашмаҳои илмию амалии коршиносони ватанӣ ва хориҷӣ моҳияти ин падидаҳоро ба таври возеҳ ва дар асоси мафҳумҳои илмӣ таҳлили муфассал намудаанд. Инчунин, доир ба рушди илм ва технология, ки имкониятҳои ҷомеаро васеъ месозанд, аммо айни замон баъзе масъалаҳои дигаре ба миён меоянд, ки на ҷанбаи техникӣ, балки ахлоқӣ доранд, аҳаммияти махсус дода шуда, ҳамчун бинишиояндаи наздик вусъат хоҳад ёфт. Омӯзиши паҳлуҳои дигари ин зуҳуроти иҷтимоӣ, аз ҷумла сабаб ва оқибатҳо, таъсири он ба захираи зеҳнӣ ва амнияти миллӣ, ҷиҳатҳои мусбат ва манфии он, роҳҳои пешгирӣ ё танзими ин раванд дар ҷомеаи имрӯза аҳаммияти муҳим пайдо намудааст, ки аз ҷомеашиносон ва таҳлилгарону коршиносони тоҷик дар ин самт роҳандозии таҳқиқоти ҷиддӣ ва фарогирро тақозо менамояд.*

***Калидвожаҳо:*** *амнияти миллӣ, ҷомеаи муосир, падида, истиқлолият, илм, биоэтика, технология.*

Дар ҷаҳони имрӯза амнияти миллии ҳамаи кишварҳо, пеш аз ҳама, ба рушди фаъолияти илмӣ ва технологӣ дар ҳама бахшҳо, тақвияти сармояи зеҳнӣ ва ба даст овардани сатҳи баланди рақобатпазирӣ такя мекунад. Ба ҳамин монанд, таъмини амнияти марзӣ, яъне, мубориза бо ғоратгарии иқтисодӣ, демографӣ, фарҳангӣ ва динӣ, инчунин, ҷинояткории муташаккили байналмилалӣ–бе тақвияти дастгирии зеҳнӣ, илмӣ ва иттилоотӣ ғайриимкон аст.

Дар мавриди соҳаи илмӣ бояд қайд кард, ки дар ҷомеаи муосир он бояд вазифаҳои зеринро иҷро кунад: саҳми назаррас дар беҳтар кардани сифати зиндагӣ ва рушди маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва ғайра; омили калидии амнияти миллӣ ва қувваи пешбарандаи навовариҳои технологӣ ва рушди иқтисодӣ будан; асоси рақобатпазирии ҷаҳонии иқтисоди миллиро

ташкил додан; низоми миллии инноватсияро эҷод кардан ва дар ниҳоят, таҳияи сиёсати муассири иҷтимоию иқтисодӣ, илмӣ ва техникӣ.

«Дар айни ҳол, баъзе таҳқиқоти пешниҳоднамудаи олимон, ба сабаби мувофиқат накардани сатҳи илми ватанӣ ба инноватсия, мавриди истифода қарор гирифта наметавонанд. Бояд тазаккур дод, ки чунин вазъ таҳдидҳоро вобаста ба тағйироти неруи илмӣ – техникӣ бештар месозад. Аз ҷумла:

– *таҳдидҳои дорои ҷанбаи глобалӣ* – ақибмонӣ дар стратегияи ҳарбӣ – техникӣ, коҳиши сатҳи амнияти илмӣ–технологӣ ва экологӣ, фишори технологии берунӣ, носозгорӣ дар соҳаи сӯзишворӣ–ашёи хоми иқтисодиёт;

– *таҳдидҳои дорои ҷанбаи иқтисодӣ* – афзудани мушкилот дар рушди комплекси сӯзишворӣ – энергетикӣ, бахшҳои кишоварзӣ, рукуд дар бахшҳои анъанавӣ, таназзули соҳаи хизматрасонӣ;

– *таҳдидҳои дорои ҷанбаи дурнамоӣ*–ақибмонӣ дар раванди иттилоотӣ ва гузариш ба тарзи нави технологӣ, истифодаи васеи технологияи куҳна ва аз нигоҳи экологӣ хатарнок, паҳншавии маводи иттилоотӣ ва иҷтимоии ба маҳдудсозии фазои милливу фарҳангӣ равонашуда;

– *таҳдидҳое, ки ҷанбаи башариву равонӣ доранд*–густариши тасаввуроти зидди илмӣ, аз байн рафтани ирсияти наслҳо, коҳиши аҳаммияти арзишҳои фарҳангӣ, афзоиши сатҳи хушунат дар ҷомеа, вайрон шудани пояи илмиву маърифатӣ ва камшавии қишри зеҳнии миллат». [1,71]

Дар айни замон, ки раванди рушди илм ва технология хеле вусъат меёбад ва имкониятҳои ҷомеаро васеъ месозанд, аммо баъзе мушкилоти дигаре ба миён меоянд, ки на ҷанбаи техникӣ, балки ҷанбаи ахлоқӣ доранд. Доир ба ин масъала ЮНЕСКО ҷиҳати фароҳам сохтани фазои мусоид барои қабули қарорҳои огоҳона доир ба истифодаи илм ва технология, бахусус дар соҳаи биоэтика бо давлатҳои аъзои худ ҳамкорӣ мекунад.[28] Вобаста ба ин масъала академики рус Никита Моисеев чунин назар дорад: “Тамоми сайёра мисли мамлакати мо дар ҳолати номуайянӣ ва пешгӯйинашаванда қарор дорад. Фақат тасдиқ намудан мумкин аст, ки сайёра ва ҷомеаи ҷаҳонӣ ба марҳалаи нави тараққиёт дохил шудаанд. Фаъолияти инсон, эҳтимолан, боиси таназзули биосфера мегардад ва он дар таркиби худ мавҷудияти Инсонро кафолат дода наметавонад. Фаъолияти

[1.] Биоэтика як соҳаи биология мебошад, ки дар солҳои 70-уми асри бисти милодӣ бо пешгирии таҳқиқоти генетикӣ ба вуҷуд омадааст. Биоэтика бо фанҳои биологӣ, ҳуқуқ, ахлоқ, тиб ва ҳатто мазҳабӣ ба таври интизомӣ алоқаманд аст. Ин соҳаи муҳимми дониш мебошад, зеро ҳадафи он муҳокима кардани меъёрҳо ва параметрҳои ахлоқӣ барои пешрафти таҳқиқоти илмӣ мебошад.

одам ба он ҳадде расидааст, ки дар ҳеч шароит имкони қафо гаштан надорад. Як қадами беэҳтиётона инсониятро ба варта мебарад » [4, 63].

Барои пешгирии фаврии таҳдидҳои дар боло зикршуда ва муайян кардани хатарҳои марбут ба онҳо чораҳои ҷиддӣ андешидан пеш меояд. Дар ин робита рушди низоми миллии инноватсионӣ ва афзоиши таваҷҷуҳи ҳукумат ба илми бунёдӣ хеле муҳим арзёбӣ мешавад.

Дарки қонунияти раванди илмиву инноватсионӣ бидуни ба инобат гирифтани динамикаи хосси илм ва бахшҳои бунёдии он мушкил аст. Агар таҳқиқоти бунёдӣ ва илмӣ–амалӣ ҳам барои бизнес ва ҳам барои давлат манфиатбахш бошад, пас, илми бунёдии «соф» ба сабаби муддати дароз давом ёфтани таҳқиқот ва натиҷаҳои он мавриди таваҷҷуҳ ва алоқамандии бизнес қарор гирифта наметавонад. Бинобар ин, рушди таҳқиқоти бунёдӣ пурра аз сиёсати давлат вобастагӣ дорад. Аз ин ҷост, ки нақши давлат, ҳам дар дастгирии мустақими молиявӣ ва ҳам дар ҷорисозии мунтазами илм ва технология дар иқтисодиёт, муҳим аст.

Ҳамин тариқ, бори сангини таъсис додани институтҳо ва механизмҳои дастгирии рушди илм ва фароҳам овардани шароит барои баланд бардоштани натиҷанокии иқтисодии он ба зиммаи давлат аст. Давлат бояд барои фаъолшавии инноватсия, рушди бахшҳои технологияашон баланди иқтисоди миллӣ, ҳаллу фасли вазифаҳои муосирсозӣ ва самтҳои афзалиятноки рушди илм, технология ва техника чораҳо андешад, то ин ки кишвар мақому ҷойгоҳи шоистаро дар иқтисоди инноватсионии ҷаҳонии ба дониш асосёфта ишғол намояд.

Бояд зикр намуд, ки дар давраи Истиқлоли давлатӣ доир ба ин самт аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон тадбирҳо андешида шуданд. Аз ҷумла, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2007-2015” аз 1 августи соли 2006, №362 “Дар бораи тасдиқи Номгӯйи самтҳои афзалиятдоштаи таҳқиқоти илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007–2009” аз 30 июни соли 2007, №333; “Дар бораи тасдиқи Тадбирҳои дастгирии тараққиёти илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009–2015” аз 31 декабри соли 2008 № 661; “Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011–2020” аз 30 апрели соли 2011, №227 ва ғайра, ки ҳар яки он барои ин марҳалаи рушди илм дар ҷумҳурӣ хеле саривақтӣ, бамаврид ва барои рушду пешрафти илм муассир нақш мегузоранд.

Амалӣ гардидани чунин тадбирҳо маълум аст, ки бидуни маблағгузории ҷиддӣ имконнопазир аст. Аз соли 2000-ум шуруъ гардида, маблағгузорӣ барои иҷрои таҳқиқот ва коркарди илмӣ аз ҳисоби буҷети

ҷумҳуриявӣ сол то сол меафзояд. Чунончи, соли 2000-ум ин рақам ба 1 млн.155 ҳазор сомонӣ рост омад. Соли 2001-ум 1 млн. 938 ҳазор сомонӣ ва соли 2002-юм 2 млн. 364 ҳазор сомониро ташкил дод. Дар солҳои 2009 ва 2010 маблағгузорӣ барои соҳаи илм мутаносибан 21 млн. 320 ҳазор ва 22 млн. 024 ҳазор сомонӣ (0,089% ММД)-ро ташкил дод. Дар маҷмуъ, маблағгузорӣ ба соҳаи илм аз буҷети давлатӣ дар тули даҳ сол (2000–2010) қариб 20 маротиба афзудааст. Дар соли 2014 бошад, маблағгузорӣ барои соҳаи мазкур ба зиёда аз 38 млн расид.

Ин рақамҳо қобили эътироф мебошанд, агар онҳоро бо кишварҳои хориҷӣ муқоиса накунем, зеро ин нишондод аз сатҳи муқарраргардидаи ҷаҳонӣ ҳанӯз хеле паст мебошад. Масалан, дар кишварҳои рушдёфта, амсоли ИМА, Исроил, Ҷопон, Шветсия ва ғайра маблағгузорӣ ба соҳаи илм аз 2 то 4,5 дарсади ММД-ро ташкил медиҳад [2, 20] Аз ҷумла, дар соли 2010 хароҷот барои таҳқиқоти илмӣ дар ИМА 400 млрд доллар, дар Иттиҳодияи Аврупо 270 млрд доллар, дар Ҷопон ва Чин 150 млрд доллар бештар будааст [5.]

Тавре ки маълум аст, барои нигоҳдории иқтидори илмии мамлакат ба ғайр аз маблағгузории зарурии соҳа, масъалаи кадрҳо низ нақши муҳим дорад. Теъдоди умумии муҳаққиқон дар ҷумҳурӣ 3557 нафарро олимони соҳибунвон ташкил медиҳад, ки аз ин теъдод 2813 нафар номзад ва 744 нафар доктирони илм мебошанд. Бояд зикр намуд, ки аз теъдоди умумии докторони илм тақрибан 1,2%-ро ҷавонони синни то 35-сола, 46,5 %-ро синни 35 то 59-сола ва 52,3 %-ро синни аз 60-сола боло ташкил медиҳад. Таносуби синну соли номзадҳои илм бошад, 13,3% то 35-сола, 64,4 дарсад 35 то 59-сола ва 22,3%-ро аз 60-сола боло ташкил медиҳад [3,12].

Санаи 30 майи соли 2024 вохӯрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо аҳли илм ва маорифи кишвар доир гардид. Пешвои миллат ба олимону маорифчиёни кишвар доир ба рушду инкишофи ин ду ниҳоди муҳимми иҷтимоӣ чунин таъкид намуданд: «Мо дар ин марҳала барои тақвияти заминаҳои моддиву техникии илми ватанӣ маблағгузориро зиёд карда, ба ин мақсад 1 миллиарду 607 миллион сомонӣ ҷудо намудем, сохтори Академияи илмҳоро мукаммал гардонидем ва соли 2020 онро ба Академияи миллии илмҳо табдил додем.

Дар давраи соҳибистиқлолӣ дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиву иҷтимоии кишвар, аз ҷумла дар соҳаи илму маориф, аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва сармояи хориҷӣ беш аз 1400 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 36 миллиард сомонӣ амалӣ карда шуд.

Ҳоло дар мамлакат боз 724 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии 152 миллиард сомонӣ амалӣ шуда истодааст, ки аз ин шумора даҳҳо лоиҳа ба соҳаи илм равона гардидааст» [6].

Қайд кардан зарур аст, ки дар давраи соҳибистиқлолии кишвар вобаста ба ин ҷанба як қатор дигаргуниҳои назаррас марҳала ба марҳала амалӣ шуда истодаанд:

- Ҳамгироии Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо илм, ки ҳадафи он, пеш аз ҳама, мутахассисони касбиро дар соҳаҳои мухталифи илм аз зинаи мактаби миёна омода намудан ва бо ин мақсад муассисаҳои типи нави муосири таълимӣ–тафриқавӣ ташкил шуданд;
- Гузаштан ба низоми нави таълими раванди Баллония (системаи кредитӣ), ки ҷавобгӯ ба стандартҳои ҷаҳонӣ мебошад;
- Таъсиси Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Таъсиси Комиссияи олии аттестатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади имконияти бештар пайдо намудан мутахассисони ватанӣ ба илмҳои мухталиф, ки дар риштаи ин ё он соҳа пажуҳиш ва таҳқиқоти илмиро анҷом диҳанд. Ин боиси баланд гардидани зарфияти илмӣ дар муассисаҳои илмиву таълимӣ гардида, имконияти ҷавон намудани илми тоҷик мегардад.

Тибқи маълумоти КОА, дар соли 2023 дар мамлакат 70 шурои диссертатсионӣ фаъолият менамояд. Муҳаққиқон метавонанд, ки дар 49 маҷаллаи илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мақолаҳои илмии худро ба нашр расонанд.

Дар Тоҷикистон нақши занону духтарон дар соҳаи маориф ва илм назаррас буда, 73 дарсад кормандони соҳаи маориф ва 37 дарсади олимонро занону духтарон ташкил медиҳанд. Ба ҳолати 1 январи соли 2025-ум 1 487 нафар номзади илм, 146 нафар доктори илм, 85 нафар профессор, 656 нафар дотсент, 228 нафар занони дорои унвони илмӣ ва 871 нафар ассистент фаъолияти омӯзгорӣ ва илмӣ доранд. Теъдоди духтароне, ки тибқи квота таҳсил доранд, дар соли таҳсили 2024–2025 ба 2 ҳазору 789 нафар расида, 12 ҳазору 370 нафар духтарон дар хориҷи мамлакат тибқи квота таҳсили илм менамоянд [7].

Дар баробари миқдоран таъмин гардидани муассисҳои илмӣ ва мактабҳои олӣ ба кадрҳои соҳибунвон, талабот ба сифат ва сатҳи илмии онҳо аҳаммияти муҳим дорад, зеро мушоҳидаҳо собит месозанд, ки дар байни муҳаққиқоне, ки рисолаҳои илмии номзадию докторӣ ҳимоя мекунанд, шахсони тасодуфӣ кам нестанд. Ин, албатта, дар оянда ба рушди илм таъсири манфӣ расонда, барои амнияти соҳаи мазкур хатари ҷиддӣ эҷод мекунад.

Бо вуҷуди мушкилоти ҷойдошта бо мақсади тамаркузи саъю талоши давлат, аҳли илм ва соҳибкорӣ ба ҳаллу фасли муҳимтарин вазифаҳои муосирсозӣ ва рушди технологии иқтисод тадбирҳо андешида мешаванд.

Бо ин мақсад қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Номгӯйи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010–2012 ва Феҳристи технологияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30 марти соли 2010, №167 ва «Дар бораи Номгӯйи самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015–2020» аз 4 декабри соли 2014, №765 ба тасвиб расидаанд.

Ҳадафи асосии ташаккул, ислоҳ ва амалисозии самтҳои афзалиятнок ва феҳристи технология, дақиқ намудани самтҳои рушди комплекси ватании илмиву техникӣ ва низоми миллии инноватисонӣ бо дарназардошти манфиатҳои амнияти миллии Тоҷикистон ва тамоилоти рушди ҷаҳонии илмӣ, технологӣ ва инноватсионӣ, вазифаҳои миёнамуҳлати рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвар бо дарназардошти зарарурати ташаккул ва рушди низоми нави инноватсионӣ, таҳия ва амалисозии муҳимтарин барномаҳо ва тарҳҳои давлатӣ мебошад. Самтҳои афзалиятнок дар ин марҳала, пеш аз ҳама, ба модернизатсияи иқтисоди миллии кишвар ва стратегияҳои асосии рушд–таъмини истиқлоли энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва амнияти озуқаворӣ, инчунин, ба татбиқи “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то солҳои 2030” алоқаманд бошанд.

Бояд зикр намуд, ки қарорҳои қабулгардида, ки ду марҳаларо дар бар мегирифтанд, аслан бидуни дарназардошти талаботи ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-сиёсии ҷумҳурӣ, ки дар боло зикр ёфтанд, таҳия ва қабул гардидаанд. Дар санади аввал номгӯйи самтҳои афзалиятдоштаи таҳқиқоти илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010–2012 ва феҳристи технологияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, ки он 65 равияи афзалиятнокро дар бар мегирад.

Тавре ки таҷрибаи ҷаҳонӣ собит месозад, тарҳрезии самтҳои афзалиятноки рушди илм ва инноватсия бояд бо ширкати бевоситаи аҳли илм ва бо дарназардошти талаботи ҷомеа сурат гирад.

Коршиносон бар он назаранд, ки дар Федератсияи Русия бо дарназардошти мавҷудияти иқтидорҳои азим дар соҳаҳои мошинсозӣ, коркарди филизот (аз он ҷумла, корхонаҳои комплекси ҳарбиву саноатӣ), ашёи хом ва кадрҳои баландихтисос (махсусан, дар соҳаи илм ва маориф), ҳамчунин, бо дарназардошти манфиатҳои геополитикии Русия метавон як силсила авлавиятҳои миллии кишварро дар соҳаи макротехнология шаклбандӣ кард. Русия дар давраи то соли 2025 имкон дорад аз рӯйи 12 – 16 макротехнология вазифаҳои афзалиятнокро ба миён гузорад. Ҳол он ки то соли 2015 макротехнологияи асосӣ метавонист 6-7-то бошад, ки дар сатҳи ҷаҳонӣ ва ҳатто баландтар аз сатҳи ҷаҳонӣ қарор дорад (авиатсия,

кайҳон, энергетикаи ядроӣ, киштисозӣ, металлургияи махсус, мошинсозӣ). Агар рақобатпазир кардани ин макротехнологияҳо муяссар шавад, ҷойгоҳ ва ҳиссаи Русия дар бозори ҷаҳонӣ аз 0,3 то 10–12 дарсад баланд шуда метавонад. Ва даромади солона танҳо аз ҳисоби содирот ба 140–180 млрд. доллари ИМА хоҳад расид. [5] Омилҳои асосии муваффақият сифати рақобатпазири маҳсулот, нарх ва таъмини хизматрасонӣ хоҳад буд. Амалисозии чунин сиёсат натанҳо талаботи иҷтимоиро ба илм, маориф ва технологияи нав, балки амнияти миллӣ дар ин соҳаро низ таъмин хоҳад кард.

Дар академияҳои илмҳои давлатӣ тайи солҳои мавҷудияти муносибатҳои бозорӣ, дар маҷмуъ, кадрҳои баландихтисос, ворисони анъанаҳои беҳтарини илми ватании дар мактабҳои гуногуни илмӣ муттаҳидшуда, инфрасохторе, ки ташкил ва ҳамоҳангсозии таҳқиқоти илмӣ, неруи моддиву техникӣ ва робитаҳои байналмилалиро таъмин менамуданд, ҳифз карда шудаанд. Бахши академии илм, бешубҳа, муҳимтарин механизми рушд ва аз насл ба насл интиқол додани тавонмандии зеҳнӣ ва фарҳангии миллат мебошад.

Алҳол миёни зиёиёну баъзан рӯшанфикрони Тоҷикистон чунин ақидае дар бораи илми академӣ ривоҷ ёфтааст, ки гӯё он боқимондаи гузашта мебошад ва онро бо тамоми аҳли илм муқобил мегузоранд. Ба андешаи онҳо, мо низ чун дигар ҷумҳуриҳои собиқ Шуравӣ бояд аз баҳри академияҳои илмҳо гузарем ва онҳоро дар сохторҳои мактабҳои олӣ муттаҳид намоем. Албатта, аз мавқеи манфиатҳои соҳаи илм ва таъмини амнияти миллӣ ин пешниҳодҳо комилан қобили қабул нестанд.

Аз нигоҳи фаъолияти илмӣ ва манфиати он барои рушди ҷомеаи илмӣ нақши пешбари академияҳои илмҳо баҳснопазир аст. Илова бар ин, маркази вазнинии соҳаи инноватсия низ ба сӯйи академияҳо майл мекунад. Зеро тамоили умумиҷаҳонии истифодаи натиҷаҳои таҳқиқоти бунёдӣ ва афзоиши аҳаммияти амалии онҳо ҳаминро тақозо менамояд. Бояд ёдовар шуд, ки солҳои охир тафовут миёни илмҳои бунёдӣ ва илмҳои амалӣ, инчунин, муҳлати татбиқи натиҷаи таҳқиқоти бунёдӣ аз кашфи падидаҳои нав то дар заминаи онҳо коркарду ҷорисозии технология коҳиш меёбад. Аз рӯйи арзёбиҳо, айни замон дар ҷаҳон даҳ дарсади маҳсулоти нави тиҷоратӣ ва технология ба натиҷаҳои охирини таҳқиқоти бунёдӣ такя мекунад [5]. Дар натиҷа, таҳқиқоти бунёдӣ ба сарчашмаи бевоситаи инноватсия ва рахнаи технологӣ табдил ёфта, аз ҳисоби омили инноватсионӣ барои рушди иқтисод мусоидат менамояд.

Илова бар ин, дар тамоми ҷаҳон чунин эътиқоду боварӣ тақвият меёбад, ки тавлиди технологияи муосир ва мубориза бомуваффақият барои азхуд намудани бозорҳои ҷаҳонӣ фақат бар пояи илми миллӣ,

махсусан илми бунёдӣ, имконпазир аст, чунки дастрас намудани технология аз кишварҳои бегона боиси ақибмонии технологии кишвари худ мегардад.

Имрӯз густариши ҳамаҷонибаи ҳамкориҳои мутақобилаи илмҳои академӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва истифодаи ниҳоии неруи онҳо (бо дарназардошти вазъи бахши илмҳои амалӣ дар ҷумҳурии мо) зарур аст. Муассисаҳои академӣ, мактабҳои олии пешбар ва марказҳои илмии давлатӣ имрӯз субъектҳои асосии низоми инноватсионӣ мебошанд; онҳо метавонанд ҳам мустақилона, аз ҷумла бо дастгирии фондҳои буҷетӣ барои соҳаи илм ва ҳам дар ҳамкорӣ бо ниҳодҳои дигар, маҷмуи таҳқиқоти бунёдӣ ва амалиро анҷом дода, ба пешрафти илмиву техникӣ мусоидат намоянд.

**Адабиёт**

1. Абдураҳмон Қурбонов. Амнияти зеҳнӣ ва истиқлолияти давлатӣ (Таҷрибаи иҷтимоӣ-сиёсӣ).- Душанбе: Ирфон, 2016.–С.71., –112 с.

2. Научно-технический потенциал Республики Таджикистан в 2010 г. Аналитический сборник. Выпуск 6. Государственное учреждение НПИЦ. - Душанбе, 2012.–С.20.

3. Научно-технический потенциал Республики Таджикистан в 2013 году (аналитический сборник). Выпуск 9. –Душанбе, 2015. – С. 2-3.

4. Моисеев Н. Судьба цивилизации. Путь Разума.–М.:Изд-во МНЭПУ, 1998.–С.63

5. Петраченко С. Проблема «утечка умов» из России в контексте интеллектуальной безопасности страны. //http: // cyberleninka. ru/article/n/ problema-utechki-umov-iz-rossii-v-kontekste-intellektualnoy-bezopasnosti-strany

6. https://prezident.tj/event/speeches/37699 (Санаи муроҷиат: 15.05.2026).

7. https://khovar.tj/2023/01/komissiyai-olii-attestatsion (санаи муроҷиат: 15.05.2026).

# НАУЧНЫЙ ПОТЕНЦИАЛ И ЕГО ЗНАЧЕНИЕ В ОБЕСПЕЧЕНИИ НАЦИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ СТРАНЫ

**АБИЛОВА ФИРУЗА САРДОРОВНА,**
преподаватель кафедры философии Кулябского государственного университета имени А. Рудаки
735360, Таджикистан, город Куляб, ул. С. Сафарова
тел: (+992) -985-20-64-90; e-mail. abilova.1971af@mail.ru

*В статье, посвященной актуальной проблеме мирового сообщества, особенно современного таджикского общества, которое рассматривается как современный феномен, автор опирается на аспекты научного потенциала и его роль в обеспечении национальной безопасности страны. На основе научно-практических источников отечественных и зарубежных экспертов автор четко и подробно анализирует сущность этих явлений, опираясь на научные концепции. Также особое значение придается развитию науки и техники, расширяющему возможности общества, но одновременно порождающему и другие вопросы, имеющие не технический, а моральный аспект, которые будут рассматриваться как перспективное направление в ближайшем будущем. Изучение других аспектов этого социального явления, включая его причины и последствия, влияние на интеллектуальный капитал и национальную безопасность, его позитивные и негативные стороны, а также способы предотвращения или регулирования этого процесса, приобрело огромное значение в современном обществе, что требует от таджикских социологов, аналитиков и экспертов проведения серьезных и всесторонних исследований в этой области.*

***Ключевые слова:*** *национальная безопасность, современное общество, феномен, независимость, наука, биоэтика, технология.*

## SCIENTIFIC POTENTIAL AND ITS IMPORTANCE IN ENSURING THE COUNTRY'S NATIONAL SECURITY

**ABILOVA FIRUZA SARDOROVNA,**
lecturer at the Department of Philosophy, Kulob State University named after Abuabdullo Rudaki
735360, Tajikistan, Kulob city, S. Safarov street
phone. +992-985-20-64-90; e-mail. abilova.1971af@mail.ru

*In this article, the author addresses an urgent issue of the global community, particularly of contemporary Tajik society, which is viewed as a contemporary phenomenon, the author focuses on aspects of scientific potential and its role in ensuring the country's national security. Drawing on scientific and practical sources from domestic and international experts, the author clearly and thoroughly analyzes the essence of these phenomena, drawing on scientific concepts. Particular importance is also given to the development of science and technology, which expands society's capabilities but simultaneously gives rise to other issues of a moral rather than technical nature, which will be considered a promising direction in the near future. The study of other aspects of*

*this social phenomenon, including its causes and consequences, impact on intellectual capital and national security, its positive and negative aspects, as well as ways to prevent or regulate this process, has acquired enormous importance in modern society, which requires Tajik sociologists, analysts and experts to conduct serious and comprehensive research in this area.*

***Keywords:*** *national security, modern society, phenomenon, independence, science, bioethics, technology.*

# БА МАЪЛУМОТИ МУАЛИФОН

Дар маҷаллаи Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **«Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният»** мақолаҳо дар соҳаи илмҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фалсафа нашр мегарданд, ки натиҷаи тадқиқоти илмии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар муассисаҳо мебошанд. Ҳайати таҳририяи маҷалла ба муаллифон тавсия медиҳад, ки ҳангоми ирсоли мақола ба ҳайати таҳририя талаботи зеринро қатъиян риоя намоянд:

1. Мақолаҳо бо тавсияи сармуҳаррири маҷалла ё муовинони ӯ қабул карда мешаванд.

2. Матни мақола бояд дар барномаи **MS Word** бо ҳуруфи **Times New Roman 12 пт** барои мақолаҳои забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ омода гардида, дар шакли файли электронӣ (дар диск) ва нусхаи чопӣ пешниҳод карда шавад. Барои компютерҳо бо **Windows XP** ва ҳар гуна версияи **MS Office** истифодаи муҳаррири клавиатурии **Keyman** тавсия дода мешавад. Фосилаи байни сатрҳо – **1,15.** Ҳамаи саҳифаҳои дастхат бояд рақамгузорӣ карда шаванд.

3. Ҳаҷми мақола набояд аз 10 саҳифаи матни компютерӣ зиёд бошад, ба инобат гирифтани матн, ҷадвалҳо, рӯйхатти адабиёт (на бештар аз 15 манбаъ), расмҳо, ки шумораашон на бештар аз 6 адад бошанд.

4. Расмҳо, диаграммаҳо ва аксҳо бояд дар формати ҳамон барномае, ки дар он омода шудаанд, пешниҳод гарданд. Диаграммаҳо дар формати **Excel**, расмҳо ва аксҳо дар формати **JPEG** пешниҳод карда шаванд.

**Таҳияи мақола:**

1. Саҳифаи аввал бояд дорои маълумоти зерин бошад: Рамзи УДК, ному насаби пурраи муаллиф(он), дараҷа ва (ё) унвони илмӣ, мансаб, номи муассиса(ҳо), ки мақолаи пешниҳодшуда дар он(ҳо) таҳия гардидааст, нишонӣ (почтавӣ ва электронӣ), рақамҳои телефон, номгӯйи пурраи ихтисос.

2. Ихтисоркунии калимаҳо, номҳо ва истилоҳот иҷозат дода намешавад, ба истиснои воҳидҳои ченак, бузургиҳои физикӣ, химиявӣ ва математикӣ, истилоҳот ва ғайра.

3. Иқтибосҳо ба адабиёти истифодашуда дар дохили матни мақола дар қавсҳои мураббаъ (квадратӣ) ишора карда мешаванд, масалан: [1], [1, 3–5]. Рӯйхатти адабиёт (бо унвони "Адабиёт") бо тартиби алифбо таҳия гардида, чунин тарз бояд риоя карда шавад:

– барои китобҳо: ному насаби муаллиф, номи пурраи китоб, ҷилд ё шумора, ҷойи нашр, ношир, соли нашр, шумораи саҳифа ё шумораи умумии саҳифаҳо.

– барои маҷаллаҳо: ному насаби муаллиф, унвони мақола, номи маҷалла, сол ва шумораи маҷалла, рақами саҳифа ё саҳифаи аввал ва охири мақола.

**НАМУНА:**

1. *Махмадов А.Н., Асадуллаев И.К. Национальный интерес Таджикистана. (Методическое руководство).–Душанбе: Авесто, 2009.–С.8.*
2. *Френсис Фукуяма. Неясность национального интереса// Независимая газета. 1992, 16 октября. –С.3–5.*

Ба мақола бояд хулосаи мухтасар (резюме) бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ (на камтар аз 5 сатр) ва калидвожаҳо (аз 3 то 10) замима гардад.

Ҳайати таҳририя ҳуқуқ дорад, ки тасҳеҳ ва кӯтоҳсозии матни мақолаҳо, инчунин, , тавсия барои депонатсияи онҳо (нигоҳдории расмӣ) диҳад.

Мақолаҳое, ки ба ин талабот ҷавобгӯй нестанд, қабул карда намешаванд.

Матни ирсолшудаи мақола ниҳоӣ буда, бояд дақиқ таҳия, санҷида, бидуни ислоҳот ва бо имзои муаллиф(он) пешниҳод карда шавад. Маълумоти муфассалро доир ба талаботи таҳия ва пешниҳоди мақолаҳо дар вебсайти (http://m.vestnik.mts.tj/.) дастрас кардан мумкин аст.

**Эзоҳ. Назари муаллифон ва ҳайати таҳририя метавонад фарқ кунад. Масъулияти истифодаи дурусти манбаъ, далел ва рақамҳо бар зиммаи муаллифон мебошад.**

# К СВЕДЕНИЮ АВТОРОВ

В журнале Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан **«Международные отношения и безопасность»** печатаются статьи в области политологии, экономики и философии, которые являются результатами научно–исследовательских работ Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан и других организаций. Редколлегия журнала обращает внимание авторов на необходимость при направлении статьи в редколлегию строго соблюдать следующие правила:

1. Статьи принимаются по рекомендации главного редактора Вестника или его заместителей.

2. Текст статьи представляется редакционной коллегии в виде файла на съемном диске и бумажном носителе и должен быть подготовлен в текстовом редакторе **MS Word, шрифтTimes New Roman 12 пт** для статей на русском и таджикском языках. Для компьютеров с **Windows XP** и любой версией **МС Офис** необходимо использовать клавиатурный редактор **Keyman**. Интервал между строками – **1,15.** Все листы рукописи должны быть пронумерованы.

3. Размер статьи не должен превышать 10 стр. компьютерного текста, включая текст, таблицы, список литературы (не более 15 источников), рисунки, число которых не должно превышать 6.

4. Рисунки, диаграммы и фотографии прилагаются отдельно в формате той программы, в которой они выполнены. Диаграммы в формате Excel, ри сунки и фотографии в форматеJPEG.

## Оформление статьи:

1. Титульная страница статьи должна содержать: УДК, Ф.И.О. автора(ов) (полностью), ученая степень и (или) звание, должность, название учреждения(ий), в котором выполнена представленная статья, адреса(почтовый и электронный), номера телефонов, полное название специальности.

2. Сокращение слов, имен, названий не допускается, за исключением общепринятых сокращений мер, физических, химических и математических величин, терминов и т.д.

3. Ссылки на цитируемую литературу даются в тексте статьи в квадратных скобках, например: [1], [1, 3–5]. Список литературы приводится общим списком (под заголовком «Литература») в алфавитном порядке и оформляется следующим образом:

Для книг: фамилия и инициалы автора, полное название книги, том или выпуск, место издания, издательство, год издания, номер страницы или общее количество страниц. Для периодических изданий: фамилия и

инициалы автора, название статьи, название издания, год и номер издания, номер страницы или первая и последняя страницы статьи.

**НАПРИМЕР:**

*1. Махмадов А.Н., Асадуллаев И.К. Национальный интерес Таджикистана. (Методическое руководство). – Душанбе: Авесто, 2009.– С.8.*

*2. Френсис Фукуяма. Неясность национального интереса// Независимая газета. 1992, 16 октября. –С.3–5.*

К статье прилагается резюме на русском, английском и таджикскомязыках(не менее5 строк) и ключевые слова (3–10).

Редколлегия оставляет за собой право производить сокращения и редакционные изменения рукописей, рекомендовать статьи к депонированию.

Рукописи, не отвечающие настоящим правилам, редколлегией не принимаются.

Текст присылаемой рукописи является окончательным, должен быть тщательно подготовлен, выверен, без исправлений и подписан автором(ами). Подробную инструкцию по оформлению статей можно скачать на сайте (http://m.vestnik.mts.tj/).

**Примечание: Позиции авторов и редакционной коллегии могут не совпадать. За правильное использование источников, фактов и цифр ответственность несут авторы.**

# TO THE AUTHORS

The journal of the Center for Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan “International Relations and Security” publishes articles in the field of political science, economics and philosophy, which are the results of research works of the Center for Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan and other institutions. The editorial board of the journal draws the attention of the authors to the necessity to strictly observe the following rules when sending an article to the editorial board:

1. Articles are accepted upon the recommendation of the chief editor of the Herald or his deputies.
2. The article must be submitted to the editorial board in both electronic format (on a removable disk) and a printed copy. It should be prepared using MS Word, with the font Times New Roman 12 pt. for articles in Russian, Tajik, and English. For computers running Windows XP and any version of MS Office, the Keyman keyboard editor should be used. The line spacing must be 1.15, and all pages of the manuscript must be numbered.
3. The size of the article should not exceed 10 pages of computer text, including text, tables, list of references (not more than 15 sources), figures, the number of which should not exceed 6.
4. Figures, diagrams, and photographs must be submitted separately in the format of the program in which they were created. Diagrams should be in Excel format, and figures and photographs should be in JPEG format.

## Article formatting:

1. The title page must include the following information: UDC code, full name(s) of the author(s), scientific degree and (or) title, position, name of the institution(s) where the submitted article was prepared, postal and email addresses, phone numbers, and the full name of the specialty.
2. Abbreviations of words, names, titles are not allowed, except for generally accepted abbreviations of measures, physical, chemical and mathematical quantities, terms, etc.
3. References to the cited literature are given in the text of the article in square brackets, for example: [1], [1, 3-5]. The list of references is given in a general list (under the heading “Literature”) in alphabetical order and is arranged as follows:

– For books: author's surname and initials, full title of the book, volume or issue, place of publication, publisher, year of publication, page number, or total number of pages.

– For periodicals: author's surname and initials, title of the article, name of the journal, year and issue number, page number, or the first and last pages of the article.

## EXAMPLE:

1. *Махмадов А.Н., Асадуллаев И.К. Национальный интерес Таджикистана. (Методическое руководство). – Душанбе: Авесто, 2009.– С.8.*

2. *Френсис Фукуяма. Неясность национального интереса// Независимая газета. 1992, 16 октября. –С.3–5.*

Each article must be accompanied by a summary in Russian, English, and Tajik (at least 5 lines) and keywords (from 3 to 10).

The editorial board reserves the right to shorten and edit articles, as well as to recommend their deposition.

Articles that do not comply with these requirements will not be accepted.

The text of the submitted article is final, should be carefully prepared, proofread, without corrections and signed by the author(s). Detailed instructions on the formatting of articles can be downloaded from the website (http://m.vestnik.mts.tj/).

***Note: The views of the authors and the editorial board may differ. Authors are responsible for the correct use of sources, facts, and figures.***

Адрес редакции: 734025, г. Душанбе, улица Шотемура 27,
тел.: (+992 37) 221–11–00; (+992 37) 221–32–36
e–mail: vestnik@mts.tj
Сайт: m.vestnik.mts.tj

Ба матбаа 01.06.2026 таҳвил гардид. Чопаш 08.06.2026
ба имзо расид. Коғази офсет. Андозаи 70x100 1/8.
Ҷузъи чопии шартӣ 39.5. Адади нашр 80 нусха.
Супориши № 8. Нархаш шартномавӣ.

Маҷалла дар чопхонаи ЧДММ «Ҷозиба» ба табъ расидааст.